# Усули фалсафа

# ва равиши реализм

***Ҷилди аввал***

*Таълифи:*

**Аллома Сайид Муҳаммадҳусайни Таботабоӣ**

*Муқаддима ва поварақӣ ба қалами:*

**Устоди шаҳид Муртазо Мутаҳҳарӣ**

*Баргардон ва таълиқот аз:*

**Сайидюнуси Истаравшанӣ**

بسم الله الرحمن الرحیم

## Пешгуфтор

Дар ростои омӯзиши фалсафа, он чӣ пештар оварда будам (яъне китоби “Омӯзиши фалсафа”), фақат даромаде ба ин фанн буд ва донишомӯзро барои вуруд ба баҳсҳои аслии ин илми гаронмоя омода мекард ва тақрибан дар 22 ё 23 қисмат он баҳсҳо ироа шуд ва дар сойт мавҷуд аст. Ва аммо дар ин силсилабаҳсҳо, мехоҳам ба сурати тафсилӣ вориди баҳсҳои фалсафӣ бишавем.

Китобе, ки барои ин муҳим баргузидам, китоби «*Усули фалсафа ва равиши реализм*» таълифи донишманди муосир ва файласуфи барҷаста Аллома Таботабоӣ ҳамроҳ бо шарҳи муфассали он тавассути Устоди шаҳид Муртазо Мутаҳҳарӣ аст. Ин китоб ҳамроҳ бо шарҳашро метавон аз беҳтарин китобҳое донист, ки дар қарни 20-ум дар бораи фанни фалсафа ба риштаи таҳрир даромадааст. Бо мутолеаи ин китоб, донишомӯз на танҳо бо фалсафаи исломӣ, балки бо фалсафаи ғарб ҳам ошно мешавад; зеро дидгоҳ ва назароти бештари фалосифаи ғарбӣ ҳам дар ин китоб ба сурати тафсилӣ оварда шуда ва нақд шудаанд.

Равиши мо дар ироаи баҳсҳои ин китоб чунин аст, ки аввал қисмате аз матни китобро меоварам, сипас дар зайли он шарҳи Устод Муртазо Мутаҳҳарӣ оварда хоҳад шуд.

***Сайидюнуси Истаравшанӣ***

**Муқаддима**

Дар миёни ҳамаи муқаддасоти башар *дониш* ягона чизе аст, ки ҳамаи афрод аз ҳар нажоде ва тобеи ҳар тариқа ва маслаке онро муқаддас мешуморанд ва ба рифъат ва азамат ва тақаддуси он эътироф доранд ва ҳатто нодонтарини нодонҳо низ донишро аз он ҷиҳат, ки дониш аст, кучак намешуморад ва шоистаи таҳқир намедонад.

Маҳбубият ва эҳтироми дониш на танҳо аз он ҷиҳат аст, ки беҳтарин абзори зиндагӣ аст ва дар муборизаи ҳаётӣ ба инсон нерӯ медиҳад ва тавоноӣ мебахшад ва тасаллути ӯро бар табиат мустақар месозад; зеро агар чунин буд, мебоист инсон бо он чашм ба дониш нигоҳ кунад, ки ҳар абзор ва василаи кори дигареро мебинад.

Торихи илм мақрун ба ранҷҳо ва маҳрумиятҳо ва масоибе аст, ки донишмандон дар роҳи касби илм таҳаммул кардаанд ва зиндагии моддиро бар хеш талх сохтаанд ва агар алоқамандии инсон ба дониш танҳо ба манзури рафъи ниёзҳои моддии зиндагӣ буд, пас ин ҳама аз худгузаштагиҳо ва сарфи назар кардан аз айшу лаззатҳо ва хушиҳои зиндагӣ дар роҳи илм чаро? Пайванди илм бо руҳи башар болотар аз ин пайвандҳои паст ва ҳақире аст, ки ибтидо тасаввур меравад.

Дониш ба ҳар андоза, ки яқинитар ва шикандатари ҷаҳолат бошад ва ба ҳар андоза, ки куллитар ва умумитар (бошад) ва пардаи бузургтареро боло бизанад, аҳаммият ва матлубияти бештаре дорад.

* * *

Дар миёни ҳамаи маҷҳулоте, ки инсон орзуи даст ёфтан ба онҳоро дорад, як ришта аз масоил аст, ки аз ин лиҳоз дар дараҷаи аввали аҳаммият қарор дорад ва онҳо ҳамон масоили марбут ба низоми куллии олам ва ҷараёни умумии умури ҷаҳон ва рамзи ҳастӣ ва рози даҳр мебошад.

Инсон хоҳ аз ӯҳда барояд ва хоҳ барнаёяд, наметавонад аз ковиш ва фаъолияти фикрӣ дар бораи оғоз ва анҷоми ҷаҳон, мабдаъ ва ғояти ҳастӣ, ҳудус ва қидам, ваҳдат ва касрат,

мутанохӣ ва номутанохӣ, иллат ва маълул, воҷиб ва мумкин ва он чӣ аз ин қабил аст худдорӣ кунад ва ҳамин хоҳиши фитрӣ аст, ки «фалсафа»-ро барои башар ба вуҷуд овардааст.

Фалсафа саропои ҳастиро ҷавлонгоҳи фикри башар қарор медиҳад ва ақлу фикри инсонро бар рӯйи болу пари худ менишонад ва ба сӯйи оламҳое, ки мунтаҳои орзу ва ғояти иштиёқи инсон сайр дар он оламҳост, парвоз медиҳад.

**Торихи фалсафа**

Торихи фалсафа бо торихи фикри башар тавъам аст, бинобар ин наметавон як қарн ва замони муайян ва ё як минтақа ва макони муайянро ба унвони мабдаъ ва маншаи аслии пайдоиши фалсафа дар рӯйи замин муаррифӣ кард. Башар, ба ҳукми хоҳиши фитрии хеш, ҳар вақт ва дар ҳар ҷо, ки маҷол ва фурсате барои тафаккур пайдо кардааст, аз изҳори назар дар бораи низоми куллии олам худдорӣ накардааст ва то он ҷо, ки торих метавонад нишон бидиҳад, дар бисёре аз нуқоти ҷаҳон монанди Миср, Эрон, Ҳинд, Чин ва Юнон фалосифа ва мутафаккирини бузург зуҳур кардаанд ва макотиби фалсафии муҳимме ба вуҷуд овардаанд ва аз давраҳое, ки фосилаи торихии зиёде бо мо надорад ва дасти татовули айём натавонистааст тамоми осори он давраҳоро маҳв кунад, каму беш осори фалсафӣ боқӣ мондааст.

Аз осори давраҳои нисбатан қадим, аз ҳама бештар ва беҳтар, осори наҳзати азими илмӣ ва фалсафии Юнон, ки тақрибан аз 2600 сол қабл оғоз мешавад, боқӣ мондааст; зеро аз он вақт то кунун замоне, ки мӯҷиби маҳв ва нобудии куллии он осор бишавад ҳосил нашудааст.

Он наҳзати фикрӣ, ки дар каронаҳои Осиёи Сағир ва Юнон падид омада дар Искандария таъқиб шуд ва ҳангоме ки ҳавзаи Искандария ва Отен (Афина) рӯ ба нобудӣ ва измиҳлоли куллӣ мерафт ва Жустинин (*Justinian*), императури Руми Шарқӣ, дар соли 529 мелодӣ дастури таътили донишгоҳҳо ва бастани дарҳои мадориси Отен ва Искандарияро дод ва донишмандон аз бим мутаворӣ шуданд ва ҳавзаҳои тадрис ва таълим ба ҳам хӯрд, дар як қитъаи дигари ҷаҳон наҳзати дигаре бо тулӯъи ислом оғоз шуд ва муқаддамоти маданияти ҷадид ва амиқи дигаре фароҳам омад.

Дар асари ташвиқ ва таҷлиле, ки аз тарафи пешвои азимушшаъни ислом ва бузургони динамон аз мақоми дониш ва донишҷӯӣ шуд, шӯълаи талаби илм думартаба дар дилҳо равшан гашт, то он ки тамаддуни васеъ ва азими исломӣ ба вуҷуд омад, риштаҳои мухталифи улум тадвин ва танзим шуд, китобҳо аз забонҳои мухталиф ва беш аз ҳама кутуби юнонӣ тарҷума шуд, мадорис ва донишгоҳҳо аз нав таъсис гашт, китобхонаҳо падид омад, шаҳрҳои бузурги кишвари паҳновари исломӣ маҳди улум ва маҳалли омаду шуди муҳассилин гашт, аз Урупои феълӣ ва соири нуқоти ҷаҳон муҳассилин ба кишварҳои исломӣ эъзом шуд, то он ки билохира пас аз гузаштани чанд қарн, таҳаввули ҷадиди Урупо падид омад ва дар олами илму дониш, рух дод он чӣ рух дод.

Вале чизе, ки аз назари торих мусаллам аст ин аст, ки Юнони қадим низ сармояҳои аслии маълумоти хешро мадюни Машриқзамин аст ва донишмандони бузурги онҷо мусофиратҳо ба Машриқ кардаанд ва аз андӯхтаҳои донишмандони шарқӣ баҳраманд гашта ва пас аз бозгашт, дар ватани худ мунташир сохтаанд.

Мо намехоҳем дар ин муқаддима ба муаррифии фалсафаи бостонии Машриқ ва миқдори баҳрае, ки Юнони бостон аз он бурдааст ва ё муаррифии фалсафаи 10 қарн пеши исломӣ ва мизони истифодае, ки Урупои ҷадид аз он кардааст ва ё ба баҳс дар миқдори меросе, ки аз юнонён ба муслимин расид ва таҳаввулоте, ки дар давраи исломӣ пайдо кард ва инки муслимин фалсафаи Юнонро ба чӣ сурате даровstyarданд ва чӣ андоза аз худ бар он афзуданд, бипардозем; зеро илова бар ин ки агар бино шавад аз рӯйи санад ва таҳқиқ дар ин мавзӯъҳо қазоват шавад, эҳтиёҷ ба сарфи вақтҳои зиёд ва навиштани китобҳои мустақил дорад, ки бо мавзӯи китоби ҳозир иртиботи зиёде надорад.

Он чӣ бо китоби ҳозир нисбатан иртиботи бештаре дорад ва ба илова камтар дар бораи он гуфтугӯ шудааст, як муаррифии иҷмолӣ аз фалсафаи исломӣ аз се қарну ними пеш то кунун аст, ки мутаассифона ҳанӯз дар ҷаҳон муаррифӣ нашудааст ва қаҳран аз тарафи табақаи ҷавон ва таҳсилкардаҳои ҷадиди худамон низ, ки маъмулан иттилооташон дар ин заминаҳо аз туруқи урупоиён аст, таваҷҷӯҳе, ки мебоист, ба он нашудааст.

**Садрулмутаъллиҳин, бонии Ҳикмати Мутаолия**

Ин фалсафа, ки мавсум аст ба «Ҳикмати Мутаолия», ба василаи Садрулмутаъллиҳини Шерозӣ машҳур ба Мулло Садро, дар қарни ёздаҳуми ҳиҷрӣ таъсис шуд ва аз он ба баъд, меҳвари тамоми таълимоти фалсафӣ дар Эрон буд, ки ин донишманд дар масоили муҳимми фалсафӣ ба амал овардааст.

Таҳқиқоти Садрулмутаъллиҳин бештар дар фалсафаи уло ва ҳикмати илоҳӣ аст. Мулло Садро он чӣ дар ин замина аз қудамои Юнон ва бахусус Афлотун ва Арасту, расида буд ва он чӣ ҳукамои бузурги исломӣ аз қабили Форобӣ ва Бӯалӣ ва Шайхи Ишроқ ва ғайра тавзеҳ дода буданд ё аз худ афзуда буданд ва он чӣ урафои бузург бо ҳидояти завқ ва қуввати ирфон ёфта буданд, ба хубӣ ҳазм кард ва аз нав асоси ҷадидеро пайрезӣ кард ва онро бар усул ва қоъидаҳои муҳкам ва халалнопазир устувор кард. Ва аз ҷанбаи истидлол ва бурҳон, масоили фалсафаро ба сурати қоъидаҳои риёзӣ даровард, ки ҳар як аз дигаре истихроҷ ва истинбот мешавад ва ба ин васила фалсафаро аз парокандагии роҳҳои истидлол берун овард.

Аз замони Арасту, ки бар хилофи назариёти устодаш Афлотун қиём кард, пайваста ду мактаб ва ду машраби фалсафӣ ба мувозоти якдигар сайр мекард, ки Афлотун ва Арасту ҳар як намояндаи яке аз ин ду машраби фалсафӣ буданд ва дар ҳар як аз давраҳо ҳар як аз ин ду машраби фалсафӣ пайравоне доштанд ва дар миёни муслимин низ ин ду машраб ба номи «Машраби Ишроқ» ва «Машраби Машшоъ» маъруф буд ва ду ҳазор сол мушоҷироти фалсафӣ байни ин ду даста, чӣ дар Юнон ва чӣ дар Искандария ва чӣ дар миёни муслимин ва чӣ дар Урупои қуруни вусто, идома дошт. Вале Садрулмутаъллиҳин бо асоси ҷадиде, ки аз нав пайрезӣ кард, ба ин мушоҷироти ду ҳазорсола хотима дод, ба тавре ки баъд аз ӯ, дигар Мактаби Ишроқ ва Мактаби Машшоъ дар муқобили якдигар маъно надорад ва ҳар кас, ки баъд аз вай омада ва бо фалсафаи вай ошноӣ пайдо карда, мушоҷироти ду ҳазорсолаи ишроқӣ ва машшоиро хотимаёфта дидааст.

Фалсафаи Садрулмутаъллиҳин илова бар он ки аз ҷанбаҳое бадеъ ва бесобиқа аст, натиҷаи заҳамоти ҳашт садсолаи муҳаққиқини бузурге аст, ки ҳар як аз онҳо дар ҷилав бурдани фалсафа саҳим ҳастанд. Бо ҳамаи ин аҳвол, мутобиқи гувоҳии Ховаршиносон,

мутаассифона то алъон, ки тақрибан чаҳор қарн аз оғози пайдоиши ин фалсафа мегузарад, ҳанӯз дар Урупо як муаррифии саҳеҳе ҳарчанд иҷмолан аз он нашудааст.

Профессор Эдворд Броун (*Edward Brawn*), мусташриқи маъруфи ангилисӣ (вафотёфтаи соли 1304 ҳиҷрии шамсӣ), ки умри хешро сарфи мутолеа дар бораи Эрон ва торихи Эрон кардааст, дар ҷилди чаҳоруми «*Торихи адабиёти Эрон*» мегӯяд:

«*Бо вуҷуди шӯҳрат ва ривоҷи фалсафаи Мулло Садро дар Эрон, фақат ду хулосаи сатҳӣ ва ноқис аз тариқаи фалсафии ӯ дар забони урупоиён дидаам.*»

Кунт Губину (*Cont Gobino*) чанд сафҳа роҷеъ ба ақоиди Мулло Садро нигошта, аммо маълумоти ӯ зоҳиран тамоман аз дарси муаллимонаш (дар Эрон) гирифташуда буда ва муаллимон ҳам зоҳиран иттилои комиле нисбат ба он ақоид надоштаанд. Губину дар поёни шарҳе, ки роҷеъ ба Мулло Садро навишта, мегӯяд:

«*Тариқаи ҳақиқии Мулло Садро айнан баргирифташуда аз Абуалӣ ибни Сино аст, дар сурате ки соҳиби «Равзотул-ҷаннот» роҷеъ ба Мулло Садро менависад: «Кона… мунаққаҳан асосал-ишроқ бимо ломазида ъалайҳи ва муфаттаҳан аббобал-фазиҳати ъало тариқатил-машшоъ вар-равоқ». Таърифи мухтасартар, вале ҷиддитар ва саҳеҳтар, ки аз мазҳаби Мулло Садро намудаанд он аст, ки Шайх Муҳаммад Иқбол (дуктур Иқболи Покистонӣ) кардааст.*»

Ҳамчунин Эдворд Броун дар ҳамон китоб менависад:

«*Машҳуртарин китобҳои Мулло Садро «Асфори арбаъа ва шавоҳидур-рубубия аст.*»

Ва дар поварақӣ тазаккур медиҳад, ки:

«*Кунт Губину дар маънои «асфор», ки ҷамъи «сифр» яъне китоб аст, иштибоҳ карда ва онро ҷамъи «сафар» гирифта. Дар китоби «Мазоҳиб ва фалсафаҳои Осиёи Вусто» сафҳаи 81 менависад: «Мулло Садро чанд китоби дигар роҷеъ ба мусофират (сафарнома) навиштааст.*»

Китобе, ки марҳум Иқболи Покистонӣ ба забони ангилисӣ ҳангоми таҳсил дар Донишгоҳи Кембриҷ ба номи «*Тавсиъаи ҳикмат дар ислом*» мунташир кардааст, ба даст наомад, вале қадри мусаллам ин аст, ки бисёр мухтасар ва ночиз будааст.

Ин ду нафар (Кунт Губину ва Эдворд Броун) аз мусташриқини бузург ба шумор мераванд. Донишманди вораста марҳум Шайх Муҳаммадхони Қазвинӣ, ки худ дар ҳудуди 30 сол дар китобхонаҳои мухталифи Урупо машғули мутолеа будааст ва бо бисёре аз Ховаршиносон робитаи наздик ва самимӣ доштааст, дар мақолае, ки дар маҷаллаи «Эроншаҳр» (чопи

Берлин) ба муносибати фавти Эдворд Броун мунташир карда ва ҷузъи «20 мақола»-и эшон забт шудааст, дар бораи Эдворд Броун мегӯяд:

«*Мобайни мусташриқини Урупо ва Омрико, ҳеҷ кас ин ҳама заҳмат дар бораи адабиёти Эрон накашидааст ва махсусан ба адабиёт ва завқиёт ва маънавиёти Эрон, яъне ба афкори ҳукамо ва урафо ва арбоби мазоҳиби ин мамлакат, ин андоза муҳаббати холис ва самимӣ аз аъмоқи қалб надоштааст.*»

Ҳамчунин дар ҳамон мақола роҷеъ ба Кунт Губину менависад:

«*Вай аз нависандагони бисёр машҳури Франса аст ва соҳиби таълифот дар мавзӯъҳои фалсафӣ ва иҷтимоӣ ва мазҳабӣ ва таърихӣ ва ғайра ва муассиси тариқаи махсусе аст аз фалсафаи торих маъруф ба «Губинизм», ки махсусан дар Олмон пайравони зиёд дорад. Вай дар солҳои 1271-1274 ҳиҷрии қамарӣ ба симати ниёбати аввали сафорати Фаронса дар Теҳрон ва дар солҳои 1278-1280 ба симати вазири мухтори ҳамон давлат дар ҳамон шаҳр иқомат доштааст.*»

Чунон ки мулоҳиза мефармоед, яке аз ин ду мусташриқи бузург, Садрулмутааллиҳинро тобеи мактаби Машшоъ муаррифӣ мекунад ва дигаре дар мақоми радди қавли ӯ, ба мастуроти яке аз кутуби тароҷуми «*Равзотул-ҷаннот*» истинод мекунад. Яке мегӯяд, «асфор» сафарнома аст, дигаре мегӯяд, «асфор» ҷамъи «сифр» ба маънои китоб аст. Ва агар ин ду нафар шахсан вароқи аввали «Асфор»-ро мутолеа карда буданд, медонистанд, ки «Асфор» на ҷамъи «сифр» аст ва на сафарнома аст.

Он муаллим, ки Эдворд Броун мегӯяд, ки ба Губину дар Эрон фалсафаи Мулло Садроро таълим мекардааст, зоҳиран як нафар яҳудӣ будааст ба номи Мулло Лолазор ва бо кӯмаки ӯ буда, ки рисолаи «*Гуфтори Декорт*«-ро ба форсӣ тарҷума кардааст.

Губину дар ҳамон китоб, дар зимни шарҳи ҳоли Садрулмутааллиҳин, аз устоди вай файласуфи азимушшаън Мир Муҳаммад Боқири Домод ба унвони як нафар «диёлектисин» (ҷадалӣ) ёд мекунад ва пас аз он ки рафтани Мулло Садроро ба дарси Мир Домод ба ишораи Шайх Баҳоӣ нақл мекунад, ба натиҷаи таҳсилоти Мулло Садро назди Мир Домод ин тавр ишора мекунад:

«*Ва пас аз чанд сол, ба фасоҳат ва балоғате, ки дар ӯ суроғ дорем, расид.*»

**Равиши мусташриқин**

Ғарази мо интиқод аз равиши мусташриқин нест, зеро ин интизори беҷое аст аз мо, ки аз афроди милали бегона таваққӯъ дошта бошем, ки онҳо биёянд ва масалан фалсафа ва улум ё мазҳаб ё адабиёт ё торихи моро тавзеҳ диҳанд ва ба ҷаҳон муаррифӣ кунанд. Дар забони арабӣ ин масал маъруф аст: «*Мо ҳакка заҳрӣ мислу зуфрӣ*«. Яъне ҳеҷ чизе монанди сар ангушти худам пуштамро хориш намедиҳад. Агар мардуме ростӣ алоқаманд бошанд, ки худро бишносонанд ва торих ё адабиёт ё мазҳаб ё фалсафаи худро ба ҷаҳониён муаррифӣ кунанд, танҳо роҳаш ин аст, ки ин кор ба василаи худашон анҷом бигирад. Афроди милали бегона агар фаразан бо камоли беғаразӣ ва алоқамандӣ даст ба ин кор бизананд, билохира дар асари адами ошноии комил гирифтори ғалатҳо ва иштибоҳоти бузурге мешаванд, чунон ки садҳо аз ин иштибоҳот дар мавриди баёни торих ё муаррифии одобу одоти содаи расмӣ рух додааст, то чӣ расад ба «фалсафа», ки тахассуси фаннӣ лозим дорад ва танҳо донистани забон ва муроҷеа ба китобҳо кофӣ нест.

Барои касоне ки ба амалиёти Ховаршиносон эътиқоди росих доранд, ба унвони намуна ин қисматро нақл мекунем:

Ҳамин Кунт Губину, ки дар замони Носируддиншоҳ дар Эрон иқомат дошта ва забони форсиро хуб такаллум мекарда, дар китобе, ки ба номи «*Се сол дар Эрон*» ба забони Фаронса мунташир карда ва ба форсӣ тарҷума шудааст, онҷо, ки кайфияти аҳволпурсии эрониёнро шарҳ медиҳад, мегӯяд:

«*Пас аз он ки шумо ва соҳибхона ва ҷамиъи ҳуззор нишастед, шумо ба тарафи соҳибхона рӯ мекунед ва мегӯед: оё бинии шумо фарбеҳ аст? Соҳибхона мегӯяд: дар сояи таваҷҷӯҳоти Борӣ Таъоло, бинии ман фарбеҳ аст, бинии шумо чӣ тавр?… Ман дар баъзе маҷолис дидаам, ки ҳатто панҷ мартиба инро аз як нафар суол кардаанд ва ӯ посух додааст ва ҳатто шунидам, дар тавсифи… (яке аз уламои Теҳрон) мегуфтанд, ки аз бузургтарин хислатҳояш ин буд, ки вақте ба мулоқоти яке аз бузургон мерафт, на танҳо дар хусуси бинии вай ва мутаъаллиқони вай пурсиш менамуд, балки роҷеъ ба бинии тамоми навкарҳо ва ҳатто дарбон истифсор мекард…*»

Мулоҳиза кунед, ки ин мард дар асари адами ошноии комил ба таъбироти забони форсӣ ва гумони ин ки дар ҷумлаи «Дамоғи шумо чоқ аст?» манзур аз калимаи «дамоғи бинӣ» ва

манзур аз чоқӣ, фарбеҳӣ аст, дучори чӣ иштибоҳе шуда ва ба чӣ сурати масхараомезе онро нақл кардааст.

Қатъан Кунт Губину дар баёни ин ҷумла ғарази баде надошта ва танҳо адами ошноии комил ба таъбироти форсӣ, ӯро ба ин иштибоҳ андохтааст.

Вақте ки дар мақоми муаррифии одобу одоти расмӣ ин гуна иштибоҳот рух медиҳад, дар мавриди афкори фалсафӣ чӣ интизоре метавон дошт?! Мо медонем, дар худи Эрон, ки маҳди парвариши афкори касоне монанди Бӯалӣ ва Садрулмутааллиҳин аст, дар тамоми давраҳо фузалое, ки моил буданд ба ин афкор ошноии комил пайдо кунанд, солҳо аз умри хешро сарфи ин кор мекарданд, охири кор дар миёни ҳазорон муҳассил фақат афроди ангуштшуморе буданд, ки воқеан аз ӯҳдаи ин кор бармеомаданд ва ғолибан иддаи онҳо аз ададӣ ангуштони як даст таҷовуз намекард.

Бинобар ин, чӣ гуна мо метавонем итминон пайдо кунем, ки фалсафаи даҳ қарни пешисломӣ ва афкори Ибни Сино масалан, ҳамон тавр ки мафҳуми шогирдони худашон буда, дар тарҷумаҳое, ки аз онҳо шудааст, мунъакис гардидааст.

Муқорини замоне ки Садрулмутааллиҳин дар Эрон машғули зеру рӯ кардани фалсафа ва рехтани тарҳи ҷадиде буд (дар қарни 11-уми ҳиҷрӣ ва 16-уми мелодӣ), дар Урупо низ ҷунбиши илмӣ ва фалсафии азиме, ки муқаддамоташ аз чанд қарн пеш аз он фароҳам шуда буд, падид омад. Ва дуруст ҳамон замоне ки Садрулмутааллиҳин дар ҳоли инзиво ва хилват, ба тафаккур ва риёзат пардохта буд ва муддате кӯҳистони Қумро барои ин кор интихоб карда буд, то беҳтар битавонад афкори васеи хешро ба риштаи таҳрир дароварад, дар Урупо Декорти фаронсавӣ нағмаи ҷадиде аз худ соз кард, таноби тақлидро аз гардани хеш дур афканд ва роҳи наве пеш гирифт ва чандин сол дар гӯшае аз Ҳуланд инзиво ва гӯшанишинӣ ихтиёр кард ва фориғ аз умури зиндагонӣ, рӯзгори хешро вақфи умури илмӣ кард.

**Мактабҳои фалсафӣ дар Урупо**

Аз замони Декорт ба баъд, Урупо ба суръати сарсомоваре ба кашфиёти илмӣ ноил гашт. Дар тамоми риштаҳои илмӣ тариқи таҳқиқ иваз шуд ва масоили ҷадиде падид омад. Илова бар донишмандоне, ки дар риштаҳои улуми табиӣ ва риёзӣ пайдо шуданд,

фалосифаи бузурге низ ҳар як пас аз дигаре зуҳур карданд ва фалсафаро вориди марҳилаҳои тозае карданд.

Дар фалсафаи ҷадиди Урупо, ба масоиле, ки собиқан дар қуруни вусто мавриди таваҷҷӯҳ буд, камтар таваҷҷӯҳ мешуд ва дар иваз, як идда масоили ҷадид, ки камтар мавриди таваҷҷӯҳи қудамо буд, матраҳ шуд.

Дар Урупо, аз замони Декорт то асри ҳозир, макотиби фалсафии гуногуне падид омада, ҳар даста пайрави як мактаби хоссе шудаанд. Бархе, ба фалсафаи таъаққулӣ (ақлмеҳвар) пардохтаанд ва бархе дигар аз даричаи улуми таҷрибӣ ба фалсафа назар кардаанд. Баъзе, масоили фалсафаи уло ва ҳикмати илоҳиро қобили баҳсу таҳқиқ дониста ва дар ин замина оро ва назариёте иброз доштаанд, ва баъзе дигар муддаъӣ шудаанд, ки асосан башар аз дарки ин масоил оҷиз аст ва он чӣ то кунун дар ин замина гуфта шуда, бидуни далел будааст. Гурӯҳе, дар ақоиди худ илоҳӣ шудаанд ва гурӯҳе моддӣ.

Рӯйи ҳам рафта, дар он фанне, ки аз қадим ба унвони «фалсафаи ҳақиқӣ» ё «илми аъло» шинохта шудааст — яъне фанни таҳқиқ дар низоми куллии олам ва тавзеҳи саропои ҳастӣ — дар Урупо, чӣ дар қуруни вусто ва чӣ дар давраи ҷадид, пешрафти қобили мулоҳизае ҳосил нашудааст ва як низоми қавӣ ва қонеъкунандае, ки фалсафаро аз тафарруқ ва парокандагӣ наҷот бахшад, ба вуҷуд наомада. Ва ҳамин амр мӯҷиби пайдоиши машрабҳои зидду нақиз дар Урупо шудааст ва он чӣ ҳам аз таҳқиқоти урупоиён қобили мулоҳиза ва шоистаи таҳсину тамҷид аст ва ба номи «масоили фалсафӣ» маъруф аст, дар ҳақиқат марбут ба фалсафа нест, балки марбут ба риёзиёт ё физик ё равоншиносӣ аст.

Ва алҳақ бояд инсоф дод, ки фалосифаи исломӣ, ки бештари ҳиммати хешро сарфи таҳқиқ дар ин фанн кардаанд, хуб аз ӯҳдаи ин кор баромадаанд ва фалсафаи нимакораи Юнонро то ҳадди зиёде пеш бурдаанд, ва бо он ки фалсафаи Юнон дар ибтидои вуруд дар ҳавзаи исломӣ, маҷмӯан беш аз 200 масъала набуд, дар фалсафаи исломӣ беш аз 700 масъала шудааст. Ва илова бар ин, усул ва мабонӣ ва роҳҳои истидлол ҳатто дар масоили аввалияи Юнон ба куллӣ тағйир карда ва масоили фалсафа тақрибан хоссияти риёзӣ пайдо карда. Ин хусусият дар фалсафаи Садрулмутаъллиҳин комилан ҳувайдост ва бояд инсоф дод, ки дар ин ҷиҳат тақаддум (ва дасти боло) бо донишмандони исломӣ аст.

Инҳо матолибест, ки дар зимни ин силсиламақолот бо аснод ва далоил бар хонандаи мӯҳтарам равшан хоҳад гашт.

* * *

Муддатест, ки мавҷи фалсафаи Урупо ба Эрон ҳам расида (ин муқаддима тақрибан 60 сол пеш навишта шуда) ва каму беш рисолаҳои фалсафӣ аз забонҳои урупоӣ ба форсӣ тарҷума шудааст ва шояд аввалин нашрияи фалсафии ҷадид ба забони форсӣ, тарҷумаи «*Рисолаи гуфтори Декорт*» аст, ки дар як қарн пеш ба василаи Кунт Губину ва кӯмаки баъзе тарҷума шуда. Ва албатта баъдҳо ҳар чӣ бештар, ки овозаи улуми ғарбӣ печид, номи уламо ва фалосифаи Ғарб ҳам бештар бар сари забонҳо уфтод ва ба тадриҷ китобҳо ва рисолаҳои бештаре ба забони форсӣ мунташир шуд ва иддае ҳам аз тариқи рисолот ва маҷаллоти арабӣ, аз назариёти ҷадид огоҳ мешуданд. Ва бо ин ки муддатест, ки таваҷҷӯҳи алоқамандон ҷалб шудааст, ки ақоид ва орои ҷадид дар фалсафаи қадим ворид шавад ва байни назариёти ҷадид ва назариёти фалосифаи исломӣ муқоиса шавад, мутаассифона то кунун ин манзур амалӣ нагардида ва аз он замон то кунун, он чӣ аз рисолаҳои фалсафӣ нашр ёфта, ё сирфан ба сабки қудамо буда ва аҳёнан дар масоили муртабит ба табииёт ва фалакиёт ҳам, ки назариёти ҷадид ба куллӣ мухолифи онҳост, боз аз сабки қадим пайравӣ шуда ва ё он ки сирфан ҷанбаи нақл ва тарҷумаи назариёти ҷадидро доштааст.

Ва чун тариқи таҳқиқ ва сабки вуруду хуруҷи фалосифаи ҷадид бо қудамо ихтилофи куллӣ дорад ва аз тарафи дигар, бештари масоиле, ки дар фалсафаи қадим ва ба хусус дар фалсафаи Садрулмутаалиҳин нақши умдаро дорад, дар фалсафаи ҷадид камтар ба онҳо таваҷҷӯҳ шуда ё аслан мавриди таваҷҷӯҳ қарор нагирифта ва дар иваз, масоили дигаре дар ин фалсафа матраҳ шуда, ки қудамо камтар ба он таваҷҷӯҳ доштаанд ё аслан таваҷҷӯҳ надоштаанд, аз хондан ва мутолеаи ин ду ришта китобҳо фоида ва натиҷае, ки манзури аҳли фазл аст, ҳосил нашудааст.

**Иҷмоле аз муҳтавои китоб**

Китоби ҳозир, ки ҷилди аввали он аз назари хонандагони мӯҳтарам мегузарад, ба ҳеҷ як аз ду сабки нигориши фалсафӣ, ки дар боло шарҳ дода шуд, нигориш наёфта.

Ин китоб муштамил бар як давраи мухтасари фалсафа аст; муҳиммоти масоили фалсафаро баён мекунад ва саъй шудааст, ки ҳатталимкон сода ва умумифаҳм бошад, то ҷамиъи ашхосе, ки завқи фалсафӣ доранд, бо доштани иттилооти мухтасаре, ба фарохӯри ҳоли худ истифода кунанд ва бинобар ин аз зикри далоил ва бароҳини мутаъаддид дар ҳар маврид худдорӣ шуда ва барои исботи ҳар муддаъо, содатарин роҳҳо ва баситтарин бароҳин интихоб шудааст.

Дар ин китоб, дар айни ин ки аз таҳқиқоти гаронбаҳои ҳазорсолаи фалсафаи исломӣ истифода шудааст, ба оро ва таҳқиқоти донишмандони бузурги Урупо низ таваҷҷӯҳи комил шуда.

Дар ин китоб, ҳам масоиле, ки дар фалсафаи қадим нақши умдаро дорад ва ҳам масоиле, ки дар фалсафаи ҷадид ҳоизи аҳаммият аст, матраҳ мешавад. Ва чунон ки дар ҷойи худ тавзеҳ медиҳем, дар зимни ин китоб, ба қисматҳое бархӯрд хоҳад шуд, ки дар ҳеҷ як аз фалсафаи исломӣ ва фалсафаи Урупо собиқа надорад, монанди бештари масоиле, ки дар мақолаи панҷум ҳал шуда ва он чӣ дар мақолаи шашум баён шудааст.

Дар мақолаи шашум, бо тарзи бесобиқае, ба нақҳодии дастгоҳи идрокӣ ва тамйиз ва тафкики «идрокоти ҳақиқӣ» аз «идрокоти эътиборӣ» пардохта шудааст. Дар ин мақола, ҳувият ва мавқеияти «идрокоти эътиборӣ» нишон дода мешавад ва фалсафа аз омезиш бо онҳо барканор дошта мешавад ва ҳамин омезиши нобаҷост, ки бисёре аз фалосифаро аз по даровардааст.

Дар ин китоб, дар айни ин ки фалсафа ҳарими худро ҳифз карда ва бо улум мухталит намешавад ва робитаи фалсафа ва илм маҳфуз мондааст, вале робитаи фалсафа бо табииёт ва фалакиёти қадим ба куллӣ қатъ шуда ва ҷое ки зарурат пеш ояд, аз назариёти илми ҷадид истифода мешавад.

**Наҳваи нигориши китоб**

Муаллифи китоби ҳозир ҳазрати устод Аллома Таботабоӣ — ки солҳо аз умри хешро сарфи таҳсил ва мутолеа ва тадриси фалсафа кардаанд ва аз рӯйи басират ба оро ва назариёти фалосифаи бузурги исломӣ аз қабили Форобӣ ва Бӯалӣ ва Шайхи Ишроқ ва Садрулмутаалliҳин ва ғайруҳум иҳота доранд ва ба илова, рӯйи ишқи фитрӣ ва завқи

табиӣ, афкори муҳаққиқони фалосифаи Урупоро низ ба хубӣ аз назар гузаронидаанд ва дар солҳои ахир илова бар тадриси фиқҳ ва усул ва тафсир, ягона мударриси Ҳикмати илоҳӣ дар ҳавзаи илмияи Қум мебошанд ва худи инҷониб (Устод Муртазо Мутаҳҳарӣ) қисмате аз таҳсилоти фалсафии худ (Илоҳиёти Шифои Бӯалӣ)-ро аз маҳзари эшон истифода кардааст — солҳост дар ин фикр ҳастанд, ки ба таълифи як давраи фалсафа бипардозанд, ки ҳам муштамил бар таҳқиқоти гаронмояи ҳазорсолаи фалсафаи исломӣ бошад ва ҳам оро ва назариёти фалсафии ҷадид мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад ва ин фосилаи зиёд, ки байни назариёти фалсафии қадим ва ҷадид ибтидоан ба назар мерасад ва ин дуро ба сурати ду фанни мухталиф ва ғайри муртабит ба ҳам ҷилвагар месозад, муртафаъ шавад, ва билохира ба сурате дарояд, ки бо эҳтиёҷоти фикрии асрӣ беҳтар татбиқ шавад ва махсусан арзиши фалсафаи илоҳӣ, ки парчамдори он, донишмандони исломӣ ҳастанд ва фалсафаи моддӣ дар таблиғоти худ, давраи онро хотимаёфта муаррифӣ мекунад, ба хубӣ равшан шавад.

Нашриёти рӯзафзуни фалсафии ахир ва таваҷҷӯҳи ҷавонони равшанфикри мо ба осори фалсафии донишмандони Урупо, ки ҳар рӯз ба сурати тарҷума ё мақола ва рисола дар олами матбуот зоҳир мешавад ва ин худ намояндаи руҳи кунҷков ва ҳақиқатҷӯии ин мардум аст, ки аз ҳазорҳо сол пеш собиқа дорад, ва аз тарафи дигар интишороти муҷаҳҳаз ба таблиғоти сиёсӣ ва ҳизбии фалсафаи моддии ҷадид (материализми диалектик) беш аз пеш эшонро (Аллома Таботабоӣ)-ро мусаммам намуд, ки дар роҳи мақсуди худ гом бардоранд. Аз ин рӯ, аз чанд сол пеш ибтидо ба ташкили як анҷумани баҳсу интиқоди фалсафӣ муташаккил аз иддае аз фузало мубодират карданд. Ва аз ду солу ними пеш, дар он анҷуман бино бар ин буд, ки эшон (Аллома Таботабоӣ) дар хилоли ҳафта қисматҳое таҳия мекарданд ва дар ҷаласоти анҷуман, ки дар ҳафта ду шаб ба он ихтисос дода шуда буд, қироат мешуд ва ҳар касе ҳар назаре дошт изҳор мекард. Ва инҷониб низ то як солу ними пеш, ки дар Қум буд, ифтихори ширкат дар он анҷуманро дошт ва ҳанӯз ҳам он анҷуман идома дорад ва то кунун 14 мақолаи фалсафӣ, ки чаҳортои онҳо аз назари хонандагони мӯҳтарам мегузарад, нигориш ёфта.

Ин равише, ки ҳазрати Аллома Таботабоӣ оғоз кардаанд, як иқдоми асосӣ аст ва фалсафаро дар Эрон вориди марҳилаи ҷадиде мекунад. Муҳассилини фалсафа собиқан

иттилооташон мунҳасир буд ба он чӣ дар китобҳои маъмулии тадрисӣ хонда буданд, вале бо он ки чанд соле беш аз иқдомоти Аллома Таботабой намегузарад, бисёре аз муҳассилини ҳавзаи илмияи Қум ҳастанд, ки иттилооти фалсафии нисбатан ҷомеъе доранд ва махсусан ба матолиб ва теорияҳои фалсафаи моддӣ зиёд ошно ҳастанд ва роҳҳои мағлатаи онро ба хубӣ дарёфтаанд.

Аз ибтидои танзими ин мақолот, алоқамандони зиёде аз рӯйи онҳо нусха бармедоштанд ва ҳатто баъзе аз аҳли илми хориҷи ҳавзаи Қум низ, ки аз мавзӯъ огоҳ шуда буданд, нусхаҳое таҳия мекарданд ва ин мақолот даст ба даст мегашт, то он ки дар ҳудуди як солу ними пеш иддае аз алоқамандон тақозо карданд, ки ин мақолот аз ҳамин ҳоло чоп шавад, то мавриди истифодаи умум қарор гирад. Ва зимнан мутазаккир шуданд, ки бо он ки ба забони форсӣ навишта шуда ва саъй шудааст ҳатталимкон сода бошад, вале барои фаҳми умумӣ сақил (ва сангин) аст ва эҳтиёҷ ба тавзеҳоте дорад, бинобар ин хуб аст аз ин лиҳоз таҷдиди назаре бишавад.

Муқорини ин аҳвол, муқаддарот инҷонибро пас аз 15 соли иқомат ва иштиғоли илмӣ дар ҳавзаи Қум, ба Теҳрон кашонид. Устод Аллома Таботабой ба воситаи касрати машоғили тадрисӣ ва таълифии фиқҳӣ ва усулӣ ва тафсирӣ ва фалсафӣ, ин корро ба ӯҳдаи инҷониб гузоштанд ва инҷониб низ чанд моҳ вақти худро то ҳадде, ки соири машоғил иҷоза медод, сарфи ин кор кардам ва ба тавзеҳи баъзе қисматҳо ва изофа кардани баъзе қисматҳо (дар мавориде, ки ба назари худам лузуми онҳоро истинбот кардам) ба замонати шахси худам пардохтам ва билохира ба ҳамин сурате даромад, ки мулоҳиза мефармоед.

Инҷониб (Муртазо Мутаҳҳарӣ) то кунун ба навиштани поварақӣ барои чаҳор мақола аз ин силсиламақолот тавфиқ ёфтаам, ки бо худи он чаҳор мақола, ба унвони ҷилди аввали китоб аз назари хонандагони мӯҳтарам мегузарад. Ва ҳамон тавре ки мулоҳиза мефармоед, мақолаи аввал дар муаррифии фалсафа аст (Фалсафа чист?) Ва се мақолаи дигар, дар масоили марбут ба илм (идрок) аст, ки яке ба унвони «Реализм ва идеализм» ва дигаре ба унвони «Илм ва идрок» ва севвумӣ таҳти унвони «Арзиши маълумот» нигориш ёфта. Соири мақолоте, ки то кунун аз тарафи муаллиф танзим шуда, аз ин қарор аст:

Мақолаи панҷум: Пайдоиши касрат дар илм;

Мақолаи шашум: Идрокоти эътиборӣ;

Мақолаи ҳафтум: Мабоҳиси вуҷуд;

Мақолаи ҳаштум: Имкон ва вуҷуб — Ҷабр ва ихтиёр;

Мақолаи нӯҳум: Иллат ва маълул;

Мақолаи даҳум: Имкон ва феълият — Ҳаракат – Замон;

Мақолаи ёздаҳум: Ҳудус ва қидам – Тақаддум, Таъаххур, Маъият;

Мақолаи дувоздаҳум: Ваҳдат ва касрат;

Мақолаи сездаҳум: Моҳият — Ҷавҳар ва араз;

Мақолаи чаҳордаҳум: Худои ҷаҳон ва ҷаҳон (Илоҳиёт).

**Собиқаи торихии фалсафаи моддӣ**

Дар зимни ин фаслҳо ва мақолот, орои бисёре аз донишмандони қадим ва ҷадид — чӣ илоҳӣ ва чӣ моддӣ — мавриди баҳсу интиқод қарор гирифта ва ба иллати хоссе, ки баъдан гуфта хоҳад шуд, ба моддияти ҷадид (материализми диалектик) бештар таваҷҷӯҳ шуда ва саъй шудааст, ки тамоми андешаҳои ин мактаб ба таври вузуҳ намоёнда шавад.

Аз замонҳои қадим оро ва ақоиди моддӣ марбут ба нафйи иллати уло (аввалӣ) ё нафйи ғоят ё нафйи таҷарруди рух, дар китобҳои фалсафа матраҳ мешавад, вале чизе ки тибқи торих мусаллам аст ин аст, ки дар миёни пешиниён ҳеҷ гоҳ як мактаби мушаххаси моддӣ, ки ба куллӣ мункири моварои табиат бошад ва вуҷудро баробари модда бидонад, падид наомадааст, ва аз замонҳои бисёр қадим, ки баҳсҳои фалсафӣ вуҷуд доштааст, гуфтугӯ аз олами моварои олами табиат дар миён буда, ва албатта тардиде нест, ки ин баҳсҳо ибтидо бисёр басит ва содда буда, баъдҳо ба тадриҷ мантиқитар ва бурҳонитар шуда ва тавсиаи бештаре пайдо карда.

Ба тавре ки аз калимоте, ки қудамо нақл кардаанд бармеояд, нахустин баҳсҳои фалсафиро, ки сурати мактаби фалсафӣ ба худ гирифта Ҳермес (*Hermes*)-и ҳаким танзим намуда. Ва иддае аз фалосифа, ки «Ҳаромиса» хонда мешаванд, дар мактаби ӯ таълим ва тарбият ёфтаанд ва чунон ки аз китоби «Илал» мансуб ба Болинос (*Balinas*) бармеояд, дар он замон фалсафа ба номи «Илали ашё» номида мешуда. Пайравони ин мактаб, ба вуҷуди олами моварои олами табиат қоил будаанд.

Пас аз ин давра, назарҳои фалсафии гуногуне аз Малтийийин (ё мактаби Малтӣ – *Milesian school*) дорем. Давраи Малтийийинро метавон давраи дуввуми такомули фалсафа номид. Дар ин давра низ мутобиқи нақлҳои торихии қадим ва ҷадид ва он чӣ дар китобҳои фалсафа аз ақоид ва орои онҳо нақл шудааст, гуфтугӯ аз олами моварои олами табиат дар миён буда. Ҳамчунин юнониҳои муосири Малтийийин ё мутааххир аз онҳо то замони Суқрот.

Он чӣ ҳам аз фалосифаи Ҳинд ва Чин, ки муосири Малтийийин (қарни шашуми қабл аз мелод) ё қабл аз онҳо будаанд нақл шудааст, тақрибан ҳамин тавр аст. Билохира, дар миёни пешиниён як мактаби мушаххаси фалсафӣ, ки дорои пайравоне буда бошад ва ба куллӣ мункири моварои олами табиат буда бошад, наметавон пайдо кард. Афроди моддӣ ва дахрӣ, ки дар ғолиби замонҳо будаанд, ғолибан касоне ҳастанд, ки дар ҳоли ҳайрату тардид будаанд ва муддаӣ будаанд, ки далелҳои худобоварон онҳоро қонеъ накардааст.

Бинобар ин, барои фалсафаи моддӣ наметавон як собиқаи торихӣ пайдо кард ва танҳо дар қарни 18-ум ва 19-ум буд, ки дар Урупо фалсафаи моддӣ (ба илале, ки анқариб хоҳем гуфт) сару садое роҳ андохт ва қиёфаи як мактаби фалсафӣ ба худ гирифт ва дар муқобили соири макотиб арзи андом ва изҳори қудрат намуд, ҳарчанд тӯле накашид, ки дар қарни 20-ум бо шикасти шадид мувоҷеҳ шуд ва ҷалолу ҷабарути худро аз даст дод. Пас, дар ҳақиқат торихчаи ҳақиқии фалсафаи моддӣ аз қарни 18-ум шурӯъ мешавад.

Вале моддигароён худашон саъй доранд, ки мактаби моддиро дорои як собиқаи торихӣ ва ҷамиъи донишмандони бузурги дунёро моддӣ ҷилва диҳанд ва ҷилавдорони пешравии улумро моддӣ ва моддигароёнро ҷилавдорони пешравии улум муаррифӣ кунанд, то ҷое ки гоҳе дар бораи Арасту мегӯянд, байни материализм ва идеализм дар навасон буд ва гоҳе дар навиштаҷоти худ Ибни Синоро низ материалист мехонанд.

Моддигароён дар нашриёти худ, тамоми фалосифаи Юнон — аз замони Солиси Малтӣ (*Sales*) то замони Суқрот — ро моддӣ мехонанд. Бехнер (*Buchner*)-и олмонӣ, моддигарои маъруфи қарни 19-ум, дар мақолаи панҷум аз шарҳе, ки бар назарияи Дарвин навиштааст ва дуктур Шиблӣ Шамил онро ба арабӣ тарҷума кардааст, бисёре аз фалосифа аз қабили Анаксимандр (*Anaksimandr*), Анаксимен (*Anaksimen*), Эксинофон (*Xenophon*), Ҳероклит

(*Heraklit*), Бармонид (*Barmanid*), Эмпедоклис (*Empedoclis*) ва Демокрит (*Demokrates*)-ро ба ин унвон ном мебарад.

Вале ҳақиқат ин аст, ки ҳеҷ як аз ин донишмандонро наметавон моддӣ ба маънои мункири моварои табиат хонд, ҳарчанд ин ҷамоатро дар истилоҳи торихи фалсафа «Табиюн» ё «Моддиюн» мехонанд — дар муқобили Риёзиюн (Фисоғурсиён), ки асли оламро адад медонистанд ва дар муқобили суфастоиён, ки мункири вуҷуди олами хориҷ буданд – ба эътибори ин ки ба як модда ва асли аввалӣ дар табиат қоил будаанд. Масалан, Солис моддатулмаводдро об ва Анаксимандр ҳаюломи мубҳам ва Анаксимен ҳаво ва Ҳероклит оташ ва Эмпедоклис унсурҳои чаҳоргона ва Демокрит зарраҳои кучаки ғайри қобили тақсим медонад, ва ҳамаи ин донишмандон ҳаводиси табиатро бо илали табиӣ тавҷеҳ мекарданд. Вале ҳеҷ гуна далеле дар даст нест, ки ин донишмандон мункири моварои табиат будаанд.

Афлотун ва Арасту дар навиштаҳои худ, аз ин ашхос хеле ном бурдаанд, вале ҳаргиз онҳоро мункири моварои табиат нахондаанд.

Он чӣ моддигароён ва баъзе аз нависандагони дигар ба он истинод мекунанд — ки дар боло нақл кардем — иртиботе ба нафйи моварои табиат надорад, ва агар бино шавад тамоми касоне ки ба моддаи уло (аввалӣ) қоил будаанд ва ҳаводиси табиатро бо илали табиӣ тавҷеҳ мекардаанд, моддӣ бидонем, бояд тамоми илоҳиюн (фалосифаи худобовар) аз қабили Суқрот, Афлотун, Арасту, Форобӣ, Ибни Сино, Садрулмутааллиҳин, Декорт, балки тамоми пайғамбарон ва пешвоёни мазоҳибро моддӣ бидонем.

Ва ба илова, дар китобҳои фалсафа орое аз қудамои Юнон дар мавзӯъҳои моварои табиат нақл мешавад, ки кашф мекунад онон расман илоҳӣ будаанд, мисли ақидаи Солис ва ақидаи Анаксимен дар боби илми Худо.

Ва аҷаб ин аст, ки худи Бехнер чизҳое нақл мекунад, ки бар хилофи муддаои худаш аст. Масалан дар бораи Ҳероклит мегӯяд:

«*Нафси инсон ба ақидаи Ҳероклит, шӯълаи оташе аст, ки аз азалияти илоҳӣ бархостааст.*»

Эмпедоклисро бо он ки падари аввали Дарвинизм мехонад ва эътироф мекунад, ки назарияи «татаввур ва танозуи бақо»-ро аввалин бор ӯ ба хубӣ баён кардааст, дар бораш мегӯяд:

*«Вай мӯътақид ба муфориқат (ҷудоӣ)-и нафс низ ҳаст ва ин ҷиҳатро мунтасаб мекунад ба як ғояти маънавӣ, ки нафс руҷӯъ мекунад дар он ғоят ба сӯи ҳолати аввалӣ аз роҳату шавқу ҳубб.»*

Фақат чизе, ки мумкин аст гуфта шавад ин аст, ки донишмандони қабл аз Суқрот ғолибан дар таҳти таъсири муҳит, як навъ афкори ширкомезе дар мавриди олиҳа ва арбоби анвоъ доштаанд.

Бехнер аз Ҳероклит нақл мекунад, ки:

*«Асли олам оташ аст, ки гоҳе дар ҳоли иштиъол аст ва гоҳе фурӯ менишинад ва ин як бозӣ аст, ки Жупитер (Jupiter — яке аз худоён) ҳамвора бо худ мекунад.»*

Албатта, тардиде нест, ки калимоти ин донишмандон холӣ аз рамз нест ва наметавон ба мақсуди ҳақиқӣ ҳамл намуд.

Садрулмутааллиҳин дар охирҳои ҷилди дуввуми «Асфор» калимоте аз Солис, Анаксимен, Анаксагорас (*Anaxagoras*), Эмпедоклис, Афлотун, Арасту, Демокрит, Эпикур (*Epikur*) ва иддае дигар нақл мекунад ва муддаӣ аст, ки калимоти пешиниён муштамил бар румуз ва лағзҳо буда ва ноқилон мақсуди ҳақиқиро дарк накардаанд ва худи эшон (Садрулмутааллиҳин) калимоти онҳоро ба муддаои худ дар масъалаи «Ҳаракати ҷавҳария» ва ҳудуси олам, таъвил мекунад.

Далелҳое, ки маъмулан бар моддӣ будани иддае аз донишмандони қадим иқома мешавад, матолибест, ки иртиботе бо он масъала (ки дар бахши пешин матраҳ кардем ва ин ки гӯӣ онон моддигаро будаанд) надорад, аз қабили «эътиқод ба моддатулмавод (моддаи аслӣ)» ё «таълили ҳодисаҳои табиат ба иллатҳои табиӣ» ё «эътиқод ба ин ки низоми ҳастӣ як низоми вуҷубӣ ва зарурӣ аст» ё «эътиқод ба ин ки «ҳеҷ шайъе аз лошайъ ба вуҷуд намеояд» ва ё «аҳаммият додан ба мантиқи таҷрибӣ дар таҳқиқи масоили табиат» ва амсоли инҳо.

Моддигароён дар асари адами таъаммуқ дар масоили илоҳӣ, пеши худ гумон мекунанд, ки масоили боло мунофӣ бо эътиқод ба олами моварои олами табиат аст, ва аз ин рӯ ҳар касе ки қоил ба яке аз масоили фавқ бошад, ӯро дар ҷиргаи моддигароён ба шумор овардаанд ва бо ин ки худи он ашхос тасреҳ ба хилофи он мекунанд, боз моддигароён дастбардор нестанд.

Баъзе аз ғайри моддигароён аз нависандагони таърихи фалсафа ва нависандагони доиратулмаорифҳо низ ҳамин иштибоҳро кардаанд.

Мо дар масъалаи «ҳудус ва қидам» ва масъалаи «иллат ва маълул» роҳи ин иштибоҳро баён хоҳем кард.

Танҳо чизе, ки мусаллам аст ин аст, ки дар миёни қудамо иддае будаанд, ки «таҷарруди руҳ ва бақо баъд аз мавт»-ро инкор доштаанд. Демокрит ва Эпикур ва пайравонашонро соҳиби ин ақида медонанд.

Аз қарни 16-ум ба баъд дар Урупо низ назарияи «адами бақои нафс баъд аз мавт» пайравоне пайдо кард. Гӯянд, аввалин бор дар соли 1516 Петрус Бомбонатиус (*Petros Bombonatius*) китобе дар радди Арасту дар боби таҷарруди руҳ навишт. Ба тадриҷ ин ақида шойеъ шуд ва пайравоне пайдо кард. Бисёре аз рисолаҳо дар ин мавзӯъ нигориш ёфт.

Мутобиқи он чӣ Бехнер дар мақолаи шашуми китоби худ мегӯяд, ҳамин Бомбонатиус дар айни ҳол ба шиддат пайрави таълимоти Масеҳ (а) буд ва аз он ҳимоят мекард. Вай мегӯяд, то нимаи қарни 17-ум ҳама ҳамин тавр буданд ва шояд иллат, тарс ё русухе буд, ки имон дар дилҳо дошт.

Мутобиқи нақли Бехнер, фақат дар қарни 18-ум буда, ки иддае расман мункири Худо шудаанд. Борун Ҳулбох (*Baron Holbach*) дар соли 1770 китобе ба номи «Низоми табиат» навишт ва расман вуҷуди Худо ва динро инкор кард.

Дар қарни 18-ум иддае дар Фаронса ба таълифи доиратулмаорифе пардохтанд ва баъзе аз нависандагони бузурги онҳо монанди Ҳулбох ва Дидру (*Didero*) ва Доломбер (*Dalamber*) моддӣ буданд, вале Доломбер бештар изҳори таҳайюр ва тардид мекард. Бехнер мегӯяд:

«*Доломбер борҳо тасреҳ карда, ки дар масоили моварои табиат, «намедонам» беҳтарини роҳҳост.*»

Аз Дидру низ гуфторе нақл шудааст, ки охируламр тардид ва таҳайюри вайро мерасонад.

Дар қарни 19-ум фалсафаи моддӣ тарафдорони бештаре пайдо кард ва дар нимаи дуввуми ин қарн буд (1859), ки назарияи Дарвин марбут ба «табдили анвоъ» мунташир шуд ва моддигароён онро беҳтарин василаи пешрафти фалсафаи моддӣ талаққӣ карданд.

Дарвин шахсан дар ақоиди худ моддӣ набуд, фақат аз ҷанбаи биологӣ (илмулҳаёт) фарзияи хешро баён кард, вале моддигароёни асри вай аз он назария ба нафъи фалсафаи моддӣ истифода намуданд.

Дуктур Шиблӣ Шамил, моддигарои маъруф, ки ибтидо шарҳи Бехнерро бар назарияи Дарвин ба арабӣ тарҷума кард ва баъд худ қисматҳои мухталифе ба он афзуд ва маҷмӯае ба номи «Фалсафатун нушуъ вал-иртиқо» мунташир сохт, дар дебочаи ин китоб эътироф мекунад, ки Дарвин фақат аз ҷанбаи илмӣ (на фалсафӣ) назарияи татаввурро, ки ихтисос ба мавҷудоти зинда дорад баён кард ва баъд иддае аз тарафдорони фалсафаи моддӣ аз қабили Ҳексли (*Haksli*) ва Бехнер, онро санади моддият ва фалсафаи моддӣ қарор доданд.

Дар сафҳаи 16-и ҳамон китоб мегӯяд:

«*Аҷибтар ин аст, бо он ки Дарвин возеъи асоси ин мазҳаб аст, ҷамиъи натиҷаҳое, ки мебоист бигирад, нагирифтааст.*»

Дар мақолаи аввали шарҳи Бехнер (тарҷумаи арабӣ) ин ҷумларо аз худи Дарвин нақл мекунад:

«*Мутобиқи он чӣ то кунун бар ман кашф шудааст, тамоми мавҷудоти зиндае, ки дар рӯйи замин пайдо шудаанд, ҳама аз як асл муншаъиб шудаанд ва аввалин мавҷуди зиндае, ки дар рӯйи замин падид омадааст, Холиқ руҳи ҳаётро дар ӯ дамидааст.*»

* * *

Дар нимаи дуввуми қарни 19-ум, илова бар ҷараёни Дарвинизм, ки бозори фалсафаи моддиро равнақ дод, ҷараёни хосси дигаре низ пайдо шуд, ки шаклу қиёфаи дигаре ба моддият дод ва мактаби ҷадиде ба вуҷуд овард ба номи «Материализми диалектик».

Ба вуҷудоваранда ин мактаб ду шахсияти маъруф ҳастанд ба номи Корл Моркс (*Karl Marks, 1818-1883*) ва Фридрик Энгелс (*Engels, 1820-1895*), ки беш аз ҳар чиз дорои афкори инқилобӣ ва эҳсосоти тунди иҷтимоӣ буданд.

Аз мушаххасоти ин мактаб яке ин аст, ки аз мантиқи махсуси «диалектика» пайравӣ мекунад.

Корл Моркс, ки поягузори аслии материализми диалектик ба шумор меравад, барои муддати кӯтоҳе шогирди Ҳегел (*Hegel*), файласуфи бузург Олмон буда ва мантиқи диалектикаро аз ӯ омӯхтааст.

Ҳегел дар афкори фалсафии худ моддӣ набуд, вале Корл Моркс фалсафаи моддиро писандид ва онро бар мантиқи диалектика, ки аз устод омӯхта буд устувор кард ва аз инҷо материализми диалектик ба вуҷуд омад.

Яке дигар аз мушаххасоти он ин аст, ки бар хилофи соири низомҳои фалсафӣ, ки то кунун дар дунё падид омадааст, мақсуд ва ҳадафи аслии ин мактаб, таҳқиқ дар масоили буғранҷи фалсафӣ нест, балки мақсуди аслӣ ёфтани мабно барои идеяҳо ва афкори махсуси иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва иқтисодӣ аст.

Парчамдорони ин мактаб ба ҷойи он ки умри худро монанди соири фалосифа ва донишмандон сарфи тафаккур ва таҳқиқ дар масоили печида ва буғранҷи илмӣ ё фалсафӣ бикунанд, сарфи муборизоти ҳизбӣ ва сиёсӣ кардаанд; ва мутобиқи он чӣ дар маҷаллаи «Интернатсионалист», ки аз тарафи пайравони ин мактаб дар Эрон (қабл аз Инқилоб) мунташир мешуд навишта шудааст, Корл Моркс аз синни 24-солагӣ, ки тези дуктурои худро гузаронд, вориди муборизоти сиёсӣ шуд ва то синни 31-солагӣ, ки аз Порис табъид гардид ва ба Ландан азимат кард, доиман дар мубориза ва кашмакаш ва дучори музоҳиматҳо ва табъидҳо буд; гоҳе дар Олмон ва гоҳе дар Порис ва гоҳе дар Бруксел (Брюссел) ба сар мебурд ва дар хилоли ин кашмакашҳо буд, ки аз тарафи Иттиҳодияи коммунистҳо дар Бруксел маъмури таҳия ва тадвини барномаи Ҳизби коммунист гардид ва китоби «Манифест»-ро, ки ба қавли Ленин, мазҳари материализми торихӣ ва материализми диалектик ва мазҳари теорияи марбут ба муборизаи табақотӣ ва омӯзишҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии мактаби Маркс аст, ба вуҷуд овард.

Моркс аз соли 1851 ба баъд дар Ландан — ки то охири умр дар онҷо ба сар бурд — дар айни саргармӣ ба муборизоти иҷтимоӣ, авқоти хешро сарфи нигориши «Капитал», ки ба қавли он маҷалла, асоси назариёти иқтисодӣ ва пояи теорияҳои иҷтимоӣ ва сиёсии мактаби Моркс мебошад, намуд.

Мутобиқи навиштаҳои он маҷалла, Энгелс аз 18-солагӣ мадрасаро тарк гуфт ва дар 21-солагӣ ба Берлин рафт ва дар артиш исмнависӣ намуд ва дар зимни анҷоми умури давлатӣ, дар конфронсҳои Донишгоҳи Берлин низ ширкат мекард ва дар ин шаҳр бо ҷиноҳи чапи мактаби Ҳегел тамос гирифт. Дар 24-солагӣ дар Порис барои аввалин бор бо Моркс бархӯрд намуд ва аз онҷо муборизаи дастаҷамъии онҳо оғоз гардид.

Баъд аз ин ҷараён, пешрафти фалсафаи моддӣ тобеи пешрафти мароми ҳизбӣ буд ва ҳар андоза ки ҳизби коммунист дар дунё нуфуз пайдо карда фалсафаи моддии ҷадидро, ки ба унвони «Материализми диалектик» маъруф аст, бо худ бурдааст.

Ба ҳамин муносибат, дар солҳои ахир дар кишвари мо (Эрони қабл аз Инқилоб ва ҳудуди солҳои 1950) низ китобҳо ва рисолаҳо ва мақолаҳои зиёде таҳти унвони «Материализми диалектик» мунташир шуда, ин нашриёт ба воситаи бастагӣ бо конунҳои ҳизбӣ, аз навъи таблиғоте, ки дар нашриёти ҳизбӣ (на дар нашриёти илмӣ ва фалсафӣ) аз онҳо истифода мешавад, истифода кардааст.

Дар нашриёти ҳизбӣ чун ҳадафи аслӣ ҳамвор кардани ҷоддаҳои сиёсӣ ва аз байн бурдани ҷамиъи мавонеъ ва саддҳост, тавассул ба ҳар васила ҷоиз аст; зеро тибқи усули ҳизбӣ, «Ҳадаф василаро мубоҳ мекунад». Усули ҳизбӣ муқайяд нест ҳақоиқро чунон ки ҳаст ҷилва бидиҳад, балки муқайяд аст он тавре ҷилва бидиҳад, ки вусул ба ҳадафро мумкин созад. Вале дар осори илмӣ ва фалсафӣ маъмулан чун ғарази аслӣ қонеъ кардани ҳисси ҳақиқатҷӯӣ аст, аз равиши фавқ эҳтироз мешавад.

* * *

Моддигароёни қуруни ҷадида ба таври куллӣ ин тасаввур барояшон пайдо шудааст, ки улуми ҳиссӣ ва таҷрибӣ ба суди моддият пеш меравад, вале тарафдорони материализми диалектик чунон роҳи иғроқ ва муболиғаро пеш мегиранд, ки моддигариро самараи мустақим ва хоссияти ҷудонопазири улум муаррифӣ микунанд ва ҳатто аз ин ки худи донишмандон ва падидоварандагони ин улум моддӣ набудаанд, тааҷҷуб мекунанд.

Тарафдорони ин мактаб сареҳан иддаъо мекунанд, ки ё бояд тобеи ҳикмати илоҳӣ шуд ва вуҷуди Худоро қабул кард ва мункири ҷамиъи улум ва вуҷуди саноатҳо ва ихтироот шуд ва ё бояд инҳоро қабул кард ва пушти по ба ҳикмати илоҳӣ зад.

Камтарин фоидае, ки мумкин аст як хонандаи бозавқ аз мутолеаи ин китоб (китоби ҳозир) бибарад ин аст, ки ба хубӣ дарк мекунад материализми диалектик алорағми иддаъои тарафдоронаш, иртиботе бо улум надорад ва тамоми усули он як навъ таҳрифот ва истинбототи шахсӣ аст, ки иддае ба салиқаи худ кардаанд.

Муҳимтарин далеле, ки ин ашхос дар таблиғоти худ меоваранд ин аст, ки дар қуруни ҷадида, муқорин бо пайдоиши улуми ҳиссӣ ва таҷрибӣ, фалсафаи моддии Урупо равнақ гирифт. Вале ҳақиқати амр ин аст, ки таҷаддуди илмии ахири Урупо дар асари такони сахте, ки ба афкор дод ва мусалламоти чанд ҳазорсолаи башарро дар мавриди фалакиёт ва табииёт ботил шинохт, даҳшат ва ҳайрат ва ташаттути фикрии аҷибе эҷод кард.

Ҳарчанд ин таҳаввул дар мавриди масоили ҳиссӣ ё ҳадсӣ буд, вале қаҳран афкорро дар мавриди масоили таъаққулӣ ва назарӣ ва ҳамчунин дар мавриди масоили динӣ низ мураддад ва мутазалзил сохт. Ва ҳамин амр мӯҷиб шуд, ки макотиби фалсафии гуногун ва зидду нақизе дар Урупо падид омад ва ҳар дастае роҳеро пеш гирифтанд ва аз он ҷумла гурӯҳе моддӣ шуданд ва ҳамчунон ки медонем, бозори суфастоигарӣ низ пас аз ду ҳазор соли сардӣ ва беравнақӣ, ду мартиба ривоҷи зоидулвасфе пайдо кард. Ва агар пайдоиши макотибе, ки муқорини зуҳури улуми ҷадида падид омадаанд, далел бар иртиботи саҳеҳ ва маъқули он макотиб бо он улум буда бошад, пас мебоист Суфизм (*Sophism, Суфастоигарӣ*) ва Идеализм (*Idealism*)-ро низ самараи мустақим ва хоссияти ҷудонопазири улуми ҷадида бидонем.

Вале пайдоиши макотиби гуногун дар Урупо як иллати умдаи дигар низ дорад ва он набудани як мактаби фалсафии таъаққулии қавӣ ва нерӯманд аст, ки битавонад бо улум созгор бошад, ва махсусан вуҷуди як силсила ақоиди сахиф ба номи «Ҳикмати илоҳӣ» дар Урупо, беш аз андоза майдонро барои фалсафаи моддӣ боз кард. Шумо агар ба китобҳои моддӣ муроҷеа кунед, ба хубӣ мебинед, ки инҳо чӣ синх ақоидеро мавриди ҳамлаи шадид қарор медиҳанд. Ҳатто як идда аз донишмандони ҷадиди Урупо, ки назарияи илоҳӣ доштаанд, аз муҳтаваёти он ҳикмати илоҳӣ нолидаанд.

Донишманди илоҳӣ ситорашиноси маъруф Фломориён (*Flammarion*) дар китоби «Худо дар табиат» мегӯяд:

*«Як нозири дақиқ ва ҳақиқатбин имрӯза метавонад дар ҷомеаи дорои фикри инсонӣ ду тамоюли мухталифро мушоҳида намояд, ки ҳар як дастаеро ба тарафи худ кашонда ва бар сари он мусаллат гардонидаанд. Аз як тараф «уламои илми шимӣ» дар лабараторияҳои худ ба таҳқиқи феълу инфиъолоти маводди шимиёӣ ва қисматҳои моддии улуми ҷадида пардохта ва таркиботи ҷавҳарии аҷсомро истихроҷ намуда ва сароҳатан изҳор медоранд, ки дар ин таркиботи мустахраҷа аз амалиёти шимиёӣ абадан ҳузур ва вуҷуди Худоро неметавон мушоҳида ва идрок кард. Ва аз тарафи дигар «ҳукамои илоҳӣ» дар миёни як тӯда китобҳои қадима ва нусхаҳои хаттӣ, ки аз гарду ғубор пӯшида шудаанд нишаста ва дар ҳолате ки мудовим бо камоли шавқу рағбат ба кунҷковӣ ва тафтиши муҳтаваёти он китобҳо ва баҳсу таҳқиқ ва тарҷумаву истинсох ва нақлу истеъломи як силсила оятҳои мазҳабӣ ва аҳодиси мухталиф буда ва ба ақидаи*

*худ, бо Рафоили фаришта ҳамсадо гардидаанд, изҳор мекунанд, ки аз мардумаки чашми чап то мардумаки чашми рост падари ҷовидонӣ шаш ҳазор фарсанг аст.*»

Аз китоби «Маҷмӯаи лоҳутия»-и Қиддис Тумос Уквини (*Tomas Aquinas*) — ки ӯро бузургтарин ҳакими қуруни вусто ва мазҳари камоли ҳикмати Ускулоситик (*Skholastic*) хондаанд ва китобҳои ӯ наздики 400 сол фалсафаи расмии ҳавзаҳои илмӣ ва диёнатии Урупо буда — нақл шуда, ки қисматеро ба ин баҳс ихтисос додааст: «Оё чанд фаришта мумкин аст дар нӯки сӯзан ҷо бигирад?»

Дуктур Шибли Шамил дар ҷилди дуввуми маҷмӯаи «Фалсафатун нушуъ вал-иртиқоъ» дар мақолае, ки таҳти унвони «Алқуръону вал-ъумрон» нигошта мегӯяд:

«*Фалсафа дар миёни мусалмонон дар наҳзати аввали худ ба ақсо дараҷот тароққӣ кард, вале дар миёни масеҳиён дар аввалин бархӯрд маҳв ва нобуд гашт ва ҷамиъи мабоҳиси он ба истиснои мабоҳиси марбут ба лоҳути масеҳӣ таҳрим шуд.*»

Дар давраи ҷадид, ҳукамои илоҳии бузурге аз қабили Декорт ва пайравонаш пайдо шуданд, вале ин донишмандон ҳам муваффақ нашуданд, ки як фалсафаи илоҳии қавӣ ва қонеъкунандае ба вуҷуд оваранд.

Мусалламан агар ҳикмати илоҳӣ ҳамон пешрафте, ки дар миёни мусалмонон кард, дар Урупо карда буд, ин ҳама риштаҳои фалсафии муташаттит ва мутафарриқ ба вуҷуд намеомад, на майдон барои хаёлбофии суфастоиён боз мешуд ва на барои изҳори ғурури моддигароён, ва билохира на идеализм ба вуҷуд меомад ва на материализм.

* * *

Дар ин китоб саъй шудааст, ки тамоми инҳирофоти материализми диалектик ба таври возеҳ намоёнда шавад. Албатта мумкин аст афроде, ки шахсан бепояги ин фалсафаро дарёфтаанд, ба мо эътироз кунанд, ки беш аз ҳадди лузум ба нақду эроди масоили ин фалсафа пардохтаем, вале мо мутазаккир мешавем, ки дар ин ҷиҳат арзиши фалсафӣ ва мантиқии онро дар назар нагирифтаем, балки аз лиҳози ин ки нашриёти марбут ба материализми диалектик беш аз андоза дар кишвари мо мунташир шуда ва афкори иддаи нисбатан зиёде аз ҷавононро ба худ мутаваҷҷеҳ сохта ва шояд иддае бошанд, ки воқеан бовар карда бошанд, ки материализми диалектик олитарин низоми фалсафии ҷаҳон ва самараи мустақими улум ва хоссияти ҷудонопазири онҳост ва давраи ҳикмати илоҳӣ

сипарӣ шудааст, лозим буд, ки тамоми муҳтаваёти фалсафӣ ва мантиқии ин рисолаҳо таҷзия ва таҳлил шавад, то арзиши воқеии он ба хубӣ возеҳ гардад.

Мо дар поварақиҳо онҷо ки оро ва ақоиди моддигароёнро тақрир мекунем, бештар ба навиштаҳои дуктур Аронӣ истинод мекунем.

Дуктур Аронӣ, ба эътирофи худи пайравони мактаби материализми диалектик, аз беҳтарин донишмандони ин мактаб аст. Дар сармақолаи шумораи баҳманмоҳи 1327 (баробар бо 1949)-и маҷаллаи «Мардум» (нашрияи Ҳизби тӯдаи Эрон) менависад:

«*Аронӣ аз лиҳози вусъати маълумот ва ҷомеияти илмӣ, беназир аст*.»

Дуктур Аронӣ, илова бар мақолоте, ки дар маҷаллаи «Дунё» мунташир карда ва баъд аз маргаш тарафдоронаш ба сурати ҷузваҳои мустақил борҳо чоп ва интишор додаанд — мисли ҷузваи «Материализми диалектик» ва ҷузваи «Ирфон ва усули моддӣ» ва ғайри инҳо — китобҳои мустақил низ таълиф кардааст, ки шояд муҳимтар аз ҳама «Психология» аст.

Бо он ки тақрибан 15 сол аз марги дуктур Аронӣ мегузарад, ҳанӯз тарафдорони материализми диалектик дар Эрон натавонистаанд беҳтар аз ӯ бинависанд. Дуктур Аронӣ дар асари ошноӣ ба забон ва адабиёти форсӣ ва ошноии филҷумла ба забони арабӣ, материализми диалектикро сару сурате беҳтар аз он чӣ Моркс ва Энгелс ва Ленин ва ғайра дода буданд додааст ва аз ин ҷиҳат китобҳои фалсафии вай бар китобҳои фалсафии пешиниёнаш бартарӣ дорад.

Ба ин муносибат аст, ки бо вуҷуди бисёре аз таълифот ва тарҷумаҳо дар ин замина, мо бештар гуфтори дуктур Арониро санад қарор додем.

***Теҳрон — исфандмоҳи 1332 шамсӣ (марти 1954) — Муртазо Мутаҳҳарӣ***

**Мақолаи аввал:**

# Фалсафа чист?

***Дар ҷаҳони ҳастӣ, ки дорои мавҷудоти бисёр ва падидаҳои бешумор буда ва мо низ ҷузъе аз маҷмӯаи онҳо мебошем, бисёр мешавад, ки чизеро рост ва побарҷо пиндошта ва мавҷуд ангорем ва сипас бифаҳмем, ки дурӯғ ва бепоя будааст. Ва бисёр мешавад, ки чизеро нобуд ва дурӯғ андешида ва пас аз чанде ба мо равшан шавад, ки рост буда ва осор ва хавосси бисёре дар ҷаҳон доштааст.***

***Аз ин рӯ, мо, ки хоҳ нохоҳ ғаризаи баҳсу ковиш аз ҳар чиз, ки дар дастраси мо қарор бигирад ва аз иллатҳои вуҷуди вай дорем, бояд мавҷудоти ҳақиқӣ ва воқеӣ (ҳақоиқ ба истилоҳи фалсафа)-ро аз мавҷудоти пиндорӣ (эътибориёт ва ваҳмиёт) тамйиз диҳем.***[1]

[1] Чунонки дар хотимаи ҳамин мақола гуфта хоҳад шуд, «фалсафа» дар нуқтаи муқобили «сафсата» қарор дорад ва чун суфастоӣ мункири воқеияти хориҷ аз зарфи зеҳн аст ва тамоми идрокот ва мафоҳими зеҳниро андешаи холӣ медонад, дар назари вай «ҳақиқат» — яъне идроки мутобиқ бо воқеъ — маънӣ надорад. Аммо файласуф бо воқеиятҳои хориҷ аз зарфи зеҳн изъон (эътироф) дорад ва порае аз идрокотро ба унвони ҳақоиқ ва идрокоти мутобиқ бо воқеъ мепазирад. Ва аз тарафи дигар ба вуҷуди бархе аз идрокот, ки бо воқеъ мутобиқат надоранд (эътибориёт ва ваҳмиёт) низ изъон дорад. Аз ин рӯ, маҷмӯи идрокот ва мафоҳими зеҳнӣ дар назари файласуф, се дастаи муҳимро ташкил медиҳанд:

1. «*Ҳақоиқ*«, яъне мафоҳиме, ки дар хориҷ мисдоқи воқеӣ доранд.

2. «*Эътибориёт*«, яъне мафоҳиме, ки дар хориҷ мисдоқи воқеӣ надоранд, лекин ақл барои онҳо мисдоқ эътибор мекунад. Яъне чизеро, ки мисдоқи воқеии ин мафоҳим нест, мисдоқ фарз мекунад. Ва баъдан дар тайи як фасли мустақил, кайфияти пайдоиши идрокоти эътиборӣ ва ин ки ақл аз эътибори як ришта мафоҳим ночор аст, гуфта хоҳад шуд.

Ва барои он ки хонанда филҷумла битавонад идрокоти ҳақиқиро аз идрокоти эътиборӣ тамйиз диҳад, мисоли соддае зикр мекунем:

Масалан, агар аз ҳазор нафар сарбоз як гурӯҳ ташкил дода шавад, ҳар як аз сарбозҳо як ҷузъ аз ин гурӯҳ ба шумор меравад ва худи гурӯҳ иборат аст аз маҷмӯи нафарот. Нисбати ҳар фард ба маҷмӯъ, нисбати ҷузъ ба кулл аст. Мо, ҳам ҳар як аз афродро идрок мекунем ва дар бораи онҳо ҳукмҳои мухталифе менамоем ва ҳам маҷмӯи онҳоро, ки гурӯҳ номидаем ва дар бораи он низ ҳукмҳои махсусе менамоем.

Идрокоти мо нисбат ба афрод, идрокоти ҳақиқӣ аст, зеро мисдоқи воқеии хориҷӣ дорад, ва аммо идроки мо нисбат ба маҷмӯъ эътиборӣ аст, зеро маҷмӯъ мисдоқи воқеӣ надорад ва он чӣ воқеият дорад, ҳар як аз афрод аст, на маҷмӯъ.

3. «*Ваҳмиёт*», яъне идрокоте, ки ҳеҷ гуна мисдоқе дар хориҷ надоранд ва ботили маҳз мебошанд, мисли тасаввури дев ва симурғ ва шонс ва амсоли онҳо.

Фалсафа саъй мекунад, бо мизонҳои дақиқи худ, умури ҳақиқиро аз ду дастаи дигар (эътибориёт ва ваҳмиёт) ҷудо созад.

Лозим аст тазаккур дода шавад, чизе ки бисёр душвор аст ва аз лағзишгоҳҳои фалосифа ба шумор меравад, тамйизи умури эътиборӣ — ки ҳақиқатнамо ҳастанд — аз ҳақоиқ аст.

Донишмандони ҷадиди Урупо, ки ба наққодии ақл ва фаҳми инсон пардохтаанд, кӯшиши бисёр кардаанд, ки сохтаҳои зеҳнро аз ҳақоиқе, ки воқеияти хориҷӣ доранд ҷудо созанд ва ҳамин амр сабаби инҳирофи баъзе аз онон шуда ва онҳоро то сарҳадди идеализм (*idealism* = сафсата) кашонида, ки якбора ҷамиъи мафоҳимро сирфан сохтаи зеҳн донистаанд ва баъзе дигар аҳёнан маслаки шак (*septicism*)-ро ихтиёр кардаанд.

Дар фалсафаи исломӣ низ инояти хоссе нисбат ба ин матлаб мабзул шуда ва таҳқиқоти судманде барои тафкики эътибориёт аз ҳақоиқ ба амал омадааст. Шарҳу тафсили наққодиҳои донишмандони Урупо ва таҳқиқоти донишмандони исломиро ба мақолаи панҷум, ки махсуси он матлаб аст, мавкул мекунем.

***Ва гузашта аз ин ковиши ғаризӣ, барои рафъи ниёзҳои зиндагӣ, даст ба ҳар ришта аз риштаҳои гуногуни улум бизанем, исботи ҳар хосса аз хавосси мавҷудот ба мавзӯи худ, мӯҳтоҷ ба субути қаблии он мавзӯъ мебошад.[1]***

***Як силсила баҳсҳои бурҳонӣ, ки ғараз ва ормони номбурдаро таъмин намояд ва натиҷаи онҳо исботи вуҷуди ҳақиқии ашёъ ва ташхиси иллатҳо ва сабабҳои вуҷуди онҳо ва чигунагӣ ва мартибаи вуҷуди онҳо мебошад, фалсафа номида мешавад.***

***Улуми дигар[2] равиши баҳс ва натиҷаи ковиши онҳо ингуна нест ва дар ҳар як аз онҳо, ки таъаммул кунем, хоҳем дид, ки як ё чанд мавзӯъро мафрузулвуҷуд (яъне фарз мекунанд,***

---

[1] Хулоса он ки мо аз ду ҷиҳат ниёзманд ба фалсафа мебошем; яке аз назари ковиши ғаризӣ ва ин ки башар табиатан алоқаманд аст ҳақоиқро аз авҳом, ва умури воқеиятдорро аз умури бевоқеият тамйиз диҳад. Ва дигар, аз роҳи ниёзмандии улум ба фалсафа, зеро чунон ки гуфта хоҳад шуд, ҳар як аз улум — аъам аз табиӣ ё риёзӣ — хоҳ бо услуби таҷрибӣ пеш биравад ва хоҳ бо услуби бурҳон ва қиёс, шаъйи муайянеро, ки истилоҳан «мавзӯъ»-и он илм номида мешавад, мавҷуд ва воқеиятдор фарз мекунад ва ба баҳс аз осор ва ҳолатҳои он мепардозад. Ва возеҳ аст, ки субути як ҳолат ва доштани як асар барои чизе, вақте мумкин аст, ки худи он чиз мавҷуд бошад. Пас, агар бихоҳем мутмаин шавем, ки чунин ҳолат ва осоре барои он шайъ ҳаст, бояд қаблан аз вуҷуди худи он шайъ мутмаин шавем, ва ин итминонро фақат фалсафа метавонад ба мо бидиҳад.

[2] Мақсуд баёни фарқи фалсафа ва улуми дигар аст. Ин матлаб шоистаи диққат аст ва махсусан аз он ҷиҳат, ки лафзи «фалсафа» ахиран дар мавориди зиёде ба кор бурда шуда ва натиҷатан дорои маънои ибҳомомезе шудааст, ба тавре ки ҳар касе аз лафзи «фалсафа» пеши худ маъное мефаҳмад, то ҷое ки баъзе гумон мекунанд, фалсафа яъне изҳори назарҳои омехта бо буҳту таҳайюр дар бораи ҷаҳон. Ва бархе корро ба ҷое кашонидаанд, ки хаёл мекунанд, фалсафа яъне парокандагӯӣ ва аҳёнан таноқузгӯӣ. Ва бархе байни масоили фалсафӣ ва масоиле, ки дар соири улум мавриди гуфтугӯ қарор мегирад, фарқ намегузоранд ва аз ин рӯ ҳалли як масъалаи фалсафиро аз улуми дигар интизор доранд, ва ё масъалаеро, ки марбут ба улуми дигар аст, ҷавобгӯии онро аз фалсафа мехоҳанд. Ва иддае дигар байни услуби фикрие, ки дар фалсафа мавриди истифода қарор мегирад (услуби

*қиёси ақлӣ*) ва услуби фикрие, ки дар соири улум махсусан табииёт (услуби таҷрибӣ) аз он истифода мешавад, фарқ намегузоранд ва интизор доранд, ки масоили дақиқ ва амиқи фалсафаро, ки ҷуз бо бароҳини махсуси ақлӣ наметавон кашф кард, дар зери заррабинҳо ё лобалои лабараторияҳо пайдо намоянд.

Вале бо баёне, ки дар матн шуда ва тавзеҳоте, ки дода мешавад, ин ибҳом рафъ мешавад ва он интизороти беҷо низ худ ба худ аз байн меравад.

**Баҳсе дар бораи лафзи «фалсафа»**

Лафзи «фалсафа», ки решаи юнонӣ дорад, собиқан ба як маънои омм гуфта мешуд, ки шомили ҷамиъи «маълумоти назарӣ» ва «маълумоти амалӣ» буд ва тақрибан бо лафзи «илм» муродиф буд. Дар миёни донишмандони мо ҳам ҳамин истилоҳ ҷараён дошт, лекин ахиран аз замоне ки дар порае аз улум услуби бурҳон ва қиёси ақлӣ ҷойи худро ба услуби таҷрибӣ дод, дар истилоҳи донишмандон лафзи «илм» ва «фалсафа» ҳар як ба маънои ҷудогона гуфта мешавад.

Ва бояд дар назар дошт, ки истилоҳоти донишмандони ҷадид низ тибқи ихтилофи назарҳо ва маслакҳое, ки дар боби фаҳм ва ақли инсон ва ҳудуди тавоноии қувваҳои идроккунанда доранд фарқ мекунанд.

Маъмулан онон, ки ҳам услуби таҷрибӣ ва ҳам услуби бурҳон ва қиёси ақлиро саҳеҳ ва мӯътабар медонанд, ба он ришта аз масоил, ки маҳсули таҷрибиёти башар аст, «илм» мегӯянд ва ба онҳо, ки сирфан ҷанбаи таъаққулӣ ва назарӣ дорад, «фалсафа» мегӯянд.

Ва чун «Ҳикмати уло» – ки собиқан яке аз шӯъбаҳои сегонаи фалсафаи назарӣ шумурда мешуд ва донишмандони қадим онро аз он ҷиҳат, ки комилан таъаққулӣ ва назарӣ буд, «фалсафаи ҳақиқӣ» ва аз он ҷиҳат, ки дар атрофи куллитарини мавзӯъҳо яъне «вуҷуд» баҳс мекард ва муштамил бар куллитарини масоил буд, онро «илми куллӣ» ва аз он ҷиҳат, ки яке аз масоили он баҳс аз иллатул-илал (иллати иллатҳо) ва воҷибулвуҷуд буд, «илоҳиёт» мехонданд ва дар Юнони бостон ба муносибати хоссе, ки дар хотимаи ҳамин мақола гуфта хоҳад шуд, «метафизика» (*metaphysics*) хонда мешуд — сирфан маҳсули қувваи таъаққули

башар аст ва таҷрибаи ҳиссӣ дар масоили он роҳ надорад, ғолибан ҳар вақт «фалсафа» гуфта шавад, мақсуд ҳамон аст.

Вале аз қарни 17-ум ба баъд, гурӯҳе аз донишмандон падид омаданд, ки арзиши «бурҳон» ва «қиёси ақлӣ»-ро ба куллӣ инкор карданд ва услуби таҷрибиро танҳо услуби саҳеҳ ва қобили эътимод донистанд. Ба ақидаи ин гурӯҳ, фалсафаи назарӣ ва таъаққулӣ, ки мустақил аз илм бошад, поя ва асосе надорад ва илм ҳам маҳсули ҳавосс аст ва ҳавосс ҷуз ба завоҳир ва аворизи табиат яъне феноменҳо (*phenomen*) таъаллуқ намегирад, пас масоили «***фалсафаи уло***«, ки сирфан назарӣ ва таъаққулӣ ва марбут ба кунҳи воқеиятҳо ва умури ғайри маҳсус аст, беэътибор аст ва ингуна масоил барои башар даркнашуданӣ аст, онҳоро бояд аз доираи баҳс хориҷ кард ва умури ғайри қобили таҳқиқ номид.

Огуст Кант (*Augute Conte*), донишманди маъруфи фаронсавии қарни 19-ум, яке аз касоне аст, ки мункири фалсафаи ақлӣ ва назарӣ аст, вале дар айни ҳол ба як фалсафаи ҳиссии муттакӣ ба улум мӯътақид аст; ба ин маъно, ки баёни равобити улумро бо якдигар ва ҳамчунин порае аз фарзияҳои бузургро, ки дар ҳама ё ғолиби улум мавриди истифода қарор мегирад, аз лиҳози шабоҳате, ки филҷумла ба фалсафаи уло аз ҳайси куллӣ ва умумӣ будан доранд, «масоили фалсафӣ» мехонад. Имрӯз ҳам баёни равишҳои улум ва методҳое, ки дар ҳар як аз улум ба кор бурда мешаванд, ба номи «фалсафаи илмӣ» хонда мешавад.

Ин фалсафаи ҳиссӣ, ки Огуст Кант қоил аст ва ҳамчунин соири системаҳои фалсафии ҳиссӣ, ки аз тарафи фалосифаи ҳисгаро ё эмпирист (*empirist)* иброз шудааст, муттакӣ ба улуми ҳиссӣ аст ва монанди худи он улум маҳдуд аст ва аз ҳудуди тавҷеҳи авориз ва завоҳири табиат (феноменҳо) таҷовуз намекунад.

Дар ин мақола бо фалосифаи ҳиссӣ ва касоне ки фалсафаи улоро аз он ҷиҳат, ки сирфан назарӣ аст ва аз қаламрави ҳиссу таҷриба берун аст қобили баҳсу таҳқиқ намедонанд, коре нест. Радди ақидаи ин даста аз донишмандон ва баёни ин ки услуби бурҳон ва қиёси ақлӣ муфид ва мӯътабар аст ва масоили фалсафаи уло қобили таҳқиқ аст, дар зимни мақолаи дигаре аз ин силсиламақолот хоҳад омад.

---

Дар ин мақола гуфтугӯ бо касоне аст, ки ба баҳс дар масоили ин фалсафа (фалсафаи назарӣ) мепардозанд. Гуфтугӯ бо материалистҳо ва тарафдорони материализми диалектик аст, ки дар масоили фалсафаи назарӣ изҳори назар мекунанд, бидуни он ки ин масоилро аз масоили марбут ба улум тафкик кунанд.

Ва аҷаб ин аст, ки ин донишмандон дар айни ин ки ба нафй ё исботи масоиле, ки гувоҳе аз ҳисс ва улуми ҳиссӣ надорад мепардозанд, худро ҳама ҷо тобеи мантиқи ҳиссу таҷриба муаррифӣ мекунанд.

**Материализми диалектик як фалсафаи назарӣ аст, на як фалсафаи ҳиссӣ ва таҷрибӣ**

Хонандаи мӯҳтарам бояд аз ҳоло мутаваҷҷеҳ бошад ва баъдан дар мақолоти баъдӣ барояш муҳаққақ хоҳад гашт, ки фалсафаи моддӣ ва охирин системаи он (материализми диалектик) як фалсафаи назарӣ аст, на як фалсафаи ҳиссӣ ва таҷрибӣ.

Албатта, дар Урупо бархе аз донишмандон будаанд, ки тарафдори фалсафаи ҳиссӣ будаанд, вале фалсафаи онҳо на моддӣ аст ва на илоҳӣ, зеро фалсафаи ҳиссии онҳо қаҳран маҳдуд буда, ба масоили марбут ба улуми ҳиссӣ, ва тибқи мантиқи ҳиссии худ, ночор дар бораи кунҳи вуҷуд сукут кардаанд.

Боризтарини фалсафаҳои ҳиссӣ ҳамони фалсафаи позетивизм (*positivism*)-и Огуст Кант аст, ки дар боло ишора шуд. Вале тарафдорони фалсафаи моддӣ бо охирин шакли худ (материализми диалектик) ҳарчанд ибтидоан аз ҷанбаи таблиғотӣ дам аз ҳисс ва улуми ҳиссӣ мезананд ва гоҳе як масъалаи илмиро таҳриф карда гувоҳ меоваранд, ҳаргиз пойбанди ин мантиқ набуда, масоили таъаққулӣ ва назарии фалсафаи улоро, ки гувоҳе аз ҳиссу таҷриба надорад, мавриди баҳс қарор медиҳанд. Бинобар ин, дар ин мақола ба муаррифии ин фалсафа (ки моддигароён хоҳ нохоҳ вориди мабоҳиси он мешванд) ва тафкики он аз масоили улум (ки моддигароён онҳоро аз якдигар тафкик накарда, халти мабҳас мекунанд) пардохта шудааст. Пас, манзур аз фалсафа дар ин мақола, ҳамон «***фалсафаи уло***» аст, ки сирфан назарӣ ва таъаққулӣ аст ва мақсуд баёни таъриф ва баёни фарқи он бо соири қисматҳое аст, ки имрӯз ба номи «улум» хонда мешавад.

**Таърифи фалсафа**

Ва барои он ки хонандаи мӯҳтарам битавонад таърифи фалсафаро хуб дарк кунад ва масоили фалсафиро бо масоиле, ки марбут ба соири улум аст иштибоҳ накунад, аз зикри ин муқаддимаи кӯтоҳ ночорем:

Улуме, ки миёни башар роиҷ аст, қисматҳои мухталиферо ташкил медиҳанд ва ҳар як ба номи махсусе хонда мешавад. Физик, шимӣ, ҳисоб, ҳандаса, ситорашиносӣ, зистшиносӣ ва ғайра… Ҳар як аз ин қисматҳо моро ба як синх донистаниҳои махсус ва муайяне огоҳ месозад ба тавре ки қабл аз он ки вориди он қисмат бишавем, метавонем бифаҳмем чӣ синх масоиле мавриди таваҷҷӯҳи мо қарор хоҳад гирифт. Зеро бар мо маълум аст, ки ҳар илме иборат аст аз: **як силсила масоиле, ки дар заминаи муайян ва дар атрофи мавзӯи муайяне гуфтугӯ мекунад ва байни масоили ҳар илм робитаи хоссе вуҷуд дорад, ки онҳоро ба якдигар пайваста ва аз масоили улуми дигар ҷудо месозад**.

Пас, мо барои он ки таърифи ҳар як аз улумро ба даст оварем ва барои он ки битавонем ташхис диҳем фалон масъала дар саффи чӣ масоиле бояд қарор гирад ва ҷузъи кадом илм аст, бояд мавзӯъҳои улумро ташхис диҳем ва модоме ки нафаҳмем масалан мавзӯи илми ҳисоб чист ва мавзӯи илми ҳандаса кадом аст, наметавонем масоили ҳисобро аз масоили ҳандаса фарқ бигузорем, ва ҳамчунин соири улум.

Пас аз баёни ин муқаддима мегӯем, фалсафа низ ба навбаи худ ҳалли мушкилоти махсусеро ба ӯҳда гирифта ва масоили вай низ дар атрофи мавзӯи муайяне сурат мегирад. Фалсафа ҳеҷ гоҳ дар масоили марбут ба улум дахолат намекунад ва низ иҷоза намедиҳад онҳо дар қаламрави ӯ дахолат намоянд.

Фалсафа иборат аст аз: **як силсила масоил бар асоси бурҳон ва қиёси ақлӣ, ки аз мутлақи вуҷуд ва аҳком ва аворизи он гуфтугӯ мекунад. Фалсафа аз буду набуди ашёъ сухан мегӯяд ва аҳкоми мутлақи ҳастиро мавриди диққат қарор медиҳад ва ҳеҷ гоҳ ба аҳком ва осоре, ки махсуси як ё чанд мавзӯи махсус аст назар надорад, ба акси улум, ки ҳамвора як ё чанд мавзӯъро мафрузулвуҷуд мегиранд ва ба ҷустуҷӯи аҳком ва осори он мепардозанд ва синхи баҳси улум мутаваҷҷеҳи буду набуди ашёъ нест**.

Барои тавзеҳи бештар, ба зикри ду мисол мепардозем:

***ки вуҷуд дорад) гирифта ва онгоҳ ба ҷустуҷӯи хавосс ва осори вай пардохта ва равшан мекунад. Ҳеҷ як аз ин улум намегӯяд, фалон мавзӯъ мавҷуд аст ё вуҷудаш чигуна вуҷуде аст, балки хавосс ва аҳкоми мавзӯи мафрузулвуҷудеро баён карда ва вуҷуд ва чигунагии вуҷуди онро ба ҷое дигар (ҳис ё бурҳони фалсафӣ) иҳола менамояд.***

***Гуфтори болоиро дар чанд ҷумлаи зер метавон хулоса кард:***

***Чунон ки мо дар хавосс ва аҳкоми ашёъ гоҳе дучори хато ё тардид мешавем, масалан мегӯем, фалон таркиб фалон таъмро надорад (бо ҷазм ё тардид) дар сурате ки дошта ё билъакс, ҳамчунон гоҳе дар асли буду набуди ашёъ мубтало ба хато ё ҷаҳл мешавем, масалан мегӯем, руҳ дар хориҷ нест ё бахту шонс ҳаст. Пас равшан аст, ки сабки баҳс дар ду мисоли гузашта яксон нест, балки нахуст бояд вуҷуди шайъеро исбот кард ё ӯро мафрузулвуҷуд гирифт ва сипас ба хавосс ва аҳкомаш пардохт.***

***Оре, мо бештари авқот пас аз он ки аз роҳи ковиши илмӣ, ба аҳком ва хавосси мавзӯе пай бурдем, ба чигунагии вуҷудаш низ пай бурда ва мефаҳмем, ки вуҷудаш чигуна вуҷуде буда ва бо кадом иллат муртабит аст. Масалан, дар табииёт ба субут мерасонем, ки ҷузъе***

---

Масалан, агар дар бораи доира ин масъаларо дар назар бигирем, ки «Муҳити ҳар доира баробар аст бо 3/14 дар қутри он», марбут ба ҳандаса (геометрия) аст, зеро маънои ин ҷумла ин аст, ки ҳар доира, ки вуҷуди хориҷӣ пайдо кунад, дорои ин хоссият (тасовии муҳит бо 3/14 дар қутри он) аст, пас барои доира фарзи вуҷуд намудаем ва як ҳукм ё хоссият (тасовии муҳит бо 3/14 дар қутри он) барояш собит намудаем. Ва аммо агар ин масъаларо дар назар бигирем, ки оё аслан дар хориҷ доира вуҷуд дорад ё на, балки он чӣ мо хаёл мекунем доира аст, касирулазлоъ (многоугольник) аст, марбут ба фалсафа аст, зеро аз буду набуди доира гуфтугӯ кардаем, на аз хавосс ва аҳкоми он.

Ва ё масалан, агар дар бора ҷисм ин масъаларо тарҳ кунем: «Ҳар ҷисм дорои шакл аст» ва ё «Ҳар ҷисм дорои ташаъшуъ аст», марбут ба улуми табиӣ аст. Ва аммо агар бигӯем: «Оё ҷисм (шайъи дорои абъоди сегона) дар хориҷ вуҷуд дорад ё на ва он чизе ки мо онро ҷисм ва дорои се буъд ҳис мекунем, дар воқеъ маҷмӯае аст аз зарраҳои холӣ аз буъд, марбут ба фалсафа аст.

***аз модда протон аст, ки бо ҳаракати сареъ ба гирди худ гардиш мекунад, сипас мегӯем: «Пас ҳаракати вазъии даврӣ дар хориҷ дорем».***

***Равшан аст, ки ин суханон ду қазия аст, на яке, зеро гуфтори нахустин (ҷузъе аз модда протон аст ва ба гирди худ мечархад) ба бурҳони табиӣ ва таҷрибаи илмӣ муттакӣ аст, ва гуфтори дуввумӣ (ҳаракати даврии вазъӣ дар хориҷ дорем) ба гуфтори нахустин мустанад аст, на ба бурҳон ва таҷрибаи мустақим.***

***Ва аз ҳамин ҷо равшан мешавад, ки чунон ки ҳамаи улум дар устувории ковишҳои худ мутаваққиф ва ниёзманд ба фалсафа мебошанд, фалсафа низ дар порае аз масоил мутаваққиф ба бархе аз масоили улум мебошад, ки аз натоиҷи онҳо истифода карда ва масъала интизоъ намояд.***[1]

---

[1] То инҷо фарқи фалсафа ва илм маълум шуд ва ниёзмандии улум ба фалсафа аз роҳи исботи вуҷуди мавзӯъҳояшон низ равшан шуд. Дар инҷо мақсуд баёни истифодае аст, ки фалсафа гоҳе аз масоили улум менамояд. Ва ин истифода албатта ба ин наҳв нест, ки порае аз масоили улум дар саффи масоили фалсафӣ қарор бигирад ва ё он ки масъалаи фалсафӣ аз масъалаи илмӣ истинтоҷ шавад, балки ба ин наҳв аст, ки фалсафа аз масоили улум масъалаи дигаре, ки ҷанбаи фалсафӣ дорад интизоъ мекунад.

Дар инҷо лозим аст маънои «интизоъ» ва фарқи он бо «истинтоҷ» баён шавад, то маълум гардад, ки масъалаи фалсафӣ на айни масъалаи илмӣ аст ва на истинтоҷшуда аз он, балки интизоъшуда аз он аст.

**Истинтоҷ**: истинтоҷ дар ҷое гуфта мешавад, ки зеҳн аз як ҳукми куллӣ як ҳукми ҷузъӣ натиҷа бигирад ва ба истилоҳ, аз куллӣ ба ҷузъӣ пай бибарад. Масалан, пас аз он ки бар мо собит шуд, ки ҳар мавҷуди табиӣ фанопазир аст, натиҷа мегирем, ки пас дарахт ҳам, ки мавҷуди табиӣ аст, фанопазир аст. Ва агар бихоҳем тартиби мантиқӣ бидиҳем, ин тавр мегӯем:

*Дарахт мавҷуде аст табиӣ*

*Ва ҳар мавҷуди табиӣ фанопазир аст*

*Пас, дарахт фанопазир аст.*

Ва агар дуруст диққат шавад, маълум мешавад, ки илм ба ҷузъӣ, аз илм ба куллӣ зоида шудааст ва мавлуд ва натиҷаи он ба шумор меравад.

Ва албатта ҳеҷ гоҳ мумкин нест масоили фалсафа аз масоили улум истинтоҷ шавад, зеро натиҷадиҳанда аз натиҷадодашуда бояд куллитар бошад ва ҳол он ки масоили фалсафӣ худ куллитарини масоил аст, зеро мавзӯи онҳо вуҷуди мутлақ аст ва «вуҷуд» куллитарини мавзӯъҳост.

**Интизоъ**: интизоъ дар истилоҳи фалсафа ва равоншиносӣ маъмулан ба як амали хосси зеҳние гуфта мешавад, ки онро «таҷрид» низ метавон номид, ба ин наҳв, ки зеҳн пас аз он ки чанд чизи мушобеҳро дарк кард, онҳоро бо якдигар муқоиса менамояд ва сифоти мухтасси ҳар якро аз сифати муштараки онҳо тамйиз медиҳад ва аз он сифати муштарак як мафҳуми куллӣ месозад, ки бар ҳамаи он афрод сидқ мекунад. Дар ин ҳангом гуфта мешавад, ки ин мафҳуми куллӣ аз ин афрод интизоъ шудааст, мисли мафҳуми «инсон», ки аз Зайд ва Амр ва ғайра интизоъ шудааст.

Дар истилоҳоти фалсафӣ, калимаи «интизоъ» дар мавориди дигар низ истеъмол мешавад. Дар инҷо манзур аз ин таъбир сирфан ин аст, ки фалсафа бар асоси як масъалаи илмӣ истидлоли фалсафӣ мекунад ва натиҷаи фалсафӣ мегирад ва ба истилоҳ, як масъалаи илмиро суғрои қиёси фалсафии худ қарор медиҳад (на кубро) ва аз рӯйи усули куллии худ як натиҷаи фалсафӣ истинтоҷ мекунад.

Пас маълум шуд дар айни ин ки фалсафа ғайр аз илм аст, байни ин ду робитаи хоссе барқарор аст, ки ҳам илм аз фалсафа истифода мекунад ва ҳам фалсафа аз илм.

Дар зимни мақолоти оянда хоҳад омад, ки ниёзмандии улум ба фалсафа мунҳасир ба ин ҷиҳат, ки гуфта шуд нест, балки ҷамиъи қавонини куллии илмӣ, қонун будан ва қатъӣ буданашон мутаваққиф ба як силсила усули куллӣ аст, ки фақат фалсафа метавонад ӯҳдадори сиҳҳати он усул бошад.

**Хотимаи мақола**

***Аз баёни гузашта чанд нуктаи зер равшан мешавад:***

***Нуктаи 1***

***Назар ба ин ки синхи баҳси фалсафӣ бо синхи баҳсҳои илмӣ ду синхи сад дар сад мухталиф мебошад, ҳеҷ гоҳ як масъалаи илмӣ аз ҳеҷ илм, ҷузъи баҳси фалсафӣ набуда ва матни баҳси фалсафӣ қарор нахоҳад гирифт, балки ҳар гуна баҳсу ковиши фалсафӣ (илоҳӣ ё моддӣ) аз баҳсҳои илмӣ канор мебошад ва ба равиши хоссе, ки аз буду набуд сухан мегӯяд баҳс хоҳад намуд. Ва аз инҷо бепоягии як ришта пиндорҳое, ки домангири донишмандони фалсафаи моддияти таҳаввулӣ (материализми диалектик) шуда ба хубӣ равшан мешавад.***

***Ин донишмандон мегӯянд: «Фалсафаи мовароуттабиа ва метафизик танҳо ба як ришта муқаддимоти ақлӣ ва пиндорҳои соддаи бегувоҳ муттакӣ аст, дар ҳоле ки равиши мо (материализми диалектик) ба илми имрӯза — ки бо ҳиссу таҷриба пеш рафта ва ҳамарӯза ҳазорон армуғон, ки гувоҳи ростӣ аст, аз корхонаҳои худ берун медиҳад — мустанад мебошад ва асосан ба ғайри ҳиссу таҷриба эътимод накарда ва аз мо варои модда дар ковишҳои худ нишоне намебинад.»***

***Мегӯянд: «Фалсафаи мовароуттабиа ба як бунбастҳое мерасад, ки баҳсро мутаваққиф сохта ва сайри илмиро мемиронад, вале фалсафаи мо (материализми диалектик) чун муттакӣ ба илм мебошад, бо пешрафти илм пеш меравад.»***

***Посухи ин суханон аз баёни гузашта равшан аст ва дар мақолот ва фаслҳои оянда ба ёрии Худои ягона равшантар хоҳад шуд. Ин донишмандон бояд бидонанд, ки баҳси фалсафӣ усулан аз баҳси илмӣ ҷудост ва материализми диалектики онон монанди метафизики мо дар канори улуми ҳақиқӣ[1] – чунон ки гуфта шуд — нишаста ва аз маҳсули онҳо, ки***

---

[1] Улуми ҳақиқӣ истилоҳан дар муқобили улуми эътиборӣ гуфта мешавад ва улуми эътиборӣ ҳамонҳост, ки дар гузашта ба он «улуми амалӣ» меномиданд, монанди илми ахлоқ ва ғайра.

***билохира ба баҳси фалсафӣ муттакӣ мебошад истифода менамояд. Ва сухан дар ин аст, ки кадом як аз ин ду фалсафа муқаддимоти лозимаи худро рост ва дуруст ахз мекунад.[1] Гувоҳи сухани мо ин аст, ки дар гуфтори болоӣ, ки аз ин донишмандон нақл намудем, ҳатто як масъалаи илмӣ — табиӣ ё риёзӣ — пайдо намешавад ва дар китобҳои табиӣ ва риёзӣ масалан, аз ин суханон асаре нест.***

***Агар чунончи фалсафаи мовароуттабиа монанди соири улум пайваста дар таҳаввул намебошад,[2] иллаташ ин аст, ки соири улум рӯйи фарзияҳое кор мекунанд, ки бо пешрафт ва тавсиаи таҷриба таҳаввул пайдо мекунад, вале фалсафа рӯйи <u>бадеҳиёт</u> кор мекунад ва назари илмии собит натиҷа медиҳад. Ва гувоҳи ин сухан ин аст, ки дар ҷоҳое, ки муқаддимоти худро аз улум мегирад (монанди фалакиёт ва ҷавоҳир ва аъроз ва баҳсҳои дигар), ӯ низ монанди улум бо таҳаввули фарзияҳо мутаҳаввил мешавад.***

***Нағзтар ин ки: ин донишмандон ҳамин суханро (материализми диалектик бо таҳаввули илм мутаҳаввил аст) ба унвони як назари собити ғайри мутаҳаввил (ба бунбастрасида, ба қавли худашон) ба мо мефурӯшанд.***

### *Нуктаи 2*

***Аз баёне, ки дар робитаи фалсафа бо улум гузашт, дастгир мешавад,ки:***

***1- Улум аз роҳи исботи вуҷуди мавзӯъ ба таври куллӣ ниёзманд ба фалсафа мебошанд;***

***2- Назари фалсафа бо назарҳои соири улум аз роҳи итлоқу[3] тақйид, умуму хусус мухталиф мебошад; ба ин маъно, ки баҳси моддӣ исботи вуҷуди моддӣ ва нафйи вуҷуди***

---

[1] Агар саросари китобҳои материализми диалектикро бо диққат баррасӣ намоед, хоҳед дид, ки тамоми масоили он як навъ истинботҳои назарӣ аст, ки донишмандони материалист хостаанд аз назариёти илмӣ ва фарзияҳои илмӣ бинамоянд.

[2] Барои ба даст овардани маънои ҳақиқии такомули улум ва фалсафа ва ин ки чӣ қисм аз такомул аст, ки дар улуми табиӣ ҳаст ва дар фалсафа нест, дар оянда ва дар мақолаи 4-ум баҳс хоҳад шуд.

[3] Пештар тавзеҳ додем, ки ҳар як аз улум як ё чанд чизро ба унвони «мавзӯъ» заминаи ковиш ва фаъолияти худ қарор медиҳад ва ба кашфи хоссиятҳо ва осори он мепардозад. Ва

***моддӣ мекунад, на мутлақи вуҷуд; зеро ковиши ҳар илм дар атрофи мавзӯи баҳси хеш хоҳад буд. Пас, дар сурате ки мавзӯи вай моддӣ буда бошад, нафю исботи вай аз модда таҷовуз нанамуда ва ҳаққи таъарруз ба ғайри модда – чӣ аз назари нафй ва ё исбот — нахоҳад дошт, ба хилофи фалсафа, ки назари вай итлоқ дошта ва ба як мавҷуди махсусе мақсур нест.***

***Бинобар ин, мумкин аст яке аз улум чизеро исбот намояд ва фалсафа ба исботи вай қаноат наварзад, ё ба нафй назаре бидиҳад ва фалсафа ба нафйи вай эътиное нанамояд.***

***Мисол: Бо озмоишҳои тиббӣ ба даст омада, ки ҳангоми тафаккур масалан кайфияти хоссе дар моддаи мағз ҳосил мешавад, ки номи вай пеши донишманди табиӣ «идрок» аст.***

***Маънои сухани вай ин аст, ки баҳс ва озмоиш дар мавриди идрок, ин падидаи моддиро меёбад, вале оё дар мавриди идрок мавҷуди дигаре ғайри моддӣ ба ҳамроҳи ин падидаи моддӣ низ ҳаст ё нест, озмоиш ва баҳси табиӣ соки т аст.[1] Агар чунончи мавҷуд ҳам буда бошад, баҳси табиӣ наметавонад ӯро нишон бидиҳад, зеро ҳар муқаддима натиҷаеро метавонад бидиҳад, ки аз синхи худаш бошад.***

***Асосан, рӯйи ғарази фаннӣ дар «табииёт», вуҷуд ва модда ба як маънӣ аст (модда мусовӣ аст бо вуҷуд) ва нафйи вуҷуд мусовӣ бо нафйи модда аст.***

***Вале чун назари фалсафа васеъ аст, ба муҷарради ин ки баҳси табиӣ аз чизе нафйи вуҷуд кард, фалсафа ба он қаноат накарда ва ба ковиши худ идома хоҳад дод…***

***Хулоса, масали ин улум ва фалсафа, масали як хоркане аст, ки тешаи худро бардошта ва барои кандани хор раҳсипори кӯҳ мешавад. Агар касе аз кӯҳ сарозер шуда ба вай бигӯяд: «Марав, чизе нест», маънои сухани вай ин аст, ки дар кӯҳ хоре нест, зеро дар зарфи ғарази***

---

аммо мавзӯъ ва заминаи фаъолияти фалсафа «вуҷуди мутлақ» аст. Бинобар ин, ҳар як аз улум дар як муҳити маҳдуд сайр менамояд ва назариёти вай аз ҳудуди мавзӯи худаш, ки мавҷуди хоссе аст таҷовуз наменамояд ва ҳар як аз улум агар фарзан назар бидиҳанд «фалон чиз ҳаст» яъне дар муҳити кори ман ҳаст ва агар назар бидиҳад «нест» яъне дар муҳити кор ман нест. Ва аммо фалсафа, ки дорои мавзӯи омме аст ва мутлақи вуҷудро майдони амали хеш қарор дода, агар назар бидиҳад «нест» яъне аслан вуҷуд надорад.

[1] Дар ин хусус дар оянда баҳс хоҳад шуд.

***хоркан, «чиз» ва «хор» якест (хор = чиз). Ва албатта маънои сухани вай ин нест, ки кӯҳу сангу хоку сабзаву ҳеҷ мавҷуде нест. Ва агар ин сухан ба сайёде, ки силоҳ ба даст гирифта ва мутаваҷҷеҳи кӯҳ аст гуфта шавад, маънии «чиз» «шикор» хоҳад буд, зеро пеши шикорчӣ «чиз» ва «шикор» якест (чиз = шикор) ва ҳамчунин…***

***Вале касе ки ҳадафи умумӣ дорад, ин сухан (чизе нест), барои вай маънии бисёр васеъе медиҳад ба тавре, ки ночор аст бигӯяд, «дурӯғ аст».***

### *Нуктаи 3*

***Чунонки гуфта шуд, баҳси фалсафӣ баҳсе аст, ки ба исботи вуҷуд ва адами ашёъ мепардозад. Ҳоло, агар касе фарз шавад, ки баҳси фалсафӣ дар бораи вай муассир нашавад (яъне натавонад илми қатъӣ ба вуҷуди чизе ба ҳам расонад), баҳскунандаи мазбур «суфастоӣ» (идеалист) номида шуда ва дар нуқтаи муқобили «файласуф» қарор мегирад. Ва аз ин рӯй, мактабе, ки мутаъарризи вуҷуд ва адами ашёъ мешавад, тибқи тақсими аввалӣ, ба ду қисм: «фалсафа» ва «сафсата» (реализм ва идеализм)[1] мунқасим мешавад.***

***Ва ҳамчунин, мактаби фалсафӣ аз нуқта назари исбот ва адами исботи «моварооуттабиа» ба ду мактаб: «моварооуттабиа» (метафизик)[2] ва моддӣ (материализм) мунқасим мешавад.***

---

[1] Дар мақолаи 2 дар бораи ин ду калима (реализм ва идеализм) тавзеҳоте дода хоҳад шуд.

[2] «Метафизик» луғатест юнонӣ ва мураккаб аст аз ду калимаи «мета» яъне мобаъд ва «физик» яъне табиат, ва «метафизик» яъне мобаъдуттабиа.

Дар торихи фалсафа, аз таълифоти Арасту ин тавр ёд мешавад, ки вай дар ҷамиъи улуми он замон (қарни 4-уми қабл аз мелод) ба истисноӣ риёзиёт китоб таълиф карда ва маҷмӯаи таълифоти вай доиратулмаорифеpo ташкил медода, ки дорои се қисмат буда:

1. Улуми назарӣ, ки шомили китобҳои мухталифе дар табиийёт буда ва дар хотимаи ин қисмат китоби фалсафаи уло буда;

2. Улуми амалӣ, ки шомили ахлоқ ва тадбири манзил ва сиёсати мудун буда;

3. Улуми ибдоъӣ яъне фанни шеър ва хитоба ва ҷадал.

***Ва ҳамчунин, мактаби моддӣ (материализм) аз нуқта назари эътимод ба мантиқи собит ва эътимод ба мантиқи мутаҳаввил, ба ду мактаб: «моддияти маънавӣ» (материализми метафизик) ва «моддияти таҳаввулӣ» (материализми диалектик)[1] мунқасим мешавад.***

---

Ва чун «фалсафаи уло» тибқи тартиби таълифӣ, баъд аз табииёт зикр шуда буд ва аз тарафи муаллиф ному унвони хоссе ба он дода нашуда буд, баъдҳо «метафизик» (мобаъдуттабиа) номида шуд, яъне қисмати баъд аз табииёт, ва кам-кам ба мурури замон ба воситаи ғалати мутарҷимон, калимаи «метафизик» ба маънои «мовароуттабиа» ва «илми муҷаррадот» тафсир шуд ва унвони метафизик дар мавриди файласуфи илоҳӣ итлоқ шуд.

Ҳарчанд ин ғалат ибтидо як ғалати лафзӣ ба назар мерасад, лекин ин ғалати лафзӣ маншаи ғалатҳои маънавии бисёре шудааст.

Шумо агар ба китобҳои фалсафаи моддӣ руҷӯъ кунед, мебинед «метафизик»-ро ин тавр тафсир мекунанд: «*Илмест, ки аз Худо ва рух баҳс мекунад*.» Албатта, хонандаи мӯҳтарам бояд худро аз ин иштибоҳ масун бидорад ва гумон набарад, ки мавзӯи баҳси «метафизик» Худо ва руҳ аст, балки – чунон ки қаблан гуфта шуд — мавзӯи баҳси метафизик (фалсафаи уло) «мутлақи вуҷуд» аст ва мумкин аст шахс метафизик бошад ва дар айни ҳол моддӣ бошад. Лекин барои он ки аз истилоҳоте, ки ахиран шойеъ шуда хеле дур нарафта бошем, калимаи «метафизик»-ро ба он мактаби фалсафӣ мегӯем, ки қоил ба мовароуттабиа низ буда бошад.

[1] Диалектик (*dialectic*) калимае аст юнонӣ ва аз асли диалогос (*dialogos*) муштақ шудааст, ки ба маънои «мубоҳиса» ва «мунозира» аст.

Равиши баҳсу мунозираи хоссе, ки маъмулан Суқрот — донишманди бузургвори Юнон дар муқобили тараф барои рафъи иштибоҳ ва исботи хатои вай пеш мегирифт, ба ин кайфият буд, ки аз муқаддимоти содда шурӯъ ба пурсиш менамуд ва аз тараф иқрор мегирифт ва ба тадриҷ ба суолоти худ идома медод то ҷое, ки як вақт тараф мултафит мешуд, ки ба муддаъои Суқрот эътироф карда, «диалектик» номида мешуд. Ин равиши мухотаба, дар улуми таълиму тарбияти имрӯз ба номи «равиши суқротӣ» маъруф аст.

Афлотун, шогирди Суқрот низ ин калимаро дар мавриди тариқаи махсуси худ барои роҳ бурдани ақл дар роҳи касби маърифати ҳақиқӣ истилоҳ кард. Афлотун мегӯяд: ба маҳсус илм таъаллуқ намегирад, зеро мутаъаллақи илм бояд куллӣ бошад, на ҷузъӣ. Маърифати ҳақиқӣ дарки «мусул» аст, ва ин маърифат дар руҳи ҳар касе қабл аз ин ки ба ин олам биёяд ҳосил шудааст. Илм дар ин ҷаҳон тазаккур ва ёдоварии гузашта аст. Ба ақидаи Афлотун, аз роҳи варзиши фикрӣ ва аз тариқи завқ ва ишқ бояд нафсро нисбат ба гузашта мутазаккир кард. Афлотун тариқаи хешро барои касби ин навъ маърифат ё тазаккур «диалектик» меномад.

Донишмандони ҷадид аз қабили Конти олмонӣ ва ғайра низ ин калимаро дар мавориде истеъмол кардаанд.

Ҳегел (*Hegel*) — донишманди шаҳири олмонӣ, ки аз фалосифаи нимаи аввали қарни 19-ум аст, мантиқи махсус ва равиши хоссе барои роҳ бурдани ақл дар кашфи ҳақоиқ интихоб намуд ва номи онро «диалектик» гузошт. Шарҳи мантиқи диалектики Ҳегел дар мақолоти оянда хоҳад омад.

Ҳегел дар назариёти фалсафии хеш моддӣ набуд, вале Карл Маркс ва Энгелс, ки шогирдони вай буданд ва мантиқи диалектикро аз устод фаро гирифта буданд, назариёти моддӣ ва материалистӣ доштанд ва дар ин ҷиҳат аз фалосифаи моддии қарни 18-ум пайравӣ мекарданд.

Маркс ва Энгелс назариёти моддии хешро бар асоси мантиқи Ҳегел ташреҳ ва тавзеҳ доданд ва аз инҷо «материализми диалектик» ба вуҷуд омад.

Дар ҳақиқат «материализми диалектик» таркибест аз фалсафаи моддии қарни 18-ум ва мантиқи Ҳегел, ки он дуро Карл Маркс ва Энгелс ба якдигар марбут сохтанд.

Чунон ки баъдан хоҳад омад, яке аз усули мантиқи диалектик «асли ҳаракат» аст. Диалектик мегӯяд, ашёъро дар ҳоли ҳаракат ва таҳаввул бояд мутолеа намуд. Диалектик – тибқи иддаъои худ — ҷумуд ва яксон монданро аз хоссиятҳои тарзи тафаккури метафизикӣ медонад. Аз ин рӯ, донишмандони фалсафаи материализми диалектик он фалсафаи моддиро, ки қаблан тарзи тафаккури метафизикӣ дошт, яъне бар асоси ҷумуд ва яксон мондани мавҷудот тафаккур мекард, «материализми метафизик» меноманд, яъне

***Макотиби фавқ ҳар як ба воситаи ихтилофоте, ки дар миёни шогирдони вай пайдо шуда бо тақсимоти дигар мунқасим мешаванд. Чизе, ки ҳаст ин аст, ки ҳамаи ин тақсимот танҳо аз назари торихи фалсафа воҷиди аҳаммият аст, аммо пеши касе, ки ба баҳсу интиқод пардохта ва ҳадаф ва ормоне ба ҷуз тамйизи ҳақ аз ботил ва ҷудо кардани рост аз дурӯғ надорад, арзиши зиёд надорад.***

---

моддияте, ки тарзи тафаккури метафизикӣ дорад. Аз ин рӯй, «материализми метафизик» дар муқобили «материализми диалектик» аст.

**Мақолаи дуввум**

# Фалсафа ва сафсата

# (Реализм ва идеализм)

***Ҳар як аз моҳо, ки нигоҳе ба худ намуда ва зиндагонии худро таҳти назар гирифта ва сипас ба рӯзҳои гузаштаи худ баргашта ва то он ҷо, ки аз рӯзҳои зиндагӣ ва ҳастии худ дар ёд дорад, пеш биравад, хоҳад дид, ки нахустин рӯзе, ки дидагони худро боз карда ва ба тамошои зишту зебои ин ҷаҳон пардохта, барои аввалин бор худ ба худ чизҳои (ҷаҳони) хориҷ аз худ дида ва корҳое тибқи хоҳиши худ анҷом дода (албатта дар ин ҷо набояд фаромӯш кард, ки дар ин тамошо ба хатоҳое низ бармехӯрем, ки тадриҷан илман ва амалан бо онҳо мувоҷеҳ шудаем). Ва агар боз ин амалро такрор карда ва дар ҳар як аз атвори гуногуни зиндагӣ назари худро биёзмояд, ҳамон хотира ба вай ҷилвагар хоҳад шуд. (Яъне, хориҷ аз ман ҷаҳоне ҳаст, ки дар вай корҳое тибқи хоҳиши худ мекунам).[1]***

---

[1] **Торихчаи пайдоиши сафсата**

Дар миёни донишмандони юнонии қабл аз Суқрот гурӯҳе ҳастанд, ки «суфастоӣ» ё «суфист» хонда мешаванд ва номи ашхосе ба ин унвон бурда мешавад.

Мутобиқи он чӣ аз ториххое, ки дар даст ҳаст истифода мешавад, пайдоиши сафсата дар Юнон дар қарни 5-уми қабл аз мелод дар асари ду чиз сурат гирифт: яке, зуҳури оро ва ақоиди фалсафии гуногун ва зидду нақиз ва ҳайратовар. Ва яке дигар,ривоҷи фавқулодаи фанни хитоба ва махсусан хитобаи қазоӣ дар маҳкамаҳо.

Яъне, аз як тараф макотиби фалсафии мухталиф, ки ҳар як назарияи хоссе дар бораи ҷаҳон изҳор менамуд ва ақоиди дигаронро ибтол менамуд падид омад, ва аз тарафи дигар, дар асари як ҳодисаи торихӣ, ки барои мардуми он сарзамин пеш омада буд, ҷанҷолҳо ва кашмакашҳои молии зиёде воқеъ мешуд, ки корро ба маҳкама мекашонид ва гурӯҳе аз донишмандон ба симати вакили мудофеъ дар маҳкамаҳои умумӣ дар ҳузури ҷамъе зиёд аз тамошочиён, ба дифоъ аз ҳуқуқи муваккилони худ мепардохтанд ва хитобаҳои муассир эрод менамуданд.

Кори хитоба ба тадриҷ боло гирифт ва асотиди ин фан килосҳо барои таълими фанни хитоба ифтитоҳ карданд ва ба тадриси усули он пардохтанд ва аз шогирдон уҷрат гирифтанд ва аз ин роҳ сарвати зиёде ба чанг оварданд.

Ин гурӯҳ саъй мекарданд барои ҳар муддаъое – чӣ ҳақ ё ботил — далел биёваранд ва бурҳон иқома намоянд ва гоҳе барои ду тарафи даъво далел меоварданд. Ва кам-кам кор ба ҷое кашид, ки мӯътақид шуданд, ҳаққу ботил ва росту дурӯғе дар воқеъ нест, ки гоҳе бо раъю назари инсон мутобиқат кунад ва гоҳ накунад. Балки ҳақ он чизе аст, ки инсон онро ҳақ бидонад ва ботил он чизе аст, ки инсон онро ботил пиндорад. Ва ба тадриҷ ин ақида дар соири умури олам низ сироят кард ва гуфтанд: ҳақиқат ба таври куллӣ тобеи шуъур ва идроки инсон аст ва ҳар касе аз умури олам ҳар чӣ идрок мекунад, дуруст аст, ва агар ду нафар бар хилофи якдигар идрок мекунанд, ҳар ду дуруст аст.

Ин гурӯҳро ба сабаби он ки дар ҳамаи улум ва фунуни асри худ моҳир буданд, «суфист» мегуфтанд, яъне донишманд. Ва калимаи «суфастоӣ»-ро (ки шояд саҳеҳаш «суфистӣ» бошад) баъдҳо ба ҳамаи касоне гуфтанд, ки равиши фавқро дошта бошанд. Яъне ба касоне, ки ба ҳеҷ асли собити илмӣ пойбанд набошанд. Ва ин маслакро «суфизм» номиданд.

Яке аз суфистҳои маъруф Прутогурос (*Protagoras- Протагор*) аст. Вай мегӯяд: «*Миқёси ҳама чиз инсон аст. Ҳар касе ҳар ҳукме, ки мекунад, мутобиқи он чизе аст, ки фаҳмида, пас ҳақ аст. Зеро ҳақиқат ғайр аз он чӣ инсон мефаҳмад, чизе нест. Ва чун ашхос ба таври мухталиф идрок мекунанд ва чизеро, ки як нафар рост мепиндорад, дигаре дурӯғ медонад ва севвумӣ дар росту дурӯғ буданаш шак мекунад, пас як чиз ҳам рост аст ва ҳам дурӯғ, ва ҳам савоб аст ва ҳам хато*.»

Яке дигар аз суфистҳои маъруф Гургиёс (*Gorgias- Горгий*) аст. Аз вай бурҳонҳое нақл шуда бар ин ки «*маҳол аст чизе мавҷуд бишавад. Ва агар ҳам ба фарзи маҳол мавҷуд бишавад, қобили шинохтан нест. Ва агар ба фарзи маҳол шинохта шавад, қобили таъриф ва тавсиф барои ғайр нест.*» Вай барои ҳар як аз иддаъоҳои сегонаи худ далелҳое оварда, ки дар зимни шарҳи ҳолаш дар китобҳои торих мастур аст.

Суқрот, Афлотун ва Арасту ба шиддат ба мубориза бо суфастоиён пардохтанд ва мағлатаҳои ононро ошкор сохтанд ва собит карданд, ки ашёъ қатъи назар аз идроки мо воқеият доранд ва дорои кайфияти махсусе мебошанд, ва **ҳикмат** иборат аст аз: **илм ба**

**аҳволи аъёни мавҷудот он тавр ки ҳастанд**. Ва агар инсон ба тарзи саҳеҳе фикри худро роҳ бибарад, метавонад ҳақоиқро дарёбад. Арасту ба ҳамин манзур қоъидаҳои мантиқро, ки барои дуруст фикр кардан ва тамйиз додани хато аз савоб аст, ҷамъ ва тадвин намуд.

Лекин аз давраи Арасту ба баъд, гурӯҳи дигаре пайдо шуданд, ки онҳоро «шаккокон» мегӯянд ва маслаки онҳоро Спетисизм (*Skepticism- Скептицизм*) меноманд. Ин гурӯҳ, ба ақидаи худ «роҳи миёна»-ро интихоб намуданд, на пайрави суфастоиён шуданд, ки мегуфтанд воқеияте хориҷ аз зарфи зеҳни инсон вуҷуд надорад ва на ақидаи суқротиюнро писандиданд, ки мегуфтанд метавон ба ҳақоиқи ашёъ ноил шуд. Ин ҷамоат гуфтанд: «*Инсон василае барои расидан ба ҳақоиқи ашёъ, ки қобили итминон бошад, надорад. Ҳиссу ақл ҳар ду хато мекунанд. Роҳҳои мантиқӣ, ки Арасту барои масуният аз хато боз намуд, кофӣ нест. Роҳи саҳеҳ барои инсон дар ҷамиъи масоил таваққуф ва худдорӣ аз раъйи ҷазмӣ аст, ҳатто масоили риёзӣ аз қабили ҳисоб ва ҳандасаро низ бояд ба унвони эҳтимол пазируфт ва бо тардид талаққӣ намуд.*»

Пайравони ин мактаб дар Юнон ва баъд дар ҳавзаи Искандария зиёд буданд ва то чанд қарн баъд аз мелоди Масеҳ ин мактаб идома дошт ва ахиран дар қарни 19-ум маслакҳои фалсафие падид омада, ки каму беш ба ин маслак шабеҳ аст. Баёни ҳар як аз ин фалсафаҳо дар оянда хоҳад омад.

Дар ин мақола маслаки «суфизм», ки аз ҷиҳате муродиф бо идеализм аст ва ин ду дар нуқтаи муқобили реализм (фалсафа) мебошанд, ибтол мешавад.

Дар инҷо лозим аст дар атрофи ду калима: «идеализм» ва «реализм» тавзеҳоте дода шавад, зеро дар китобҳои моддигароёни ҷадид маъмулан «идеализм» дар муқобили «материализм» (асолати модда) қарор мегирад ва чунин вонамуд мешавад, ки тамоми донишмандони ғайри моддӣ идеалист мебошанд.

Мо, барои он ки хонандаи мӯҳтарам беҳтар мавриди истеъмоли ин ду калима (идеализм ва реализм)-ро дарёбад ва зимнан, аз мағлатаҳое, ки мумкин аст ба воситаи маъонӣ ва истилоҳоти гуногуне, ки махсусан калимаи идеализм дар тӯли торих ба худ гирифта масун бимонад, маъонии луғавӣ ва истилоҳии ин ду калимаро мутобиқи он чӣ аз мутолеаи

назариёти фалосифа ва аз тарҷумаи Доиратулмаорифи ангилисӣ бармеояд, шарҳ медиҳем.

**Идеализм**

Калимаи «идея» (*idea*) аслан юнонӣ аст ва маъноҳои мухталифе аз қабили «зоҳир», «шакл», «намуна» ва ғайра аз барояш зикр шудааст ва аз асли юнонии он, ки ба маънои «дидан» аст, муштақ шуда.

Аввалин касе, ки дар истилоҳоти фалсафӣ ин калимаро ба кор бурда Афлотун аст, ки ба эътибори яке аз маъноҳои луғавии он (яъне «намуна») онро дар мавриди як силсила ҳақоиқи муҷаррада, ки худ қоил буда ва имрӯз дар миёни мо ба номи «мусули афлотунӣ» маъруф аст, истеъмол кардааст.

Афлотун барои ҳар навъе аз анвоъи мавҷудоти ҷаҳони модда, як «вуҷуди муҷарради ақлонӣ», ки афроди маҳсусаи он навъ, партави ӯ ва ӯ намунаи комили он афрод аст қоил буд ва ӯро «идея» — ки мутарҷимони давраи исломӣ «мисол» тарҷума кардаанд – мехонд. Афлотун мункири вуҷуди афроди маҳсуса нест, балки вуҷуди онҳоро мутағайир ва ҷузъӣ ва фонӣ медонад, бар хилофи «идея» ё «мисол», ки ба ақидаи вай, дорои вуҷуди тағйирнопазир ва куллӣ ва боқӣ аст.

Дар миёни муслимин, Ишроқиюн ба мусули афлотунӣ мӯътақид буданд. Мир Фендерескӣ дар қасидаи маъруфи худ ишора ба ин матлаб мекунад, он ҷо, ки мегӯяд:

*Чарх бо ин ахтарон, нагзу хушу зебостӣ,*

*Сурате дар зер дорад он чӣ дар болостӣ.*

*Сурати зерин агар бо нардбони маърифат*

*Барравад боло ҳаме бо асли худ яктостӣ.*

*Сурати ақлӣ, ки бепоёну ҷовидон бувад,*

*Бо ҳамаву бе ҳама маҷмӯъаву яктостӣ.*

*Ин сухан дар рамз доноёни пешин суфтаанд,*

*Пай барад дар рамзҳо ҳар кас, ки ӯ доностӣ.*

*Дарнаёбад ин суханро ҳеҷ фаҳми зоҳирӣ,*

*Гар Абӯнасрастиву гар Бӯалӣ Синостӣ.*

Аз касоне, ки сахт бо эътиқод ба мусули афлотунӣ мухолиф буда ва бар он таънаҳо ва ташнеъоте ворид карда Шайхурраис Абӯалӣ ибни Синост.

Тибқи ақидаи Афлотун, афроди мутағайири моддӣ танҳо ба ҳавос идрок мешаванд, вале илм ба онҳо таъаллуқ намегирад, зеро илм ба чизе таъаллуқ мегирад, ки куллӣ ва хориҷ аз ҳитаи замон ва макон аст, ва он ҳамон «идея» аст.

Бино бар он чӣ аз китобҳои торихи фалсафа истифода мешавад, то охирҳои қарни 17-ум идеализм танҳо ба ин маслак (эътиқод ба мусул) гуфта мешуда ва мавриди истеъмоли дигаре надошта, вале баъдҳо мавориди истеъмоли зиёде пайдо карда ва ҳатто гуфта шудааст, шояд ҳеҷ як аз луғоти дунё ин қадр маъноҳои мухталиф ба худ надида бошад.

Аммо маънои истилоҳие, ки ахиран шойеъ шуда ва моддигароён низ дар китобҳои худ тибқи ҳамон маъно «идеализм»-ро таъриф мекунанд ва дар ин мақола ҳам риояти ҳамин истилоҳ шуда ин аст, ки «идея» яъне «мутлақи тасаввуроти зеҳнӣ» (чӣ ҳиссӣ ё хиёлӣ ва ё ақлӣ). Ва идеализм яъне маслаки касоне, ки идея ё тасаввуроти зеҳниро асил медонанд, яъне ин тасаввуротро сирфан сохтаи худи зеҳн медонанд ва ба вуҷуди хориҷии ин тасаввурот дар олами хориҷ қоил нестанд.

Ин маслак аз лиҳози ин ки мункири як амри бадеҳӣ аст ва ҷаҳони хориҷро ҳеҷ дар ҳеҷ медонад ва асоси суфизм низ бар инкори бадеҳиёт ва ҳеҷ дар ҳеҷ будани ҷаҳони хориҷ аст, дар ин мақола муродиф бо «сафсата» ва нуқтаи муқобили «реализм» — ки ба маънои «асолати воқеият» аст — қарор дода шуда.

Ин нукта ногуфта намонад: моддигароён бо он ки идеализмро тибқи ҳамин истилоҳи ахир — ки муродиф бо сафсата аст — дар китобҳои худ таъриф мекунанд, таҳаввулоте, ки ин луғат аз аҳди Афлотун то кунун пайдо карда ва маъноҳои гуногуне, ки ба худ гирифтааст нодида гирифта, ҳамаи донишмандони ғайри моддиро (аз қабили Афлотун, Арасту, Декорт, Конт ва ғайраро) «идеалист» мехонанд ва аз Афлотун ва Арасту ба унвони ду файласуфи идеалисти бузурги Юнон ёд мекунанд ва чунин вонамуд мекунанд, ки инҳироф аз усули материализм, ба идеализм яъне «сафсата» микашонад. Масалан дуктур Тақии Аронӣ бо он ки дар ҷузваи «Материализми диалектик» идеализмро мутобиқи таърифи

фавқ таъриф мекунад, пас аз он ки ақидаи идеалисти маъруф Ҷурҷ Беркли (*George Berkeley*) ва ақидаи Декортро дар боби «хоссиятҳои аввалия ва сонавияи ҷисмҳо» ва ақидаи Контро дар «зеҳнӣ будани замон ва макон» нақл мекунад, ин тавр ба гуфтаи худ идома медиҳад: «*Шарҳи куллияи ақсоми идеализм, аз мавзӯи мақолаи мо хориҷ ва боиси итолаи (дароз шудани) калом хоҳад шуд; зеро идеализм иншиъоботи (шохаҳои) бисёр пайдо карда ва ҳар файласуф ба хаёли худ чизе бофта ва истидлол ё таҳқиқе махсус ба худ карда ва ба қавли худ, далели ҷадиде бар исботи зеҳнӣ будани олам пайдо намудааст.*»

Манзур аз тазаккури ин нукта, муноқиша дар истилоҳ нест; зеро ҳар файласуфе ҳақ дорад барои худ истилоҳи хоссе дошта бошад. Чӣ монеъе дорад, ки идеализмро дар муқобили материализм истилоҳ кунем? Ва албатта дар ин сурат идеализм маънои дигаре ғайр аз «асолати тасаввур» хоҳад дод. Манзур ин аст, ки истилоҳоти мухталифро набояд маншаи мағлата қарор дод.

Ҳақиқат ин аст, ки «идеализм» — ки ба маънои «асолати тасаввур» аст — дар муқобили «реализм» аст, ки ба маънои «асолати воқеъ» мебошад. Ва идеалист касе аст, ки ҷаҳони хориҷ аз зарфи зеҳнро мункир аст монанди Прутогурос ва Гургиёс аз қудамои Юнон ва Беркли ва Шупенҳовер (*Shopenhauer*) аз фалосифаи ахири Урупо. Ва аммо илоҳӣ ё руҳӣ будан, рабте ба идеализм надорад. Мо, бо он ки тамоми усули идеалистиро ботил мекунем ва ҳеҷ навъ асолате барои зеҳн қоил нестем, бо як назари воқеъбинона, ақоиди илоҳӣ ва руҳии худро бо далоили муҳкам исбот мекунем.

**Реализм**

Вожаи «реализм» низ, ки аз «реал» (*real*), ки ба маънои «воқеъ» аст муштақҡ шуда, дар тӯли торих ба маъноҳои мухталифе истеъмол шуда:

а) Дар фалсафаи Эскулостик (*Scholasticism* = *Схоластика*), ки ба «фалсафаи асҳоби мадраса» маъруф аст. Дар миёни асҳоби мадраса дар қуруни вусто ягона баҳсе, ки шуғли шоғили онҳо маҳсуб мешуд ва ҷидоли азиме барпо намуда буд, баҳси «вуҷуди куллӣ» буд, ки оё куллӣ (мисли инсон ба унвони инсони куллӣ) мавҷуд аст ё на? Ва бар фарзи вуҷуд, оё вуҷудаш дар зеҳн аст ё дар хориҷ? Ва оё дар хориҷ вуҷуди мустақил дорад ё на?

Касонеро, ки барои «кулл" воқеияти мустақил аз афрод қоил буданд, «реалист» ё «воқеийюн» мегуфтанд, ва касоне, ки ҳеҷ наҳв вуҷуде барои «куллӣ» на дар хориҷ ва на дар зеҳн қоил набуданд ва куллиро фақат лафзи холӣ медонистанд, «нуминолист» (*nominalist*) ё «исмийюн» мегуфтанд. Дастаи севвуме низ буданд, ки барои «куллӣ» вуҷуди зеҳнӣ ва вуҷуди хориҷӣ дар зимни афрод қоил буданд ва онҳоро «идеалист» ё «тасаввурийюн» мегуфтанд.

**Ду масъалаи тафкикнашуда дар фалсафаи Эскулостик**

Тазаккури ин нукта бефоида нест, ки дар фалсафаи Эскулостик ду масъала аз якдигар тафкик нашуда буд:

1- Масъалаи вуҷуди «куллӣ»;

2- Масъалаи мусули афлотунӣ.

Ин ду мабҳас, омехта ба ҳам зикр мешуд ва албатта аз хонандагони мӯҳтарам касоне, ки ба фалсафаи исломӣ ошноӣ доранд, медонанд, ки дар ин фалсафа ин ду масъала аз якдигар ҷудост. Масъалаи аввал дар «мантиқ» ва гоҳе дар «фалсафа» баён мешуд ва умуми фалосифа дар он як равиши қотеъе доштанд ва ихтилофе дар байн набуд. Аммо масъалаи дуввум, дар фалсафа дар як фасли ҷудогона матраҳ мешуд ва фалосифа ҳама як равиш дар он надоштанд; баъзе нафй мекарданд ва баъзе исбот. Ба ҳар ҳол, ин баҳс ба сурате, ки дар қуруни вусто дар Урупо матраҳ буда пуч ва бемаъно буда.

Марҳуми Фурӯғӣ дар ҷилди аввали «Сайри ҳикмат дар Урупо» пас аз он ки баҳси низоъ дар «куллиёт»-ро дар қуруни вусто нақл мекунад, мегӯяд:

*«Таваҷҷӯҳ мефармоед, ки баҳс дар куллиёт якбора баҳсе пуч ва беҳуда набуда, ба як эътибор низоъи мӯътақидон ва мункирони «ваҳдати вуҷуд» аст.»*

Вале аз тавзеҳи фавқ маълум шуд, ки ин низоъ ба он сурат пуч буда ва решаи ин низоъ ҳам дар ду масъалае аст, ки гуфта шуд ва рабте ба масъалаи «ваҳдати вуҷуд» надорад.

б) Маънои дуввуми реализм ҳамон аст, ки ахиран дар истилоҳоти фалсафӣ ба кор бурда мешавад, яъне «асолати воқеияти хориҷӣ», ва дар ин маъно реализм фақат дар муқобили

***Акнун бо дар назар гирифтани ин маълуми фитрӣ[1] дар инсон, агар бишнавем, ки дар ҷаҳон мардумоне ҳастанд, ки воқеияти ҷаҳони ҳастии хориҷ аз моро ё асли воқеиятро бовар надоранд, барои аввалин бор дучори шигифтӣ хоҳем шуд, хосса агар ба мо бигӯянд инон мардумоне донишманд ва кунҷков буда ва рӯзгоре аз зиндагии худро дар роҳи гиреҳгушоӣ***

---

идеализм, ки ба маънои «асолати зеҳн» ё «асолати тасаввур» аст қарор мегирад. Дар ин мақола ҳамин маъно манзур аст.

Дар адабиёт низ сабки реализм дар муқобили сабки идеализм аст. Сабки реализм яъне сабки гуфтан ё навиштани муттакӣ бар намудҳои воқеӣ ва иҷтимоӣ, ва аммо сабки идеализм иборат аст аз сабки муттакӣ ба тахайюлоти шоиронаи гӯянда ё нависанда.

[1] Барои рафъи иштибоҳ, лозим аст тазаккур дода шавад, ки «маълумоти фитрӣ» ё «фитриёт» истилоҳан ба ду маъно ва дар ду маврид истеъмол мешавад:

*Аввал*: маълумоте, ки мустақиман ношӣ аз ақл аст ва қувваи оқила бидуни он ки ба ҳавосси панҷгона ё чизи дигар эҳтиёҷ дошта бошад, тибқи табъи худ воҷиди онҳост.

Дар ин ки оё чунин маълумоте вуҷуд дорад ё надорад, байни донишмандон ихтилоф аст. Афлотун ҷамиъи маълумотро фитрӣ ва илмро фақат тазаккур (ёдоварӣ) медонад. Декарт ва пайравонаш порае аз маълумотро фитрӣ ва ношӣ аз ақл медонанд ва гурӯҳе аз донишмандон асосан вуҷуди инчунин маълумотеро мункиранд.

*Дуввум*: Ҳақоиқи мусалламае, ки ҳамаи зеҳнҳо дар онҳо тавофуқ доранд ва барои аҳаде қобили инкор ё тардид нест ва агар касе ба забон инкор ё тардид намояд, амалан мавриди қабул ва пазириши вай ҳаст. Дар боло мақсуд аз «маълуми фитрӣ», маънои дуввум аст ва маънои аввал манзур нест.

***аз розҳои ҳастӣ гузаронидаанд ва амсоли Беркли[1] ва Шупенҳовер[1] дар миёни онҳо дида мешавад.***

---

[1] **Ҷорҷ Беркли** (*George Berkli*), усқуфи ангилисӣ, дар соли 1685 мелодӣ таваллуд ёфта ва дар соли 1753 вафот намудааст. Мутобиқи он чӣ аз шарҳи ҳол ва назариёти вай истифода мешавад, вай аз асҳоби ҳисс ва фалосифаи эмпирист ба шумор меравад, яъне маншаи ҳамаи улумро ҳисс ва таҷриба медонад ва ба маълумоти ақлӣ ва фитрӣ — ки гурӯҳе аз фалосифаи Урупо қоил буданд — қоил нест. Вай дар ин назария, аз донишманди ангилисии муосири худаш Ҷон Лок (*John Lock*) пайравӣ кардааст, аммо дар айни ҳол, барои маҳсусот вуҷуди хориҷӣ қоил нест ва маншаи эҳсосро (яъне маншаи эҳсоси маҳсусоти хориҷиро) таъсироти хориҷӣ намедонад ва барои исботи ин ки «эҳсос» далели вуҷуди хориҷии маҳсусот нест, хатоҳои ҳавоссро далел меоварад.

Беркли барои худи тасаввуроти зеҳнӣ вуҷуди ҳақиқӣ қоил аст ва аз ҳамин роҳ вуҷуди нафсро исбот мекунад ва мегӯяд, идрок идроккунанда мехоҳад ва он «нафс» аст.

Беркли чунин вонамуд мекунад, ки мункири вуҷуди ашёъ нест, лекин мегӯяд, маънои ин ҷумла, ки мегӯем: «Фалон чиз мавҷуд аст» агар дуруст диққат шавад ин аст: «Ман барои ӯ идроки вуҷуд мекунам.» Масалан, агар бигӯем: замин ҳаст, осмон ҳаст, кӯҳ ҳаст, дарё ҳаст, ва ё он ки бигӯем: хуршед нуронӣ аст ва ҷисм дорои буъд аст ва замин мечархад.., ҳама саҳеҳ аст, аммо агар ҳақиқати маънои ин ҷумлаҳоро бишкофем, ин аст: «Мо ин тавр илм пайдо кардаем.» Пас вуҷуд доштан яъне будан дар идроки шахси идроккунанда.

Беркли мегӯяд: ман суфастоӣ нестам, зеро вуҷуди мавҷудотро мункир нестам, лекин маънои вуҷуд доштанро ғайри он медонам, ки дигарон хаёл мекунанд. Ман мегӯям: вуҷуд доштан яъне будан дар идроки шахси идроккунанда.

Чунон ки гуфта шуд, Беркли маншаи илмро ҳисс медонад, лекин маншаи ҳиссро вуҷуди хориҷии шайъи маҳсус намедонад ва ба вуҷуди нафс, ки қувваи идроккунанда аст ва ба вуҷуди Худо қоил аст. Барои исботи зоти Худо ин тавр истидлол мекунад:

Чун мебинем, ки суратҳои маҳсусот бо тартиб ва назми махсус дар зеҳни мо пайдо мешаванд ва аз байн меравand ва ин омадану рафтан, аз ихтиёри нафси мо хориҷ аст, масалан гоҳе эҳсос мекунем рӯз аст ва дар он ҳол наметавонем шабро эҳсос кунем ва пас аз

чанд соат эҳсос мекунем шаб аст ва дар он ҳол наметавонем рӯзро эҳсос кунем, ва ҳамчунин дар соири мудракоти басарӣ ва самъӣ ва ғайра низом ва тартиби махсусеро меёбем, пас, аз ин ҷо мефаҳмем, як зоти дигаре ҳаст, ки ин тасаввуротро бо назм ва ҳисоби муайяне дар зеҳни мо эҷод мекунад ва он зоти Борӣ аст.

[1] **Ортур Шупенҳовер** (*Arthur Schopenhauer*), донишманди шаҳири олмонӣ, дар соли 1788 дар Олмон таваллуд ёфта ва дар соли 1860 даргузаштааст. Шупенҳовер сардастаи бадбинони ҷаҳон ба шумор рафта, зиндагиро саросар ранҷу алам ва дунёро ғамхона ва мотамкада медонад, бештар ба ҳоли инзиво мезист ва то охири умр ба ҳоли таҷарруд ва безанӣ ба сар бурд.

Гӯянд, аз ҷавонӣ гирифтори тавахҳумот ва бимҳои беасос буд ва аз камтарин чизе ба ваҳшат меуфтод. Масалан, шаб аз шунидани садои мухтасаре аз хоб мепарид ва ҳамчун девонагон, даст ба таппонча мебурд. Ва низ гӯянд, вай бадбиниро аз аҷдоди хеш ба ирс бурда ва падараш низ, ки шуғли бозаргонӣ дошт, ҳамвора афсурдахотир ва малул буд ва билохира худкушӣ кард.

Шупенҳовер шахсан дар зиндагӣ ногувориҳо ва маҳрумиятҳои зиёд дида, китобҳо ва навиштаҳояш дар замони худаш толиб пайдо накарда ва мардум рағбате ба хондани онҳо нишон надодаанд. Вай бино гузошт, дар Донишгоҳи Берлин ба тадриси фалсафа бипардозад, аммо дар риштае, ки бино буд тадрис кунад, ғайр аз се нафар аз афроди ғайри мустаид, касе дигар сабти ном накард. Билохира дар садад баромад маълумот ва андешаҳои худро ба ҳамсояи худ, ки зане хайёт буд, талқин кунад, лекин кори мубоҳисаи онҳо ба низоъ ва занозанӣ кашид ва зан дар додгоҳ иқомаи даъво намуд ва додгоҳ Шупенҳоверро ба ҷурми зарбу ҷарҳ маҳкум ба ғаромат кард.

Шупенҳовер, бар хилофи Декарт ва пайравонаш, ба маълумот ва тасаввуроти ношӣ аз ақл мӯътақид нест, маншаи ҳамаи тасаввурот ва мабдаи ҳамаи улумро ҳис медонад ва кори ақлро фақат тасарруф дар фаровардаҳои ҳавосс медонад.

Шупенҳовер аз ин рӯ идеалист шумурда шуд, ки ҷамиъи маълумотро бе ҳақиқат медонад ва ҷаҳоне, ки ба василаи ҳисс ва шуъур ва ақл дарёфта мешавад, ки ҷаҳони модда аст, онро зеҳнӣ ва намоише маҳз медонад, балки бар хилофи усқуф Беркли, ки вуҷуди идрок ва

қувваи идроккунандаро ҳақиқӣ мепиндошт, вай вуҷуди он дуро низ бе ҳақиқат медонад, лекин дар айни ҳол, як чизро ҳақиқат медонад ва он «ирода» аст ва мегӯяд: ҳақиқати ҷаҳон ирода аст ва инсон ба ҳақиқати худаш, ки ирода аст, бидуни висотати ҳиссу ақл пай мебарад.

Мегӯяд: ирода дар зоти худ як ҳақиқати мутлақ ва мустақил ва хориҷ аз ҳудуди макону замон аст ва тамоми ҳақоиқи ҷаҳон дараҷот ва маротиби ирода мебошанд.

Бинобар ин, Шупенҳовер ҳарчанд ҷаҳони «маълумот»-ро бе ҳақиқат медонад ва аз ин ҷиҳат идеалист хонда мешавад, аммо ба як ҷаҳони ҳақиқӣ қоил аст, ки моварои ҷаҳони маълумот аст ва он ҷаҳон ба василаи ҳиссу шуъуру ақл дарёфта намешавад, ва он ҷаҳони ирода аст ва аз ин ҷиҳат метавон вайро «реалист» хонд.

Шупенҳовер рӯйи ҳамин мабнои фалсафӣ, дар боби зиндагӣ ва лаззат ва ишқ ва зан ва саодати ҳақиқӣ ақоиди махсусе дорад. Мегӯяд: ирода, ки асл ва ҳақиқати ҷаҳон аст ва воҳид аст, мояи шарру фасод аст; зеро ҳамин ки ба олами касрат омад, ягона чизеро, ки мехоҳад, идомаи ҳастӣ аст, пас, ночор ба сурати худхоҳӣ ва худпарастӣ дар афрод дармеояд ва ин худхоҳиҳо бо якдигар муъориза мекунанд ва низоъу кашмакаш ва шарру фасод бармехезад.

Мегӯяд: лаззат амри адамӣ ва алам амри вуҷудӣ аст ва ишқи ду ҷинси мухолиф (марду зан) бо якдигар мояи бадбахтӣ аст ва ҳақиқаташ иродаи зиндагӣ аст, ки мехоҳад наслро имтидод бидиҳад, мунтаҳо барои он ки афрод масоиб ва номулойимоти онро мутаҳаммил шаванд, табиат афродро мефиребад ва дилашонро ба лаззатҳои фиребанда хуш мекунад.

Мегӯяд: фалсафаи ин ки ошиқу маъшуқ мекӯшанд ҳаракоти худро аз дидаи ағёр мастур бидоранд ва нигоҳҳо бо ҳазорон эҳтиёт ва нигаронӣ байни онҳо радду бадал мешавад, ин аст, ки зиндагӣ саросар бадбахтӣ аст ва ошиқу маъшуқ мехоҳанд ин бадбахтиро бо идомаи насл идома диҳанд ва ба ин васила ҷинояти фаҷеъеро муртакиб шаванд ва бадеҳӣ аст агар ишқи онҳо набуд, дунё ба поён мерасид ва масоиби ҷаҳон нобуд мегашт.

Шупенҳовер ба фалсафаи Будо эътиқоди томм дошта ва мояи саодати ҳақиқиро дар риёзати нафс ва хафа кардани иродаи зиндагӣ ва махсусан тарки омезиш бо занон, ки мӯҷиби инқитоъи насл ва роҳати навъ аст, медонад.

***Вале агар каме бурдборӣ пеш гирифта ва ба биюгрофиашон саре зада ва дар торихчаи зиндагияшон таъаммул кунем, хоҳем дид, ки ҳеҷ кадом аз онон бо сафсата аз модар назоида ва забон бо сафсата боз накарда ва фитрати идрок ва иродаи инсониро гум накарда. Ҳеҷ нашуда, ки дар ҷойи ханда бигиряд ва дар ҷойи гиря бихандад, ва ё як бор барои эҳсоси масмуъот ҳисси босираро истеъмол кунад ва билъакс, ва ё дар мавриди хӯрдан бихобад ва билъакс, ва ё барои сухан гуфтан лаб бибандад, ё сухан парешон бигӯяд. Балки онон низ айнан монанди мо (реалист) бо низоми махсусе, ки дар зиндагонии инсонӣ ҳаст зиндагӣ мекунанд ва чунон ки бо мо дар зиндагии навъӣ ширкат доранд, дар анҷом додани афъоли навъӣ ва афъоли иродӣ низ ширкат доранд ва аз ҳамин ҷо мефаҳмем, ки:***

***Инон (идеалистҳо) дар ҳақиқате, ки дар оғози сухан тазаккур додем ва дар ҳамаи маълумоте, ки усули аввалияи[1] ин ҳақиқатро ташкил медиҳанд, бо мо ҳамдаст ва ҳамдостон буда ва назири идрокот ва афъоли соддаи аввалияи моро доранд.***

***Оре, ҳангоме ки пас аз рушду тамйиз, ба саҳнаи тафаккур ва баҳс ворид мешаванд, идеализм ва сафсатаро пазируфта ва мегӯянд: «Воқеияте нест.» Ва бархе аз онон чун мебинанд, ки дар ҳамин як ҷумла воқеиятҳои бисёреро тасдиқ намудаанд, шакли ҷумларо тағйир дода ва мегӯянд: «Илм ба воқеият надорем.» Ва бархе аз онон бештар дақиқ шуда ва мебинанд боз дар ҳамин сухани худашон ва илми худашон «фикр»-ро тасдиқ намудаанд, лизо мегӯянд: «Воқеияте хориҷ аз худамон (мо ва фикри мо) надорем.» Яъне илм ба воқеияти хориҷ аз худамон ва фикри худамон надорем. Ва ҷамъе гом фаротар ниҳода ва ба ҷуз худ ва фикри худ ҳама чизро мункир шудаанд (ҷуз ман ва фикри ман чизе***

---

[1] Агар ин ҳақиқат (хориҷ аз ман ҷаҳоне аст, ки ман дар вай корҳое тибқи хоҳиши худ мекунам)-ро, ки зеҳни мо онро аз маҷмӯи маълумот ва идрокоте, ки аҷзои аслия ё аносури аввалияи он ба шумор меравад таркиб намуда таҷзия ва таҳлил намоем, ба адади қобили таваҷҷӯҳе аз маълумоти ибтидоӣ бархоҳем хӯрд, ки дар эҷоди ин ҳақиқат ширкат доштаанд. Ин маълумоти ибтидоиро дар «мантиқ» гоҳе (дар мақолаи таҳлил ва таркиб) «мабодии тасаввурия ва тасдиқия» ва гоҳе (дар боби бурҳон) «заруриёт ва бадеҳиёт» меноманд.

***намедонам). Албатта хатарноктар аз ҳамаи инҳо касоне ҳастанд, ки мутлақи воқеият — ҳатто воқеияти худро — мункир буда ва ба ҷуз шакку тардид чизе изҳор намедоранд. Пас, аз ин ҷо равшан мешавад, ки ҳақиқати сафсата инкори илм (идроки мутобиқ бо воқеъ) аст, чунон ки далелҳое, ки аз ин тоифа нақл шуда, ҳама дар гирди ҳамин меҳвар чархида ва умуман ба ҳамин нукта муттакӣ мебошанд.***

***Ва аз ин ҷост, ки фалсафа мегӯяд, асоси сафсата мабнӣ бар асли «адами таноқуз» аст; зеро ҳамаи маълумот — тибқи таҳлил — ба ин қазия муттакӣ буда ва бо таслими вай ҳақиқатеро инкор наметавон кард, чунон ки бо инкори вай ҳақиқатеро исбот наметавон кард.***[1]

---

[1] Баъд аз ин дар мақолоти оянда комилан тавзеҳ дода хоҳад шуд, ки бо инкори асли «адами таноқуз» ҳеҷ ҳақиқатеро наметавон исбот кард, ва низ аз асле, ки донишмандони фалсафаи материализми диалектик ба унвони «асли ваҳдати зиддайн» тақрир мекунанд ва онро харобкунандаи асли «адами таноқуз» медонанд, муфассалан гуфтугӯ хоҳад шуд.

Нуктае, ки бе фоида нест инҷо тазаккур дода шавад ин аст, ки **Декарт**, донишманди маъруфи фаронсавӣ, ҳамин ки хост дар ҷамиъи маълумоти худ таҷдиди назар намояд ва тарҳе аз нав бирезад, ҳамаи афкори худро — аз маҳсусот ва маъқулот ва манқулот — мавриди шакку тардид қарор дод ва бо худ гуфт: «Шояд ин тавр ки ман ҳис менамоям ё фикр мекунам ё ба ман гуфтаанд, набошад ва ҳамаи инҳо монанди он чӣ дар олами хоб бар ман зоҳир мешавад, хиёл ва андешаи маҳз бошад, чӣ далеле ҳаст, ки ин тавр нест? Пас куллияи афкори ман (ҳатто асли «адами таноқуз») ботил шуд ва ҳеҷ асле барои ман боқӣ намонд, ки ба он эътимод кунам.» Он гоҳ мутаваҷҷеҳ шуд, ки дар ҳар чизе тардид кунам, билохира хоҳам гуфт, андеша аст, пас дар вуҷуди худи андеша наметавонам тардид кунам, он гоҳ ҳамин андешаро далел бар вуҷуди андешакунанда қарор дод ва ба вуҷуди худ мутмаин шуд ва гуфт: «Меандешам, пас ҳастам.» Сипас ҳамин аслро пояи соири усул қарор дод ва пеш рафт.

Донишмандон баъд аз Декарт ба ин истидлоли ӯ ишколоте кардаанд, ки феълан намехоҳем мутаъарриз шавем ва феълан ба зикри як ишкол, ки муносиби матлаби болост ва надидаем касе таваҷҷӯҳ карда бошад, мепардозем. Ва он ин ки: агар инсон ин асл (асли адами

***Ва низ бо тазаккури муқаддимае, ки баён кардем, равшан мешавад, ки барои ибтоли мазҳаби ин тоифа (агар итлоқи «мазҳаб» ба иддаъои эшон саҳеҳ буда бошад) ва нақзи далелҳояшон, роҳҳои бисёре дар даст дорем, зеро ҳамин ки онон ба сухан даромада ва шурӯъ ба тафҳиму тафаҳҳум намуданд, маълумоти зиёдеро бидуни тавақҷӯҳ тасдиқ намудаанд (мутакаллим ҳаст, мухотаб ҳаст, калом ҳаст, далолат ҳаст, ирода ҳаст ва… билохира таъсир ҳаст, иллият ва маълулияти мутлақ ҳаст), ки ҳар як аз онҳо дар илзоми эшон ва равшан кардани ҳақ кофӣ аст.***

*Инак, бархе аз шубуҳоти идеализм:*

***Мо ҳар чӣ даст ба сӯйи воқеият дароз мекунем, ба ҷуз идрок (фикр) чизе ба дасти мо нахоҳад омад, пас ба ҷуз худамон ва фикри худамон чизе надорем. Ва ба иборати дигар: ҳар воқеияте, ки ба пиндори худамон исбот кунем, дар ҳақиқат андешаи тозае дар мо пайдо мешавад, пас чӣ гуна метавон гуфт: «Воқеияте хориҷ аз худамон ва фикри худамон дорем», дар сурате ки ҳамин ҷумла худаш андеша ва пиндоре беш нест.***[1]

---

таноқуз)-ро низ мавриди тардид қарор диҳад, наметавонад он натиҷа (Ман меандешам, пас ҳастам)-ро бигирад; зеро бо фарзи адами имтиноъи таноқуз, метавонад бигӯяд, ман меандешам ва дар айни ҳол аслан намеандешам, ва низ метавонад бигӯяд, ман ҳастам ва дар айни ҳол нестам.

Ҳақиқати матлаб ин аст, ки асли «имтиноъи таноқуз» пояи ҷамиъи улум ва идрокот аст ва агар аз ин як асли фикрӣ сарфи назар бишавад, ҳеҷ илме истиқрор пайдо нахоҳад кард. Аз ин ҷиҳат аст, ки фалосифа аз қадим гуфтаанд: «Бо инкори ин асл, ҳеҷ ҳақиқатеро наметавон исбот кард.»

[1] Ва ба иборати дигар, роҳҳое, ки башар ба хиёли худ барои расидан ба воқеъ фарз кардааст, роҳи расидан ба воқеъ нест, балки роҳи вусул ба як ришта андешаҳо ва афкор аст.

Масалан, инсон аз роҳи ҳисс ва мушоҳидаи мустақим мехоҳад аз олами осмонҳо мутталеъ шавад ва ё аз роҳи таҷриба ва озмоиш мехоҳад як қонуни куллиро дар табиат кашф кунад ва ё аз роҳи ақл ва фикр мехоҳад вуҷуди як ҳақиқатеро собит намояд. Оё пас аз он ки муддате пушти телескоп ба мушоҳида пардохт ва ё дар озмоишгоҳ амалиёти озмоиширо

***Посух***

***Чунон ки равшан аст, дар зимни (ин) шубҳа воқеияте филҷумла исбот шуда, ва он: «воқеияти мо ва фикри мо» аст, ки маълуми мост. Ва албатта ин сухан рост аст; чизе ки ҳаст ин аст, ки касе ки ин истидлолро сохта тасаввур намудааст, ки агар мо ростӣ воқеияте дошта бошем, дар сурати таъаллуқи илм ба вай, бояд воҷиди воқеият (худи воқеият) буда бошем, на воҷиди илм ба воқеият, ва ҳол он ки қазия ба акс аст ва он чӣ ба дасти мо меояд, илм аст на маълум (воқеият).***

***Ва ин тасаввурест хом, зеро агарчӣ пайваста илм дастгири мо мешавад на маълум, вале пайваста илм бо хоссаи кошифияти[1] худ дастгир мешавад, на бе хосса, вагарна илм***

---

анҷом дод ва ё миқдори зиёде ба мағзи худ фишор овард, охири кор ҷуз ба як мушт идрокот ва суратҳои зеҳнӣ, ки дар ҳофизаи худ ҷамъ намуда ба чизи дигаре ноил шудааст? Пас, ин роҳҳо, ки башар онҳоро роҳи расидан ба воқеияти хориҷӣ мепиндорад, фақат роҳи вусул ба як ришта афкор ва андешаҳои зеҳнӣ аст, на роҳи вусул ба воқеи хориҷӣ.

[1] Шубуҳоти идеализм ҳарчанд аз он ҷиҳат, ки мехоҳад бар хилофи бадеҳӣ ва ҳақоиқи мусаллама натиҷа бигирад фоқиди арзиш аст ва ҳар кас медонад мағлата аст ва маъмулан дар посухи ин шубуҳот ба вузуҳ ва бадоҳати матлаб қаноъат мекунанд, лекин ҳалли илмӣ ва фалсафии ин мағлатаҳо диққати зиёде лозим дорад ва мавқуф бар ин аст, ки ҳақиқатан илм (идрок) ва арзиши маълумот дониста шавад ва ин ду матлаб дар мақолаи 3 ва мақолаи 4 муфассалан гуфта хоҳад шуд ва дар нуктаи 3-и ҳамин мақола хоҳад омад, ки фалсафаи материализми диалектик, ки худро нуқтаи муқобили идеализм медонад, дар баёни ҳақиқати илм назарияеро иттихоз кардааст, ки сад дар сад идеалистӣ аст.

Феълан дар мақоми посухи илмӣ ба шубҳаи боло ҳамин миқдор, ки дар матн ишора шуда кофӣ аст, ва хулосаи он ин ки: илм дорои хоссияти кошифият аз хориҷ аст, балки илм айни «кашф аз хориҷ» аст ва мумкин нест илм бошад ва сифати кашф набошад, ё илм ва кашф бошад, вале воқеи макшуф вуҷуд надошта бошад. Ва агар фарз шавад, ки воқеи макшуф вуҷуд надорад, кошифият вуҷуд надорад, ва агар кошифият вуҷуд надорад, пас илм вуҷуд надорад, ва ҳол он ки ба иқрори хасм илм вуҷуд дорад.

***нахоҳад буд, ва касе низ муддаъӣ нест, ки мо бо илм ба хориҷ, худи воқеияти хориҷро воҷид мебошем на илмро.***

### *Шубҳаи 2*

***Ҳавосси мо, ки қавитарин васоили илм ба воқеияти хориҷ мебошанд, пайваста хато мекунанд[1] ва ҳамчунин васоил ва тариқҳои дигар ғайри ҳавосс, гирифтори ғалатҳои зиёд ҳастанд, чунон ки донишмандоне, ки бо ҳар гуна васоили дурӣ аз хато худашонро муҷаҳҳаз кардаанд, аз хато масун намонда ва яке пас аз дигарӣ аз пой даромадаанд, пас чӣ гуна метавон ба вуҷуди воқеияте вусуқ ва итминон пайдо кард?***

### *Посух*

***Касе[2] наметавонад муддаъӣ шавад, ки мо дар ҷаҳон маълумоти хато ва лағзиш надорем ва ё ҳар чӣ мефаҳмем рост ва дуруст аст, ва фалсафа низ ин иддаъоро надорад, балки***

---

[1] Масалан, ҳисси босира ҷисмро аз дур кучак мебинад ва аз хеле наздик бузургтар аз он чӣ ҳаст нишон медиҳад ва ё оташи чархонро дар ҳоли гардиш, ба шакли доира ва қатраи боронро, ки аз осмон фуруд меояд, ба шакли хатт нишон медиҳад. Ва ҳамчунин соири ҳавосс; масалан, гармӣ ва сардӣ ба василаи ҳисси ломиса донista мешавад, агар фарз кунем як дасти мо гарм ва дасти дигаре сард бошад ва ҳар дуро дар оби нимгарм фурӯ бибарем, бо як даст он обро сард ва бо дасти дигар онро гарм эҳсос менамоем.

Хатоҳои ҳавосс бисёр зиёд аст ва анвоъе дорад ва дар китобҳои илмӣ ва фалсафӣ мастур аст. Баъзе аз донишмандон мӯътақиданд, анвои хатоҳои ҳавосс болиғ бар 800 навъ мебошад.

[2] Вуқӯи хато дар баъзе мавоирд сабаб намешавад, ки мо аз ҷамиъи маълумоти худ ҳатто аз фитриёт ва ҳақоиқи мусаллама салби эътимод намуда ва мункири ҷамиъи воқеиятҳои хориҷ, ки аз роҳи илм ба онҳо расидаем бишавем, балки худи ҳамин пай бурдан ба хато, далел бар ин аст, ки мо як силсила ҳақоиқи мусаллама дорем, ки онҳоро миқёс қарор додаем ва аз рӯйи онҳо ба ин хатоҳо пай бурдаем, вагарна пай бурдан ба хато маънӣ надошт, зеро бо як ғалат, ғалати дигареро наметавон тасҳеҳ кард.

***иддаъои фалсафа ин аст, ки мо воқеияте хориҷ аз худамон филҷумла дорем ва худ ба худ (фитратан) ин воқеиятро исбот мекунем; зеро агар исбот намекардем, нисбат ба мавзӯъот тартиби асари муназзам намедодем; пайваста пас аз гуруснагӣ ба хиёли хӯрдан намеуфтодем, пайваста пас аз эҳсоси хатар фирор намекардем, пайваста пас аз эҳсоси нафъ тамоюл наменамудем, пайваста… ва пайваста… (бо ин ки андешаи холӣ дар дасти худамон ва асари худамон мебошад ва ҳама вақт метавонем ба дилхоҳи худамон андешаҳое бикунем.***

### *Шубҳаи 3*

***Агар кошифияти илм ва фикр аз хориҷ, як сифати воқеӣ буд ва танҳо андеша ва пиндор набуд, ҳеч гоҳ тахаллуф намекард ва мо ба ин ҳама афкори пур аз таноқуз ва маълумоти пур аз хато гирифтор намешудем; зеро таҳаққуқи хато ва ғалат дар воқеияти хориҷ аз мо, қобили тасаввур нест, чунон ки вуҷуди мо ва фикри мо ҳеч гоҳ наметавонад ғалат буда бошад. Пас, ба ҷуз мо ва афкори мо чизеро наметавон исбот кард ва кошифияти илм аз хориҷ, пиндоре беш нест.***

### *Посух*

***Ин шубҳа наметавонад ғарази идеалистро таъмин намуда ва сафсатаро натиҷа бидиҳад. Танҳо коре, ки ин шубҳа метавонад анҷом бидиҳад ин аст, ки ин пурсиширо пеш меоварад, ки дар сурате ки илм ва идрок зотан хоссаи кошифият дошта ва «нишондиҳанда» мебошанд, бояд ҳеч гоҳ хато накарда ва пайваста хориҷ аз худро нишон***

---

Ва ба илова, донишманди идеалист бо ҳамаи хатоҳое, ки аз ҳисс дида ҳеҷ гоҳ нашуда, ки чашми худро бибандад ва дар кӯчаву хиёбон роҳ биравад ё роҳу чохро, ки мебинад, ҳар ду дар назараш мусовӣ бошанд ва ҳар дуро ба унвони ду «андеша» талаққӣ намояд. Ва ҳамчунин бо ҳамаи хатоҳое, ки аз ақл дида ҳеҷ гоҳ нашуда аз истидлоли ақлӣ лаб бибандад, балки худи ҳамин шубуҳоти идеализм ба сурати истидлоли ақлӣ баён шудааст ва агар истидлоли ақлӣ ботил бошад, худи ин истидлол ҳам ботил аст.

*диҳад, пас ин ҳама хатоҳо аз куҷост ва оё хатои мутлақанд ё нисбӣ? Ва мо посухи ин пурсишро дар як мақолаи ҷудогона (мақолаи чаҳорум) хоҳем дод.*

*Бармегардем ба оғоз сухан*

***Чунон ки дар оғози сухан баён намудем, суханони суфастоӣ агарчӣ ба шакли инкори воқеият чида шудааст, вале ҳақиқатан барои инкори вуҷуди илм (идроки ҷозими мутобиқ бо воқеъ) савқ дода шуда; зеро агар инкори воқеиятро бо таслими вуҷуди илм фарз кунем (яъне: медонем чизе нест), натиҷааш исботи илм ба адами воқеият хоҳад буд, ва ин худ як воқеияте аст, ки исбот мешавад (ман, илм, хоссаи кошифияти илм аз адами воқеъ). Ва бо таслими хоссаи кашф дар ин илм ва идрок, хоссаи кошифиятро аз соири афроди илм салб наметавон кард. Ва ин баён чанд нуктаи зерро натиҷа медиҳад:***

*Нуктаи 1*

***Касонеро, ки як наҳва воқеияти хориҷ исбот мекунанд, набояд дар саффи идеалистҳо қарор дода суфастоӣ шумурд, чунон ки:***

***1. Баъзе воқеиятро аз хавосси аҷсом ба ҷуз хавосси ҳандасӣ нафй карда ва ҳамаро сохтаи зеҳн медонанд (чунон ки Декарт мегӯяд, хавосси ҳандасии аҷсом мавҷуд ва хавосси ғайри ҳандасӣ, ки «хавосси сонавӣ» номида монанди ранг, бӯй, мазза ва кайфиёти дигар мавҳум ва сохтаҳои зеҳн мебошанд).***

***2. Ҷамъе ҷисм ва хавосси ҷисмро инкор намуда ва оламро муҷаррад аз модда медонанд.***

***3. Ҷамъе маконро мавҳум медонанд.***

***4. Ҷамъе замонро.***

***5. Ҷамъе замон ва маконро.***

***Ин ақоид агарчӣ умуман пуч ва бепоя мебошанд ва фалсафа парда аз рӯйи онҳо бардошта ва бутлони ҳар якро монанди офтоб равшан намуда, вале чун арбоби ин ақоид ҷаҳони бовоқеиятеро мӯътақиданд, наметавон онҳоро дар миёни суфастоиён ва типи зидди илм ном бурд.***

***Ва ҳамчунин иддаи дигареро ғайр аз фалосифа, ки аз ғайри тариқи истидлол сайр мекунанд, набояд «идеалист» шумурд ва бо ҳамин тарозу санҷид, монанди:***

***1. Дастае аз урафо, ки роҳи вусул ба ҳақоиқро танҳо кашфи завқӣ муаррифӣ кардаанд ва равиши истидлолро мункиранд.***
***2. Гурӯҳе аз асҳоби шариатҳо, ки маълумоти саҳеҳаро ба маълумоте, ки аз тариқи ваҳйи осмонӣ ва адёни анбиё ва фиристодаҳо дарёфт мешавад маҳдуд месозанд. Ҳамчунин тоифаи дигар аз фалосифа, ки оламро тибқи равиши илмӣ таълифшуда аз ду синхи мухталифи моддӣ ва муҷаррад дониста ва тибқи равиши амалӣ ба таназзуҳ аз олами моддии фонӣ ва иртиқоъ ва инҷизоб ба олами ақлии боқӣ даъват мекунанд, чунон ки аз амсоли Ҳермес ва Балинос ва Фисоғурис ва Афлотун ва Афлутин[1] нақл кардаанд.***

---

[1] **Ҳермес (*Hermes = Гермес*)**: Ториххои қадим ҷамоате аз ҳукамо ва уламои нуҷумро ном мебарад, ки ба унвони «Ҳаромиса» хонда мешаванд ва давраи ононро қабл аз давраи юнониён забт мекунад. Маъруфтарини онон ҳамон аст, ки «Ҳермесул-ҳаромиса» хонда мешавад ва ҳар гоҳ Ҳермес мутлақ гуфта шавад, вай мақсуд аст.

Ба воситаи қидмати замон, торихи саҳеҳ ва мӯътабаре аз онон дар даст нест.

Дар «*Торих ул-ҳукамо*«-и Қифтӣ ва «*Маҳбуб ул-қулуб*«-и Ишкеварӣ менависад: «*Ҳермесул-ҳаромиса (ҳамон Hermes) дар Миср қабл аз тӯфон таваллуд ёфта ва ӯ ҳамон аст, ки иброниҳо ба номи Ахнух ва юнониҳо ба номи Армис ва араб ба номи Идрис мехонанд ва ҳамон аст, ки Худованд ба вай неъматҳои сегона (мулк, ҳикмат, нубувват) ато фармуд.*»

Аз гуфтаи муаррихони қадим бармеояд, ки Ҳермес ҳамон Идриси пайғамбар аст, ки дар китобҳои осмонӣ аз вай ёд шуда.

Ишкеварӣ дар «*Маҳбуб ул-қулуб*» аз торихи Ибни ал-Ҷавзӣ нақл мекунад, ки Ҳермес аввалин касе аст, ки ҳикмат ва илми нуҷумро ба илҳоми илоҳӣ истихроҷ намуд ва аз Абумаъшари Балхӣ нақл мекунад, ки Ҳаромиса зиёд буданд ва афзал ва аълам аз ҳама се тан буданд ва Ҳермес дар Миср маскан дошт ва аҳромро ӯ бино намуд.

**Балинос (*Apollonius of Tyana = Аполлоний Тианский*)**: Балинос низ аз ҳукамои қадим аст. Китобе ба номи «Илали Балинос» дар даст аст, ки мансуб ба вай аст. Гӯянд вай яке аз Ҳаромиса аст.

Дар аввали китоби «Илали Балинос» (тарҷумаи қиссис Сохнус) достони аҷибе, ки зимнан муштамил бар як навъ мукошифа аз Балинос аст, аз забони худи Балинос нақл мекунад. Дар онҷо мегӯяд:

*«Ман ятиме будам аз аҳли «Тавона» ва чизе надоштам. Дар шаҳри мо як муҷассамаи сангӣ вуҷуд дошт, ки болои як сутуне аз чӯб насб шуда буд ва бар он навишта шуда буд: «Ман Ҳермес ҳастам, ки Худованд ӯро ба неъмати худ махсус дошт.» Бар синаи он муҷассама навишта буд: «Ҳар кас майл дорад ба сирри хилқат ва санъати табиат огоҳ шавад, ба зери пойи ман нигоҳ кунад.» Мардум мутаваҷҷеҳи мақсуди ҳақиқии ин ҷумла намешуданд, то он ки ман бузург шудам ва синнам муқтазӣ шуд… Пас зери он сутунчӯберо, ки дар зери муҷассама буд ҳафр кардам ва дар онҷо ҳуфраи торике ёфтам, ки ҳеҷ нур дар он дохил намешуд ва аз тарафе мумкин набуд оташе барои рӯшноӣ онҷо бурд, зеро боди махсусе ба шиддат мевазид ва оташро хомӯш мекард. Аз ин ҷиҳат зиёд андӯҳгин шудам ва дар ин ҳол хоб бар ман ғалаба ёфт. Пас ногоҳ сурате ки монанди сурати худам буд, бар ман ошкор шуд ва гуфт: бархез эй Балинос ва дохили ин ҳуфраи зеризаминӣ шав! Ман гуфтам: онҷо торик аст ва рафтан мақдур нест. Пас ба ман дастур дод, ки оташеро ба кайфияти хоссе дар дохили як ҷисми шаффоф қарор диҳам, то бод натавонад онро хомӯш кунад ва зимнан битавонам аз он нур истифода кунам. Пас ман бисёр хушвақт шудам ва донистам, ки роҳи мақсудро дарёфтам. Пас гуфтам: ту кистӣ, ки чунин миннате бар ман ниҳодӣ? Дар посух гуфт: ман маъно ва сирри ботини худат ҳастам. Пас аз хоб бо хушвақтӣ бедор шудам ва тибқи дастур амал кардам. Ҳамин ки дохили он ҳуфраи торик шудам, муҷассамаи мардеро дидам, ки лавҳе дар даст дошт ва китобе дар пеш. Дар он лавҳ навишта буд: «Санъати табиат дар инҷост.» Ва дар он китоб навишта буд: «Ин аст сирри хилқат.» Ва ман аз онҷо илми иллатҳои ашёъро омӯхтам ва номам ба ҳикмат машҳур шуд.»*

**Фисоғурис (*Pythagoras = Пифагор*):** Фисоғурис дар қарни шашуми қабл аз мелод таваллуд ёфта ва аз ҳукамои маъруф аст. Ақидаи вай дар боби ададҳо ва ин ки «адад» асли вуҷуд аст ва пайдоиши ҳамаи умур ба василаи таркибҳои ададӣ аст маъруф аст ва дар китобҳои фалсафа зикр мешавад. Шайхурраис Ибни Сино дар «Шифо» шарҳи мабсуте аз ақидаи вай нақл мекунад ва ба посух мепардозад.

Фисоғурис заминро куравӣ ва мутаҳаррик медониста ва мегуфтааст, ки замин ва ҳамаи сайёраҳо ва аз он ҷумла хуршед ва як кураи номаръии дигар гирди як конуни оташ, ки ғайри маръӣ аст мечарханд. Вай ба Машриқзамин мусофират карда ва баъзе аз орои худро аз донишмандони Машриқ истифода намуда ва пас аз мурочиат аз сафар ва баргашт ба ватан, ба Италиё муҳоҷират намуда ва чун илова бар ақоиди фалсафӣ дорои орои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва ақоиди мазҳабии хоссе низ будааст, дар онҷо ҷамъияте мураккаб аз зану мард ташкил дод, ки аз он ҷумла зан ва се духтари худаш буданд, вале муваффақияте ҳосил накард ва дар яке аз шӯришҳо ва инқилобҳо кушта шуд. Афлотун, ки мусофирате ба Итолиё намудааст, ақоиди сусиёлистӣ ва иштирокии худро дар бораи сарват ва зан аз Фисоғурис истифода намуда ва фалсафаи Фисоғурис барои аввалин бор ба василаи Афлотун дар Юнон мунташир шуд.

**Афлотун (*Platon* = *Платон*):** Афлотун дар қарни панҷуми қабл аз мелод яъне соли 427 таваллуд ёфта ва дар соли 346 қабл аз мелод даргузаштааст. Вай аз насли подшоҳони қадими Юнон буда ва насабаш аз тарафи модар низ мунтаҳӣ мешавад ба Сулун, ҳаким ва қонунгузори маъруфи Юнон. Афлотун пас аз таҳсили улуми муқаддамотӣ ва риёзиёт ва миқдоре фалсафа, шогирдии Суқрот намуд ва то охири умри Суқрот дар хидматаш буда ва иродати комиле нисбат ба вай дошта.

Мактаби фалсафии Афлотун яке аз маъруфтарин макотиби фалсафии дунёст. Ва меҳвари ақоиди фалсафии Афлотун эътиқод ба «мусул» аст.

Афлотун баъд аз марги Суқрот ба ҷаҳонгардӣ пардохта ба Миср ва Қирвон мусофират карда ва ба Итолиё рафта, фалсафаи Фисоғурисро онҷо фаро гирифта. Афлотун дар фанни нависандагӣ тавоно буда ва ақоиди хоссе дар сиёсат ва тарзи идораи иҷтимоъ ва ташкили «Мадинаи фозила» дошта ва мӯътақид будааст, ки идораи иҷтимоъ бояд ба василаи ҳукамо бошад ва худаш барои амалӣ кардани ин манзур ба ҷазираи Сисил (Ситсилия) мусофират кард ва лекин натиҷа нагирифт ва дар онҷо вайро гирифта ва ба унвони бардагӣ фурӯхтанд, то он ки яке аз дӯстонаш пайдо шуд ва вайро озод сохт ва ду бори дигар ба ҳамин манзур мусофират кард ва натавонист натиҷа бигирад. Вай охири кор аз ақоиди сусиёлистӣ ва

***Набояд инонро мункири воқеият шумурд ва «падарони идеализм» номид; зеро инон ба ҳукми дониш ва биниш, дӯстони ҳақиқат ва шефтагони воқеият буда ва орзуе ба ҷуз такмили илм ва амал ва хидматгузории инсоният надошта ва пояи ин кохи боазаматро гузоштаанд ва зиҳӣ норавост, ки инсон бо забон ва даҳоне, ки аз хуни дили падару модари худ дуруст карда ҳамин ки ба сухан даромад, сулби падар ва раҳими модарро дашном дода ва носазо гӯяд. Асосан дашном ва нораво сурудани як марди ноқид ва баҳҳос, айнан даъвои доноӣ намудан ва гувоҳ ба нодонӣ овардан аст.***

### *Нуктаи 2*

***Донишмандоне, ки фикрро моддии маҳз медонанд ва бо таъбироти мухталифе (чун): «сохтаи мағз», «асари феълу инфиъоли ҷузъи модда ва ҷузъи мағз», «аксуламали таъсири хориҷ дар аъсоб (асабҳо) ва нухоъ», «табдили каммият ба кайфият», «аксбардории мағз аз хориҷ», «тарашшуҳоти мағз» тафсир намуда ва билохира «асари моддии модда» муаррифӣ мекунанд, бояд дар ҷиргаи идеализм ҷой гиранд.***

***Албатта, ин ақида тозагӣ надошта аз аҳди бостон дар китобҳои фалсафа зикр шуда ва аз гузаштагони моддигароён ва гурӯҳе аз ғайри моддигароён нақл шудааст. Вале имрӯза миёни донишмандони моддӣ шӯҳрати басазое касб карда ва мақбулияти томме ба даст***

---

иштирокии худ сарфи назар намуд ва китоби дигаре навишт ва бутлони назариёти собиқи худро мудаллал сохт.

Афлотун дар хориҷи шаҳри Отен (Афина) боғе дошт, ки дар онҷо ба таълими илм ва ҳикмат мепардохт ва он боғ «Окодемиё» ном дошт ва пайравони Афлотунро аз ин рӯ «Окодемиён» мехонанд.

**Афлутин (*Plotin = Плотин*):** Афлутин сардастаи фалосифаи маъруфе аст, ки ба номи «Афлотиниён»-и ҷадид хонда мешаванд. Вай дар соли 205 баъд аз мелод таваллуд ёфта ва дар соли 270 мелодӣ даргузаштааст ва марде ориф ва муртоз будааст. Ба Эрон ва Ҳинд мусофират кардааст ва шояд бисёре аз ақоиди ирфонии хешро аз Эрон ва Ҳинд истифода карда бошад. Гӯянд китоби маъруфи «Усулуҷиё», ки мансуб ба Арасту аст, таълифи Афлутин аст.

***овардааст. Ва албатта, синхи баҳсҳои илмиашон низ ҳамин назарро иқтизо менамояд ва билохира донишмандони моддӣ имрӯза рӯи се асли зерин:***

1. ***Дар ҷаҳони ҳастӣ ҷуз модда чизе нест (модда мусовӣ аст бо вуҷуд);***
2. ***Модда дар таҳаввул ва такомули зотӣ аст;***
3. ***Ҳамаи аҷзоъи модда дар ҳамдигар муассиранд.***

***… маҷбур шудаанд, фикрро мавлуд ва зоидаи модда гирифта ва дар ҳамаи хавосс ва осор ҳамдӯши модда бишуморанд ва аз ин рӯй, ночор либоси 1- куллият, 2- давом ва 3- итлоқ***[1]

---

[1] **Давом:** Дар мантиқи қадим дар баҳси қазоё, қазияро аз ҷанбҳҳои мухталиф тақсимоте менамуданд ва аз ҷумла, тақсими қазия аз назари «ҷиҳат» буд. Яъне «кайфияти иртиботи маҳмул ба мавзӯъ» ва аз ин лиҳоз, қазия ақсоми мухталифе пайдо мекард. Шарҳи ҳамаи ақсом аз ӯҳдаи ин мақола берун аст ва бояд ба китобҳои мантиқ муроҷеа шавад. Лекин барои тавзеҳи матлаби боло мегӯем: аз ҷумлаи он қазоё, «қазияи доима» аст. Яъне он қазияе, ки дар вай ҳукм шудааст ба субути маҳмул аз барои мавзӯъ доиман ва абадан, мисли мавориде, ки маҳмул хоссияти ҷудонопазири мавзӯъ аст…

Материализми диалектик мегӯяд:

«*Аз мантиқи ҷомид (мантиқи қадим) эътиқод ба зарурӣ ва доимӣ будан, ба натоиҷи ғалат мерасонад, зеро ҳар мафҳуми ҷузъие аз табиат ва таҳти таъсири тамоми аҷзоъи дигари табиат аст ва аҷзоъи табиат доиман дар тағйир ва табдил мебошанд. Пас мафоҳим доиман дар ҳоли такопӯ ва тағйир мебошанд, пас ҳеҷ мафҳуми ҷомиде вуҷуд надорад.*»

Ва низ мегӯяд:

«*Қазияҳое, ки дар зеҳни мо пайдо мешавад чун тасвири яке аз иртибототе аст, ки аҷзоъи табиат бо якдигар доранд ва он иртиботот он ба он (лаҳза ба лаҳза) дар тағйир мебошанд, пас ҳеч қазияи доимӣ вуҷуд надорад ва махсусан эътиқод ба зарурӣ ва доимӣ дар мантиқи ҷомид инсонро ба натоиҷи ғалат мерасонад.*» (*Руҷӯъ шавад ба «Материализми диалектик»-и Аронӣ, с.46, 47 ва 48*).

Чунон ки мулоҳиза мефармоед, худи материалистҳо бидуни он ки таваҷҷӯҳ дошта бошанд, ба доимӣ будани баъзе қазияҳо (мисли ин қазия: «*Модда доиман дар ҳаракат аст*«) мӯътарифанд. Дар мантиқи қадим низ баъзе аз қазияҳоро доимӣ медонистанд, на тамоми қазияҳоро.

Дуктур Аронӣ дар сафҳаи 57 «Материализми диалектик» мегӯяд: «*Истодан (ҷумуд ва собит мондан) нисбӣ ва маҳдуд, вале ҳаракат ва тағйир доимӣ ва беҳад аст*«, ниҳоят ин аст, ки қудамо барои қазияи доимӣ мисоли дигареро меоварданд ва моддигароён ҳаракати мутлақи моддаро. Танҳо ихтилоф дар баёни мисол аст.

Аз ин ашхос бояд пурсид: оё қавонине, ки ба унвони «усули диалектик» баён мекунед мисли «асли нуфузи зиддайн» ва «асли такопӯи табиат», оё худи ин усулро мо ба унвони қазоёи доимӣ ва ҳамешагӣ талаққӣ кунем ё ба унвони қазоёи муваққатӣ? Агар доимӣ ҳастанд, пас муддаъои мо собит шуд ва агар доимӣ нестанд, пас усули диалектик бар фарзи сиҳҳат, сиҳҳати муваққатӣ дорад ва наметавонад ҷаҳон ва тамоми табиатро азалан ва абадан тавзеҳ ва ташреҳ намояд.

Нуктае, ки лозим аст тазаккур дода шавад ин аст, ки донишмандони материалист он ҷо, ки мехоҳанд ҳақоиқи доимиро нафй кунанд, аз ду роҳ ворид мешаванд (албатта худашон ин дуро бо ҳам махлут мекунанд). Яке он ки мегӯянд: чун тамоми қазоёи зеҳнӣ тасвире аз иртибототи вуҷуд дар табиат аст ва он иртиботот доиман дар тағйир аст, пас ҳеч қазияи доимӣ вуҷуд надорад. Ва мо ҷавоби ин матлабро алъон додем ва гуфтем, ба эътирофи худ материалистҳо дар табиат низ (сарфи назар аз мовароуттабиа) қазоёи доимӣ вуҷуд дорад.

Дигар ин ки мегӯянд: ҳар мафҳуми ҷузъие аз табиат ва таҳти таъсири тамоми аҷзоъи табиат аст ва ҳамроҳи соири аҷзоъ доиман дар такопӯ ва тағйир ва таҳаввул аст, пас ҳеч мафҳуми собит ва ҷомид вуҷуд надорад ва бинобар ин, худи тасвире, ки мо аз иртибототи мутағайир дорем низ мутағайир аст.

Ва албатта рӯйи асли ин ки рух ҳам моддӣ аст ва тамоми хавосси моддаро дорост, бояд дар боби мафоҳими зеҳнӣ ҳам ин тавр қоил шуд. Вале инҷо ин ишкол пеш меояд, ки агар мафоҳим ва тасаввуроте, ки аз равобити мутағайири табиат дар зеҳн пайдо мешавад, монанди худи он равобит мутағайир бошанд, пас ҳеч қазияе дар ду «он» (лаҳза) ба як ҳол дар зеҳн боқӣ нест. Пас мо нисбат ба як лаҳзаи гузаранда аз воқеияти хориҷӣ наметавонем дар зеҳни худ як тасаввури боқӣ дошта бошем, ки он тасаввури зеҳнӣ ё қазия дар ҳамаи онот (лаҳзаҳо) нисбат ба ҳолати он лаҳзаи хосс содиқ бошад. Масалан, агар дар зеҳни мо ин тасаввур пайдо шуд «Зайд фалон рӯз бо Амр мулоқот намуд» ё «Арасту шогирди Афлотун

будааст», дар лаҳзаи дигар бояд ин тасаввур шакли дигар ба худ бигирад ва робита тағйир кунад. Ва масалан ин тавр фикр кунем: «Арасту шогирди Афлотун набудааст». Ва ба ибораи равшантар, дар воқеиятҳои хориҷӣ ҳеч гоҳ иртиботи ду ҷузъ дар ду лаҳза ба як ҳол боқӣ нест. Оё тасаввуре, ки мо нисбат ба як лаҳзаи хосс дар зеҳни худ дорем мисли он ки мегӯем: «Дирӯз баъд аз парерӯз буд» ё «Зайд дар рӯзи ҷумъа сухан гуфт» ё «Арасту шогирди Афлотун будааст» ба як ҳол боқӣ аст ё он низ мутағайир аст? Албатта рӯйи асли моддӣ будани руҳ наметавонед бигӯед боқӣ аст. Ва агар бигӯед мутағайир аст, илова бар ин ки хилофи як амри бадеҳӣ аст, пас мо бояд нисбат ба тасаввуроте, ки аз ҳақоиқи гузашта дорем салби эътимод намоем, зеро медонем мафоҳими зеҳнии мо худ ба худ мутағайир аст ва ҳар лаҳза ҳолати хоссе дорад. Ва мо баъдан дар мақолаи 4 хоҳем гуфт, ки ин матлаб яке аз матолибе аст, ки материализми диалектикро ворид дар ҷиргаи шаккокон менамояд. Барои он ки маънои «итлоқи мафоҳим», ки мантиқи қадим ба он қоил буд ва маънои «нисбияти мафоҳим», ки материализми диалектик ба он қоил аст равшан шавад, лозим аст, ки муқаддимаи зайл тазаккур дода шавад.

Яке аз масоили муҳимме, ки аз қадимулайём мавриди таваҷҷӯҳи фалосифа будааст, масъалаи «арзиши маълумот» ва «ҳақиқӣ будани онҳо» аст. Яъне, оё андозаи воқеънамоии улум (идрокот) аз воқеиятҳо чӣ қадр аст ва оё идрокоти мо нисбат ба ашёъи хориҷӣ чӣ андоза бо вуҷуди хориҷии онҳо мутобиқат дорад?

Чунон ки гуфтем, суфастоиён ва идеалистҳо ҳеч гуна арзише барои маълумот қоил нестанд; зеро бино ба гуфтаи онҳо, дар мовароп зеҳн воқеияте вуҷуд надорад, ки идрокот бо он воқеият мутобиқат бикунад ё накунад ва асосан ҳақиқат ва хато ҳеҷ кадом маънӣ надорад.

Ва аммо шаккокон ҳарчанд мункири воқеиятҳои хориҷӣ нестанд, аммо барои улум ва идрокот арзиши қатъӣ қоил нестанд ва мегӯянд, мумкин аст ашёъи хориҷӣ чигунагии хоссе дошта бошад ва мо таври дигаре, ки қувваҳои идрокии мо иқтизо мекунад ва мутаносиб бо шароити замонӣ ва макони аст идрок намоем ва мо намедонем маълумоти мо ҳақиқат аст ё хато ва мизоне ҳам, ки битавон ҳақиқатро аз хато ташхис дод, дуруст нест.

**Пиррон** (*Pirron* — 370 — 280 қабл аз мелод), муассиси мактаби шаккокон, даҳ сабабро ёдовар шудааст ва гуфтааст, ин иллатҳои даҳгона арзиши қатъии маълумотро аз байн мебарад.

Пас, ба ақидаи суфастоӣ, ҳақиқате (идроки мутобиқ бо воқеъ) дар кор нест ва ба ақидаи шаккок, намедонем улуми мо ҳақиқат аст ё нест?!

Маслакҳои дигаре дар қуруни ҷадида пайдо шудааст ва ҳамаи онҳо бо ихтилофоти ҷузъӣ, ки дар ин масъала доранд, натиҷатан бо мазҳаби шаккокон (*Skepticism = Скептицизм*) яке мешавад монанди маслаки интиқодии Конти олмонӣ (*Criticism = Критика*) ва маслаки «асолати амал» (*Pragmatism = Прагматизм*)-и Вилём Ҷемзи омрикоӣ (*James William = Уильям Джемс*).

Дар мақолаи чаҳорум, ки мустақиллан аз «арзиши маълумот» баҳс хоҳем кард, баёни ҳар як аз ин маслакҳо хоҳад омад.

Аз ин ду даста, ки бигзарем (суфастоиён ва шаккокон), ба касоне бармехӯрем, ки асҳоби ҷазм ва яқин хонда мешаванд, яъне барои маълумот арзиши қатъӣ қоил ҳастанд (медонам илм ва идрокот бо воқеъ мутобиқ аст). Ин гурӯҳ мӯътақиданд, ки агар фикр бо услуби мантиқии саҳеҳе роҳнамоӣ бишавад, ба ҳақоиқи ғайри қобили тардиде ноил мешавад, ки бо воқеъ мутобиқат дорад.

Лекин ин гурӯҳ низ ду дастаанд: дастаи аввал, пайравони фалсафаи уло (метафизик), ки Афлотун ва Арасту ва пайравонашон аз юнониёни қадим ва ҳамаи фалосифаи исломӣ ва Декарт ва Лейбнитс (*Gottfried Wilhelm Leibniz = Готфрид Вильгельм Лейбниц*) ва Спиноза (*Baruch Spinoza = Бенедикт Спиноза*) ва баъзе дигар аз урупоиёни ҷадид, аз он ҷумлаанд.

Ин гурӯҳ ба «ҳақиқати мутлақ» қоиланд ва мӯътақиданд, ки воқеиятҳо — филҷумла на билҷумла — ҳамон гуна ки ҳастанд, дар фикри мо ҷилвагар мешавад бидуни он ки фикри мо аз худ тасарруфе бикунад ва ранги хоссе ба ӯ бидиҳад, ва чунон ки медонем, мантиқи қадим, ки фалсафаи уло бар он устувор аст ва ҳамчунин усули мантиқие, ки Декарт таъсис намуда, бар асоси дарёфтани ҳақоиқи мутлақа аст. Албатта байни назари қудамо ва назари Декарт ва пайравонаш филҷумла ихтилоф аст. (*Баъдан дар мақолаи 4 дар ин бора ба тафсил баҳс хоҳем кард*).

Даста дуввум, «нисбиюн» ҳастанд, ки ба ҳақиқати нисбӣ қоиланд ва баёни ақидаи ин даста дар мақолаи 4 хоҳад омад.

Пайравони «материализми диалектик» ақидаи нисбиюнро роҷеъ ба нисбияти ҳақоиқ мепазиранд ва мо феълан дар ин мақола танҳо назар ба гуфтори пайравони материализм диалектик дорем.

Ин гурӯҳ худро пайрави мантиқи хоссе, ки усули онро Ҳегели олмонӣ баён намудааст, медонанд.

Ин гурӯҳ мегӯянд, маҳакки инсон барои ташхиси ҳақиқат таҷриба ва амал аст. Яъне ҳар илме (идроке) агар гувоҳи амалӣ дошт саҳеҳ ва агар на ғалат аст. Аз назари инон, далел бар он ки улуми табиии имрӯз ҳақиқат дорад ин аст, ки дар корхонаҳо амалан заруриёти зиндагии рӯзонаро тавлид мекунанд. Ва аз тарафи дигар мегӯянд, маншаи илм (идрок) таъассуроте аст, ки аъсоби мо аз хориҷ пайдо мекунанд ба василаи дидан ва шунидан ва ғайра, лекин силсилаи асабии мо аз худ таъсире бар рӯйи ин таъассурот ва фаровардаҳои ҳавосс менамояд ва чун сохтмони аъсоби ҳайвоне бо ҳайвони дигар ё як фарди инсон бо инсони дигар фарқ мекунад, қаҳран таъсироти онҳо ҳам бо ҳамдигар ихтилоф пайдо мекунад. Пас, ҳар илм ва идрок дар айни ин ки ҳақиқат аст, бастагии хоссе бо навъи сохтмони моддии силсилаи асабии шахси идроккунанда дорад ва таъсири хосси мағзи идроккунанда дахил аст. Пас, «ҳақоиқ» нисбӣ аст, яъне дар айни ин ки ҳақиқат аст, бо тарзи сохтмони мағзи ҳар шахс ва шароити замонӣ ва маконӣ низ марбут аст.

Дуктур Аронӣ (материалисти маъруф) дар сафҳаи 34 «Материализми диалектик» мегӯяд:

«*Чӣ қадр бемагз аст агар мактабҳои мухолифи мо таваққӯъ доранд «шинохтан» сурати хориҷӣ пайдо кунад ва фикр дар таъсире, ки аз ашёъ гирифтааст тасарруф накунад. Билохира ин тасарруф ҳамон шинохтан аст. Инҳое, ки ақиби айни ҳақиқати мутлақ ва мафҳумҳои пучи дигар мебошанд, мисли ин аст, ки мехоҳанд амали шинохтан монанди амали ҳазмӣ сурат гирад, ки на моддаи ғизоӣ вориди меъда шавад ва на меъда бар рӯйи маводди ғизоӣ асар кунад.*»

Ҳамон тавре ки мулоҳиза мефармоед, ба ақидаи материалистҳо маҳсусот барои фикр монанди маводди ғизоӣ барои меъда аст ва амали шинохтан таъсири моддии махсусе аст, ки силсилаи аъсоб бар рӯйи он падидаҳои маҳсуси моддӣ менамояд, монанди таъсири

***аз тани мафоҳими зеҳнӣ канда шуда ва хатти бутлон ба даври мантиқи қадим — ки базморои ин мафоҳим буда — кашида шуда ва мантиқе тоза ба номи «диалектик» пайдо шуда ва даст ба кор гардидааст.***

---

хоссе, ки меъда бар рӯйи маводди ғизоӣ менамояд ва ҳамон тавре ки меъдаҳо дар амали ҳазм бо якдигар ихтилоф доранд, силсилаи аъсоб низ мухталифанд.

Ҳамчунин дар ҳамон сафҳа мегӯяд:

«*Навъи сохтмони силсилаи асабӣ ба тарзи махсусе дар амали шинохтан муассир хоҳад буд; зеро худи ҳамин таъсир шинохтан аст. Мо медонем, ки аъсоби инсон ва ҳайвони дигар ба тарзи мухталиф амал менамояд; бӯйи муайян инсонро мутанаффир, вале ҳайвонро ҷалб мекунад, ранги муайян ба назари ҳайвони дигар ҳоли дигареро дорад ё ин ки оҳанги муайян ба гӯши як нафар хуш ва ба гӯши дигаре номатбуъ аст, дараҷаи ҳарорати муайян гоҳ ба назар сард ва гоҳ гарм ҷилва мекунад… Хулоса, таъсири сохтмони силсилаи асабиро дар шинохтан медонем, вале аз инҷо набояд натиҷа бигирем чун навъи асаб дар шинохтан муассир аст, пас айни ҳақиқатро наметавон шинохт; зеро чунон ки зикр кардем, мафҳуми калимаи «шинохтан» шомили ҳамин таъсири махсус ҳам ҳаст.*»

Қатъи назар аз соири ишколоте, ки бар ин гуфтаҳо ворид аст ва дар мақолаи чаҳорум машрӯҳан гуфта хоҳад шуд, бо андак таваҷҷӯҳ равшан мешавад, ки мавзӯи «ҳақоиқи нисбӣ», ки моддигароён қоиланд, натиҷатан ба мазҳаби шаккокон мунтаҳӣ мешавад, чизи тозае нест ва он чизе, ки шаккоконро водор намудааст, ки арзиши қатъии маълумотро нафй кунанд, ихтилофи идрокоти мавҷудоти идроккунанда аст. Пиррон, муассиси мактаби шаккокон, яке аз даҳ сабабе, ки барои нафйи арзиши яқинии маълумот далел овардааст, ихтилофи идрокоти ашхоси мухталиф аст.

Инки мо ибтидоан пайравони мактаби материализми диалектикро ҷузъи асҳоби ҷазм ва яқин шумурдем, тибқи иддаъои худи онҳо буд, вагарна, дар ҳақиқат дар муқобили мактаби шак (*Skepticism*) ва мактаби метафизик мактаби севвуме аз лиҳози баёни арзиши маълумот вуҷуд надорад; ё бояд аз усули метафизик пайравӣ намуд ва ё тобеи *Skepticism* шуд. Тафсили бештар дар мақолаи чаҳорум хоҳад омад.

***Ба муқтазои қоъидаҳои диалектик, мо ҳеч гоҳ наметавонем ва нахоҳем тавонист як мафҳуми куллӣ ё собит ё мутлақ тасаввур кунем ва ё тасдиқе бо ин авсоф дошта бошем. Ва ҳар тасаввур ё тасдиқе дошта бошем, мутағайир ва ҷузъӣ ва нисбӣ хоҳад буд. Зеро тибқи номуси иллият ва маълулият, фикр (ҳар идрок) зоидаи модда буда ва натиҷаи ҷабрии таҳаввуле аст, ки дар маҷмӯаи падару модараш пайдо шудааст.***

***Ва худи ҳамин падида ду лаҳза дар як ҳол намонда ва ҳар лаҳза таҳаввуле тоза дошта ва мубаддал ба падидаҳои тозатаре яке пас аз дигаре мешавад ва билохира фикр — ки зоидаи моддии ду падидаи моддӣ аст — як падидаи севвуме аст, ки на мусовӣ бо аввалӣ (ҷузъи моддии хориҷӣ) метавонад бишавад ва на мусовӣ бо дуввумӣ (ҷузъи мағз).***

***Сухани мо дар ҳамин ҷумлаи охирӣ аст ва феълан дар суханони дигар баҳс накарда ва ба ҷойи дигар мавкул менамоем.***

***Ҷумлае, ки мазмунаш ин аст: «фикр зоидаи ҷузъи модда ва ҷузъи мағз буда ва ғайр аз ҳар дуто аст», оё ин сухан сареҳан намерасонад, ки худи маълум (ҷузъи модда) ба фикри мо намеояд ва он чӣ мазруф ва мутаъаллақи фикри мост, ғайр аз воқеияти хориҷ аст?[1]***

---

[1] Барои он ки мақсуд возеҳ шавад, бояд ин муқаддимаро дар назар дошт:

Дар истилоҳи фалсафӣ, илм (огоҳӣ) бар ду гуна аст: илми ҳузурӣ ва илми ҳусулӣ.

**Илми ҳузурӣ** яъне илме, ки айни воқеияти маълум пеши олим (идроккунанда) аст ва олим шахсияти маълумро меёбад, монанди илм ва огоҳии нафс ба зоти худ ва ҳолоти виҷдонӣ ва зеҳнии худ.

**Илм ҳусулӣ** яъне илме, ки воқеияти маълум пеши олим ҳозир нест, фақат мафҳум ва тасвире аз маълум пеши олим ҳозир аст, мисли илми нафс ба мавҷудоти хориҷӣ аз қабили замин, осмон, дарахт, инсонҳои дигар, аъзои бадани худи шахси идроккунанда ва ғайра…

Дар илми ҳузурӣ, мутобиқи таърифи боло, илм ва маълум якест, яъне вуҷуди илм айни вуҷуди маълум аст ва инкишофи маълум пеши олим ба воситаи ҳузури худи маълум аст дар назди олим, ва аз ин ҷиҳат ин илмро **ҳузурӣ** меноманд, ба хилофи илми ҳусулӣ, ки воқеияти маълум ғайр аз воқеияти илм аст ва инкишофи маълум пеши олим ба воситаи мафҳум ё тасвире аст, ки аз вай дар пеши худ дорад, ва ба иборати дигар, ба воситаи ҳусули

сурате аст аз маълум дар назди олим, ва аз ин ҷиҳат ин илмро **ҳусулӣ** меноманд. Тамоми иттилооти мо нисбат ба олами хориҷ аз зеҳн, илми ҳусулӣ аст.

Дар илми ҳусулӣ он чизе, ки зеҳн биловосита меёбад, ҳамон мафоҳим ва тасовири зеҳнӣ аст, вале ин мафоҳим дорои як хоссияти махсусе ҳастанд, ва он ин ки ойина ва нишондиҳандаи хориҷ мебошанд, ба тавре ки инсон дар марҳилаи аввал хаёл мекунад, ки биловосита ба хориҷ ноил шудааст. Дар марҳилаи дуввум мегӯяд, ин мафоҳиме, ки ман тасаввур мекунам (замин, осмон, дарахт ва ғайра…) дар хориҷ вуҷуд дорад. Ва дар марҳилаи севвум мегӯяд, маншаъ ва мабдаъи пайдоиши тасаввуроти зеҳнӣ таъсироти хориҷӣ аст. Пас, ҳарчанд зеҳн дар мароҳили баъдӣ дарк мекунад, ки пайдоиши тасаввуроти зеҳнӣ дар асари таъсироти хориҷӣ аст, бояд дид чӣ робитае байни мафҳуми зеҳнӣ ва вуҷуди хориҷӣ аст, ки пеш аз он ки навбат ба марҳилаи севвум бирасад, дар марҳилаи аввал – ҳамон тавре ки ки гуфта шуд — мафоҳим хориҷро ироа медиҳанд ва дар марҳилаи дуввум инсон мегӯяд, айни ҳамин чизҳое, ки дар тасаввури ман аст (замин, осмон, дарахт, инсон ва ғайра…) хориҷият ва воқеият доранд? Ва билохира, чӣ хусусияте дар илм (огоҳӣ) аст, ки шахси олимро ба хориҷ таваҷҷӯҳ медиҳад?

Ҳарчанд ҳар кас — аъам аз идеалист ё реалист, тобеъи ҳар маслак ва пайрави ҳар мактаб буда бошад — тибқи фитрати худ амалан барои илм кошифияти томм аз хориҷ қоил аст ва тардиде надорад, ки айни он чӣ дар зеҳн аст, воқеияти хориҷӣ дорад, на чизи дигар ва як наҳва ваҳдат ва айният байни зеҳн ва хориҷ ҳаст (албатта ин матлабро дар мақолаи чаҳорум тафсил хоҳем дод), лекин ташреҳи фалсафии матлаб, яке аз масоили муҳимми фалсафа аст ва масъалаи «арзиши маълумот», ки дар ҳошияи қабл ишора шуд, аз ин масъала сарчашма мегирад.

Чунон ки аз матолиби гузашта маълум шуд, идеалистҳо (суфастоиён) аз он ҷо, ки мункири воқеиятҳои хориҷӣ ҳастанд, (тибқи машраби фалсафӣ, на тибқи фитрат) худро дар ин масъала аз қайди ҳар заҳмате роҳат намудаанд ва сухане бо онон нест.

***Он гоҳ ин пурсиш пеш меояд, ки дар сурате ки воқеияти хориҷ ҳеч гоҳ ба фикр ворид нашавад, мо аз куҷо фаҳмидем, ки воқеияти хориҷ ҳаст ва фикри мо зоидаи вай мебошад ва ҳол он ки ҳар чиро дар хориҷ фарз кунем, фикре аст, ки ғайр аз хориҷ аст? Пас, оё***

---

**Назарияи пайравони материализми диалектик дар бораи идрок**

Аммо пайравони материализми диалектик, ки худро нуқтаи муқобили идеализм муаррифӣ мекунанд, дар ин масъала назарияеро интихоб намудаанд, ки сад дар сад муддаъои идеалистҳоро таъйид менамояд.

Мегӯянд: фикр (идрок) ҷузъе аз табиат ва мавлуди соири аҷзоъи табиат аст. Ҳамон тавре ки соири аҷзоъи табиат дар асари феълу инфиъолоти табиӣ ба вуҷуд меоянд, мафоҳим ва тасаввурот ҳам падидаҳое аст моддӣ, ки дар асари феълу инфиъоли хориҷ ва мағз пайдо мешаванд ва робитае байни ин мафоҳим ва хориҷ, ҷуз робитаи тавлидӣ, вуҷуд надорад.

Инҷо ин пурсиш пеш меояд, ки агар ҳеч робитае байни илм ва маълум ҷуз робитаи зоиш ва тавлид вуҷуд надорад, пас аввалан маънои воқеънамоии илм яъне чӣ? Ва сониян, ҳар мафҳуме, ки дар зеҳн пайдо шавад (таваҷҷӯҳ дошта бошед, ки тамоми иттилооти мо нисбат ба хориҷ аз тариқи ҳамин мафоҳим аст) монанди инсон, ҳайвон, набот, ҷамод ва ғайра, наметавон гуфт мисдоқи хориҷӣ дорад, балки ҳамин андоза метавон гуфт, маншаъи хориҷӣ дорад ва бо таваҷҷӯҳ ба ин ки тамоми иттилооти мо нисбат ба хориҷ ба василаи ҳамин мафоҳим аст, бояд бигӯем, ҳеҷ як аз мафоҳиме, ки дар зеҳни мост, воқеияти хориҷӣ надорад. Ва ин айнан сухани идеалистҳост.

Ва солисан, агар илм зотан воқеънамо нест, мо аз куҷо фаҳмидем, ки воқеияти хориҷӣ ҳаст ва ин воқеияти хориҷӣ маншаъи пайдоиши ин мафоҳим ва тасовир аст?

Чунончи хонандаи мӯҳтарам диққат карда бошад, медонад, ки материализми диалектик дар боби «арзиши маълумот», ки дар ҳошияи пеш шарҳ додем, назарияеро интихоб кардааст, ки мунтаҳӣ ба маслаки шаккокон мешавад ва аммо дар ин масъала (масъалаи моҳияти илм) назарияеро интихоб кардааст, ки мунтаҳӣ ба маслаки суфастоиён мешавад. Таҳқиқи масъалаи моҳияти илм бино бар усули фалсафаи уло (метафизик), дар мақолаи чаҳорум ва панҷум хоҳад омад.

*натиҷа ҷуз ин ба даст меояд, ки мо ҳеч гоҳ роҳ ба хориҷ надорем, яъне илм ба хориҷ надорем. Ва ин сухан айнан сухани идеалист аст.*

*Донишмандони диалектик ба мо посух медиҳанд:*

***Шумо бо равиши метафизик фикр карда ва сухан мегӯед ва дар натиҷа мафоҳимро «мутлақ» гирифта ва ба хато меафтед. Пас ин ки мехоҳед нафйи илм ба хориҷи мутлақро ба гардани мо бигузоред, назар ба ин ки асосан хориҷи мутлақ дар зарфи илм мавҷуд нест, зарар ба ҷойе намерасонад ва мо пайваста ба хориҷ илми нисбӣ дорем.***

*Мо дар посух мегӯем:*

***Аввалан, дар ин посух, ба вуҷуди фикри тасаввурӣ ва тасдиқии мутлақ эътироф намудед; зеро вуҷуди чунин фикреро дар мағзи мо қабул карда ва пас аз он сиҳҳаташро нафӣ намудед (сиҳҳати мутлақро нафйи мутлақ намудед, вагарна сиҳҳати мутлақ бо нафйи нисбӣ тақобул ва танофӣ надорад).***

***Сониян, агар донишманди диалектик ростӣ хориҷро таъаққули нисбӣ мекунад, бояд ҳам хориҷи мутлақ ва ҳам таъаққули мутлақро бипазирад; зеро таъаққули нисбӣ таъаққуле аст, ки нисбӣ аст ва васф ва мавсуф ғайри ҳамдигар мебошанд. Асосан, чӣ гуна амри нисбиро бе амри мутлақ метавон тасаввур кард?***

***Солисан, идеализм, ки илм ба воқеияти хориҷро нафӣ мекард, муродаш ҳамон илми мутлақ ба воқеияти хориҷ буд (ҳар чиро, ки хориҷ тасаввур кунем, фикре аст, ки ғайр аз хориҷ аст), бинобар ин, ба чӣ далел донишмандони диалектик бо гурӯҳе, ки ҳамақидаи худашон мебошанд, ба ҷанг бархоста ва суханонашонро ибтол менамоянд?***

*Донишмандони диалектик дубора посух медиҳанд:*

***Воқеияти хориҷ чун дар таҳаввули доимӣ аст собит нест ва тағйир айни зоташ мебошад ва васф ва мавсуф дар вай якест, агарчи тибқи таъбир аз ин мисдоқ бо маҷмӯи ду мафҳум ҳикоят мекунем ва онгоҳ метафизик ду мафҳуми мутлақ мепиндорад.***

*Мо дар посухи ин посух низ мегӯем:*

***Тағйир ва таҳаввулро дар воқеияти модда қабул дорем, вале «фикр» ин хоссиятро надорад ва ҳамин сухан, ки шумо мегӯед «ин мафҳум дар пиндори шумо мутлақ ва собит аст», далели мост ба муддаъои худамон.***

*Нуктаи 3*

***Идеалисти ҳақиқӣ касе аст, ки мутлақи воқеиятҳоро нафй мекунад, ки дар маънои нафйи мутлақ аст ва инон агарчи бисёр кам ва ноёб ва шояд дар ин аср мисдоқ надошта бошад, вале дастае аз қудаморо торих бо ин маслак забт намудааст. Ва дар ҳар ҳол, идеалист (суфастоӣ) ба маънои ҳақиқии калима инонанд.***

***Бо ин ҳама, мо наметавонем бовар кунем, ки инсоне пайдо шавад, ки дорои хилқати саҳеҳ буда ва монанди соири афроди инсон корҳои ин навъро анҷом диҳад ва улум ва идрокот, ки дар соири афроди навъ ёфта мешавад, дар вай ёфта нашавад. Ҳар як аз моҳо бо як озмойиши доманадор ҳазорон феъл аз худ дида, ки аз улуми мухталифа ба унвони воқеъбинӣ (на ба унвони андеша) сарчашма мегирад ва ҳар феъли иродии вай муттакӣ ба ирода ва ҳар ирода муттакӣ ба илм мебошад ва ҳамчунин ҳар як аз моҳо ҳазорон фард аз навъи худ бо ҳазорон феъл дида, ки ҳамаи онҳоро бо ирода ва илм анҷом медиҳад ва ин улум ва афкор аз хориҷ сарчашма мегирад (албатта воқеъбинии улум ва афкор ҳама ба як наҳв намебошад, чунон ки дар мақолаҳои баъдӣ равшан хоҳад шуд) ва аз инҷо равшан мешавад, ки идеалисти ҳақиқӣ яке аз ду кас хоҳад буд:***

***1. Касе ки бархе аз улум ва афкори назарӣ ба вай муштабаҳ шавад ва дар айни ҳол, ки як силсила улум ва афкори амалӣ ва назарӣ, ки барои зиндагии рӯзона лозим мебошад, дар зеҳнаш маҳфуз ва маншаи асар ҳастанд, ба воситаи ихтилофот ва таноқузот, ки дар афкор ва анзори донишмандон дида ва ё хатоҳое, ки аз ҳавосси худ мушоҳида карда, маълумоти маҳфузаи худро ба ҳисоб наёварда ва аз воқеъбинии онҳо ғафлат варзида ва фақат ба иштибоҳот ва таноқузоти мазбур часпида ва мегӯяд, улум ва идрокоти мо аз хориҷ кашф намекунанд, яъне ба чизе илм надорем.***

*2. Касе ки бидуни пеш омадани офатҳои зеҳнӣ, барои порае аз мақосиди фосида ва озодӣ ҷустан аз муқаррарот ва усули мусалламаи иҷтимоӣ, ин маслакро пеш гирифтааст ва дар ҳама чиз тардид ва ҳатто дар тардид низ тардид мекунад, дар баробари ҳар ҳақиқати равшан ва ошкоре мукобира менамояд.*

*Ва аз ин тақсим равшан аст, ки роҳи гуфтугӯ бо ин ду даста мухталиф буда ва ҳар даста тариқи роҳнамоии ҷудогона дорад.*

*Агар бо идеалисти «муштабеҳ» мувоҷеҳ шудем, бояд бо равияи мӯътадиле дар вай инсофро ба ҷунбу ҷӯш оварда, бигӯем, мурод аз «воқеъбинӣ» ин маъно нест, ки мо ҳеч хато намекунем, вале агар ҳам ҳеч роҳ ба «воқеъ» надошта бошем, коре аз пеш намеравад, ва сипас як силсила улум ва идрокоти маҳфузаи худашро ба худаш ироа дода ва миқдоре ҳам аз андешаҳои ғайри муназзам (андешаҳое, ки ба дилхоҳи худ ҳама вақт метавонад бикунад) ба пешаш оварда ва тафовути ин ду даста аз андешаҳоро айнан ба вай нишон дода, то мутазаккир шавад, ки аз таҳи дил ба «воқеъ» мӯътақид будааст. Дар ин сурат вай хоҳад дид, ки:*

*1. Гоҳе гурусна мешавад ва ба дунболи он ғизо мехӯрад;*

*2. Гоҳе тасаввури ғизо хӯрдан мекунад ва мулзам ба ғизо хӯрдан нест;*

*3. Гоҳе ростӣ гурусна мешавад ва андешаи ғизо хӯрдан иқноъаш намекунад ва дар ин се фарз, андешаҳо ва афкори вай яксон нестанд, балки бархе аз онҳо бо воқеъ тамос дорад ва бархе дигар андешаи бепояе беш нест ва ба ҳамин тартиб хоҳад дид, ки пайваста дар имтидоди ҷоддаи зиндагӣ дар пеши пойи худ як ришта афкори муназзам (қаҳрӣ) ва як ришта афкори ғайри муназзам (дилбахоҳ) дорад ва андешаҳои муназзами вай бо воқеъ тамос доранд.*

*Вале агар бо идеалисти «мукобир» рӯ ба рӯ шавем, бояд аз равияи уқалоии худамон истифода карда ва бо вай монанди як офати беҷон рафтор кунем; зеро касе ки илм надорад, ҷамод аст. Оташ, ки месӯзонад, бояд хомӯш кард ва обро, ки ғарқ менамояд, бояд хушк ва нобуд намуд ва санге, ки раҳгузарро гирифта бошад, бояд хурд карда канор рехт ва ҳамчунин ҷонварони кушандаро бояд кушт ва ҳашароти озоррасонро бояд ронд, зеро коре ки бо табъи худ мекунанд, ночор ҷоиз медонанд ва агар чунон чи ҷоиз аст дар мавриди худашон низ ҷоиз аст.*

**Мақолаи севвум:**

# Илм ва идрок

***Сухане, ки дар ин мақола хоҳем ронд, марбут ба илм (идрок) буда ва ба манзури кунҷковӣ аз ҳувият ва синхи воқеияти вай мебошад[1] ва ҳамоно гуфтугӯ дар ақоиди сафсата ва***

---

[1] Дар ин мақола ин матлаб ба субут мерасад, ки руҳ ва хавосси руҳӣ, муҷаррад аз модда ҳастанд ва ақидаи моддигароён доир бар ин ки руҳ ва идрокоти руҳӣ аз хавосси муайяни модда аст, бо таваҷҷӯҳ ба далоиле, ки изҳор медоранд, ибтол мешавад.

Лозим аст ёдоварӣ шавад, ки илм ва идрокот, ки дар ин мақола моҳият ва наҳваи воқеияти вай мавриди баҳс қарор гирифтааст, ки оё аз синхи модда аст ё муҷаррад аз модда, аъам аст аз идроки ҳиссӣ ва хаёлӣ ва ақлӣ. Ва барои он ки хонандаи мӯҳтарам беҳтар мақсуди ин мақоларо дарёбад, фарқи ин серо баён мекунем.

Қудамо ва ҳамчунин мутааххирин барои идрокоти инсон аз хориҷ, се мартиба қоил шудаанд: мартибаи ҳис, мартибаи хаёл ва мартибаи таъаққул.

**Мартибаи ҳис:**

Мартиба ҳис иборат аст аз он суратҳое аз ашёъ, ки дар ҳоли мувоҷеҳа ва муқобила ва иртиботи мустақими зеҳн бо хориҷ бо ба кор афтодани яке аз ҳавосси панҷгона (ё бештар), дар зеҳн мунъакис мешавад. Масалан, вақте ки инсон чашмҳоро боз намуда ва манзараеро, ки дар баробараш мавҷуд аст тамошо мекунад, тасвире аз он манзара дар зеҳнаш пайдо мешавад ва он тасвир ҳамон ҳолати хоссе аст, ки инсон ҳузуран ва виҷдонан дар худ мушоҳида мекунад ва онро «дидан» меномем, ё он ки дар ҳоле ки касе сӯҳбат мекунад ва садои вай ба гӯшаш мерасад, ҳолати дигареро дар худ мушоҳида менамояд, ки онро «шунидан» меномем ва ғайра…

**Мартибаи хаёл:**

Идроки ҳиссӣ пас аз он ки аз байн рафт, асаре аз худ дар зеҳн боқӣ мегузорад ва ё ба таъбири қудамо, пас аз пайдоиши сурати ҳиссӣ дар ҳосса, сурати дигаре дар қувваи дигаре — ки онро «хаёл» ё «ҳофиза» меномем — пайдо мешавад ва пас аз он ки сурати ҳиссӣ маҳв шуд, он сурати хаёлӣ боқӣ мемонад ва ҳар вақт инсон бихоҳад, он суратро эҳзор менамояд ва ба истилоҳ ба ин васила он шайъи хориҷиро тасаввур мекунад.

Сурати хаёлӣ шабеҳи сурати маҳсус аст бо ин фарқ:

*Аввалан*: ғолибан ва дар ҳоли оддӣ вузуҳ ва равшании онро надорад.

*Сониян*: сурати маҳсус ҳамеша бо вазъи хос (нисбати махсус бо аъзои муҷовир) ва ҷиҳати хос (дар тарафи рост ё чап ё пеши рӯ ё пушти сар ва ғайра) ва макони хосс эҳсос мешавад. Масалан, инсон ҳар вақт чизеро мебинад, ӯро дар ҷойи муайян ва дар ҷиҳати муайян ва дар муҳити муайян мушоҳида мекунад, аммо агар бихоҳад ҳамон шайъро, ки борҳо бо авзоъ ва ҷиҳоти мухталиф ва дар ҷоҳои мухталиф дида тахайюл кунад, метавонад онро танҳо пеш назари худ муҷассам намояд бидуни он ки онро дар вазъ ва ҷиҳат ва макони хосс мулоҳиза намояд.

*Солисан*: дар идрокоти ҳиссӣ тамос ва иртиботи қувваҳои ҳосса бо хориҷ шарт аст, дар сурате ки он иртибот аз байн биравад, худ ба худ идроки ҳиссӣ низ аз байн меравад, аммо идрокоти хаёлии зеҳн эҳтиёҷе ба хориҷ надорад ва бинобар ин, идрокоти ҳиссӣ, хориҷ аз ихтиёри шахси идроккунанда аст. Масалан, инсон одатан наметавонад чеҳраи касеро, ки ҳозир нест бибинад ё овозашро бишнавад ё бӯи гулеро, ки мавҷуд нест истишмом намояд. Аммо ҳамаи инҳоро бо майл ва иродаи худ ҳар гоҳ бихоҳад, метавонад бо истимдод аз қувваи хаёл тасаввур намояд.

**Мартибаи таъаққул**

Идроки хаёлӣ чунон ки донистем, «ҷузъӣ» аст. Яъне бар беш аз як фард қобили интибоқ нест. Лекин зеҳни инсон пас аз идроки чанд сурати ҷузъӣ, қодир аст як маънои куллӣ бисозад, ки қобили интибоқ бар афроди касира бошад; ба ин тартиб ки пас аз он ки чанд фардро идрок намуд, илова бар сифоти ихтисосии ҳар як аз афрод, ба порае аз сифоти

***идеализм (мақолаи 2) буд, ки тарҳи баҳсҳои илм (ҳувияти илм, андозаи воқеънамоии илм, арзиши маълумот, хатои илм, пайдоиши касрат дар улум, ихтилофоти хонаводагии илм)-ро дар пайи мақолаи дуввум эҷоб мекард, вагарна ин гуфтугӯ дар фалсафа, аз нуқтаи назари савқи бурҳон, аз бисёре аз мабоҳис мутааххиртар аст.***

### *Тамсил*

***Фарз кунед, қитъаи аксеро ба дарозои 12 сонтиметр ва паҳнои 8 сонтиметр дар дастатон гирифта ва ба тамошои вай, ки муштамил ба як манзара ва басоти як хонаводаи чандтанӣ аст, пардохтаед.***

***Дарёчае аст, ки оби зулоли вай монанди нуқраи хом рӯйи ҳам чида шуда ва бо амвоҷи чин-чини худ эҳтизози пурнишоти ҳаво ва вазиши нарми насимро ҳикоят мекунад. Паҳлӯи ин дарёча чамане нағз бо дарахтоне сарсабз ва намои уфуқии ин манзара, ки дар ҳудуди***

---

муштарак ноил мешавад. Яъне як маъниро, ки дар як фард дида, думартиба мутаваҷҷеҳ мешавад, ки айни ҳамин маънӣ дар фарди дуввум низ ҳаст ва ҳамчунин дар севвум ва чаҳорум ва ғайра… Ин ба такрор дидани як маънӣ дар афроди мухталиф, зеҳнро омода мекунад, ки **аз ҳамон маънӣ як сурати куллӣ бисозад, ки бар афроди номаҳдуде қобили интибоқ бошад. Ин наҳва аз тасаввурро «таъаққул» ё «тасаввури куллӣ» меноманд**.

Ин се наҳваи идрок билвиҷдон барои инсон вуҷуд дорад ва ҳар кас бо илми ҳузурӣ онҳоро дар худ меёбад.

Фалосифаи исломӣ қабл аз Садрулмутааллиҳин, ба пайравӣ аз фалосифаи Юнон, танҳо қувваи оқиларо, ки идроккунандаи куллиёт аст, муҷаррад аз модда медонистанд. Бароҳине, ки барои таҷарруди нафс иқома мекарданд, дар атрофи қувваи оқила давр мезад.

Садрулмутааллиҳин мӯътақид шуд, ки қувваи хаёл балки ҳамаи қувваҳои ботин, аз модда муҷаррад ҳастанд ва таҷарруди онҳоро низ аз роҳи адами татбиқи хавосси онҳо бо хавосси умумии модда, ки дар ин мақола шарҳи он рафтааст ба исбот расонид.

*понздаҳ километр мебошад, мунтаҳӣ ба кӯҳистоне аст, ки қуллаҳои вай монанди дандонаҳои шона саф кашида…*

*Дар як гӯшаи ин чаман басоте паҳн шуда ва марде, ки симои вай тақрибан чиҳил солро нишон медиҳад, бо баччагоне чанд, ки қароини меҳру утуфат шаҳодат медиҳад, ки фарзандони худаш мебошанд нишаста ва табақе аз себ дар баробар доранд.*

*Дар ин ҳалқа, ки ташкил ёфта яке саргарми хӯрдани себе аст, ки дар даст дорад ва яке себи худро мебӯяд ва яке бо ин ки себе дар даст гирифта монанди бӯтаи гуле ба канори падар ёзида ва боз ҳам себ мехоҳад ва яке бо ин ки маҳрумияте надорад, дар садад аст худро рӯи табақ андохта ва дигаронро маҳрум созад…*

*Ин як назаре аст, ки «назари аввал» меномем.*

*Дубора ба ҳамин қитъаи акс баргашта ва хоҳед дид, ки як порчаи сафеде аст, ки лаккаҳои сиёҳе дар сатҳаш қарор гирифта ва бо ашколи мухталифе бархе нисбатан бузург ва бархе нисбатан кучак ва бархе нисбат ба бархе дур ё наздик яъне фосилаҳояшон нисбатан бузург ё кучак мебошаду бас.*

*Ва ин назари дигаре аст, ки «назари дуввум» меномем.*

*Акнун, агар аз шумо бипурсанд, ки оё ин манзараи паҳновар бо ҳамаи хусусиёте, ки тавсиф шуд (ва албатта ҳар чӣ бештар тамошо карда ва таъаммуқ намоед, маълумоти тозатаре дастгиратон хоҳад шуд) воқеан дар дасти шумо буда ва дар ин сатҳи 12 дар 8 сонтиметр гунҷида ва дар вай мебошад, чӣ посухе хоҳед дод? Албатта хоҳед гуфт на.*

*Ҳеч гоҳ як манзараи понздаҳ километрӣ бо муҳтаваёти зиёди худ бо ҳамаи тӯлу арзу умқу масофатҳои мухталиф ва хоссиятҳои ҷисмӣ ва руҳии гуногун, ки дар вай пайдост, наметавонад дар як сафҳаи 12 дар 8 сонтиметр бигунҷад…*

*Балки ин акс манзараро «нишон медиҳад», вагарна рӯи сафҳа ба ҷуз лаккаҳои сиёҳу сафеди чанде, ки дурбини аккосӣ таҳия карда, дигар чизе нест. Бибин, тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо!*

*Баргардем ба сӯи мақсади аслӣ*

***Мушоҳида[1] ва таҷриба ба мо исбот кардаанд, ки ҳангоми истеъмоли ҳавосс, дар натиҷаи таъсире, ки воқеияти модда дар силсилаи аъсоб ва мағзи мо мекунад, аксуламале моддӣ***

---

[1] Моддигароён барои исботи моддӣ будани рух ва умури руҳӣ (мисли дидан, шунидан, фикр кардан ва ғайра…) ва ё фақат ба манзури халти мабҳас ва маръуб кардан тараф, мавзӯотеро аз улуми мухталиф – физик, физиюлужӣ (физиология), равоншиносӣ ва ғайра — пеш мекашанд, ки иртиботе ба муддаъо надорад ва чунин вонамуд мекунанд, ки ин матолиб далели қотеъ бар моддӣ будани руҳ ва хоссиятҳои руҳӣ аст. Аз ин рӯ, лозим аст бо зикри чанд муқаддима, зеҳни хонандагони мӯҳтарамро ба асли матлаб таваҷҷӯҳ диҳем:

а) Ҳар касе бадоҳатан ва ҳузуран, ба вуҷуди як силсила умури зеҳнӣ, ки онҳоро «улум» (огоҳиҳо) ва «идрокот» меноманд, эътироф дорад. Вуҷуди ин умур бар инсон аз вуҷуди олами хориҷ равшантар аст; зеро агар фаразан касе пайдо шавад (монанди идеалистҳо), ки дар вуҷуди ҷаҳони хориҷ тардид кунад ва идрокоти худро яксара ботил (яъне ғайри мутобиқ бо воқеъ) бидонад, аммо дар вуҷуди худи ин идрокот наметавонад тардид кунад. Пас, вуҷуди як силсила умури зеҳнӣ, ки ҳар инсоне ҳузуран ба онҳо огоҳ аст, бадеҳӣ аст ва эҳтиёҷе ба далели илмӣ ё фалсафӣ надорад.

б) Ковишҳои донишмандон аз қадим ва ҷадид собит кардааст, ки як силсила авомили моддии хоссе, ки дар хориҷ аз зарфи зеҳн мавҷуд аст бо вазъ ва кайфияти махсус, ки дар пайдоиши идрокоти ҳиссӣ дахил аст. Кайфият ва чигунагии ин авомил ҳамвора дар улуми табиӣ матраҳ буда ва донишмандон ҳар як ба навбаи худ назариёте доштаанд. Дар физики ҷадид низ мабоҳисе роҷеъ ба нур, савт ва ғайра ва ин ки амвоҷи етер (*luminiferous aether* = *светоносный эфир*) дар чӣ ҳол ва чӣ гуна ба чашм ворид шуда ва аъсоби чашмро мутаассир месозанд ва ё амвоҷи савтӣ дар чӣ ҳол ва таҳти чӣ шароите аъсоби гӯшро мутаассир месозанд, матраҳ мешавад.

Ҳамчунин, ковишҳои донишмандон собит карда, ки силсилаи аъсоби инсон ва ҳайвон монанди соири аъзои бадан вазифаи хоссе дошта ва аъмоли вижаеро анҷом медиҳанд ва аз авомили хориҷӣ мутаассир шуда ва аксуламалҳое аз худ нишон медиҳанд. Баён ва тавзеҳи фаъолиятҳои асабӣ ба ӯҳдаи илми физиулужӣ мебошад. Ин ду матлаб (анҷом

ёфтани як силсила авомили хориҷӣ дар хориҷ ва анҷом ёфтани фаъолиятҳои асабӣ) мавриди қабули ҳамаи донишмандони реалист мебошад, ки ба дунёи хориҷӣ имон доранд, чӣ руҳӣ ва чӣ моддӣ. Ихтилофи руҳиюн бо моддиюн дар матлаби дигаре аст, ки зайлан гуфта хоҳад шуд.

Ин нукта низ ногуфта намонад, ки ҳеч кас ба анҷом ёфтани фаъолиятҳои асабӣ дар мағзи худаш ҳузуран огоҳ нест, балки иттилоъе, ки ҳар кас дар ин боб дорад, дар асари кашфиёти илмии донишмандон аст.

в) Умури руҳӣ ва нафсонӣ низ монанди ҳамаи умури ҷаҳон, тобеи усул ва қоъидаҳо ва қавонини муайяне ҳастанд ва робитаи иллият ва маълулият байни худи онҳо ё байни ҳар як аз онҳо ва маводди баданӣ ё авомили хориҷӣ барқарор аст.

Равоншиносии ҷадид мутобиқи услуби вижаи худ (мушоҳида ва таҷриба) ҳамин усул ва қавонинро баён мекунад.

Донишмандон ва фалосифаи руҳӣ ҳеч гоҳ иддаъо накардаанд, ки руҳ ва умури руҳӣ аз қайди ҳар гуна асл ва қонуне озод аст ва тобеи ҳеч қоъидаи илмӣ нест. Танҳо чизе, ки исбот кардаанд ин аст, ки руҳ ва умури руҳӣ хоссиятҳои махсуси моддаро надоранд ва қавонини моддӣ бар онҳо ҳукумат намекунад. Бинобар ин, нисбатҳое, ки баъзе аз моддигароён, дониста ё надониста, ба донишмандони руҳӣ медиҳанд, ба куллӣ беасос аст.

Дуктур Аронӣ дар китоби «*Психулужӣ*» сафҳаи 6, пас аз он ки шарҳе дар атрофи тағйири сабки таҳқиқоти илмӣ дар Урупо аз қарни 18-ум ба баъд медиҳад, мегӯяд:

«*Ин асли куллӣ аз ин ба баъд дар тамоми таҳқиқоти илмӣ ҳукмфармо шуд, ки таҳқиқи илм иборат аст аз: ҷустуҷӯи дақиқ ва амиқ. Ҷустуҷӯи дақиқ ва амиқ вақте анҷом мегирад, ки инсон илмро бо амал тавъам намуда, тағйиротеро, ки ба василаи имтиҳонот ва таҷрибиёти илмӣ муайян мекунад, ба василаи тафаккур ба якдигар марбут намояд ва равобити иллату маълулии онҳоро бифаҳмад.*»

Ва пас аз чанд сатр ин тавр ба гуфтаи худ идома медиҳад:

«*Аз ҳамон замони росиюнолистҳо (rationalist)-и қарни 17-ум (Ҳобз, Эспинузо (Спиноза), Лойбнитс ва ғайра) ақоиди илмӣ роҷеъ ба руҳ ва тағйироти он ба куллӣ иваз шуд ва ин фалосифа барои аввалин дафъа баён карданд, ки тамоми тағйироти руҳӣ дар таҳти як силсила қавонини*

*собит ва муайян аст ва бар хилофи он чӣ мазоҳиб ва адёни қуруни вусто иддаъо мекарданд, «руҳ» озод нест ва ба худии худ наметавонад асаре зоҳир созад ва робитаи иллату маълул, ки дар улуми дигар махсусан улуми табиӣ мушоҳида мешавад, дар илми руҳ низ комилан ва ба таври дақиқ ҳукмфармост. Ҳобз мутобиқ бо қонуни Нютон дар меконик, қонуни ҷабрро дар руҳ кашф кард; бад-ин маънӣ, ки ҳеч қазияи руҳӣ бидуни сабаб тавлид нашуда, бе иллат низ аз миён намеравад.»*

Ин матлаб, ки умури руҳӣ таҳти як силсила қавонини собит ва муайян аст ё ин ки ҳеч қазияи руҳӣ бидуни сабаб тавлид нашуда ва бе иллат низ аз миён намеравад, ва ё мавзӯи равобити умури руҳӣ бо умури баданӣ ё бо умури хориҷ аз бадан, ҷузъи алифбои илми руҳ ба шумор меравад ва ҳазорҳо сол аст, ки фалосифа бар рӯйи ин асос афкори хешро бино кардаанд. Ва ин чизе нест, ки барои аввалин дафъа дар қарни 17-ум гуфта бошанд, балки баракс, аз қарни 17-ум ба баъд иддае аз фалосифаи Урупо, ки дар масъалаи «ҷабр ва ихтиёр», ба мухтор будани руҳ қоил шудаанд, мухтор буданро мусталзими озодӣ аз қонуни иллату маълул донистаанд, вале донишмандон медонанд, ки ин ақоид ҳеч гуна арзиши илмӣ ё фалсафӣ надорад.

Мазоҳиб ва адён низ мункири ин асл набудаанд; мунтаҳо чизе, ки руҳиюн гуфта ва мегӯянд, ин аст, ки умури руҳӣ хоссиятҳои умумии моддаро надоранд, на ин ки қонун ва қоъида надоранд ва ё ин ки умури руҳӣ аслан бо модда иртибот надоранд ва як деворе ба бузургии девори Чин байни руҳ ва модда мавҷуд аст.

Балки мутобиқи охирин таҳқиқе, ки аз тарафи файласуфи бузурги исломӣ Садрулмутаалиҳин ба амал омада ва мавриди қабули фалосифаи баъд аз вай воқеъ шудааст, **руҳ худ олитарин маҳсули модда аст** яъне мавлуди як силсила тараққӣ ва такомули зотии табиат аст. Ва тибқи назарияи ин донишманд, ҳеч гуна деворе байни олами табиат ва мовароуттабиа вуҷуд надорад. Яъне мумкин аст як мавҷуди моддӣ дар мароҳили тараққӣ ва такомули худ, табдил ба мавҷуди ғайри моддӣ шавад.

Пас аз баёни ин муқаддимот мегӯем, ки масъалаи мавриди ихтилоф байни руҳиюн ва моддигароён ин аст, ки оё идрокоти руҳӣ ва ҳамчунин худи руҳ, муҷаррад аст ё моддӣ? Ва ба иборати равшантар, ихтилоф дар моҳият ва чигунагии воқеияти ин умур аст ва мутобиқи он чӣ дар мақолаи аввал ба субут расид, танҳо бо усул ва меъёрҳои хосси

фалсафӣ метавон вуҷуди шайъро ё чигунагии вуҷуд (моҳият)-и онро исбот кард ва дар ҳеч як аз чаҳор қисмате, ки дар боло ташреҳ шуд, ки хулосааш аз ин қарор аст:

— вуҷуди идрокот;

— анҷом ёфтани як силсила авомили хориҷӣ;

— анҷом ёфтани фаъолиятҳои асабӣ;

— вуҷуди як силсила қавонини руҳӣ

… ихтилофе нест.

Донишмандони руҳӣ аз роҳи адами интибоқи хоссиятҳои умури руҳӣ бар хоссиятҳои умумии модда исбот мекунанд, ки умури руҳӣ (ҳамонҳо, ки ҳузуран ба онҳо огоҳ ҳастем) моддӣ нест, пас наметавонад бар фаъолиятҳои асабӣ мунтабиқ шавад, пас фаъолиятҳои асабӣ муқаддимаи пайдоиши як силсила умури ғайри моддӣ аст, на айни онҳо. Аммо донишмандони моддӣ ба ҷойи он ки ба асли матлаб таваҷҷӯҳ кунанд ва собит кунанд, ки он чӣ мо дарк мекунем, айни ҳамон фаъолиятҳои асабӣ аст, аз матлаб хориҷ шуда, аз китобҳои физик ё физиюлужӣ ё равоншиносии ҷадид — ки мутобиқи услуби вижаи худ (мушоҳида ва таҷриба) мавзӯи моҳият ва чигунагии умур руҳиро аз баҳс хориҷ мекунад — матолиберо зикр мекунанд, ки иртиботе ба муддаъои фалосифа надорад ва мисли ин ки пеши худ гумон мекунанд, ки касоне ки руҳ ва умури руҳиро муҷаррад медонанд, аз ин матолиб огоҳӣ надошта ва агар огоҳӣ пайдо кунанд, далеле барои ақида ба таҷарруди руҳ нахоҳанд дошт.

Масалан, дуктур Аронӣ дар ҷузваи «*Башар аз назари моддӣ*» мегӯяд:

«*Мавқеи фикр кардан, тағйироти моддӣ дар сатҳи димоғ бештар мешавад; хун мутаваҷҷеҳи димоғ мегардад, мағз бештар ғизо мегирад ва бештар маводди фосфорӣ пасмедиҳад, ба тавре ки дар идрори шахси фикркунанда миқдори ин модда бештар мешавад. Мавқеи хоб, ки мағз кори зиёд анҷом намедиҳад, камтар ғизо мегирад. Ин худ далеле бар моддӣ будани осори фикрӣ аст.*»

Соири истидлолҳои моддигароён низ аз ҳамин қабил аст, яъне ҳама хориҷ аз мавзӯъ аст, балки баъзе аз онон корро болотар кашонида ва мегӯянд, чун дар зимни ташреҳи бадан руҳро наёфтаанд, пас руҳ вуҷуд надорад.

***дар мо пайдо мешавад, ки бо ба кор андохтани ҳосса пайдо шуда ва бо аз кор боздоштани ҳосса, аз миён меравад.***

***Ва муқорини ин ҳол, чизеро ба номи «идрок» меёбем.***

***Ҳеч гоҳ наметавонем бипазирем, ки ин манзараи паҳновари ҷаҳон бо ҳамаи хусусиётҳи шигифтоваре, ки дорад, бо ҳамаи хатҳо ва сатҳҳо ва ҷисмҳои як порча ва соф (муттасили воҳид), ки аз вай ба мо ҷилва мекунад, дар як порчаи моддаи ночизи асабӣ ё мағзӣ (бо) аҷзои ҷудо аз ҳам ва мутароким, ки билохира аз маҷмӯи бадани мо кучактар аст, гунҷида ва ҷой гирифта бошад.***

***Ва аз тарафи дигар, ихтилофоте, ки ҳангоми ба кор андохтани ҳавосс (хатои ҳавосс) дар маҳсусот мебинем, нахоҳад гузошт, ки бигӯем: воқеияти ҷаҳони моддии хориҷ аз худамонро дар ҷойи худаш идрок намуда ва ноил мешавем.***

***Пас ин сурати идрокӣ на дар моддаи мо ҷойгузин аст ва на дар моддаи хориҷ аз мо.***

### *Хулосаи баён:*

***Чун сурати идрокии мо хоссиятҳои умумии модда (инқисом, адами интибоқи бузург ба кучак)-ро надорад, моддӣ нест.***

---

Филисен Шоле (*Felicien Challaye*) дар қисмати «Метофизик» аз яке аз уламои илми физиюлужӣ мавсум ба Брусе, ки ақоиди моддӣ дошта нақл мекунад, ки гуфтааст:

*«Ман ба вуҷуди руҳ мӯътақид нахоҳам шуд, магар он ки онро дар зери чоқуи ташреҳи худ кашф кунам.»*

Ҳақиқат ин аст, ки аз мутолеаи китобҳои моддигароён ин матлаб ба хубӣ равшан мешавад, ки онон аз ақоиди фалосифаи илоҳӣ ва руҳӣ ва аз тасаввуре, ки ин донишмандон дар боби Худо ва руҳ ё соири масоил доранд, иттилои дурусте надоранд ва иттилооташон мунҳасир аст ба он чӣ мардуми авом дар боби руҳу ҷину париву ғайра доранд ва ё он чӣ идеалистҳо — ки гуфтаҳояшон аз гуфтаҳои авом пойинтар аст – гуфтаанд.

***Ишкол***

***Мумкин аст дар баёни гузашта хӯрдагирӣ намуда ва бигӯед: «идрок» ҳамон хоссаи моддӣ аст, ки дар силсилаи асаб ё мағз ҳосил мешавад, ва мавзӯи бузургӣ ва кучакӣ ва дурӣ ва наздикиро ковишҳои илмӣ ҳал карда. Илм имрӯза ақида дорад ба ин ки дастгоҳи идроки басарӣ, як дастгоҳи дақиқи аккосӣ беш нест ва ҳамаи ашиъа дар нуқтаи зарди чашм гирд омада ва ибсор (дидан) муҳаққақ мешавад[1] ва мо ба ҷуз ҳамон нуқта, чизе намебинем.***

---

[1] Дар миёни қудамо дар боби кайфияти ибсор (дидан) ва ин ки амали «дидан» чӣ гуна анҷом меёбад, ду назария маъруф буд:

1. Назарияи интибоъ;
2. Назарияи хуруҷи шуоъ.

Соҳибони *назарияи интибоъ* мӯътақид буданд, ки ҷалидия (адасии чашм) ҷисме аст шаффоф ва сайқалӣ ва ойинамонанд, аз ин рӯ, агар ҷисме дар муқобилаш қарор бигирад, нақше аз он ҷисм дар сатҳи он воқеъ мешавад ва ба ин васила амали «ибсор» (дидан) анҷом меёбад. Ин ақида мансуб ба Арасту ва пайравонаш буд ва аз донишмандони исломӣ, Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ ва Ибни Сино пайрави ин ақида буданд.

Соҳибони *назарияи хуруҷи шуоъ,* адасии чашмро ҷисме нурафкан ва манбаъи нур монанди оташ ва хуршед ва ситорагон медонистанд ва мӯътақид буданд, ки аз чашм шуоъе нуронӣ хориҷ мешавад ва ба ҷисми муқобил мехӯрад ва ба ин васила ибсор (дидан) анҷом меёбад. Соҳибони ин назария ду даста буданд: баъзе мӯътақид буданд, ки раъси он шуоъ дар чашм ва қоъидаи он бар рӯйи ҷисми маръӣ (дидашаванда) қарор мегирад. Ва гурӯҳи дигар мӯътақид буданд, ки устувонаишакл аст ва он сари шуоъ, ки бар рӯйи ҷисми маръӣ аст, доиман музтариб ва дар ҳаракат аст. Ин ақида мансуб ба Афлотун ва Ҷолинус ва пайравони онҳо буд. Аз донишмандони исломӣ, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва иддае дигар ин ақидаро пазируфтаанд. Пайравони ҳар як аз ин ду назария алайҳи якдигар далоиле зикр кардаанд, ки дар китобҳои фалсафа мастур аст. Ва аз ҷумлаи ишколоте, ки соҳибони назарияи хуруҷи шуоъ бар соҳибони назарияи интибоъ кардаанд, ишколи адами интибоқи бузург бар кучак аст, ки дар матн ишора шуда ва ҷавобе ҳам, ки соҳибони назарияи интибоъ додаанд, ҳамон

аст, ки дар матн зимни ишкол баён шудааст ва имрӯз ҳам мавриди писанди донишмандони улуми табиӣ аст.

Шайх Шаҳобуддини Суҳравардӣ маъруф ба Шайхи Ишроқ, ақидаи севвуме дорад, ки чандон қобили аҳаммият нест ва аз зикри он худдорӣ мекунем.

**Ақидаи Садрулмутааллиҳин дар боби ҳақиқати ибсор (дидан)**

Садрулмутааллиҳин, файласуфи шаҳири исломӣ, ақидаи ҷудогонае дар боби ҳақиқати ибсор (дидан) дорад. Ин донишманд изҳор дошт: ҳеч як аз ду назарияи фавқ, бар фарзи сиҳҳат ва тамомият, ҳақиқати ибсорро наметавонад тавҷеҳ кунад; зеро ҳар ду назария марбут ба амали табиӣ (физикӣ)-и чашм аст ва ибсор моварои амали табиӣ аст. Ин донишманд бо исботи назарияи маъруфи худ дар боби «иттиҳоди оқил ва маъқул» ва «иттиҳоди ҳискунанда ва маҳсус», собит кард, ки дидан як навъ фаъолияти ибдоъии нафс аст, ки амали табиӣ (физикӣ) муқаддимаи он аст, ва пас аз анҷом ёфтани амали табиӣ нафс бо қудрати фаъолаи худ сурате шабеҳи шайъи маҳсусро дар худ ибдоъ ва иншо менамояд.

Садрулмутааллиҳин дар ҷилди чаҳоруми «Асфор» дар мақоми радди ақидаи соҳибони назарияи интибоъ мегӯяд: «*Далелҳои назарияи интибоъ, бар фарзи сиҳҳат ва тамомият, далолат мекунад, ки шабаҳ ва тасвире дар чашм воқеъ мешавад, аммо далолат намекунад, ки дидан ба он анҷом меёбад.*»

Ва роҷеъ ба ақидаи хуруҷи шуоъ мегӯяд: «*Мо дар садади инкори ин ҷиҳат нестем, ки шуоъе аз чашм хориҷ мешавад, (балки) ҳарфи мо ин аст, ки бояд шайъи марӣ (дидашаванд) як сурате пеши нафс дошта бошад, то дидан анҷом бигирад.*»

Бар асоси назарияи Садрулмутааллиҳин, ҳар як аз ду назарияи фавқ танҳо амали табиӣ ва физикии чашмро тавҷеҳ мекунад, на ҳақиқати ибсор ва диданро аз лиҳози фалсафӣ.

Мутобиқи таҳқиқоте, ки ахиран донишмандони улуми табиӣ аз тарафе дар боби нур ва аз тарафе дар боби кайфияти сохтмони чашм кардаанд, мусаллам шудааст, ки ду назарияи фавқ ҳатто аз лиҳози тавҷеҳи амали физикии чашм низ саҳеҳ нест, яъне на интибоъ аст ва на хуруҷи шуоъ. Мутобиқи таҳқиқоти донишмандони ҷадид, дастгоҳи чашм айнан мисли як дастгоҳи аккосӣ аст, ашиъаи мустақим ё мунъакис аз ҷисми маръӣ ба дохили чашм

*Чизе, ки ҳаст (ин аст, ки) аз кучактарин ҷузъе, ки дар ин нуқта мушоҳида мекунем, бақияи аҷзоъро андоза мегирем ва аз нисбатҳо ва фосилаҳои аҷзоъ, бузургтарӣ ва кучактарии нисбӣ ба даст меояд. Ва албатта дар ин марҳила ихтилофи кайфиятҳои дигар аз қабили сояҳо ва монанди онҳо низ муассир аст. То ин ҷо ихтилофоти нисбӣ муассир мебошад. Ва чун бо руъятҳои дигаре ҳаҷми босираи худро тақрибан бо бадани худ ва бадани худро бо ҷисмҳои хориҷ аз худ андоза гирифтаем, аз ин рӯй медонем, ки тақрибан нисбати ҳозираро то чӣ андоза бояд бузург намуд, то ба ҳақиқат наздик шуда ва интибоқ пазирад ва дар натиҷа ҳангоми руъяти хориҷ, ба инзимоми ин афкор, ҷаҳони паҳновареро таҳти ибсор (дидан) меоварем ва мепиндорем, ки шахс ин ибсор бо ин бузургиро дарк мекунад.*

### *Посух*

*Баёни гузаштаи мо муттакӣ ба инкори ин ҳақоиқи илмӣ набуда, балки сухани мо мутаваҷҷеҳи ҳадафи дигаре аст. Ва он ин аст, ки: мудраки мо (он чӣ мавриди идроки мо қарор гирифта) ба замимаи равобити тасдиқӣ ва фикри номбурда, як «воҳид»-ро ташкил дода ва чизеро ба вуҷуд меоварад, ки ба қавли ишколкунанда «пиндор» аст. Ва ин пиндоштаи мо бо хавосси умумии модда татбиқ намекунад, дар айни ҳол, ки падидае, ки дар нуқтаи зард ё мағз аст, дорои хавосси моддӣ аст. Гузашта аз ин ки ҳамин равобити тасдиқӣ (ин ӯст, ин чунон аст) қобилияти инқисомро надорад. Ва агар чунончи як хоссаи моддӣ ва ҷойгир дар мағз буд, бо инқисоми мағз, мунқасим буд. Ва аз ин рӯй ин хусусиётро*

---

ворид шуда, дохили сӯрохи мардумак мешавад ва аз адасии чашм убур намуда ва мутобиқи хоссияти махсуси адасиҳо, дар нуқтаи муайян тасвире аз нур эҷод менамояд ва он нуқта иборат аст аз нуқтаи махсусе дар «нуқтаи зард», ки тасвир дар онҷо воқеъ мешавад.

Хонандаи мӯҳтарам медонад, ки ин назарияи ҷадид дар боби ибсор (дидан), ҳарчанд ду назарияи маъруфи болоро ботил мекунад, аммо назарияи Садрулмутааллиҳин роҷеъ ба ин ки ин гуна аъмоли табиӣ ва физикӣ ҳақиқати ибсорро наметавонад тавҷеҳ кунад, ба қуввати худ боқӣ аст. Ҷавобе, ки дар матн ба ишкол дода шудааст, рӯйи ин назария аст.

***ба ашиъаи маҷҳула ё амвоҷи номаръӣ низ нисбат наметавон дод, зеро билохира ҳама моддӣ буда ва ҳукм моддаро доранд.***

### *Ишкол*

***Мо дар мавриди хатту сатҳу ҷисм хавосси моддаро намебинем ва надидан ғайр аз надоштан аст. Гоҳе, ки хатту сатҳу ҷисмро муттасили воҳид мебинем, аҷзоъи моддаро дида ва фосилаҳо (халаъ)-ро намебинем, на ин ки дида бошем фосилаҳо нест. Он гоҳ мепиндорем чизҳое бе хавосси модда мавҷуд шудаанд.***

### *Посух*

***Дар сиҳҳати ин баён сухане надорем, вале ба хилофи интизори шахси ишколкунанда, натиҷаи ин баён ба нафъи мост. Мо хатту сатҳу ҷисмро бе шикоф мебинем, пас дар зарфи идроки мо сатҳу хатту ҷисм бе шикоф мавҷуданд.[1] Ва ба ибораи дигар, ки шахси***

---

[1] Аз ҷумлаи идрокот ва тасаввуроте, ки барои зеҳн ҳосил мешавад, идроки «каммиятҳои муттасил» (миқдори ба ҳам пайваста мисли хатт) аст. Дар таърифи «камми муттасил» маъмулан мегӯянд: «*Каммияте, ки аҷзои он ба ҳам пайваста аст, монанди хатту сатҳ.*» Албатта возеҳ аст, ки манзур ин нест, ки камми муттасил билфеъл дорои аҷзое аст ва он аҷзоъ васл ба якдигар аст, балки манзур ин аст, ки байни ҳар ду ҷузъ, ки дар он фарз шавад, ҳадди муштараке вуҷуд дорад ва байни онҳо инфисол ва ҷудоӣ нест, ба хилофи «каммиятҳои мунфасил» (миқдори аз ҳам ҷудо мисли адад), ки дорои аҷзои билфеъл ва он аҷзоъ мустақил аз якдигар ва аз ҳам ҷудо ҳастанд. Бинобар ин, ҳар камми муттасил монанди хатти мустақим ва хатти мунҳанӣ ва доира ва сатҳ, як воҳиди дорои имтидод ва кашиш (муттасили воҳид) аст.

Дар бораи ин навъ идрокот ду нукта ҳаст, ки аз лиҳози фалсафӣ лозим аст мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад:

а) Инки ин мафоҳим аз куҷо ношӣ шуда ва маншаи ин тасаввурот чист?

Гурӯҳе аз фалосифаи Урупо, ки онҳоро «ақлийюн» мегӯянд (касоне ки ба порае аз тасаввуроти ношӣ аз фитрат ва ғайри мунтаҳӣ ба ҳисс мӯътақиданд), маншаи ин

тасаввуротро фақат ақл медонанд. Ин гурӯҳ мегӯянд: чун нуқта (шайъи бидуни буъд) ва хатт (шайъи якбуъдӣ) ва сатҳ (шайъи дубуъдӣ) дар хориҷ вуҷуд надорад ва он чи вуҷуд дорад ашёи себуъдӣ (яъне ҷисмҳо) аст, пас маншаи ин тасаввурот наметавонад ҳис бошад; зеро ҳис фаръи он аст, ки маҳсус вуҷуди хориҷӣ дошта бошад. Пас, ин тасаввурот мустақиман аз қувваи ақлонӣ ношӣ шудааст.

Гурӯҳи дигар, ки онҳоро «ҳиссиюн» мегӯянд (касоне ки тамоми идрокот ва тасаввуротро мунтаҳӣ ба ҳис медонанд) мӯътақиданд, ки маншаи тасаввуроти риёзӣ низ идрокоти ҳиссии хориҷӣ аст. Мегӯянд: тасаввури нуқта ва хатт ва сатҳ ва доира ва ғайра низ аз дидани ашёе дар табиат барои зеҳн ҳосил шудааст, лекин он умуре, ки ибтидо маншаи тасаввури ин мафоҳим ҳастанд, мисдоқи дақиқ ва воқеӣ нестанд, балки онҳо намунаи ноқисе барои зеҳн ҳастанд ва зеҳн пас аз идроки онҳо, бо қудрати фаъолаи худ, комили он намунаҳоро месозад. Масалан, дидани ашёе монанди сари сӯзан намуна шудааст, ки зеҳн тасаввури нуқтаи ҳақиқиро ихтироъ намояд ва дидани чизҳои борике монанди нахи нозук ва чизҳои мудавваре монанди моҳ шаби чаҳордаҳ, барои зеҳн намуна воқеъ шуда, ки тасаввури хатт ва доираро ба маънои ҳандасии онҳо ибдоъ намояд.

Ҳарчанд ақидаи ақлийюн доир бар ин ки тасаввури мафоҳими ҳандасӣ ҳеч гуна истиноде ба ҳис надорад саҳеҳ нест ва далеле ҳам, ки иқома кардаанд ва дар боло зикр шуд, нотамом аст (чунон ки дар фалсафа дар боби нисбати миқдор ба ҷисм собит шуда), лекин ин андоза мавриди иттифоқи ҳамаи уламо ҳатто уламои ҳиссӣ аст, ки дар идроки каммиятҳои муттасил зеҳн бидуни дахолат ва фаъолият нест.

б) Маншаи аслии тасаввури хатт ва сатҳ ва доира ва ғайраро чӣ ақл бидонем ва чӣ ҳис (низоъи боло), аммо шакке нест, ки ин умур бо хавосс ва кайфиятҳое, ки мо идрок мекунем, дар табиати моддӣ вуҷуд надорад, вале албатта на аз ин ҷиҳат, ки ақлийюни Урупо мегуфтанд, ки хатт ва сатҳ масалан якбуъдӣ ва дубуъдӣ ҳастанд ва он чи дар табиат вуҷуд дорад ҷисми себуъдӣ аст, балки аз ҷиҳати ин ки он чи дар табиати моддӣ вуҷуд дорад (аъамм аз моддаи мағзӣ ва моддаи хориҷӣ) мунқасим ва дорои аҷзоъ ва мафосил аст ва ин умур дар зарфи идроки мо соф ва якпорча ва якнавохт вуҷуд доранд. Масалан, мо фасли муштараки ду сатҳи мукаъабро ба сурати хатт ва ҳадди фосили як ҷисмро аз фазои хориҷ

***ишколкунанда бештар меписандад, мо дар мавриди идроки хатту сатҳу ҷисм, мепиндорем чизҳое бе хавосси модда мавҷуд шудаанд, яъне дар зарфи пиндори мо чизҳое бе хавосси модда мавҷуд шудаанд ва ин чизҳо мавҷуданд, зеро хато ва савоб ва пиндор ва ҳақиқат, мафоҳиме ҳастанд нисбӣ ва қиёсӣ. Пиндорҳои мо ҳангоме ки бо хориҷ санҷида шавад, пиндор ва пуч аст, вагарна ҳақиқате аст аз ҳақоиқ.***

---

ба сурати сатҳ ва расми ҳосил аз ҳаракати пояи паргорро ба сурати доира идрок мекунем, ва ҳол он ки аз рӯйи қароини қатъии илмӣ, медонем, ки дар фазои моддӣ хатту сатҳу доира бо ин кайфият вуҷуд надорад, балки дар бораи доира метавон гуфт, аслан дар табиат вуҷуд надорад. Пас, ин умур бо ин хавосси муайне, ки дар зеҳни мо доранд, моддӣ нестанд ва зеҳн онҳоро дар фазои дигаре, ки «фазои зеҳн» ё «фазои ҳандасӣ» метавон номид ва бо фазои моддӣ мутафовит аст, расм мекунад.

Мо дар масоили ҳандасӣ дар зеҳни худ хутут ва ашколе расм мекунем ва бар рӯйи онҳо аҳкоми собити қатъӣ содир мекунем, масалан дар зеҳни худ доира ё мусаллас расм мекунем ва зеҳни мо аҳкоми махсуси доираҳо ва мусалласҳоро бо камоли қатъият ва яқин содир мекунад (риёзиёт қатъитарин улум ба шумор омада) ва ҳол он ки дар табиати моддӣ ин аҳком бидуни мавзӯъ ҳастанд.

Филисен Шоле (*Felicien Challaye*) дар Метудулижӣ (*Methodologie*) дар фасли «Равиши риёзиёт» баёне дорад, ки дар инҷо мавриди истифода аст, мегӯяд:

«*Ашколи ҳандасиро зеҳн дар фазои мавҳуме, ки шабеҳ аст ба макони маҳсус ва лекин айни он нест расм мекунад. Мақсуд аз «макони маҳсус» муҳите аст, ки инсон ашёи хориҷиро дар онҷо меёбад. Ин муҳитро инсони бино ба василаи чашм ва ашхоси кӯр ба василаи ломиса ва ба мадади сомеъа дарк мекунанд. Макони маҳсус ҳамеша пур аст аз ашёъ ва чун ашёе, ки онро пур мекунанд гуногун ва аз ҳайси муқовимат мухталиф аст, макони маҳсус ғайри мутаҷонис аст ва маҳдуд ҳам ҳаст; зеро майдони дид ва масофате, ки аз он метавон садоеро шунид, маҳдуд мебошад. Аммо фазои ҳандасӣ бар хилофи макони маҳсус муҳите аст тиҳӣ ва мутаҷонис ва бекарон ва бениҳоят қобили қисмат.*»

Ва хулосаи ин баён он ки аз роҳи адами интибоқи хавосси идрокоти мо дар бораи каммиятҳои муттасил бо хавосси муайяни модда, ночор бояд ин идрокотро ғайри моддӣ бидонем.

*Ин суханро, ки дар мавриди маҳсусот бо ҳавосси зоҳира гуфтем, дар мавриди хавосси руҳӣ монанди ирода ва кароҳат ва ҳубб ва буғз ва илм ва тасдиқ (виҷдониёт ба истилоҳи мантиқ) низ содиқ ва қобили татбиқ аст; зеро мо ин падидаҳоро ошкор ва бетардид дар худамон мушоҳида менамоем, дар ҳоле ки хавосси умумии моддаро аз қабили инқисом ва таҳаввул (дуруст диққат шавад) надоранд. Пас, ин гуна падидаҳои нафсонӣ низ моддӣ нахоҳанд буд.*

*Ва низ ин суханро дар мавриди як дастаи дигар аз идрокот (мудракоти куллии ақлӣ ба истилоҳи фалсафа) низ метавон иҷро кард; зеро маъонӣ, ки бо як силсила авсоф ва хавоссе муқоринанд, ки дар модда мумтанеъулвуқӯъ ҳастанд, агарчи дар айни ҳол ба модда ба наҳве интибоқ доранд (монанди мафҳуми инсони куллӣ, ки ба ҳар инсони хориҷӣ содиқ аст; бо ин ҳама дар модда инсоне, ки ба ҳар инсон қобили татбиқ бошад надорем, зеро ҳар инсон, ки дар хориҷ мебошад, шахсе аст, ки ба ғайри худ қобили татбиқ нест).*

*Ин маъонӣ куллӣ ва собит ва мутлақ мебошанд ва дар ҷаҳони модда мавҷуде бо ин сифот надорем ва ҳар чи ҳаст, шахсӣ ва мутағайир ва муқайяд мебошад. Пас, ин силсила аз мудракотро низ муҷаррад аз модда бояд шумурд.*

### *Бурҳони дигар*

*Дар мавриди илм, танҳо як нигоҳ кофист. Агар борикбинӣ карда ва бо виҷдони соф биозмоем, хоҳем дид, ки сурати илмӣ ва тағайюр (тағйирёбӣ), бо ҳам ҳеч гуна созиш надоранд. Ва ба иборати фалсафӣ: ҳайсияти илм ғайр аз ҳайсияти тағайюр ва таҳаввул мебошад. Ва бо таваҷҷӯҳ ба ин ки мавҷуди моддӣ айни тағайюр ва саялон аст, бояд қазоват кард, ки синхи илм ғайр аз синхи модда аст.*

*Агар чунончи барои борикии ин нукта зеҳнатон омодаи дарёфтанаш набошад, мумкин аст ҳолоти мухталифи илму идрокро — монанди маърифат ва тазаккур (шинохтан ва*

***ба ёд афтодан) — дар ин боб бисанҷед. Чизеро, ки идрок кардаем ва дубора идрок мекунем, мефаҳмем, ки мудрак (идрокшуда) дар ҳоли дуввумӣ ҳамон худи мудраки аввалии мост.***[1]

---

[1] Мавзӯи қудрати зеҳн барои ҳифз ва нигоҳдории он чи ба василаи яке аз ҳоссаҳо эҳсос намуда (қувваи ҳофиза) ва сипас ёдоварии онҳо ва ташхиси ин ки ин «ёдоваришуда» айни ҳамон идроки гузашта аст ва идроки ҷадид нест, яке аз асроромезтарин масоили руҳӣ аст. Диққати фалсафӣ дар ин масъала ба хубӣ возеҳ мекунад, ки дастгоҳи руҳӣ ва идрокӣ дар моварои дастгоҳи аъсоб ва фаъолиятҳои асабӣ қарор гирифта ва бар хилофи фарзияи моддигароён идрокотро аз хоссиятҳои муайяни модда наметавон донист.

Барои ин ки заминаи истидлол равшан шавад, аввал чигунагии ин истеъдоди зеҳниро мутобиқи он чи ҳар касе ҳузуран ва виҷдонан дар худ меёбад ва равоншиносон ташреҳ кардаанд, ёдоварӣ мекунем, сипас ба зикри теуриҳои илмӣ ва фалсафӣ дар бораи он мепардозем.

Тардиде нест, ки агар инсон чизеро ба василаи яке аз ҳоссаҳои худ эҳсос намуд, барои дафъаҳои баъд метавонад он чизро дар зеҳни худ ҳозир созад бидуни он ки эҳтиёҷ дошта бошад, ки аз нав онро эҳсос намояд. Масалан, агар як рӯз рафиқи худро дар як нуқтаи муайян мулоқот намуд ва байни онҳо музокироте воқеъ шуд, хотирае аз ин мулоқот ва музокира дар зеҳни ӯ боқӣ мемонад ва ҳар вақт бихоҳад, он мулоқот ва гуфтугӯро ёдоварӣ мекунад ва он манзара ва калимотро дар сафҳаи зеҳн ҳозир месозад бо тамйиз ва ташхиси ин ки ин хотироти феълӣ тахайюли мавҳум нест, ки зеҳн аз худ ихтироъ карда бошад ва эҳсоси муҷаддад ҳам нест, яъне он мулоқот ва гуфтугӯ дар замони ҳозир такрор нашудааст, балки ин хотирот марбут ба мулоқот ва гуфтугӯҳоест, ки дар гузашта воқеъ шудааст.

Уламои равоншиносӣ мегӯянд, аз ибтидои ин ки зеҳни инсон чизеро дар таҳти таъсири авомили хориҷӣ эҳсос мекунад то ҳангоме ки худ ба худ бидуни таъсири авомили хориҷӣ онро дар замони баъд мавриди таваҷҷӯҳ қарор медиҳад, чаҳор марҳиларо тай мекунад:

**а) Эҳсоси ибтидоӣ (фарогирӣ)**: Яъне як чиз ибтидо бояд эҳсос бишавад (яъне ё бибинад, ё бишнавад, ё ламс кунад ё бибӯяд ё бичашад), то он ки зеҳн онро нигоҳдорӣ ва ёдоварӣ намояд. Бадеҳӣ аст, то чизе аз хориҷ вориди зеҳн нашавад, нигоҳдорӣ ва ёдоварӣ маъно надорад;

**б) Ҳифз (нигоҳдорӣ)**: Чизе, ки вориди зеҳн мешавад, то асаре аз худ боқӣ нагузорад (ё худ боқӣ намонад), мумкин нест худ ба худ бо набудани авомили муассири хориҷӣ, муҷаддадан дар сафҳаи зеҳн ҳозир шавад;

**в) Тазаккур (ёдоварӣ)**: Яъне мавриди таваҷҷӯҳ қарор додани он хотираи гузашта ё ҳозир кардани он хотираи гузашта дар сафҳаи равшани зеҳн;

**г) Ташхис (бозшиносӣ)**: Яъне тамйиз додани ин ки ин ёдоварии амри гузашта аст, на эҳсоси муҷаддад ва на тахайюли воҳӣ.

Теуриҳо ва фарзияҳои донишмандон, роҷеъ ба марҳилаи дуввум аз ин чаҳор марҳила (марҳилаи ҳифз) аст, роҷеъ ба ин ҷиҳат, ки суратҳои идрокӣ дар муддате, ки мавриди таваҷҷӯҳи зеҳн нест, дар чӣ ҳоле аст? Ба чӣ наҳв нигоҳдорӣ мешавад? Масалан, дар мисоли боло, пас аз он ки рафиқи худро мулоқот намуд ва музокироте байни онҳо сурат гирифт, дар муддате, ки ин мулоқот ва музокира мавриди таваҷҷӯҳи зеҳн нест, дар чӣ ҳоле аст ва ба чӣ наҳв нигоҳдорӣ мешавад, ки баъдҳо метавонад марҳилаи севвум (ёдоварӣ) ва марҳилаи чаҳорум (бозшиносӣ)-ро тай кунад?

Инак, шарҳи баъзе теуриҳои муҳим дар бораи ин мавзӯъ:

Баъзе аз ҳукамои Юнони қадим мӯътақид будаанд, ки тасвире аз шайъи идрокшуда дар мағз нақш мебандад ва айни он тасвир дар мағз боқӣ мемонад. Ин назария имрӯз тарафдороне надорад ва аз ҷиҳоте мардуд аст.

Декорт мегӯяд, таъсироти ибтидоӣ шиёрҳое дар мағз эҷод менамояд ва ҳар вақт руҳ ба он шиёрҳо убур намуд, таъсире мушобеҳи таъсири аввалӣ эҷод мекунад. Мутобиқи ин назария, руҳ дар зоти худ мавҷуде аст мустақил аз бадан, вале аз «идрокот» танҳо чизе, ки боқӣ мемонад, шиёрҳои мағзӣ аст. Ин назария низ на мавриди қабули фалосифаи руҳӣ ва на мавриди қабули фалосифаи моддӣ аст.

Назарияҳои дигаре низ ҳаст, ки қобили таваҷҷӯҳ нест ва мо фақат ба шарҳи ду назария: яке, мабнӣ бар моддӣ будани ҳофиза — ки тарафдорони моддӣ будани руҳ дар асри ахир онро ихтиёр кардаанд ва пайравони мактаби материализми диалектик онро ташреҳ кардаанд — ва дигар, мабнӣ бар моддӣ набудани ҳофиза мутобиқи усули махсуси мактаби фалсафии Садрулмутааллиҳин мепардозем ва зимнан ишколоте, ки ба назарияи моддӣ

будани ҳофиза ворид мешавад, барои хонандагони мӯҳтарам тавзеҳ медиҳем ва ин ду назарияро таҳти унвони «назарияи руҳӣ» ва «назарияи моддӣ» баён мекунем.

**Назарияи руҳӣ**

Соҳибони ин назария, идрокотро фаъолияти мустақими нафс (ҷавҳари ғайри моддӣ) медонанд ва аъмоли асабиро танҳо муқаддимаи ба вуҷуд омадани ин идрокот медонанд. Мутобиқи ин назария, нисбати идрокот ба нафс, нисбати феъл аст ба фоъил. Ва ба истилоҳи фалсафӣ: ин идрокот қиёми судурӣ доранд ба нафс, на қиёми ҳулулӣ ва айни ин суратҳои идрокӣ дар сақъи нафс боқӣ аст ва тазаккур (ёдоварӣ) иборат аст аз мавриди таваҷҷӯҳ қарор додани ҳамон суратҳои аввалия.

Мутобиқи ин назария, айни суратҳои идрокии аввалӣ ҳифз ва нигоҳдорӣ мешавад ва баъдҳо мавриди ёдоварӣ ва бозшиносӣ қарор мегирад.

**Назарияи моддӣ**

Соҳибони ин назария (ҳарчанд натавонистаанд ба таври қатъӣ изҳори назар кунанд) мегӯянд: бар хилофи назарияи боло, ҳеч гоҳ айни идрокоти аввалия ҳифз ва нигоҳдорӣ намешавад ва ин тавр нест, ки ҳар сурати идрокӣ, ки дар зеҳн падид омад, қувваи ҳофиза айни онро нигоҳдорӣ кунад; зеро идрок иборат аст аз фаъолияти аъсоб, ва аъсоб дар бораи як шайъ наметавонанд фаъолияти мудовим дошта бошанд. Яъне фаъолиятҳои аъсоб ҳар лаҳза мутаваҷҷеҳи шайъи махсусе аст ва дар ҳоле ки чизе мавриди таваҷҷӯҳ нест, қаҳран силсилаи асабӣ дар бораи он фаъолият надорад. Пас, дар ҳоли адами таваҷҷӯҳ, хотираи идрокӣ ба сурати идрок вуҷуд надорад ва наметавонад вуҷуд дошта бошад. Ин донишмандон мегӯянд: ҳар чизе, ки як бор идрок шуд, фақат асаре аз ӯ дар як нуқтаи махсусе аз мағз — масалан як ё чанд селлул (ҳуҷайра) — пайдо мешавад ва ҳар вақт он нуқтаи махсус дар асари як омили хоссе (ирода ва ғайра) таҳрик шуд, аъсоб дубора ба фаъолият мепардозанд ва боиси дубора тавлид шудани идроки аввалӣ мегарданд. Масалан дар мисол боло, мулоқот ва музокира бо рафиқ дар ҳоле ки мавриди таваҷҷӯҳ нест, ба сурати хотираи идрокӣ дар зеҳн мавҷуд нест, балки фақат асаре аз вай дар як нуқтаи

муайяни мағз боқӣ мемонад, ки ҳар вақт он нуқта таҳрик шавад, боиси дубора тавлид шудани он хотираи идрокӣ мегардад ва шахс мепиндорад, ки худи ин хотира маҳфуз ва боқӣ буда.

Бинобар ин, мутобиқи ин назария, ҳар тазаккур ва ёдоварӣ тавлиди ҷадиде аст бар хилофи назарияи аввал, ки тазаккурро тавлиди ҷадид намедонад. Ва мо барои тавзеҳи бештар, назарияи моддигароёнро дар бораи моддӣ будани ҳофиза, аз қавли худашон нақл мекунем.

Дуктур Аронӣ дар «*Псикулужӣ*» (*Психология*) сафҳаи 117 мегӯяд:

*«Дар амали ҳофиза бояд таваҷҷӯҳ кард, ки чӣ гуна як таъсир ё эҳсос дар руҳ собит мешавад? Чӣ гуна маҳфуз мемонад? Чӣ тавр дубора тавлид мешавад? Чӣ гуна руҳ қазияро дар замонҳои гузашта муҷассам менамояд?»*

Ва дар сафҳаи 118 ин тавр ба ин пурсишҳо посух медиҳад, мегӯяд:

*«Гӯё ҷодаҳои иртиботӣ мобайни қазоё тавлид мегардад ва ин ҷодаҳо дар мағз боқӣ мемонад… Вуҷуди ин роҳҳо сабаби маҳфуз будани як қазия дар ҳофиза ва таҳйиҷи онҳо боиси дубора ба ёд омадани он қазия мегардад.»*

Ва дар сафҳаи 116 бо нигаронӣ ва тардид мегӯяд:

*«Маълум нест иртиботи ҳофиза муддати зиёде ба чӣ ҳолат дар руҳ боқӣ мемонад ва ба чӣ тартиб метавон қазияи махсусеро дубора дар руҳ тавлид намуд? Метавон қабул намуд, ки мавқеи ба ёд овардани қазоё шахс ба таври иродӣ ҳолати фишори хун ё дараҷаи ҳарорат ё авомили дигари физикиро дар мағз тағйир медиҳад.»*

Мутобиқи назарияи моддӣ будани ҳофиза, дастгоҳи мағз айнан монанди дастгоҳи забти савт аст, ки садо бар рӯи як сафҳа ё як навор забт мекунад. Ҳамон тавре ки масалан дастгоҳи навори меғнотисӣ ин хоссиятро дорад, ки калимоте, ки дар баробари микрофон адо мешавад, дар худ забт мекунад яъне асаре аз онҳо дар нуқтаҳои махсус пайдо мешавад, ки ҳар вақт он нуқта бо авомили хосси фаннӣ таҳрик бишавад, дуруст садое монанди ҳамон садои аслӣ, ки дар баробари микрофон пайдо шуда тавлид мекунад. Ва ин тавр нест, ки ҳамеша савт бо ҳолати савтӣ дар навор мавҷуд бошад, фақат вақте ба ҳолати савтӣ мавҷуд мешавад, ки нуқтаи махсус таҳрик шавад. Мағз ҳам айнан ҳамин тавр аст, агар таъсироти

хориҷӣ бар силсилаи асабӣ ворид шуд, силсилаи асабӣ аксуламале тавлид мекунад. Ин аксуламал ҳамон хоссияти идрок кардан аст. Ва пас аз он, асаре аз он дар як нуқтаи муайяни мағз боқӣ мемонад ва кайфияти ин асар маълум нест. Ин қадр маълум аст, дар ҳоли адами таваҷҷӯҳ, ки мағз дар бораи шайъи идрокшуда фаъолияте намекунад, идрок бо ҳолати идрокӣ наметавонад мавҷуд бошад, лекин ҳар вақт он нуқтаи муайян таҳрик шуд, идроки аввалӣ дубора тавлид мегардад.

Ин буд хулосаи назарияи моддӣ будани ҳофиза.

Бар ин назария чанд эроди муҳим ворид аст:

**а)** Ин ки мутобиқи ин назария, бояд ҳар мафҳуми зеҳниро ба як ё чанд селлул (ҳуҷайра)-и муайян ихтисос бидиҳем ва ин қобили қабул нест. Зеро аввалан, бадеҳӣ аст, ки ҳангоми идрок ё ба ёд овардани як мафҳум, танҳо як ё чанд селлул ба кор намеафтад. Масалан, ҳангоми дидани чизе тамоми селлулҳои босира ба кор меафтад ва ҳангоми дидани чизи дигар боз ҳамон селлулҳо ба фаъолият мепардозад. Ва ҳамчунин ҳангоми ба ёд афтодан ё шунидан ва ғайра. Ва назар ба вуруди амсоли ин эрод аст, ки худи моддигароён дар сиҳҳати ин назария изҳори тардид кардаанд.

Дуктур Аронӣ дар «*Псикулужӣ*» (*Психология*) сафҳаи 100 мегӯяд:

«*Руҳ ҳар вақт метавонад тавлиди таҷассумот кунад. Масалан, метавонад як мард ё як сагро бо тамом ё аглаби сифот муҷассам намояд. Тартиби тавлиди ин шакли муҷассам дар руҳ, ҳанӯз ба васоили илмӣ муайян нашуда ва ақоиди мухталиф дар ин боб мавҷуд аст. Масалан, агар фарз кунем пас аз дидани як саг, як даста аз селлулҳои димоғ барои тавлиди таҷассуми саг бидуни вуҷуди ҳайвон мустаид мешаванд, дар ин сурат боисте барои ҳар шайъ як дастаи махсуси селлул муайян шавад ва ин машкук аст, чун иддаи селлулҳо барои ашёи бешумор кофӣ нахоҳад буд.*»

Сониян, агар фарз кунем ҳангоми дидан ё шунидани чизе як селлул ё чанд селлули муайян мутаассир мешавад ва бо дидан ё шунидани чизи дигар як ё чанд селлули дигар, чӣ иллате дорад, ки агар дидан ё шунидани ҳамон шайъи аввал такрор шуд, як идда селлули дигар мутаассир намешавад ва фақат ҳамон селлулҳои аввaӣ таҳрик мешаванд ва ёдоварӣ муҳаққақ мегардад?

**б)** Ҳамон тавре ки дар боло ишора шуд, яке аз хоссиятҳои «ҳофиза» бозшиносӣ аст, яъне ташхиси ин хусусият, ки ин «ёдоваришуда» айни ҳамон аввалӣ аст ва идроке ҷадид нест ва мавҳум ва бемаъно ҳам нест. Ва ин бо назарияи моддӣ будани ҳофиза созгор нест. Зеро агар фаразан мо мағзро нисбат ба идрокот монанди як дастгоҳи забти савт бидонем, танҳо дорои ин хоссият хоҳад буд, ки ҳар вақт нуқтаи хосс таҳрик шавад, идроке шабеҳи идроки аввалӣ аз ҳар ҷиҳат тавлид кунад ҳамон тавре ки дастгоҳи забти савт садое айнан шабеҳи садои аввалӣ тавлид мекунад на айни онро, дар сурате ки мо виҷдонан ва ҳузуран медонем, ки зеҳни мо дорои хоссияти бозшиносӣ аст яъне ташхис медиҳад, ки «ин ӯст» ва тавлиди ҷадид ва феъли ҷадид нест. Ва хулосаи ин ишкол ин ки: аз роҳи «айният», ки аз мушаххасоти қувваи ҳофиза аст, наметавон назарияи моддӣ будани ҳофизаро пазируфт.

**в)** Мағз бо ҳамаи муҳтавиёти худ тағйир мекунад ва дастхуши таҳаввул ва табаддул аст ва дар тӯли умри 70-солаи як нафар чандин бор моддаи мағзии вай бо ҳамаи муҳтавиёти худ иваз шуда ва моддаи дигаре ҷойгузини он шуда дар сурате ки хотироти нафсонии вай, чӣ «тасаввурот» монанди чеҳраи рафиқи айёми кӯдакиаш, ки дар 10-солагӣ ӯро дида ва қиёфаи омӯзгораш, ки пас аз давраи дабистон ӯро надида, ва чӣ «тасдиқот» мисли ин ки дар дабистон шунида, ки Арасту шогирди Афлотун будааст ва ӯ ба ин матлаб изъон (тасдиқ ба истилоҳи мантиқ) пайдо кардааст, тамоми инҳо ҳамон тавр муҳкам ва побарҷо дар зеҳнаш боқист ва хулоса тамоми тасаввурот ва тасдиқоти собиқаш камокон боқӣ мондааст ва агар инҳо ҷойгузин дар модда буд, қаҳран тағйир карда буд.

Ва аммо мисоли аксе, ки дар оби ҷорӣ меафтад, ки дар матн аз тарафи моддигароён зикр шудааст, пайдост, ки як мисоли шоирона аст; зеро ин ки мо ӯро собит мебинем, танҳо ба ҷиҳати он аст, ки дар хаёли мо сурати идрокии боқӣ дорад ва агар фаразан ҳатто дар хаёл сурати идрокии боқӣ намедошт, мо ҳаргиз ӯро боқӣ намепиндоштем. Хулосаи ин ишкол он ки: аз назари суботи идрокоти зеҳнӣ, ки аз мушаххасоти қувваи ҳофиза аст, наметавон назарияи моддӣ будани қувваи ҳофизаро бипазирем.

**Муҳимтарин далели моддигароён ва ҷавоби он**

Тарафдорони моддӣ будани ҳофиза муҳимтарин истидлоле, ки дар заминаи моддӣ будани ҳофиза кардаанд ин аст, ки мо амалан мебинем ҳофиза марбут аст ба баъзе аз қисматҳои мағз ва ҳарчанд барои бисёре аз аъмоли руҳӣ аз қабили ҳофиза ва диққат ҳанӯз маҳалли муайян ва мушаххасе таъйин нашудааст, вале тардиде нест, ки бо тағйир ё ихтилоле, ки дар баъзе аз қисматҳои димоғ пайдо мешавад, ҳофиза аз байн меравад. Пас маълум мешавад, ки ҳофиза аз хоссиятҳои ташкилоти моддии мағз аст. Ва усулан метавон аз ду роҳ назарияи моддӣ будани ҳофизаро таъйид намуд:

**а) Нисён (фаромӯшӣ)**: Тардиде нест, ки ҳар инсон балки ҳайвоне ба тафовут дучори фаромӯшӣ мешавад. Ҳеч кас нест, ки тамоми хотироти давраи зиндагонии худро дар ёд дошта бошад ва ҳол он ки агар ҳофиза ғайри моддӣ буд, нисён ва фаромӯшӣ маъно надошт; зеро фаромӯшӣ дар асари маҳв шудани суратҳои идрокӣ аз сафҳаи зеҳн ориз мешавад ва агар руҳ аз худ вуҷуди мустақилле аз бадан медошт ва суратҳои идрокӣ сохташуда ва маълули ӯ ва ғайри моддӣ буданд, мебоист ҳамеша боқӣ бошанд, зеро маншаъ ва иллати онҳо, ки ба ақидаи руҳийюн як амри муҷаррад аст, боқӣ ст ва ҳар маълуле дар бақо тобеи иллати худаш мебошад. Вале мутобиқи назарияи моддӣ, иллати фаромӯшӣ возеҳ аст, яъне тағйироте аст, ки дар моддаи асабӣ ҳосил мешавад, ихтилофи ашхос аз лиҳози қудрати ҳофиза марбут ба вазъи моддаи асабии онҳост. Дуктур Аронӣ мегӯяд:

*«Қудрати ҳофизаи як шахс манут ба қудрате аст, ки моддаи асабии вай дар муқобили ҳифзи тағйирот дорад, ҳар қадр вазъияти тағйирро битавонад нигоҳдорӣ кунад, қудрати ҳофиза бештар хоҳад буд.»*

**б) Бемориҳои ҳофизаӣ**, ки дар асари ихтилолоти махсус дар дастгоҳи мағз ҳосил мешавад. Бисёр иттифоқ афтода, ки як нафар дар асари як мараз ё дар асари як зарбаи муҳкам, ки бар мағзаш ворид шуда тамоми хотироти гузашта ё қисмате аз онҳоро ба куллӣ аз ёд бурдааст. Баъзе аз масдумини айём ҷанг, ки ба сахтӣ қисмати сар ва ҷумҷумаи онҳо масдум шуда буд, пас аз беҳбудӣ, падару модар ва фомил ва шаҳре, ки дар онҷо бузург шуда буданд ва ҳатто номи худро ба куллӣ аз ёд бурда буданд. Пас, маълум мешавад, ки

ҳофиза як амри моддӣ аст, ки дар асари вуқӯи ихтилол дар дастгоҳи мағз ба куллӣ аз байн меравад.

Посухи ин истидлол ин аст, ки ҳарчанд ҳофиза ғайри моддӣ аст яъне суратҳои идрокӣ дар моварои модда нигоҳдорӣ мешавад, вале тазаккур (ёдоварӣ), ки иборат аст аз ҳозир сохтани суратҳои идрокӣ дар сафҳаи ошкори зеҳн, як навъ «феъл» (кор) аст ва дар фалсафа собит шудааст, ки руҳ дар феъл ва кори худ эҳтиёҷ ба модда дорад ва моддаро ба унвони «олати феъл» истихдом мекунад. Бинобар ин, фаромӯшиҳо — чӣ онҳое, ки ба воситаи тӯли муддат дар ҳоли оддӣ пайдо мешавад ва чӣ онҳое, ки ба воситаи ихтилолоти мағзӣ ҳосил мешавад — на аз ин ҷиҳат аст, ки хотироти зеҳнӣ ба куллӣ маъдум шудааст, балки танҳо аз ин ҷиҳат аст, ки қудрати ёдоварии руҳ барои эҳзори онҳо дар сатҳи зеҳн ба воситаи фуқдони «олати феъл» аз байн рафтааст.

Бергсун (*Bergson*), донишманди бузурги қарни 20-ум, ба нақли марҳум Фурӯғӣ мегӯяд:

«*Фарқ аст байни ҳофиза ва зокира. Ҳофиза — яъне он чи тасвири ашёъ ва маъониро дар ёд нигоҳ медорад — амри моддӣ ва хоссияти димоғ нест, балки ба акс аст, яъне модда ҳоҷиби ҳофиза ва мояи фаромӯшӣ аст ва фақат зокира аст, ки амали димоғ аст. Тасовири ашёъ ва маъонӣ ҳамвора дар ҳофиза мазбут аст ва ҳеч гоҳ маҳв намешавад, вале димоғ ҳамчун парда аст, ки бар ҳофиза кашида шуда ва зокира қуввае аст аз димоғ, ки ба мӯҷиботе ва дар авқоте пардаро пасмекашад ва он чи дар ҳофиза мазбут аст ба ёд меоварад. «Зокира» амал аст, амал кори бадан аст, ва димоғ, ки зокираро сурат медиҳад ҷузъе аз бадан аст, вале «ҳофиза» анбори суратҳост ва суратҳо зот нестанд, балки маъонӣ ҳастанд ва маъонӣ дар макон нестанд*.»

Далел бар ин ки ба воситаи тӯли муддат ё урузи ихтилолоти мағзӣ суратҳои идрокӣ маъдум намешаванд ва фақат қудрати ёдоварӣ ва эҳзори онҳо, ки эҳтиёҷ ба модда дорад аз руҳ салб мешавад ин аст, ки озмоишҳои мутаъаддиди равонӣ собит кардааст, ки дар ҳолоти ғайри табиӣ ё фишорҳои ғайри оддӣ, ки бар руҳ ворид мешавад, ногаҳон тамоми хотироти гузашта, ки инсон онҳоро фаромӯш кардааст ба ёд меояд.

Ин матлаб дар равоншиносии ҷадид мавриди қабул аст, мо инҷо фақат ба нақли каломи худи дуктур Аронӣ, ки ақоиди моддӣ дорад ва руҳро фақат ба унвони хоссияти махсуси модда мешиносад иктифо мекунем. Вай дар сафҳаи 117 «*Псикулужӣ*» (Психология) мегӯяд:

***Ва ҳамчунин чизеро, ки идрок намуда ва сипас фаромӯш карда ё ғафлат меварзем ва дубора ба ёдаш меафтем, ҳамон аввалӣ ба ёдамон меафтад. Агар чунончи мудрак (идрокшуда)-и мо дар ҳар ду ҳол як воҳиди ҳақиқӣ набуда ва субот ва бақое — ки ҳофизи айният аст – надошт, таҳаққуқи маърифат ва тазаккур маъно надошт, бо ин ки маърифатҳо ва тазаккурҳое бо мурури ҳафтод сол ё камтар ва бештар дорем, ки дар зарфи ин муддатҳо аъсоб ва мағз бо ҳамаи муҳтаваёти моддии худ чандин бор то охирин ҷузъи моддии худ тағйир ва табдил ёфтаанд.***

### *Ишкол*

***Донишмандони моддӣ ба ин истидлол посух медиҳанд, ки табаддулоте, ки дар мағз масалан анҷом мегирад, тадриҷӣ ва дақиқ аст ва дастгоҳи идрок ба дарёфтани вай қодир нест. Ва аз тарафи дигар, дар ниҳояти суръат ҷузъ ҷойи ҷузъ нишаста ва хоссаи ҷузъи тоза, ки мушокили (ҳамшакли) хоссаи ҷузъи кӯҳна мебошад, ба ҷойи хоссаи дар гузашта қарор мегирад, ки қувваи мудрика (идроккунанда) наметавонад забт кунад. Ва аз ин рӯй***

---

*«Ҳанӯз ба таври итминон маълум нашудааст, оё тамоми қазоёе, ки дар лаҳзаҳои мутаволии зиндагонӣ тавлид мешавад, дар рух собит ва боқӣ аст ё на? Аз як тараф мулоҳиза менамоем, қазоёи аглаб дақоиқи давраи зиндагонии худро ба куллӣ фаромӯш кардаем ба қисме ки ҳеч вақт дигар наметавонем онҳоро дар рух дубора тавлид кунем яъне ба ёд биёварем. Аммо аз тарафи дигар, имтиҳоноти мутаъаддид нишон медиҳад дар ҳолоти гайри табиӣ, масалан гипноз, ашхосе, ки ҳашиш истеъмол кардаанд, ашхосе, ки ба воситаи гуруснагӣ мушриф ба марг мебошанд ва гайра, пас аз бартараф шудани омили гайри табиӣ, ин ашхос изҳор менамоянд қазоёи баъидулаҳди давраи ҳаёти худро ба ёд овардаанд.»*

Баъзе аз уламои дигар низ тасреҳ кардаанд, ки ашхос дар дами эҳтизор (марг), ҷамиъи умуреро, ки дар муддати зиндагонӣ идрок кардаанд, дар як он ба ёд меоваранд.

Аз ин рӯ, метавон аз ҷанбаи илмӣ комилан эҳтимол дод, ки рух пас аз муфориқат аз бадан, тамоми хотироти давраи умри худро аз кучаку бузург ва тамоми аъмоли нек ё бади худро дар муддати зиндагонӣ пеши худ ҳозир бибинад. Чандин қарн аст, ки фалосифаи илоҳӣ ин иддаъоро доранд.

*мепиндорад, ки тоза худи кӯҳна мебошад, чунонки агар оби соффе дар маҷрои бемуқовимат бигузарад ва шумо акси худро дар сатҳи об тамошо кунед, акс ба чашми шумо собит хоҳад нумуд, дар ҳоле ки ҳақиқатан дар ҳар лаҳза як акси тоза мебинед ва тамйиз намедиҳед. Табаддули мудракотро ба ҳамин қиёс бояд тасаввур кард.*

### Посух

*Чунонки дар посухи ишколоти гузашта гуфта шуд, мо намехоҳем анҷом гирифтани як амали физикиро дар мағз инкор намоем ё таҳаввулу тағйирро аз модда ва моддиёт нафй кунем, балки сухани мо фақат марбут ба мафҳуми як ҷумла аст ва он ин аст: «Мо мепиндорем ин тоза ҳамон кӯҳна аст.» Дар зарфи ин пиндор, тоза ва кӯҳна яке ҳастанд ва ин ваҳдат бо моддияти идрок намесозад, ва албатта чунончи гуфта шуд, ин идрок нисбат ба хориҷ метавонад хато ва пуч буда бошад, на пеши худ ва дар зарфи худ.*
*Бино ба ақидаи ин донишмандон, таҳаққуқи тасдиқ (муқобили тасаввур) дар ҷаҳон, имконпазир набояд бошад, зеро ҳангоме ки зеҳни мо мавзӯъро фарз кард то рафт маҳмулро оварда ва бор кунад, мавзӯъ ба воситаи таҳаввул аз миён рафта ва мавзӯи тоза ҷойгузини ӯ хоҳад буд. Ҳеч посухе ба ҳеч пурсише, ҳеч ибтоле ба ҳеч исботе, ҳеч зайле ба ҳеч садре иртибот нахоҳад дошт. Албатта ҳеч гоҳ виҷдони солим зери бори ин гуна ташкик ва сафсата нахоҳад рафт.*

### Ишкол

*Мумкин аст гуфта шавад, ки зеҳни мо ва фикри мо аз он ҷо, ки худаш низ хоссияти мағзӣ ва бо мудраки худ ҳамлинга буда ва ҳар ду бо ҳам савори моддаи мағз мебошанд, аз ҷиҳати саръати ҳаракат ва таҳаввул бо мудраки худаш мусовӣ аст ва пайваста мудраки худро собит меангорад, чунонки агар ду ҷисмро бо ҳаракати мутташобеҳ фарз кунем, ки аз ҳайси ҷиҳат ва суръати ҳаракат бо ҳам мусовӣ буда бошанд, нисбат ба ҳамдигар тағйир пайдо накарда ва дар як ҳол собит хоҳанд монд.*

***Посух***

***Сухани мо дар мавзӯи ҳамин пиндор ва ангошта, ҳамон аст, ки дар посухҳои гузашта гуфтем. Ва гузашта аз он, дар мавриди ду ҳаракати муташобеҳ, барои ин сукуни нисбӣ агар воқеияте қоил нашавем, таъсире надорад, ва агар воқеияте қоил шавем, дар ҷаҳони хориҷ аз мо як мавҷуде собит пайдо хоҳад шуд, ки хоссаи тағйири моддаро надорад. Ва ин ишколе аст бар моддигароён на бар мо.***

***Ишкол ё тақрири назари моддигароён***

***Ин донишмандон мегӯянд: дар ҷаҳони табиат таъсири яктарафӣ ба ҳукми озмоишҳои илмӣ мавҷуд нест ва ҳар муассир мутаассиреро мехоҳад, ки айнан дар вуҷуди асар зидахл буда бошад ва ба ҳамин лиҳоз муассир ҳам ҳаст, пас асар пайваста бо ширкати тарафайн ҳосил шуда ва фарзанд ва зоидаи маҷмӯи падару модар (муассир ва мутаассир)-и моддии худ мебошад. Пас, идроки ҳиссӣ низ натиҷаи таъсири мутақобили моддаи хориҷ ва силсилаи аъсоб ё мағз мебошад, ки дар падидаҳои зинда ва минҷумла инсон ёфта мешавад. Ва чунонки таъсири аъсоб ё мағз бе вуҷуди моддаи хориҷӣ маънӣ надорад ва ҳамчунин таъсири моддаи хориҷӣ бе таассури аъсоб ё мағз маънӣ надорад, ҳамчунон таъсиру таассури моддаи хориҷӣ ва аъсоб ё мағз бе таваллуд ва пайдоиши асари моддӣ дар силсилаи аъсоб ё мағз — ки таркиби махсусе аз модда мебошад — маънӣ надорад ва билъакс. Ва аз ин рӯй, фикр ва идрок, ки пайрави ин таъсиру таассур пайдо мешавад, як хоссаи моддӣ хоҳад буд, ки дар мағз масалан падид меояд.***

***Ва чун мағз хоссияти тавлидро дорад, метавонад аз фикри худ (ҳамон хоссаи моддии тоза) мутаассир шуда (албатта ин таъсири дуввум низ ба таври ҷабр ва пайрави таъсири табиат ва муҳит хоҳад буд) фикрҳои тоза, ки аъсоб тавоноии гирифтани онҳоро аз хориҷ надошт тавлид кунад, метавонад илм ба илм баҳам расонад, маълумоти маънавӣ ва руҳӣ пайдо кунад, қавонини куллӣ дар табиат монанди қонуни иллият ва маълулият кашф намояд, маълумоти ҳиссии ҳар як аз ҳавоссро ба дигарӣ мубаддал созад. Инҳо ақсоми мухталифи афкор ва идрокоте ҳастанд, ки пушти сари ҳам тадриҷан зоидаи мағз буда ва ҳувияте ҷуз ин ки хоссияти моддии таркиби махсуси моддаи «мағз» ҳастанд надоранд.***

***Посух***

***Мо аз ин баён (ки хулосаи он, анҷом ёфтани як амали физикӣ аст дар инсон дар мавқеи идрок) ҳатто як ҷумларо намехоҳем инкор намоем. Чизе, ки ҳаст, назари ин донишмандонро ба мисоле, ки дар оғози мақола ва ду назаре, ки дар зайли он овардем бояд ҷалб кард ва пурсид, ки ин баён кадом як аз ду назари номбурдаро метавонад таъмин кунад?! Зеро назари дуввум ба фикр ва идрок қобили интибоқ нест (ва назари аввал, ки ба фикр ва идрок қобили интибоқ аст, бо ин баён қобили интибоқ нест). Бисёр шигифтовар аст, ин донишмандон «мавриди низоъ»-ро аз бех фаромӯш карда (албатта ин фаромӯшӣ ба фаромӯшии амдӣ низ бе шабоҳат нест) ва мавриди қабул ва тасолумро ҳей ба рухи хасм мекашанд.***

***Касе намехоҳад бигӯяд, ҳангоми идрок, дар инсон хавосси моддии марбут мавҷуд намешаванд.***

***Касе намехоҳад бигӯяд, ҷонварони зинда ва мунҷумла инсон, ҳангоми идрок ва фикр силсилаи аъсоб ё мағзро ба кор намеандозанд (ва агар касе бигӯяд нафс баъд аз муфориқати бадан боқӣ ва ба идрокоти худ идома медиҳад, сухане аст, ки асосан дахле ба ин гуфтугӯ надорад, чунонки хоҳад омад иншоаллоҳ).***

***Вале ин ҳақиқатро низ намешавад нодида ангошт, ки идрокот ва афкори паҳновари мо бо ин ки ҳеч кадом аз хавосси зарурии моддаро — монанди иҷзоъ, инқисом, таҳаввул, шахсият – надоранд, чӣ гуна метавонанд моддӣ буда бошанд ва чӣ гуна метавон гуфт? Магар мо ҳар ҳақиқатеро бо хавосси зарурии вай исбот намекунем?***

***Гузашта аз ин, агар ростӣ мудрак ё идроки мо ҳамон лаккаҳои сиёҳу сафеди аксе буд (мутобиқи назари дуввуми мисоли садри мақола), ки дар чинҳои мағз ё лоҳои аъсоб муртасим мешаванд, чӣ гуна метавонистем ин воқеиятҳои хориҷиро дар лобалои онҳо пайдо кунем ё аз як роҳе ба онҳо пай бибарем?[1] Чунонки манзараеро, ки аксе бо ҳамаи***

---

[1] Қаблан гуфта будем, ки мутобиқи назарияи моддигароён дар баёни ҳақиқат илм ва идрок, илм ва маълум бо якдигар мубойинанд; ҳам дар вуҷуд ва ҳам дар моҳият, ва танҳо робитае, ки байни илм ва маълум фарз кардаанд, робитаи тавлидӣ аст. Ва гуфта будем, ки ин назария сад дар сад як назарияи идеалистӣ аст, зеро рӯйи ин назария сифати кошифият,

***хусусиёташ нишон медиҳад, агар аз хориҷ надида ва таҳия накарда бошем, мумкин нест дар миёни лаккаҳои сиёҳу сафеди акс пайдо намоем.***

*Ишкол ё тақрир:*

***Ин донишмандон (донишмандони моддигаро) мегӯянд, назар ба формулаи зер, аз пазируфтани муғойират миёни илм ва воқеияти хориҷ, ночорем:***

***Агар маълумро — ки ҷузъе аз воқеияти хориҷ аст — А фарз кунем ва ҷузъе аз мағзро — ки аз таъсири маълум мутаъассир аст — Б фарз кунем, асар, ки фикр ва идрок мебошад, бо А+Б мусовӣ буда ва ҳеч гоҳ мусовии А-и танҳо ва ё мусовии Б-и танҳо нахоҳад буд.***

*Посух*

***Маълумро А ва ҷузъи мағзро Б ва асари моддии мафрузро В ва сурати илмиро Г фарз мекунем, формулаи мазбур вақте метавонад дуруст буда бошад, ки Г=В исбот шавад, вагарна арзише нахоҳад дошт.***

***Ва хулосаи ин матлаб ба забони фалсафӣ ин аст, ки мавҷуди зеҳнӣ бо мавҷуди хориҷӣ дар моҳият яке ҳастанд, на дар вуҷуд, ва он чӣ маҳол аст иттиҳоди ду мавҷуди мустақил дар вуҷуд аст, на иттиҳоди ду мавҷуд дар моҳият бо ихтилоф дар вуҷуд, ки яке вуҷуди хориҷии маншаъи осор буда бошад ва дигаре вуҷуди зеҳнии (ғайри хориҷии) ғайри маншаъи осор.***

---

ки зотии илм аст, аз илм салб мешавад ва бо салби сифати кошифият аз илм ва идрок, роҳе барои исботи олами хориҷ аз зеҳн боқӣ намемонад. Ва аммо ин ки моддигароён гумон кардаанд, аз роҳи ин ки идрокот мавлуди таъсироти хориҷӣ ҳастанд, ба вуҷуди олами хориҷ пай мебарем ғалат аст; зеро ин пай бурдан фаръи он аст, ки мо битавонем хориҷро тасаввур кунем ва дар зеҳни худ ҳозир созем, то битавонем ҳукм кунем, ки ин шайъи тасаввуршуда дар хориҷ вуҷуд дорад. Ва агар бино шавад он чӣ дар зеҳни мо пайдо мешавад, аз ҳар ҷиҳат ғайр аз хориҷ бошад, маҳол аст, ки хотираи хориҷ дар зеҳни мо пайдо шавад. Ва хулосаи баён ин ки рӯйи фарзияи ғалати моддигароён дар боби ҳақиқати илм ва идрок, бояд ҳеч гоҳ ҳеч кас ба ҳеч наҳв илтифот ба олами хориҷ пайдо накунад.

***Ишкол***

***Сурати илмӣ (ё ҳамон фикр ва идрок) агарчи бархе аз хоссиятҳои моддаро — монанди инқисом ва тағйир – надорад, вале бархе дигарро дорад, зеро афкор ва идрокоти мо замонӣ ҳастанд ва замон аз хоссиятҳои модда мебошад.***

***Посух***

***Ин суханест, ки баъзе аз донишмандони равоншинос низ тасреҳ кардаанд, ва назар ба ин ки ин донишмандон аз ҳувияти замон баҳси кофӣ намекунанд, бо ин иштибоҳ мувоҷеҳ шудаанд.***[1]

---

[1] Дар китобҳои равоншиносӣ маъмулан ин тавр мегӯянд, ки умури зеҳнӣ макониӣ нестанд, зеро наметавон барои онҳо як нуқтаи муайянро дар мағз ба унвони "маҳалл" фарз намуд ва гуфт, масалан фалон ҳикояте, ки ман ҳифз дорам ё алъон дар назарам ҳаст, ё фалон шеъри Саъдӣ ё Ҳофиз, дар фалон нуқтаи мағзи ман аст, вале замонӣ ҳастанд, зеро падид омадан ва аз байн рафтани онҳо эҳтиёҷ ба вақт ва замон дорад.

Албатта ин баён бо як назари ғайри дақиқ адо шуда, зеро мутобиқи назарияи фалсафӣ, ки Садрулмутааллиҳин рӯйи услуби фалсафии худ дар бораи замон изҳор намуда ва бо бурҳонҳои дақиқи фалсафӣ онро исбот намуда ва ҳамчунин мутобиқи охирин назарияи илмӣ — ки имрӯз мавриди қабули донишмандони мағрибзамин аст — замон ва тағйир ҳамдӯши якдигаранд ва ин ду аз ҷавҳари умури моддии табиӣ интизоъ мешаванд. Ва воқеияти моддии ғайри мутағайир ё ғайри замонӣ ва ё мутағайир ва ғайри замонӣ ва ё замонӣ ва ғайри мутағайир тасаввур надорад. Ва билохира тағйир (ҳаракат) ва замонро наметавонем хориҷ аз ҳақиқат ва воқеияти умури моддӣ ва табиӣ бидонем. Ва ба таъбири Садрулмутааллиҳин, яке аз мушаххасоти ҳар мавҷуди моддӣ ҳамон замоне аст, ки дар он замон ба вуҷуд омада ва тағйирот пайдо намуда. Ва ба таъбири донишмандони имрӯзи мағрибзамин, ҳар чизеро дар чаҳор хоссият метавон нишон дод: тӯл, арз, умқ ва замон. Бинобар ин, агар дар мавҷуде исбот шуд, ки тағйир надорад, зимнан маълум мешавад, ки замонӣ ва моддӣ нест. Ва чун дар идрокот собит шуд, ки собит ва побарҷо ҳастанд ва тағйире надоранд, зимнан замонӣ набудани онҳо низ собит мешавад.

***Замон — чунонки дар мақолаҳои оянда равшан хоҳад шуд — миқдори ҳаракат аст. Ва ба иборати соддатар: мо ҳаракатеро, ки бо суръати муайян ахз карда ва нисбат ба соири ҳаракот миқёс қарор додем, "замон" меномем. Пас, замон бе ҳаракат нахоҳад буд, чунонки ҳаракат низ бе модда, ва модда бе хоссиятҳои зарурии модда нахоҳад буд.***

***Агар чунончи идроки мо замонӣ буд, ночор хоссиятҳои дигари моддаро низ дошт ва касе, ки мепиндорад идрок ва фикри мо замонӣ аст, миёни амали физикӣ, ки дар мағз масалан анҷом мегирад ва миёни ҳақиқати идрок ва фикр халт менамояд (чунонки донишмандони моддӣ пайваста ин халт ва иштибоҳро мекунанд).***

***Шумо сурати илмиро, ки дар як соати муайян аз замон аз роҳи ҳавосс ба даст меов581ред, як асари моддӣ дар силсилаи аъсоб ё мағзатон пайдо мешавад, ки пеш аз он ва пас аз он қобили пайдоиш нест, вале ҳақиқати ҳамон идрок муқайяд ба он замони муайян нест, ба гувоҳи ин ки ҳамон сурати идрокиро бо ҳифзи айният, дар замонҳои мухталиф метавонед идрок кунед, дар ҳоле ки як мавҷуди замонӣ дар ду замон ба як воқеият боқӣ намемонад.***

### *Татмими асли мақсад*

***Суханоне, ки дар моддӣ набудани идрокоте, ки ба ҳавосс ва мағз мансуб ҳастанд гуфта шуд, дар як мавриди дигар низ ҷорӣ мебошад, ва он мавридд "илм ба нафс" аст.***[1]

---

[1] То инҷо гуфтугӯ дар атрофи умуре буд, ки ба унвони "хавосси руҳӣ" хонда мешаванд аз қабили идрокоти ҳиссӣ ва хаёлӣ ва ақлӣ ва ирода ва кароҳат ва ҳубб ва буғз ва ҳукм ва тасдиқ ва ғайра, ва собит шуд, ки ин умур хоссиятҳои умумии моддаро надоранд ва аз ин рӯ наметавон онҳоро аз хавосси муайяни ташкилоти махсуси моддӣ донист. Ва то кунун мустақиман аз шахсияти мустақилли худи руҳ, ки он умур аз ҳолот ва ё аз афъол ва аъмоли вай ҳастанд, баҳсе нашуд. Матлаби боло ишора ба як бурҳони содда аз бурҳонҳое аст, ки фалосифаи илоҳӣ барои исботи шахсияти мустақилли руҳ дар баробар ташкилоти махсуси моддӣ иқома кардаанд.

Хонандаи мӯҳтарам медонад, ки моддигароён руҳро фақат ба унвони ташаккул ва иҷтимоъ ва иртиботи махсуси аҷзоъи модда мешиносанд ва хоссиятҳои руҳиро низ ба унвони хоссиятҳои махсуси аҷзоъи муртабити модда муаррифӣ мекунанд ва аммо фалосифаи

ғайри моддӣ руҳро (ки аз ҳаракат ва такомули ҷавҳари модда пайдо шуда) дар айни иртибот ва таъаллуқи зотӣ бо модда, дорои шахсияти ҷудогона ва мустақил медонанд.

Донишмандон руҳии шарқӣ ва ғарбӣ далелҳои бисёре барои исботи таҷарруд ва шахсияти мустақилли руҳ иқома кардаанд ва албатта баъзе аз онҳо холӣ аз халал ҳам нест ва феълан маҷоли он нест, ки ҳамаи далелҳое, ки дар ин боб оварда шуда зикр шавад ва дар атрофи онҳо баҳсу интиқод шавад.

Дар инҷо фақат ба зикри як бурҳони содда аз бурҳонҳое, ки фалосифаи исломӣ ба он хуб таваҷҷӯҳ кардаанд (аввал касе ки ба тафсил ин бурҳонро зикр карда Абӯалӣ ибни Синост) ва эҳтиёҷе ба муқаддамоти зиёд надорад ва аз усули равоншиносии ҷадид низ метавон онро таъйид намуд ва дар матн ишора шудааст иктифо мешавад, ва он аз роҳи "илми нафс ба худаш" аст (худогоҳӣ).

Аввалан бояд гуфта шавад, ки "худогоҳӣ" — яъне иттилоъи ҳар касе аз вуҷуди худаш — барои ҳар касе бадеҳӣ аст ва ҳар кас бо илми ҳузурӣ худро мешиносад. Моддигароён низ ин шуъурро (шуъур ба худро) дар инсон инкор надоранд. Пас дар ин ки ҳар касе пеши худ таъаққуле аз худ дорад ва аз вуҷуди худ огоҳ аст ва худро ба унвони як мавҷуди мустақил ва мумтоз аз соири мавҷудот мешиносад, тардид ё ихтилофе нест. Ҳар касе заруратан ташхис медиҳад, ки "ман ҳастам". Танҳо чизе, ки эҳтиёҷ ба истидлол дорад, ин аст, ки "худ" ё "ман", ки вуҷудаш бадеҳӣ аст, ҳақиқаташ чист ва дорои чӣ хусусияте аст ва оё мумкин аст моддӣ бошад ё хайр? Оё вуҷуди мустақил дорад, ё он ки айни бадан ё хоссиятҳои баданӣ аст? Пас, инки "ман ҳастам", рӯйи ҳисси махсуси худогоҳӣ бадеҳӣ аст ва қобили истидлол нест. Донишмандон истидлолоти худро мутаваҷҷеҳи баёни ҳақиқати "ман" ё "худ" намудаанд, на баёни асли вуҷуди "ман", зеро вуҷуди ман як амри бадеҳӣ аст.

Аз инҷо возеҳ мешавад, ки истидлоли маъруфи Декорт аз роҳи фикр ва андеша бар ин ки "ман ҳастам", ки ба ибораи махсус адо мешавад: "Ман меандешам, пас ҳастам", маҳдуш аст; зеро ҳастии ҳар касе монанди худи андешидан, бадеҳӣ аст, балки бадеҳитар аст, зеро огоҳӣ аз андешидан бо изофа ба "ам" (меандеш+ам), фаръи бар огоҳӣ ва шуъур ба худ аст. Ҳоло баргардем ба асли матлаб ва бибинем, оё "худ" ё "ман", ки вуҷудаш бар ҳар касе бадеҳӣ аст, ҳақиқаташ чист ва дорои чӣ хусусияте аст ва оё мумкин аст моддӣ бошад ё хайр?

Оё “худ” ё “ман”, ки вуҷудаш бар ҳар касе бадеҳӣ аст, ҳақиқаташ чист ва дорои чӣ хусусияте аст ва оё мумкин аст моддӣ бошад ё хайр?

Дар инҷо ду назарияи асосӣ вуҷуд дорад:

1. Назарияи ҳиссӣ;
2. Назарияи руҳонӣ.

**Назарияи ҳиссӣ:**

Соҳибони ин назария мегӯянд, ки “худ” ё “ман” иборат аст аз: маҷмӯаи идрокоти мухталифе, ки ба василаи эҳсос ё тахайюл ва ғайра доиман ва пушти сари ҳам пайдо мешаванд. Мутобиқи ин назария, “худ” як мавҷуди ваҳдонӣ нест, балки маҷмӯаи эҳсосот ва хаёлот ва афкоре аст, ки силсилаи воҳидеро ташкил медиҳанд, пас “ман” яъне маҷмӯаи диданҳо ва шуниданҳо ва ба ёд оварданҳо ва фикр карданҳо, ки дар тӯли зиндагӣ падид меоянд.

Ин ақидаро ибтидо фалосифаи ҳиссӣ ва таҷрибии Урупо, ки аз қарни 17-ум ба баъд зуҳур кардаанд ва асоси шиносоии саҳеҳро эҳсос ва таҷриба донистанд, изҳор доштанд. Ин донишмандон рӯи асли ин ки асоси маърифати саҳеҳ ҳиссу таҷриба аст ва ҳисс ҷуз ба авориз (phenomenon) ва ҳолот таъаллуқ намегирад, ҳеч ҳақиқатеро ғайр аз он чӣ ба таҷриба дарояд, қабул надоранд (албатта инкор ҳам намекунанд) ва дар миёни онҳо касоне пайдо мешаванд (монанди Ҳюми англисӣ), ки на танҳо ба вуҷуди ҷавҳари мустақилли нафсонӣ имон надоранд, ба вуҷуди ҷавҳари моддии хориҷие, ки авуризи табиӣ ҳолоти ӯ ҳастанд низ имони росих надоранд. Зеро мегӯянд, эҳсос ва таҷриба фақат моро ба вуҷуди як силсила умур, ки авориз (phenomenon) ва ҳолот номида мешаванд огоҳ мекунанд, аммо вуҷуди ҷавҳари ҷисмоние, ки маншаи ҳолоти табиӣ ва вуҷуди ҷавҳари нафсонӣ, ки маншаи ҳолоти замир ва виҷдон бошад, далеле аз ҳиссу таҷриба надорад.

Ин гурӯҳ нафсро ин тавр таъриф мекунанд: “*Маҷмӯаи тасаввуроти пай дар пай, ки дар зеҳн пайдо мешавад.*”

Моддигароён, ки қоил ба асолати модда ҳастанд, яъне моддаро танҳо ҷавҳари асил медонанд ва дар айни ҳол асоси маърифат ва шиносоиро эҳсос ва таҷриба медонанд, дар

боби баёни ҳақиқати “худ” ё “ман”, аз ҳиссгароён пайравӣ карданд ва гуфтанд, ки “худ” ё “нафс” иборат аст аз: маҷмӯаи афкор ва хаёлот ва эҳсосоти пай дар пай, ки барои як мавҷуди ташкилёфтаи махсуси моддӣ пайдо мешавад. Инак беҳтар аст ақидаи моддигароёнро роҷеъ ба ҳақиқати “худ” ва ин ки ин тасаввур аз куҷо ношӣ мешавад, аз худи онҳо бишнавем:

Дуктур Аронӣ дар “Псикулужӣ” (Психология) сафҳаи 104 мегӯяд:

*“Таъсири авомили муассир фавран аз руҳ маъдум намешавад ва мобайни тамоми таассуроте, ки ба дунболи ҳам руҳро мутаассир месозанд, ба таври куллӣ як ришта ва робитаи умумӣ мавҷуд аст, ки фуқдони он боиси беҳушии руҳ мешавад…”*

Ва низ дар ҳамон сафҳа мегӯяд:

*“Мафҳуми “худ” бад-ин тартиб пайдо мешавад, ки як муташаккилаи (мавҷуди шаклёфтаи) моддӣ доиман таассуроти хориҷӣ (савт, нур ва ғайра)-ро мепазирад ва ин қазия боис мешавад, ки мавҷуди зинда ба вуҷуди худ ошно шавад.”*

Дар сафҳаи 105 мегӯяд:

*“Ду ҷанбаи “худ”-ро бояд аз ҳам ташхис диҳем: “худи муассир” ва “худи мутаассир”. Ғараз аз “худи муассир” иборат аз ҳайкале аст, ки ман онро худ медонам ва ғараз аз “худи мутаассир” ман худам ҳастам, ки аз вуҷуди худ иттилоъ дорам. Худи муассир натиҷаи ҷамиъи шароите аст, ки онро эҷод намудааст, монанди аҷзоъ моддӣ, авомили муассир дар он (нур, савт ва ғайра), эҳсосоте, ки ҳамроҳи таъсири авомил аст, ҳаракот (-и иродӣ ва ё ғайри иродӣ) ва ғайра. Худи мутаассир нозир ва шоҳиди ин натиҷаи куллӣ мебошад.”*

Дар сафҳаи 104 мегӯяд:

*“Дар мавҷуди зиндаи солим мафҳуми “худ” муназзаман ва ба таври мутаволӣ (пай дар пай) дар муддати замонҳои мутаволӣ вуҷуд дорад ва фақат ба василаи хоб қатъ мешавад. Ихтилол дар “худ” мумкин аст ба воситаи мmаводди беҳушкунанда ва мускирот ба зуҳур бирасад.”*

Дар сафҳаи 106 мегӯяд:

*“Ман дар айни ин ки худам ҳастам, худам нестам. Ман ҳамон худ ва собит ҳастам, вале мутағайир мебошам. Беҳтарин мисол барои фаҳмидани қазия, ташбеҳ ба рӯдхона аст: рӯдхона ҷорӣ аст, ҳар лаҳзаи он бо лаҳзаи гузашта ихтилоф дорад, дар айни ҳол рӯдхона ҳамон аст.”*

Хулосаи ин назария ҳамон буд, ки қаблан гуфта шуд: мафҳуми "ман" иборат аст аз: як силсила идрокот ва эҳсосот ва афкори мутаволӣ (пай дар пай), ки риштаи воҳидеро ташкил медиҳанд.

**Назарияи руҳонӣ:**

Хулосаи ин назария ин ки "ман" ё "худ", ки ҳар кас ҳузуран онро меёбад ва ба вуҷудаш итминон дорад, иборат аст аз: як мавҷуди ваҳдонии муташаххис (на як силсила умури пай дар пай) ва собит ва боқӣ дар зимни ҷамиъи ҳолот ва авориз, ва қобили таъаддуд ва такассур нест.

Далел бар ин ки "ман" як ҳақиқати ваҳдонӣ аст, на як силсила идрокоти пай дар пай, аввалан ин аст, ки ҳақиқати "ман" ҳамаи он идрокоти пай дар пайро ба худ нисбат медиҳад (ман меандешам, ман мебинам ва…), ва ҳамон тавре ки ҳузуран ба вуҷуди худ огоҳ аст, ин хусусиятро низ ҳузуран огоҳ аст ва тардиде надорад.

Сониян, ҳар касе билвиҷдон ташхис медиҳад, ки дар гузашта ва ҳол яке аст на бештар, ва агар монанди маҷмӯи ҳалқаҳои занҷир буд ва дар ҳар лаҳза аз замон як ҳалқаи он фақат мавҷуд буд, ин тамйиз ва ташхис муяссар набуд. Чӣ гуна мумкин аст дар бораи як ҳалқаи занҷир, ки дар як сар воқеъ шуда ҳукм кард, ки айни ҳамон ҳалқае аст, ки дар сари дигар воқеъ шуда? Ва ба илова, нафс барои ташхиси ин ки дар гузашта ва ҳол яке аст, эҳтиёҷе ба эҳёи хотироти гузашта надорад. Ва агар монанди ҳалқаҳои занҷир буд, бояд идроки худ дар гузашта бидуни тазаккури як хотира муяссар набошад.

Солисан, ҳамон тавре ки дар қисмати ҳофиза гуфта шуд, рӯи фарзияи моддигароён, бозшиносӣ — яъне ташхиси ин ки ин хотираи ёдоваришуда мутаъаллиқ ба гузашта аст ва идроки ҷадид нест — мумкин нест. Ин ишкол дар ин масъала ба тариқи авло ворид аст. Яъне агар "ман" иборат аз маҷмӯи силсилаи пай дар пайи идрокот бошад, ки фақат бо якдигар иртиботи таъоқубӣ ё иллӣ ва маълулӣ доранд, чӣ гуна мумкин аст шахс битавонад тамйиз бидиҳад, ки ман ҳамон касе ҳастам, ки дар пеш будам?!

Робеъан, рӯи фарзияи моддигароён, идрокот умуман иборат аст аз фаъолиятҳо ва хоссиятҳои селлулҳое (ҳуҷайраҳое), ки марокизи силсилаи аъсобро ташкил додаанд ва

худи ин селлулҳо доиман бо ҳамаи муҳтаваёти худ дар тағйиру табдиланд; як даста мемиранд ва дастаи дигар ҷои онҳоро мегиранд, ва ҳол он ки ҳар касе ҳузуран ташхис медиҳад, ки бидуни тағйиру табдил ва зиёдаву нуқсон (албатта дар худ на дар ҳолот) ҳамон касе аст, ки дар 60 ё 70 сол пеш буда.

Ва хулосаи ин баён, ки муттакӣ ба огоҳии нафс аз вуҷуд ва наҳваи вуҷуди худ аст, он ки аз роҳи "нисбат" (инки инсон идрокотро мансуб ба худ медонад, на айни худ) ва аз роҳи "ваҳдат" (инки ҳар касе ташхис медиҳад, ки дар гузашта ва ҳол яке аст на бештар) ва аз роҳи "айният" (инки ташхис медиҳад, ки худ айни ҳамон аст, ки буда на ғайри он) ва аз роҳи "субот" (ташхиси инки ҳеч гуна тағйире дар худи ман ҳосил нашудааст), собит мешавад, ки он чӣ инсон онро ба унвони ҳақиқати "худ" мешиносад, як ҳақиқати ваҳдонии собите аст, ки ҷамиъи ҳолоти нафсонӣ мазоҳири вай ҳастанд ва аз хоссиятҳои умумии модда мубарро мебошад.

Дуктур Аронӣ барои фирор аз ишколи субот ва адами тағйир, ки аз хоссиятҳои руҳ аст ва бо хоссиятҳои умумии модда татбиқ намекунад ва соири ишколот, дучори таноқузгӯии шадиде шуда, дар сафҳа 106-и "Психулужӣ" мегӯяд:

*"Ҳол бояд дид "ман" ва "худ" собит аст ё мутағайир? Мавҷуди зинда доиман иваз мешавад, як даста аз селлулҳои вуҷуди ӯ мурда як дастаи дигар ҷои онҳоро мегирад, маводди бадан ба таҳлил меравад ва ба василаи маводди ғизоии дигар ду бора ташкил мешавад, пас моддаи бадании мавҷуди зинда доиман тағйир менамояд. Аз тарафи дигар ҳолати шуъур, ҳушёрӣ ва донистан аз худ низ доиман тағйир мекунад, худи иҷтимоии ман дар чанд сол пеш бо акнун фарқ дорад, алъон низ дар як лаҳзаи маълум ман метавонам худро ба чанд худ тақсим кунам, масалан роҳи маълумро дониста ва фаҳмида биравам ва дар айни ҳол як масъалаи риёзӣ ё сиёсӣ ҳал кунам, ин ду "худ"-и ман бо "худ"-ҳои дигари ман дар замонҳои мутаволӣ бо якдигар ихтилоф доранд. Хулоса на фақат моддаи ҷисми ман, балки тарзи иртиботи замонӣ ва маконии аҷзоъи он модда (ҳолоти шуъур) низ доиман дар тағйир аст.*

*Аммо аз тарафи дигар, ман ҳамон ман ҳастам, масъули тамоми имзоҳои ҳамон худҳои гузашта мебошам, аз тамоми корҳое, ки худи гузашта кардааст, барои худи кунунӣ ва худи оянда мутаваққеъи ҷазо ва натиҷа ҳастам. Ин тазоддро низ бо фикри диалектик метавон бартараф*

*кард: ман дар айни ин ки худам ҳастам, худам нестам, ман "худ" ва собит ҳастам, вале мутағайир мебошам. Беҳтарин мисол барои фаҳмидани қазия, ташбеҳ ба рӯдхона аст: рӯдхона ҷорӣ аст, ҳар лаҳзаи он бо лаҳзаи гузашта ихтилоф дорад, дар айни ҳол рӯдхона ҳамон аст ва дар солиёни дароз дар ҳамон маҳалл қарор дорад.*

*Диалектик қазоёро дар зимни ҷараён дар назар мегирад, яъне барои диалектик мани мутлақ вуҷуд надорад, балки ман ба инзимоми иддаи зиёде аз қазоёи хориҷӣ вуҷуд пайдо мекунад, пас ман он собите аст, ки ба изои қазоёи хориҷӣ мутағайир мебошад."*

Дар инҷо нависанда хостааст рӯи усули материализм "ман" ва "худ"-ро мутағайир ва мутакассир бидонад ва дар айни ҳол илми шуҳудии нафсро ба зот ва шахсияти худ, ки ҳузуран ва аёнан худро собит ва боқӣ ва воҳид мебинад тавҷеҳ кунад. Дар қисмати аввал барои он ки собит кунад "ман" мутағайир ва мутакассир аст, ихтилоф ва такассури ҳолоти "худ"-ро далел меоварад, дар сурате ки бо андак тааммул возеҳ аст, ки инҳо марбут ба тағйир ва такассури ҳолоти "ман" аст, на шахсияти худи "ман", ва дар қисмати дуввум муддаъӣ мешавад, ки ин субот бо тағйир ва ин ваҳдат бо касрат мунофот надорад.

Маълум нест чаро нависанда инҷо ҳатто аз усули диалектик мунҳариф шуда, зеро яке аз усули мантиқи диалектик асли тағйир аст ва рӯи ин асл, суботи вуҷуд ва яксон мондан ба куллӣ нафй мешавад. Мантиқи диалектик ба хаёли худ бо ин асл (асли тағйир) ҳама тазоддҳоро ҳал мекунад ва мегӯяд, ҳар шайъ чун дар ҳоли ҳаракат аст, ҳам худаш аст ва ҳам зидди худаш.

Ҳоло бояд аз ин оқоён пурсиш кард, оё тазодд байни худи ин асл (асли тағйир) ва асли яксон монданро бо чӣ асле метавон ҳал кард? Ташбеҳ ба рӯдхона яъне чӣ? Ин фақат як ташбеҳи шоирона аст, тамоми обҳои рӯдхона аз воҳидҳое ба номи молекула ва ҳар молекулае аз атомҳо ва ҳар атоме ба навбаи худ аз зарроти кучактаре ташкил шуда ва тамоми онҳо дар ҳоли ҳаракатанд, ҳеч зарраи собит дар он вуҷуд надорад ва фақат дар зеҳни мо, ки барои маҷмӯаи онҳо як мафҳум (рӯдхона) вазъ намуда ва эътибор кардаем, як тасвири воҳид ва боқӣ вуҷуд дорад.

Маълум нест чаро ҷумлаи маъруфи файласуфи шаҳири Юнон Ҳероклит (Heraklit), ки дар китобҳои моддигароён ҳамеша ба унвони шоҳид оварда мешавад ва худи дуктур Аронӣ

***Ҳар як аз мо (чунон ки таҷриба ва қароин нишон медиҳад, мавҷудоти зиндаи дигар низ ҳамин ҳолро доранд), шуъур ба хештан (ман) дорад. Мушоҳида мекунад (ки "ман") айнан, ки чизе аст, ки қобили интибоқ ба ҳеч узве ва хоссиятҳои узвӣ нест, зеро бо зиёда ва нақисаи аъзо, тафовут намекунад ва бо ихтилофи синини умр ва таҳлил рафтани қувваҳо тағйир намепазирад, ҷуз ин ки комилтар ва равшантар мешавад, ва гоҳе мешавад, ки як ё чандин узв ва гоҳе ҳамаи бадан фаромӯш мешавад, вале "хештан" фаромӯшшуданӣ нест.***

***Мушоҳида мекунад, ки аз он даме, ки метавонад аз рӯзҳои гузаштаи худ ба ёд оварда ва ин ҳоли шуҳудии худро мутазаккир шавад (бояд ба ин нукта мутаваҷҷеҳ буд, ки ин тазаккур ғолибан бо тазаккури як силсила афъол ё ҳаводис ҳамроҳ аст, ки замонӣ ҳастанд, вагарна "ман", ки мушоҳида мешавад, қобили интибоқ ба замон ҳатто ба ҳасби тасаввур низ нест) пайваста як чизи собит ва ғайри мутаҳаввил мушоҳида мекарда ва камтарин табдилу тағйире дар худи "ман" намедида ва намебинад.***

***Мушоҳида мекунад, чизе аст воҳид, ки ҳеч гуна касрат ва инқисом надорад.***

***Мушоҳида мекунад (ва ин аз ҳама болотар аст), ки чизе аст сирф ва холис, ки ҳеч гуна таҳдиди ниҳоӣ ва халит дар вай мавҷуд нест ва ҳеч гуна ғайбат аз худ надорад ва ҳеч гуна ҳоиле миёни худаш ва худаш нест.***

## *Натиҷа*

***Ин баён натиҷа медиҳад, ки илм ба нафс моддӣ нест, ва болотар аз ин, натиҷа медиҳад, ки нафс худаш илм ба худаш мебошад, яъне воқеияти илм ва воқеияти маълум дар***

---

низ дар ҷузваи "Материализми диалектик" онро ба унвони шоҳид зикр намуда инҷо фаромӯш шуда. Ҳероклит мегӯяд: "Ду дафъа вориди як рӯдхона наметавон шуд." Ин ҷумла ба хубӣ мерасонад, ки рӯдхона дар ду лаҳза воқеан ҳамон рӯдхона нест.

Пурвозеҳ аст ваҳдат ва суботе, ки ҳар кас ҳузуран ва шуҳудан барои "худ" эҳсос менамояд, бо ваҳдат ва суботе, ки барои рӯдхонаи дар ҳоли ҷараён ё як фавҷ сарбози дар ҳоли режа рафтан фарз мешавад мутафовит аст, зеро аввалӣ ҳақиқӣ ва дуввумӣ фарзӣ ва эътиборӣ аст ва он дуро бо якдигар наметавон яке шумурд.

***мавриди нафс яке аст. Ва аз ин ҷост, ки фалсафа ин навъ идрокро (илми ҳузурӣ) бо идрокоти дигар мубойин шумурда ва мутлақи илмро ба ду қисм тақсим менамояд:***

***1. Илми ҳусулӣ;***

***2. Илми ҳузурӣ.***

***Ва ба забони фалсафа, илми ҳусулӣ ҳузури моҳияти маълум аст пеши олим, ва илми ҳузурӣ ҳузури вуҷуди маълум аст пеши олим.*** *(Қаблан дар повароқиҳо дар бораи ин ду навъ илм ба тафсил баҳс карда будем).*

***Ин ҷост, ки баёни гузашта ва формули собиқи донишмандони моддӣ симои шигифтоваре ба худ гирифта ва ҷилваи тамошоӣ пайдо мекунад.***

### *Ишкол ё тақрир*

***Донишмандони моддӣ мегӯянд, таассуроти гуногун, ки пайваста бо ниҳояти суръат аз силсилаҳои аъсоб ба мағз ворид мешаванд, аз роҳи табдили каммийят ба кайфият, хоссияти воҳиде ташкил медиҳанд, ки ҳамон хоссаи руҳӣ аст, чунон ки бо аз кор афтодани ҳавосс ё беҳушӣ ё марг аз кор меафтад.***

### *Посух*

***Бо тазаккури суханони гузаштаи мо посухи ин иддаъо равшан аст; зеро касе дар садади инкори якчунин хоссаи моддии мағз нест. Ин ҳамон равоне аст, ки равоншиносон низ ба ҳасби эҳтиёҷи баҳси маҳаллӣ дар фанни худашон, мавзӯъи баҳс фарз карда ва қарор додаанд. Сухан дар ин аст, ки машҳуд ё "ман" қобили интибоқ ба чунин кайфияти мағзӣ нест. Зеро дар ҳар ҳол як падидаи моддӣ хоссиятҳои зарурии моддаро бояд дошта бошад ва инки гуфта мешавад гоҳе равон ва шуъури равонӣ аз миён меравад, иддаъое беш нест, балки бархе авқот дар ҳоли беҳушӣ низ инсон мутаваҷҷеҳи худ мебошад ва бархе аз авқот пас аз ҳушёрӣ чизе ба ёдаш намеафтад, на инки худро мушоҳида мекунад, ки худро мушоҳида намекард. Ва миёни ин ду ҷумла фарқ бисёр аст.***

***Он чӣ дар ин мақола ба субут расид:***

***1. Илм ва идрок мутлақан моддӣ нест;***

***2. Илм бар ду қисм аст: ҳусулӣ ва ҳузурӣ.***

**Мақолаи чаҳорум:**

# Илм ва маълум

# (Арзиши маълумот)

**Муқаддима**

Баёни арзиш ва эътибори маълумот, ки беҳтар аст онро “арзиши улум ва идрокот” биномем, барои ин аст, ки равшан шавад оё идрокоти мо то чӣ андоза “ҳақиқат” аст ва бо воқеъ мутобиқат дорад? Оё он чӣ мо ба василаи ҳис ё ақли худ мефаҳмем, метавонем мутмаин бошем, ки воқеъ ҳам ҳамин тавр аст, ки мо мефаҳмем? Ё он ки мумкин аст, аслан воқеъе набошад ва ҷаҳони маълумот ҳеч дар ҳеч бошад? Ё он ки воқеъ тавре бошад ва мо таври дигаре, ки муқтазои зеҳни мо дар таҳти шароити замонӣ ва макони аст, бифаҳмем?

Чунонки дар мақолаи 1 гузашт, фалсафа порае аз идрокотро ба унвони “ҳақоиқ” (мутобиқ бо воқеъ) мешиносад ва саъй мекунад ҳақоиқро аз “эътибориёт” ва “ваҳмиёт” тамйиз диҳад. Бадеҳӣ аст ин саъй ҳангоме муфид аст, ки зеҳни инсон хоссияти идрок кардани воқеиётро ҳамон тавр, ки ҳастанд дошта бошад. Ва агар зеҳн ҳамеша ашёъро бо шакл ва кайфияте, ки сохта ва пардохтаи худи ӯст дарк кунад, фалсафа биломавзӯъ ва саъяш беҳуда аст.

Масъалаи таъйини арзиш ва эътибори маълумотро аз ҷиҳате метавон асоситарини масоил шумурд, зеро роҳи реализм аз идеализм ё суфизм (*sophism*), ва роҳи фалсафаи ҷазмӣ (*dogmatism*) — ки Афлотун ва Арасту ва пайравонашон дар Юнони қадим ва ҷамиъи ҳукамои давраи исломӣ ва Декорт ва Лойбнитс (*Leibniz*) ва иддае дигар аз фалосифаи ҷадиди Урупо пайрави он буданд — аз роҳи фалсафаи шаккокон (*skepticism*), ки ба василаи Пирҳун (*Pyrrho*) дар ҳудуди қарни 4-уми қабл аз милод дар Юнон таъсис шуд ва дар Юнон ва сипас дар ҳавзаи Искандария ва ахиран дар Урупо пайравоне дошта ва дорад, аз ҳамин ҷо ҷудо мешавад.

Ҳарчанд дар матни ин мақола фақат мавзӯи кайфияти вуқӯи хато, ки дастовези идеалистҳо шудааст баррасӣ шуда, вале дар мақолаи 2 дар зимни посух ба шубаҳоти идеализм арзиши маълумот филҷумла исбот шуд ва дар нуктаи 2-и он мақола ақоиди материализми диалектик дар ин масъала интиқод шуд ва умед аст, ки аз мутолеаи ин мақола, ки таҳти

унвони “Арзиши маълумот” нигориш ёфта ва он чӣ дар мақолаи 2 гузашт ва мутолеаи мақолаи 5-ум, ки таҳти унвони “Пайдоиши касрат дар илм” хоҳад омад, бо тавзеҳоте, ки зайлан дода мешавад, барои хонанда ҳалли се масъалаи муҳимми фалсафӣ:

1. арзиши маълумот;

2. роҳи ҳусули илм;

3. таъйини ҳудуди илм

… ҳосил шавад.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки муҳаққиқон ва фалосифаи Урупо дар 4 қарни ахир бештар ҳиммати хешро масруфи таҳқиқ дар атрофи “илм” ва масоили марбут ба он намудаанд ва се масъалаи боло тақрибан меҳвари масоили фалсафии Урупо ба шумор меравад, ва бо таваҷҷӯҳ ба ин ки масоили марбут ба илм дар фалсафаи исломӣ низ аз буғранҷтарин ва печидатарини масоил аст, лузуми диққати назар дар ин масоил равшан мешавад.

Мо ба муносибати аҳаммияти масъалаи “арзиши маълумот”, ки мавзӯи ин мақола аст ва ба муносибати он ки донишмандони моддӣ як ришта ақоиди махсус марбут ба ин масъала доранд ва дар таҳти унвони “арзиши маълумот” мутаъарриз мешаванд, муқаддимае нисбатан муфассалтаре барои ин мақола менависем ва барои равшан шудани зеҳни хонандагон матолиби марбутро ҷамъоварӣ мекунем ва дар зимни ин муқаддима саъй хоҳем кард хулосаи сайри ақоид ва афкорро аз давраҳои бостон то асри ҳозир дар бораи ин масъала шарҳ диҳем ва баёни ду масъалаи дигарро ба мақолаи 5-ум мавкул мекунем.

Хонандагони мӯҳтарам, ки алоқаманданд ба равиши “реализм” — ки ин мақолот ӯҳдадори баёни он шудааст — ошно шаванд, аз мутолеаи равиши реализм дар бораи “ҳақиқат”, ки дар ҳамин муқаддима баён шудааст, ба хубӣ воқиф хоҳанд шуд, ки бисёре аз макотиби фалсафӣ, ки равиши худро равиши реалистӣ мехонанд, дар масъалаи “арзиши маълумот” роҳе пеш гирифтаанд, ки онҳоро фарсангҳо аз реализм дур карда ва то партгоҳи махуфи идеализм лағзидаанд. Махсусан материализми диалектик, ки равиши худро сад дар сад реализм мехонад, дар масъалаи арзиши маълумот ва баёни ҳақиқат, ба қадре инҳироф пайдо кардааст, ки дар гирдоби суфизм ва шаккокият дасту по мезанад ва худ намефаҳмад.

* * *

**Арзиши маълумот**

Чунонки ишора шуд, баҳс дар ин масъала дар атрофи ин ҷиҳат аст, ки оё он чӣ мо бо ҳис ё ақли худ мефаҳмем, воқеъ ҳам ҳамин тавр аст, ки мо мефаҳмем ё на? Ва ба иборати дигар, ин баҳс дар атрофи ҳақиқӣ будани идрокот ва мутобиқати онҳо бо воқеъ аст. Ҳоло бибинем, таърифи ҳақиқат ба истилоҳи фалсафӣ чист?

**Ҳақиқат яъне чӣ?**

Ҳақиқат ба истилоҳи урф маъноҳои махсусе медиҳад, ки дар инҷо манзур нест. Инҷо манзур баёни мафҳуми фалсафии он аст. Фаҳмидани таърифи ҳақиқат ба истилоҳи фалсафа осон аст, зеро дар истилоҳоти фалсафӣ маъмулан ҳақиқат ҳамрадифи "сидқ" ё "саҳеҳ" аст, ва ба он қазияи зеҳнӣ гуфта мешавад, ки бо воқеъ мутобиқат кунад. Аммо "хато" ё "кизб" ё "ғалат" ба он қазияи зеҳнӣ гуфта мешавад, ки бо воқеъ мутобиқат накунад. Масалан, эътиқод ба ин ки "чаҳор мусовӣ аст бо ду зарб дар ду" ё эътиқод ба ин ки "замин гирди хуршед мечархад" ҳақиқат ва сидқ ва саҳеҳ аст. Ва аммо эътиқод ба ин ки "ду зарб дар ду мусовӣ аст бо се" ё эътиқод ба ин ки "хуршед гирди замин мечархад" хато ва кизб ва ғалат аст. Пас "ҳақиқат" васфи идрокот аст аз лиҳози мутобиқат бо воқеъ.

Дар истилоҳоти ҷадид маъмулан ба худи воқеъ "воқеият" итлоқ мешавад, на ҳақиқат, ва мо низ аз ҳамин истилоҳ пайравӣ мекунем ва аз ин рӯ ҳар вақт "воқеият" бигӯем, манзури мо худ воқеъ аст ва ҳар вақт "ҳақиқат" бигӯем, манзур он идроке аст, ки бо воқеъ мутобиқат дорад.

Фалосифа аз давраҳои қадим ҳақиқат ё сидқ ё саҳеҳро ба ҳамин маъно, ки гуфта шуд таъриф ва тафсир кардаанд, яъне ҳар вақт мегуфтанд, фалон матлаб ҳақиқат аст ё саҳеҳ аст ё сидқ аст, яъне бо воқеъ мутобиқ аст, ва агар мегуфтанд хато ё кизб ё ғалат аст, яъне бо воқеъ мутобиқат надорад.

Дар мантиқ ва фалсафаи қадим таҳти унвони "маноти сидқ ва кизби қазоё" баҳсеро тарҳ мекарданд, ки рӯи ҳамин асос баҳс менамуд.

Вале баъзе аз донишмандони ҷадид, дар асари ишколоте, ки (баёни ишколот дар зимни нақли калимоти худи онҳо хоҳад омад) бино бар ин таъриф ворид меомада ва он ишколот ба ақидаи онҳо ҳалношуданӣ будааст, маноти сидқ ва ҳақиқӣ будани қазоёро чизҳои

дигаре ғайр аз мутобиқат бо воқеъ баён намуда ва ҳақиқатро ба гунаҳои дигаре таъриф кардаанд ва ба гумони худ, ба ин васила худро аз он маҳзурот раҳонидаанд.

Инак, баёни баъзе аз таъриф ва тафсирҳое, ки ахиран баъзе аз донишмандон кардаанд:

Огуст Кант (*August Comte*), донишманди маъруфи фаронсавӣ ва муассиси фалсафаи позетивизм (*positivism*) мегӯяд:

"*Ҳақиқат иборат аст аз фикре, ки тамоми зеҳнҳо дар як замон дар он вифоқ дошта бошанд.*"

Вай тавофуқи тамоми зеҳнҳоро дар як замон аломати ҳақиқат намедонад, балки мегӯяд, маънои ҳақиқат ғайр аз ин нест.

Фелисин Шоле (*Felicien Challaye*), ки дар бораи "ҳақиқат" ақидаи Огуст Кантро ихтиёр карда, дар "Фалсафаи илмӣ" фасли "Арзиш ва ҳудуди илм" мегӯяд:

"*Маъмулан дар таърифи ҳақиқат (ё сидқ) мегӯянд, ки он мутобиқати фикр бо мавзӯи худ ва ё мутобиқати фикр бо воқеъ аст, аммо ин таъриф на бар ҳақоиқи риёзӣ, ки мавзӯи онҳо вуҷуди хориҷӣ надорад дуруст мунтабиқ мешавад ва на бар ҳақоиқи нафсонӣ, ки вуҷуди онҳо комилан зеҳнӣ аст ва на ба ҳақоиқи таърихӣ, ки мавзӯи онҳо бар ҳасби таъриф аз байн рафтааст. Содиқ будани ин таъриф дар бораи ҳақоиқи таҷрибӣ ҳам холӣ аз ишкол нест, зеро барои зеҳн мавзӯи хориҷӣ ҷуз як даста эҳсос ва суратҳо чизи дигаре нест.*"

То он ҷо, ки мегӯяд:

"*Бар ҳасби гуфтаи пурмағзи Огуст Кант, васфи боризи ҳақиқат ин аст, ки вифоқи тамоми афкорро дар зеҳни фард ва тавофуқи тамоми зеҳнҳои афроди ҷомеаи инсониро дар як замон ба ҳусул меоварад ва ваҳдати маънавӣ эҷод мекунад.*"

Вилём Ҷеймз (*William James*), равоншинос ва файласуфи маъруфи омрикоӣ ва яке аз муассисони фалсафаи прагматизм (*pragmatism*) "ҳақиқат"-ро таври дигаре таъриф мекунад. Вай мегӯяд:

"*Ҳақиқат иборат аст аз фикре, ки дар амал таъсири некӯ дорад.*"

Ин донишманд ҷумлаи "муфид аст" ва ҷумлаи "ҳақиқат аст"-ро муродифи якдигар қарор медиҳад. Муфид будан дар амалро аломати ҳақиқат намедонад, балки мегӯяд, маънои ҳақиқат ғайр аз ин нест.

Вилём Ҷеймз ба нақли марҳуми Фурӯғӣ мегӯяд:

*"Мегӯянд, ҳақ рӯнавишти амри воқеъ аст. Яъне қавле, ки мутобиқ бо воқеъ бошад, ҳақ аст. Бисёр хуб, аммо воқеъ чист, ки мутобиқат бо он қавли ҳақ бошад? Оё амре собит ва тағйирнопазир аст? На, зеро олам мутағайир аст ва ҳеч амре дар ӯ собит нест. Пас, беҳтар ин аст, ки бигӯем, қавли ҳақ он аст, ки бар он чӣ феълан ҳаст таъсири некӯ дорад, пас қавл чун натиҷаи саҳеҳ дорад, ҳақ аст, на он ки чун ҳақ аст, натиҷааш саҳеҳ аст."*

Гурӯҳе мегӯянд:

*"Ҳақиқат яъне фикре, ки таҷриба онро таъйид кардааст."*

Ин гурӯҳ низ интибоқи фикр бо таҷриба ва натиҷаи амалӣ доданро аломати ҳақиқат намедонанд, балки мегӯянд, маънои ҳақиқат ғайр аз ин нест.

Гурӯҳе дигар мегӯянд:

*"Ҳақиқат яъне фикре, ки дар асари муқобила ва мувоҷеҳаи ҳавосс бо моддаи хориҷӣ пайдо мешавад. Пас агар фарз кунем ду нафар дар асари мувоҷеҳа ва муқобила бо як воқеият, ду навъ идрок кунанд — яъне аъсобашон ду гуна мутаассир шавад — ҳар ду ҳақиқат аст. Масалан, агар як нафар як рангро сабз ва шахси дигар ҳамон рангро сурх дид, ҳар ду ҳақиқат аст, зеро ҳар ду кайфият дар асари тамоси ҳавосс бо хориҷ пайдо шудааст."*

Бархе мегӯянд:

*"Ҳақиқат яъне он чизе, ки пазируфтани он барои зеҳн саҳлтар ва осонтар бошад. Масалан, инки мегӯем "вуҷуд доштани ҷаҳони хориҷ ҳақиқат аст", яъне пазируфтани он барои зеҳн саҳлтар ва осонтар аст ва ғайр аз ин маъное надорад."*

Ҳақиқатро таврҳои дигаре ҳам тафсир кардаанд, мисли он ки:

*"Ҳақиқат яъне он фикре, ки зеҳн бо услуби илмӣ ба сӯи он ҳидоят шуда бошад."*

Пурвозеҳ аст, ки ҳамаи ин таърифҳо ва тафсирҳо ба манзилаи сипар андохтан дар баробари ишколоти идеалистҳо ва суфастоиён ва як силсила ишколоти дигар аст, ки баъзе аз онҳо дар зимни гуфтори Фелисин Шоле ва Вилём Ҷеймз омадаанд.

Низоъи фалсафа бо сафсата ё реализм бо идеализм, як низоъи лафзӣ ва истилоҳӣ нест, ки мо битавонем бо тағйир додани истилоҳ, аз идеализм раҳоӣ пайдо кунем. Оё суфастоиён ғайр аз ин ки хоссияти мутобиқат бо воқеъро аз идрокот нафй мекунанд, ҳарфи дигаре доранд? Оё метавон миқёси афкори илмӣ ва фалсафиро аз авҳоми сафсатӣ, "тавофуқи ҳамаи зеҳнҳо дар як замон ва адами тавофуқи онҳо" (чунон ки Огуст Кант мегӯяд) ва ё

“муфид будан ва муфид набудан” (чунон ки Вилём Ҷеймз мегӯяд) ва ё “мувоҷеҳаи ҳисс бо хориҷ ва адами мувоҷеҳаи он” қарор дод? Оё ин наҳв изҳори назарҳо дар тафсири ҳақиқат мусталзими нафйи арзиши маълумот ва ғӯтавар шудан дар идеализм ё шакгарой (*skepticism*) нест?

Ошноён ба мантиқ ва фалсафаи исломӣ медонанд, ки ишколоте, ки Фелисин Шоле (*Felicien Challaye*) ва Вилём Ҷеймз (*William James*) дар зимни гуфтори худ, ба мутобиқати афкор бо воқеъ ворид карданд, ҳал шудааст ва чандон қобили таваҷҷӯҳ нест.

Бинобар ин, барои як файласуфи реалист, ки аз усули идеалистӣ дурӣ меҷӯяд ва мехоҳад бо як равиши воқеъбинӣ сулук намояд, чорае нест ҷуз он ки ҳақиқатро ҳамон тавр, ки қудамо (фалосифаи куҳан) тафсир кардаанд тафсир кунад ва “меъёри сидқ”-ро ҳамон чизе бидонад, ки қудамо медонистанд.

Ин силсиламақолот, ки ӯҳдадори баёни равиши реализм аст, ба ҳеч як аз маъонӣ ва тафсироте, ки ахиран барои ҳақиқат ё сидқ намудаанд ва дониста ё надониста ба сӯи суфастоигарӣ ва идеализм гом бардоштаанд, назаре надорад, балки ҳамон маъноеро, ки ҷамиъи донишмандон қадим ва бештари донишмандони ҷадид манзур доштаанд, дар назар гирифтааст.

Дар фалсафаи қадим ва ҷадид мабоҳиси зиёде марбут ба “ҳақиқат” ба ин маънӣ, ки таъриф кардем, матраҳ мешавад ва албатта мо дар ин мақола наметавонем вориди тамоми мабоҳиси марбут ба ин матлаб бишавем, фақат қисмате аз он мабоҳисро ба таври ихтисор баён мекунем. Дар инҷо дар ин чанд мабҳас гуфтугӯ хоҳем кард:

1. Оё ҳақиқат филҷумла (яъне дар баъзе маворид) вуҷуд дорад ё он ки тамоми идрокоти башар мавҳум (пиндошта) ва ботил ва ҳеч дар ҳеч аст?

2. Мизон (тарозу)-и ташхиси ҳақиқат аз хато чист?

3. Оё мумкин аст як чиз ҳам ҳақиқат буда бошад ва ҳам хато?

4. Оё ҳақиқат муваққат аст ё доимӣ?

5. Оё ҳақиқат қобили таҳаввул ва такомул аст?

6. Чаро ҳақиқати ҳосил аз таҷриба ғайри яқинӣ аст?

7. Оё ҳақиқат мутлақ аст ё нисбӣ?

* * *

**1. Оё ҳақиқат филҷумла вуҷуд дорад?**

Ҳақиқӣ будан ва мутобиқ бо воқеъ будани идрокоти инсон, (филҷумла) бадеҳӣ аст. Яъне ин ки "ҳамаи маълумоти башар — алорағми иддаъои идеалистҳо — сад дар сад хато ва мавҳум нест", бар ҳама кас дар ниҳояти вузуҳ ҳувайдост ва эҳтиёҷ ба истидлол надорад, балки истидлол бар ин матлаб маҳол ва ғайри мумкин аст.

Як силсила ҳақоиқи мусаллама ё бадеҳиёт — ки дар мақолаи 2 онҳоро "фитриёт" номидем — дар зеҳни ҳар касе ҳатто худи суфастоиён мавҷуд аст ва худи онҳо низ дар ҳоққи зеҳн ба онҳо эътироф доранд. Суфастоии воқеӣ — яъне касе ки нисбат ба ҳама чиз мураддад ё мункир бошад — ёфт намешавад.

Суфастоиён ва идеалистҳо вуқӯи хаторо аз ҳисс ва ақл, далел бар муддаъои худ қарор додаанд ва мо дар ҷавоби шубҳаи 2 аз мақолаи 2 гуфтем, ки худи ҳамин пай бурдан ба хато, далел бар ин аст, ки як силсила ҳақоиқи мусаллама дар назди мо ҳаст, ки онҳоро меъёр ва миқёс қарор додаем ва аз рӯйи онҳо ба хатоҳое пай бурдаем, вагарна пай бурдан ба хато маънӣ надошт; зеро бо як ғалат наметавон ғалати дигареро тасҳеҳ кард.

Ғараз аз ин баён таваҷҷӯҳ додани ҳар кас аст ба фитриёти худ, на истидлол ва иқомаи бурҳон бар муддаъо, зеро ҳамчунон ки донишмандон гуфтаанд, агар касе мункири ҷамиъи усул ва ҳақоиқи мусаллама бишавад (албатта ба забон), истидлол ва иқомаи бурҳон барои маҳкум кардани ӯ бе фоида аст. Зеро ҳар истидлоле муттакӣ ба муқаддимоте хоҳад буд, ва он муқаддимот ё худ бениёз аз истидлоланд ё он ки билохира муттакӣ ба усул ва муқаддимоте хоҳанд буд, ки бениёз аз истидлол бошанд. Ва агар тараф ба ҳеч асле эътироф надошта бошад ва барои ҳар муқаддима далел бихоҳад, то бениҳоят пеш хоҳад рафт ва қаҳран, ҳусули натиҷа ғайри муяссар хоҳад буд.

Яке аз моддигароён, дар мақоми радди сафсатаи идеалистҳо, барои исботи вуҷуди олами хориҷ, ба фарзияи *Лоплос* (*Laplace*) ва ин ки замин аз хуршед ҷудо шуда ва солҳо дар ҳоли илтиҳоб буда ва пас аз милюнҳо сол мавҷудоти зинда ва аз он ҷумла инсонҳо ва аз он ҷумла шахси идеалист, ки ҳама чизро зеҳнӣ медонад (падид омадаанд), мутамассик шуда ва инро истидлоли қотеъе дар радди сафсатаи идеалистҳо пиндоштааст.

Возеҳ аст, ки ин гуна истидлолот дар радди касе ки хуршед ва замин ва инсонҳои рӯйи замин ва билохира ҳамаи ҷаҳонро "суратҳои зеҳнӣ" ва бе воқеият медонад ва асосан илм ва фалсафаро бемаънӣ мешуморад чӣ қадр беҳуда аст.

Дар матни ин мақола, ки кайфияти вуқӯи хато баррасӣ шудааст, манзур иқомаи далел бар радди муддаъои суфастоиён нест, балки манзур ҷавоби шубҳае аст (шубҳаи 2 аз шубаҳоти мақолаи 2), ки дар боби кошифияти илм ва хатои қувваҳои идрокӣ эрод намудаанд.

Дар матни ин мақола баррасӣ шуда, ки ҳеч илме бе макшуф нест ва ҳеч гоҳ қувваҳои идроккунанда дар кори худ иштибоҳ намекунанд, маншаи вуқӯи хатоҳо ва иштибоҳот чизи дигаре аст, ки шарҳ дода шудааст.

**2. Мизони ташхиси ҳақиқат аз хато чист?**

Аз як силсила ҳақоиқи мусаллама, ки зеҳни мо онҳоро дар камоли бадоҳат ва равшанӣ меёбад бигузарем, ба масоили дигаре бармехӯрем, ки бар мо равшан нест ва бояд онҳоро аз тариқи фикрӣ ва истидлолӣ кашф кунем. Ва ҳамчунон ки вуҷуди як силсила ҳақоиқи мусаллама бар мо мусаллам аст, ин матлаб низ мусаллам аст, ки башар гоҳе дар кӯшишҳои илмӣ ва истидлолии худ хато мекунад ва ба ғалат меафтад. Пас бояд дид василае барои ташхиси саҳеҳ аз сақим ва ҳақиқат аз хато ҳаст ё на? Ва он васила чист?

Миқёс ва меъёри ташхиси ҳақиқат аз хато "мантиқ" номида мешавад. Маъруфтарин ва шояд қадимитарин услубҳои мантиқӣ ҳамон аст, ки Арасту муваффақ ба ҷамъ ва тадвини онҳо шуда. Дар таҳаввули ҷадиди Урупо мантиқи Арасту мавриди эътироз ва интиқоди донишмандон қарор гирифта ва баъзе аз донишмандон монанди Декорт (*Descartes*) ва Ҳегел (*Hegel*) муддаъии мантиқи ҷадиде ҳастанд. Дар ин силсиламақолот як мақолаи мустақил ба ин матлаб ихтисос дода шудааст. Дар зимни он мақола аз услубҳои мантиқии ҷадид ва ба хусус аз услуби мантиқи диалектик баҳс ва интиқоди кофӣ хоҳад шуд. Бинобар ин, феълан аз вуруд дар ин мабҳаси тӯлонӣ худдорӣ мекунем.

**3. Оё мумкин аст як чиз ҳам ҳақиқат буда бошад ва ҳам хато?**

Маъмулан ҳар як аз ҳақиқат ва хато ё саҳеҳ ва ғалат ё сидқ ва кизбро дар муқобили якдигар қарор медиҳанд ва мегӯянд: як фикр агар ҳақиқат ва саҳеҳ ва содиқ буд, пас мумкин нест

хато ва ғалат ва кизб бошад. Ва билъакс, агар хато буд, мумкин нест ҳақиқат буда бошад. Масалан, ин фикр “замин ба даври хуршед мечархад” ё рост аст ё дурӯғ, қисмати севвуме надорад. Роҷеъ ба ҳар матлаби дигар низ дар назар бигирем — хоҳ марбут ба масоили рӯзмарра бошад (Ман имрӯз бо фалон рафиқ мулоқот кардам) ва хоҳ марбут ба ҳақоиқи таърихӣ (Арасту шогирди Афлотун будааст) ва хоҳ марбут ба ҳақоиқи куллии илми риёзӣ мисли “5 зарб дар 5 мусовӣ аст бо 25” ё ҳақоиқи куллии табиӣ мисли он ки “ҷисмҳо дар асари ҳарорат мунбасит мешаванд” ё ҳақоиқи фалсафӣ мисли он ки “давр ва тасалсул ботил аст” — ҳамин тавр аст.

Вале ахиран миёни донишмандони ҷадид ин ҷумла шойеъ аст, ки ҳақоиқи илмӣ дар айни ин ки ҳақиқат мебошанд, мумкин аст хато низ буда бошанд. Ва ин матлаб ба донишмандони материализми диалектик — ки тибқи яке аз усули мантиқи диалектик (асли ваҳдати зиддайн), ҷамиъи зиддҳо ва нақизҳоро бо якдигар оштӣ додаанд ва ҳамаро бо ҳам қобили иҷтимоъ медонанд — фурсате додааст, ки бигӯянд, ҳақиқат ва хато ё саҳеҳ ва ғалат ва ё сидқ ва кизб чандон ихтилофе бо якдигар надоранд, мумкин аст як чиз ҳам ҳақиқат ва ҳам хато ва ҳам саҳеҳ ва ҳам ғалат ва билохира ҳам рост ва ҳам дурӯғ буда бошад. Инки як фикр аз як ҳайс ва як ҷиҳат маҳол аст ҳам ҳақиқат ва саҳеҳ бошад ва ҳам хато ва ғалат, бар як тифли дабистонӣ низ махфӣ нест. Оё худи донишмандони моддӣ ҳозиранд қабул кунанд, ки усули фалсафӣ ва мантиқии онон ҳам саҳеҳ аст ва ҳам ғалат? Оё ҳамин матлаб, ки алъон аз онҳо нақл кардем, ки гуфтанд: “Мумкин аст як чиз ҳам ҳақиқат ва ҳам хато буда бошад”, мумкин аст ҳам ҳақиқат ва ҳам хато, ва ҳам саҳеҳ ва ҳам ғалат буда бошад?

Он чӣ аз донишмандон дар боби иҷтимоъи ҳақиқат ва хато нақл кардем, дар бораи теорияҳо ва фарзияҳои бузурги илмӣ аст ва манзурашон ин аст, ки як теория ва як фарзия, ки муштамил бар чандин матлаб ва шомили чандин воҳиди фикрӣ аст, мумкин аст дорои як ҷузъи ҳақиқат ва як ҷузъи хато буда бошад. Албатта ин чизе аст, ки қобили қабул аст ва рабте ба асли “ваҳдати зиддайн” надорад.

Мо дар бораи ин матлаб дар ҳамин мақола он ҷо, ки назариёти материализми диалектикро ба хусус дар бораи арзиши маълумот баён ва интиқод мекунем, баҳси зиёдтаре хоҳем кард.

**4. Оё ҳақиқат муваққат аст ё доимӣ?**

Ин матлаб низ шоистаи диққат аст. Диққат дар ин матлаб, аз бисёре аз ғалатҳо ва иштибоҳот ҷилавгирӣ мекунад.

Мантиқдонон ва фалосифаи қадим яке аз хоссиятҳои ҳақиқӣ будани мафоҳимро "доимӣ будан" медонистанд ва мегуфтанд: "ҳақоиқ доимӣ ҳастанд."

Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино дар мантиқи "Шифо" дар бораи ин матлаб баҳси кофӣ кардааст. Барои иддае аз донишмандони ҷадид ва ба хусус моддигароён, ин матлаб тавлиди иштибоҳ кардааст ва гумон кардаанд, мақсуди донишмандони қадим ин будааст, ки мавзӯи як фикри ҳақиқӣ (мутобиқ бо воқеъ) бояд як амри собит ва ҷовидон бошад ва аз ин роҳ ба ҳамла пардохтаанд ва муддаъӣ шудаанд, ки ин ақида аз онҷо барои донишмандони қадим пайдо шудааст, ки ба асли тағйир дар табиат таваҷҷӯҳ надоштаанд, ва бо таваҷҷӯҳ ба асли тағйир дар табиат, бояд гуфт, "ҳақоиқ муваққатанд, на доимӣ."

Моддигароён эътиқод ба доимӣ будани ҳақоиқро, аз осори ҷумуди мантиқи қадим ва аз хоссиятҳои тафаккури метафизикӣ медонанд.

Бинобар ин, лозим аст дар бораи ин матлаб тавзеҳи бештаре бидиҳем.

Ибтидо, пеш аз он ки вориди баҳси доимӣ будан ва муваққат будани "ҳақиқат" бишавем, барои он ки аз халти мабҳас ҷилавгирӣ карда ва ду матлабро аз якдигар тафкик карда бошем, бибинем, оё воқеъ — ки мафоҳим ва муҳтаваёти фикрӣ ва зеҳнии мо аз онҳо ҳикоят мекунад — муваққат аст ё доимӣ?

Тардиде нест, ки воқеъ — ки қазияи зеҳнӣ аз он ҳикоят мекунад — мумкин аст муваққат бошад ва мумкин аст доимӣ. Масалан, воқеиятҳои хосси моддӣ дар олами хориҷ муваққат аст, зеро модда ва равобити аҷзоъи он доиман дар тағйир аст. Дар табиат як чиз дар ду лаҳза ба як ҳол боқӣ намемонад. Ҳар воқеияте барои як муддати маҳдуд дар саҳнаи табиат зоҳир мешавад ва аз байн меравад. Ин навъ воқеиятҳо муваққат ва зоилшуданӣ аст.

Вале як навъ воқеиятҳои мустамир ва абадӣ дар худи табиат аст (қатъи назар аз моварои табиат), мисли воқеияти "ҳаракат". Ва агар бигӯем: "модда дар ҳаракат аст", аз як амри мустамир ва доимӣ ҳикоят кардаем. Дар мантиқи қадим дар боби "қазоё" — ки баҳс аз "давом" ва "зарурат" ва ғайра мешуд — мақсуд ин навъ "давом" буд, ки хоссияти баъзе аз воқеиятҳост, ва ин навъ аз давом марбут ба матлаби мо нест.

Пас воқеиятҳои хориҷ аз зеҳн мумкин аст муваққат бошанд ва мумкин аст доимӣ.

Ҳоло бибинем, оё ҳақоиқ муваққат аст ё доимӣ? **Яъне, оё мутобиқати мафоҳим ва муҳтаваёти зеҳнӣ, бо воқеъ (хоҳ муваққат ва хоҳ доимӣ) муваққат аст ё доимӣ?**

Албатта, ки наметавонад муваққатӣ бошад, зеро ҳарчанд мафоҳим ва муҳтаваёти зеҳнӣ як воқеияти мутағайирро — ки марбут ба як лаҳзаи хосс аз замон аст — баён кунад, мутобиқати он муҳтавои зеҳнӣ бо воқеъи худ абадӣ аст, ихтисосе ба як лаҳзаи муайян аз замон надорад.

Ва ба ибораи равшантар: он чӣ муқайяд ва маҳдуд ба замон аст воқеияти хориҷӣ аст, на мутобиқати мафҳуми зеҳнӣ бо он воқеияти хориҷӣ. Масалан: вақте ки мегӯем: "Арасту дар қарни 4-уми қабл аз милод шогирди Афлотун будааст", яке аз равобити мутағайири аҷзоъи табиатро баён кардаем, зеро шогирдии Арасту пеши Афлотун марбут ба як қитъаи хосс аз замон аст (қарни 4-уми қабл аз милод).

Аммо ин ҳақиқат — ки дар фикри мо омада — ҳамеша ва доиман содиқ аст ва бо воқеъи худ мутобиқат дорад. Яъне дар ҳамаи замонҳо содиқ аст, ки Арасту дар қарни 4-уми қабл аз милод шогирди Афлотун будааст.

Мисоли боло як ҳақиқати таърихӣ буд, марбут ба як воқеияти моддии мутағайир. Ин баён дар бораи ҷамиъи ҳақоиқ – чӣ риёзӣ ва чӣ табиӣ ва чӣ фалсафӣ — хоҳ марбут ба як воқеияти мутағайир бошад ва хоҳ доимӣ, содиқ аст.

Дар мантиқи қадим дар боби "бурҳон" — ки баҳс аз "давом" ва "зарурат" мешуд — мақсуд ин навъ аз давом буд, ки хоссияти ҳақоиқ аст ва марбут ба матлаби мост. Ва ин аст мақсуди донишмандони қадим, ки мегуфтанд: "ҳақоиқ доимӣ ҳастанд."

Бинобар ин, як мафҳуми зеҳнӣ ё аслан ҳақиқат нест ва дурӯғ ва ғалат аст, ва ё агар ҳақиқӣ буд ва аз як воқеъ ҳикоят кард, ҳамеша бо воқеъи худ мутобиқат дорад.

Аз баёни чанд нукта дар инҷо ногузирем:

**а)** Баёни гузашта марбут ба улуми ҳақиқӣ буд, дар эътибориёт ва масоили марбут ба улуми эътиборӣ ҷорӣ нест. Масалан, дар масоили ахлоқӣ ва қавонини иҷтимоӣ — ки мисдоқи айнӣ ва хориҷӣ надоранд ва тобеъи эътибори қонунгузорон ва ғайра аст — мумкин аст барои як муддати маҳдуд як чиз ҳақиқати ахлоқӣ ё иҷтимоӣ шинохта шавад ва бо тағйири

шароити муҳит, он ҳақиқат аз байн биравад. (Албатта, возеҳ аст, ки аз лиҳози фалсафӣ ин умурро асосан наметавон "ҳақоиқ" шинохт).

Аз инҷо бепоягии як ришта истидлолҳои донишмандони моддӣ, ки муваққат будани масоили ахлоқиро далел бар муваққат будани ҳақоиқ овардаанд, равшан мешавад.

**б)** Баҳси доимӣ ва муваққат будани ҳақоиқ марбут ба ҳақоиқи яқинӣ аст, на ҳақоиқи эҳтимолӣ. Чунонки хоҳад омад, донишмандон таҷрибаро яқиноввар намедонанд ва қавонини таҷрибиро "ҳақоиқи эҳтимолӣ" ва гоҳе "яқинии нисбӣ" мехонанд.

Албатта, ҳақиқати эҳтимолӣ метавонад муваққат бошад. Зеро монеъе надорад агар як фарзия ва теория бо чандин таҷриба татбиқ шуд, модоме ки хилофаш мусаллам нашуда бошад, онро як "қонуни илмӣ" фарз ва талаққӣ кунем. Ва албатта ҳар вақт фарзияи дигаре падид омад, ки бо таҷрибиёти бештаре татбиқ шуд, онро "ҳақиқати илмӣ" талаққӣ хоҳем кард. (Ҳарчанд аз лиҳози фалсафӣ умури эҳтимолиро низ "ҳақоиқ" наметавон хонд ва мо фақат ба пайравӣ аз истилоҳи донишмандони ҷадид ин таъбиротро мекунем).

**в)** Донишмандоне, ки ҳақиқатро ба маънои дигаре ғайр аз маънои маъруф тафсир кардаанд, ки қаблан ишора шуд, метавонанд ҳақиқатро муваққат бидонанд. Масалан, ҳақиқат ба тафсире, ки Огуст Кант намудааст (яъне "он чӣ ҳамаи зеҳнҳо дар як замон бар он тавофуқ доранд"), метавонад муваққат бошад, зеро монеъе надорад дар ҳар замоне ҳамаи зеҳнҳо бар як фикри назарии хосс тавофуқ дошта бошанд.

Фелисин Шоле, ки тафсири Огуст Кантро писандидааст, пас аз иборате, ки собиқан дар тафсири "ҳақиқат" аз вай нақл кардем, ин тавр ба гуфтаи худ идома медиҳад:

"*Албатта ин тавофуқ ва дар натиҷа ҳақиқат, ба ин тартиб муваққат аст, зеро ҳамон тавр ки гуфта шуд, ҳақиқат маҳсули улум аст ва улум доиман дар тараққӣ ва сайри такомулӣ аст ва бар хилофи он чӣ собиқан тасаввур мекарданд, "ҳақиқат" таъаммул дар як амри собит ва ҷовидон нест, балки он низ монанди "адолати иҷтимоӣ" натиҷа ва самараи кӯшиши тадриҷӣ ва бо марорати башар мебошад.*"

Он чӣ аз донишмандони қадим нақл кардем, ки "хоссияти ҳақиқӣ будан доимӣ аст", **аввалан** дар бораи масоили марбут ба улуми ҳақиқӣ буд, на улуми эътиборӣ;

**Сониян**, дар бораи умури яқинӣ буд, на умури эҳтимолӣ;

**Солисан**, манзур аз “ҳақиқӣ будан” мутобиқат бо воқеъ буд, на чизи дигар аз қабили “тавофуқи тамоми зеҳнҳо” ва ғайра.

**5. Оё ҳақиқат мутаҳаввил ва мутакомил аст?**

Аз баёне, ки дар боло (дар баҳси пешин) роҷеъ ба доимӣ будани ҳақоиқ кардем, посухи ин суол низ равшан мешавад.

Дар боло гуфтем (дар баҳи пешин), агар як мафҳуми зеҳнӣ бо воқеияте аз воқеиятҳо мунтабиқ буд, ҳамеша бо ҳамон воқеъи худ мунтабиқ аст, ва агар мунтабиқ набуд, ҳеч вақт мунтабиқ нест. Ва ба иборати дигар: агар рост буд, ҳамеша рост аст, ва агар дурӯғ буд, ҳамеша дурӯғ аст. Маҳол ва мумтанеъ аст, ки як мафҳуми зеҳнӣ, ки аз як воқеияти хосс ҳикоят мекунад, нисбат ба ҳамон воқеият дар як замон рост бошад ва дар як замон дурӯғ.

Ҳоло мехоҳем бидонем, ки як мафҳум ва ба истилоҳи мантиқ як “қазия”, агар рост ва саҳеҳ ва ҳақиқат буд, оё мумкин аст ба тадриҷ росттар ва саҳеҳтар ва ҳақиқаттар бишавад? Ва ба истилоҳ, дараҷаи ҳақиқӣ буданаш боло биравад ё хайр?

Агар мо дар ин масъала мафҳуми фалсафии онро (тағйири такомулӣ) дар назар бигирем ва аз мусомиҳаҳое, ки донишмандон дар таъбироти худ дар баёни такомули улум намудаанд ва манзури худро ба унвони “такомули ҳақиқат” адо кардаанд (албатта мафҳуми фалсафии он манзур набудааст) сарфи назар кунем, посух ин суол хеле содда аст. Ин гуна таъбироти мусомиҳаии донишмандон, барои баъзе тавлиди иштибоҳ кардааст ва ба материалистҳо фурсате додааст, ки таҳрифот ва мағлатаҳое ба вуҷуд оваранд.

Шумо ҳар як аз ҳақоикро, ки дар назар бигиред — хоҳ ҷузъӣ, хоҳ куллӣ, хоҳ марбут ба умури моддӣ, хоҳ ғайри моддӣ — хоҳед дид, ки ҳамеша ва дар ҳамаи замонҳо ба як наҳв ва ба як минвол содиқ аст ва асосан маъно надорад, ки ба тадриҷ содиқтар шавад.

Масалан: як ҳақиқати таърихиро дар назар мегирем ва мегӯем: “Арасту дар қарни 4-уми қабл аз милод шогирди Афлотун будааст” ё як ҳақиқати табииро ва мегӯем: “Филизот дар асари ҳарорат мунбасит мешаванд” ва ё як ҳақиқати риёзиро ва мегӯем: “Се зовияи мусаллас мусовӣ аст бо ду қоима” ва ё як ҳақиқати фалсафиро ва мегӯем: “Давр ва тасалсул ботил аст”, оё мумкин аст ба тадриҷ дар асари такомули улум ва ё ҳар чизи дигар, ин

ҳақоиқ саҳеҳтар ва содиқтар бишаванд ва дараҷаи ҳақиқӣ будани онҳо болотар биравад? Албатта на.

Як чизи дигар мумкин аст, ва он ин ки: иттилооти мо нисбат ба ҳар як аз мавзӯъҳои боло тавсиъа пайдо кунад ва бар маълумоти мо афзуда шавад. Масалан: ибтидо иттилоъи мо роҷеъ ба равобити Арасту ва Афлотун беш аз ин ки Арасту дар қарни 4-уми қабл аз милод шогирди Афлотун буда набуд, вале кам-кам дар асари таҳқиқоти таърихӣ, иттилооти мо тавсиъа пайдо кард ва равобити бештареро кашф кардем ва маълум шуд, ки "Арасту аз синни 18-солагӣ ба дарси Афлотун ҳозир шуда ва то 20 сол идома дода ва ин шогирдӣ дар шаҳри Отен (Афина) буда ва Арасту дар боғи маъруфи Окодемиё (*Academia*) тақрибан дар як километрии шаҳр буда ба дарси Афлотун ҳозир мешуда ва Афлотун ӯро "ақли мадраса" лақаб дода буд." Яъне илова бар ҳақиқати аввал, як силсила ҳақоиқи дигар дар зеҳни мо ворид шуд, на ин ки ҳақиқати аввал камол ёфт ва дараҷаи ҳақиқӣ буданаш боло рафт.

Ва ҳамчунин мумкин аст дар асари пешрафти физик як силсила хоссиятҳои дигаре аз филизот дар ҳини ҳарорат кашф кунем ва дар асари тараққии риёзиёт аҳкоми дигаре роҷеъ ба мусалласот ба даст оварем ва дар асари пешрафти фалсафа анвоъ ва ақсоми давр ва тасалсулро бишносем, вале ҳеч як аз инҳо рабте ба такомули ҳақиқат ба мафҳуми фалсафии он надорад. Яъне на ин аст, ки он ҳақиқати аввал, ки пеши мо буд рушд ва камол ёфта ва ба тадриҷ ҳақиқаттар ва саҳеҳтар ва содиқтар шуда ва дараҷаи ҳақиқӣ буданаш боло рафта, балки фақат дар асари ковишҳои илмӣ, як идда ҳақоиқи дигаре марбут ба он мавзӯъ, дар зеҳни мо ҳосил шудааст.

Ҳоло бибинем, манзури донишмандон аз "такомули улум" ё "такомули ҳақиқат" чист? Донишмандон ҳар вақт дам аз такомули ҳақиқат бизананд, мафҳуми фалсафии он манзур нест, балки яке аз ду маъниро дар назар гирифтаанд:

**а)** Ҳамин маъно, ки дар боло ишора шуд (тавсиъаи тадриҷии маълумот). Тардиде нест, ки улум рӯ ба тавсиъа ва афзоиш аст ва таҳқиқоти донишмандон ҳар рӯз фасли ҷадиде дар ҳар як аз улум боз мекунад ва ё илми ҷадидеро дар саҳнаи улум ворид мекунад. Аз рӯзи аввал на ҳеч як аз улум ва на фалсафа ба ин тавсиъа, ки имрӯз ҳаст, набуда, балки ба тадриҷ, ки аз умри тамаддуни башар гузашта, дар асари кӯшишҳои донишмандон, бар иддаи масоили онҳо афзуда шудааст ва баъдан низ афзуда хоҳад шуд.

Гумон намеравад дар тамоми ҷаҳон як донишманд пайдо шавад, ки мункири ин матлаб бошад. Албатта, ин навъ аз такомул, ки мебоист онро “тавсиъаи тадриҷӣ” ва ё “такомули арзӣ” номид, дар фалсафа ва ҷамиъи шӯъбаҳои улум ҷорӣ аст ва рабте ба такомули ҳақиқат ба мафҳуми фалсафии он, ки материалистҳо дастовез қарор додаанд, надорад.

**б)** Улуми таҷрибӣ як навъ таҳаввул ва такомули махсус ба худ пайдо мекунад, ки метавон онро “такомули тӯлӣ” номид; ба ин маънӣ, ки ин улум фақат рӯйи фарзия ва теория кор мекунанд ва ба ҳасби синхи мавзӯъоти худ, наметавонанд монанди риёзиёт ва фалсафа муттакӣ ба усули бурҳонии яқинӣ бошанд. Ва чун далел ва гувоҳӣ бар сиҳҳати ин фарзияҳо ҷуз интибоқ бо таҷориб ва натиҷаи амалӣ додан нест ва интибоқ бо таҷриба ва натиҷаи амалӣ додан далел бар ҳақиқӣ будан ва яқинӣ будан намешавад ва ҷанбаи эҳтимолии он фарзияҳоро аз байн намебарад, ва аз тарафе ҳам, роҳи дигаре барои ба даст овардани сиҳҳати ин фарзияҳо дар даст нест, ночор ҳамин қадр, ки як фарзия бо таҷрибиёте, ки дар дастраси башар ҳаст мунтабиқ шуд, донишмандон ин амри эҳтимолиро як ҳақиқати илмӣ фарз ва талаққӣ мекунанд ва ба унвони як қонуни илмӣ мешиносанд ва дар китобҳои илмӣ ва дарсӣ ба сурати қонуни илмӣ зикр мекунанд, вале ҳар вақт як фарзияи дигаре, ки дар аҷзоъи фарзияи аввалислоҳоте ба амал оварда буд ё асосан мубойин бо ӯ буд падид омад ва дар ҳар сурат бо таҷрибиёти бештар ва дақиқтаре мунтабиқ шуд, фарзияи аввал аз саҳнаи илм хориҷ шуда ва фарзияи дуввум ҷойи онро мегирад ва ба ҳамин тартиб…

Донишманди табиӣ барои тавҷеҳи ҳаводиси табиӣ, бо нерӯи ҳадс дар зеҳни худ фарзияе месозад, сипас сиҳҳати онро бо таҷриба ва натиҷаи амалӣ гирифтан озмоиш мекунад. Агар бо таҷрибаҳои мавҷуд мунтабиқ шуд ва амалан тавонист падидаҳои табиатро тавҷеҳ кунад, онро ба сурати як қонуни илмӣ дармеоварад ва то вақте ки фарзияе ҷомеътар ва комилтар, ки бо таҷрибаҳои бештар ва дақиқтар мунтабиқ шавад ва беҳтар битавонад падидаҳо ва ҳаводиси табиатро тавҷеҳ кунад наомадааст, ба қуввати худ боқӣ аст, ва бо омадани фарзияи комилтар ҷойи худро ба ӯ медиҳад ва ба ҳамин тартиб ҳар ноқисе ҷойи худро ба комилтар аз худ медиҳад ва улуми табиӣ роҳи такомули худро ба ин тартиб мепаймояд.

Бинобар ин, улуми таҷрибӣ илова бар ин ки монанди фалсафа ва ҳамаи улум дорои як такомули арзӣ — ки онро дар боло “тавсиъаи тадриҷӣ” номидем – мебошанд, дорои як такомули тӯлӣ низ ҳастанд ба тартибе, ки шарҳ дода шуд.

Вале хонандаи мӯҳтарам хуб таваҷҷӯҳ дорад, ки ин навъ такомул низ рабте ба масъалаи такомули ҳақиқат ба истилоҳи фалсафии он надорад. Яъне ин тавр нест, ки як ҳақиқати мусаллам ба тадриҷ саҳеҳтар ва содиқтар шуда бошад ва ба истилоҳи материалистҳо, дараҷаи ҳақиқӣ буданаш болотар рафта бошад, балки фарзия ва таҷрибиёти ҷадид собит кард, ки фарзияи аввалро наметавон ба унвони "ҳақиқат" талаққӣ кард, тамоми онро ё баъзе аз қисматҳои онро бояд канор гузошт ва албатта ба тадриҷ ба ҳасби гузари замон фарзияҳо ҷомеътар ва дақиқтар мешавад ва вуҷуди фарзияи пешин барои пайдоиши фарзияи баъд аз худаш дахил аст. Яъне ҳарчанд донишманди табиӣ бо нерӯи ҳадси худ фарзия месозад, аммо тардиде нест, ки савобиқи зеҳнии вай дар таҳаққуқи ин ҳадс дахил аст ва бар ҳар ҳол ин матлаб рабте ба "такомули ҳақиқат" ба истилоҳи фалсафӣ надорад.
Ин навъ аз такомул аз ҷанбаи эҳтимолӣ ва ғайри яқинӣ будани масоили улуми табиӣ ношӣ мешавад.

**6. Чаро улуми таҷрибӣ яқинӣ нест?**

Иллати яқинӣ набудани улуме, ки сирфан мустанад ба таҷриба ҳастанд ин аст, ки фарзиёте, ки дар улум сохта мешавад, далел ва гувоҳе ғайр аз интибоқ бо амал ва натиҷаи амалӣ додан надорад. Ва натиҷаи амалӣ додан, далел бар сиҳҳати як фарзия ва мутобиқати он бо воқеъ намешавад. Зеро мумкин аст як фарзия сад дар сад ғалат бошад, вале дар айни ҳол битавон аз он амалан натиҷа гирифт, чунонки ҳайъати Батламюс (*Ptolemy*) — ки заминро маркази олам ва афлок ва хуршед ва ҳамаи ситорагонро мутаҳаррик ба даври замин медонист — ғалат буд, вале дар айни ҳол аз ҳамин фарзияи ғалат, дар бораи хусуф ва кусуф ва ғайра натиҷаи амалӣ мегирифтанд. Тибби қадим — ки бар асоси табиатҳои чаҳоргона (ҳарорат, бурудат, рутубат, юбусат) қазоват мекард — ғалат буд, вале дар айни ҳол амалан садҳо ҳазор маризро муолиҷа кардааст.
Мумкин аст ин пурсиш барои баъзе пеш ояд, ки чӣ гуна мумкин аст як ғалат натиҷаи саҳеҳ бидиҳад?
Посухи ин суол ин аст, ки гоҳе ду чиз ё бештар, як хоссият доранд ва ба як наҳв натиҷа медиҳанд. Ҳоло агар дар мавриде, яке аз он ду чиз вуҷуд дошт ва мо он дигариро, ки мавҷуд нест фарз кардем ва рӯйи ӯ ҳисоб кардем, қаҳран чун ҳисоби ҳар ду ба як натиҷа мерасад,

амалан аз ҳисоби худ натиҷа мегирем. Масалан: чӣ хуршед ба даври замин бичархад ва чӣ замин ба даври хуршед, лозимааш ин аст, ки дар фалон рӯзи муайян моҳ байни ин ду ҳоил шавад ва кусуф ба вуҷуд ояд. Мо чӣ он ки рӯйи ҳаракати хуршед ҳисоб кунем ва чӣ рӯйи ҳаракати замин, билохира натиҷаи ҳисоби мо ин аст, ки дар фалон рӯзи муайян ва дар соат ва дақиқаи муайян кусуф муҳаққақ шавад.

Барои ғайрияқинӣ будани улуми таҷрибӣ далели дигаре ҳам метавон овард. Ва он ин ки: улуми таҷрибӣ билохира мунтаҳӣ ба маҳсусот мебошанд ва ҳисс ҳам хато мекунад.

Фелисин Шоле дар "Метудулжӣ" дар боби қатъияти улуми физикӣ ва шимиёӣ мегӯяд:

*"Улуми физикӣ ва шимиёӣ монанди риёзиёт ба дастдиҳандаи яқин ва қатъияти мутлақ намешавад, зеро мабдаъи онҳо маҳсусот аст ва ҳисс ҳам хатокор мебошад."*

То онҷо, ки мегӯяд:

*"Ҳарчанд яқинӣ будани улуми физик ва шимӣ нисбӣ ва изофӣ аст, ин нисбият ба ҳеч ваҷҳ аз арзиши он намекоҳад, зеро ин улум, ҳам ақли моро, ки хостори назм ва ҳамсозӣ аст хурсанд месозад ва ҳам ин ки истифодаҳое, ки аз онҳо дар амал мешавад, бисёр шоёни аҳаммият аст."*

Дар боби қатъият ва фоидаи риёзиёт мегӯяд:

*"Риёзиёт чун аз асли мусаллам шурӯъ карда ба василаи қиёсҳои зарурӣ тавсиъа меёбад, илмест комилан яқиновар. Масалан: ин ки "ду ба изофа ду мусовӣ аст бо чаҳор" ҳукмест комилан мафҳум ва муҳаққақ ва мусаллам ва дар ин боб — ва ба ақидаи баъзе аз донишмандон фақат дар ин боб — аст, ки метавон аз яқини мутлақ гуфтугӯ кард."*

Мо дар бораи ин далел (хатои ҳисс) дар оянда баҳс хоҳем кард.

Мумкин аст барои хонандаи мӯҳтарам ибтидо тааҷҷубовар бошад агар бишнавад, ки улуми табиии имрӯз бо ҳамаи пешрафтҳо ва тавсиъаи фавқулъода ва бо он ҳама иктишофот ва санойеъи азим ва он ҳама ихтироъоти бар пояи он иктишофот, арзиши қатъӣ ва яқинии худро аз даст додааст ва танҳо дорои арзиши амалӣ аст.

Вале бо баёне, ки дар боло шуд мабнӣ бар ин ки қавонини илми табиӣ маъмулан гувоҳе бар сиҳҳати худ надоранд ғайр аз натиҷаи амалӣ додан, ва натиҷа додан ҳам, далел бар сиҳҳат ва мутобиқат бо воқеъ намешавад, ва бо мутолеаи оро ва ақоиди донишмандон — ки мухтасаре аз онро дар зимни баёни сайри ақоид ва оро нақл хоҳем кард — ин тааҷҷуб рафъ хоҳад шуд.

Дар улуми табиии ҷадид фарзияи ҷовидонӣ вуҷуд надорад. Ҳар фарзия ба таври муваққат дар арсаи илм зоҳир мешавад ва сурати "қонуни илмӣ" ба худ мегирад ва пас аз муддате, ҷойи худро ба фарзияи дигар медиҳад. Илми имрӯз дар масоили табииёт як қонуни илмии собит ва тағйирнопазир, ки тасаввури ҳеч гуна иштибоҳе дар он наравад намешиносад ва эътиқод ба чунин қонунеро як навъ ғурур ва аз хасоиси давраи Эскулостик (*Scholastic*) ва қуруни вустоиҳо медонад. Дар назари донишмандони ҷадид эътиқод ба қатъӣ будан ва яқинӣ будани як қонун илмӣ он тавр ки қудамо тасаввур мекарданд, як ақидаи иртиҷоъӣ аст.

Шояд аз қарни 19-ум ба баъд дар миёни донишмандон касе ёфт нашавад, ки монанди қудамо дар табииёт изҳори ҷазм ва яқин кунад (ҳарчанд қудамо ҳам масоили табииёт ва фалакиётро чандон яқинӣ намедонистанд ва онҳоро "ҳадсиёт" мехонданд).

Донишмандони ҷадид ҳар гоҳ фарзияе иброз доранд, ки таҷрибаҳои мавҷуд онро таъйид кунад, иддаъои яқини мутлақ дар бораи он намекунанд ва ба унвони "ҳақиқати мусаллам" онро баён намекунанд.

Эйнштейн, донишманди маъруфи муосир, дар бораи назарияи маъруфи худ "нисбият", ки ҷонишини назарияи ҷозибаи умумии Нютон дар физик шудааст, беш аз ин намегӯяд, ки "таҷрибаҳои феълӣ онро таъйид кардааст."

Оре, танҳо моддигароён ҳастанд, ки дар ин масоил изҳори қатъ ва яқин мекунанд ва ин масоилро "ҳақоиқи мусаллама" талаққӣ мекунанд ва ба донишмандоне, ки падидоварандаи ин фарзияҳо ҳастанд эътироз доранд, ки чаро дар ҳақиқӣ будани онҳо тардид доранд!

Чунонки баъдан дар ҳамин мақола дар ҳошияи мустақилле, ки орои моддигароёнро дар бораи "арзиши маълумот" баён ва интиқод мекунем, тавзеҳ хоҳем дод, ки моддигароён рӯйи ғарази хосс чорае надоранд ҷуз он ки бар хилофи ҳамаи донишмандон, масоили таҷрибиро яқинӣ бидонанд ва агар ғайр аз ин бигӯянд, пояи фалсафаи мавҳумашон хароб мешавад. Ва аз тарафи дигар мебинанд, ки фарзияҳои табиӣ ошкоро тағйир мекунад ва носиху мансух дорад, ночор як матлаби мавҳуми дигареро "такомули ҳақиқат" унвон мекунанд ва ҷору ҷанҷол роҳ меандозанд ва мехоҳанд аз ин роҳ, ҳам барои улуми табиӣ арзиши яқинӣ қоил шаванд ва ҳам тағйиру табдили фарзияҳоро тавҷеҳ кунанд.

Гумон мекунам, ки бо баёноте, ки то кунун дар ин муқаддима шуда, бар хонандаи мӯҳтарам равшан шуда бошад, ки такомули ҳақиқат ба маъное, ки манзури моддигароён аст (тағйири такомулӣ) мавҳуми маҳз аст ва албатта баъдан низ дар ин бора баҳси бештаре хоҳем кард.

Дар инҷо аз ёдоварии як нукта ногузир аст, ва он ин ки: масоили улуми таҷрибӣ бар ду гуна аст:

а) Масоиле, ки муттакӣ ба фарзияҳо ва теорияҳое аст, ки худ машҳуд нестанд ва фақат гувоҳашон интибоқ бо як силсила таҷрибиёт ва натиҷаи амалӣ додан аст. Ин синх масоил буд, ки мо онҳоро “яқинӣ” нахондем;

б) Масоиле, ки аз як идда машҳудот хулоса шудааст ва ба ваҷҳе метавон гуфт худашон машҳуданд, монанди таъйини хоссиятҳои аҷсом ва кайфияти таркиботи шимиёии онҳо.

Яқинӣ будан ва набудани ин синх масоил тобеъи миқдори арзише аст, ки барои маҳсусот қоил бошем ва мо ақидаи донишмандони ҷадидро дар бораи арзиши маҳсусоти башар дар зимни баёни “сайри ақоид ва оро” шарҳ хоҳем дод.

**Чаро фалсафа ва риёзиёт яқинӣ ҳастанд?**

Дар инҷо, ки иллати яқинӣ набудани улуми таҷрибиро баён кардем, муносиб буд, ки иллати яқинӣ будани фалсафа ва риёзиётро шарҳ диҳем ва ақоиди донишмандонро дар ин бора баён кунем, вале чун исботи ин матлаб рӯйи усули фалсафии мо эҳтиёҷ дорад, ки аз ду масъалаи дигар, ки дар садри ин муқаддима ишора шуд (роҳ ҳусули илм, таъйини ҳудуди илм) баҳс кунем ва он ду масъаларо дар мақолаи панҷум, ки таҳти унвони “Пайдоиши касрат дар илм” хоҳад омад баён хоҳем намуд, баёни ин матлаби нафис ва дақиқро ба мақолаи панҷум мавкул мекунем.

**7. Оё “ҳақиқат” мутлақ аст ё нисбӣ?**

Иддае аз донишмандони ҷадид ҳастанд, ки мункири “ҳақиқати мутлақ”-анд ва қоил ба “ҳақиқати нисбӣ” мебошанд.

Ин ҷамоатро “нисбиюн” ё *relativist* ва маслаки онҳоро “нисбият” ё *relativism* мехонанд.

Хулосаи ақидаи ин донишмандон ин аст:

Моҳияти ашё, ки илм (огоҳӣ) ба онҳо таъаллуқ мегирад, мумкин нест ба таври итлоқ ва дастнахӯрда дар қувваҳои идрокии башар зуҳур кунад ва макшуф гардад, балки ҳар моҳияте, ки бар инсон макшуф мегардад, дастгоҳи идрокӣ аз як тараф, шароити замонӣ ва макони аз тарафи дигар, дар кайфияти зуҳур ва намоиши шайъи идрокшуда бар шахси идроккунанда дахолат дорад. Ва аз ин ҷиҳат аст, ки ҳар фард як чизро мухталиф идрок мекунад (ба ин маънӣ, ки афроди мухталиф як чизро мухталиф идрок мекунанд), балки як нафар дар ду ҳолат як чизро ду наҳв идрок мекунад.

Пас, ҳар фикре дар айни ин ки саҳеҳ ва ҳақиқат аст, фақат барои шахси идроккунанда — он ҳам фақат дар шароити замонӣ ва маконии муайян — ҳақиқат аст, аммо барои шахси дигар ва ё барои худи ҳамон шахс дар шароити дигар, ҳақиқат чизи дигаре аст. Масалан: ман ҷисмеро дар як лаҳзаи хосс аз замон дар макон ва муҳити махсус, бо ҳаҷми муайян ва шакл ва ранги муайян идрок мекунам. Ин идрок саҳеҳ ва ҳақиқат аст, аммо фақат нисбат ба ман ва барои ман, на нисбат ба дигаре ва барои ӯ. Зеро шояд инсони дигар ё ҳайвони дигар — ки сохтмони қувваҳои идрокии вай бо ман фарқ мекунад — ҳамон шайъро дар ҳамон замон ва дар ҳамон муҳит, бо ҳаҷм ва шакл ва ранги дигаре идрок кунад ва албатта барои ӯ ва нисбат ба ӯ ҳақиқат ҳамон аст, ки худаш идрок карда. Худи ман ҳам дар лаҳзаи дигар ё дар муҳити дигар, мумкин аст он ҷисмро бо ҳаҷм ва шакл ва ранги дигаре идрок кунам ва барои ман дар он лаҳза ва он муҳит, "ҳақиқат" чизи дигаре хоҳад буд.

Ин даста, аз таҳқиқоти илмии ҷадид бар муддаъои худ гувоҳ меоваранд. Зеро дар улуми имрӯз собит шуда, ки аъсоби инсон бо ҳайвон ва ҳамчунин аъсоби инсонҳо нисбат ба якдигар дар кайфияти амал кардан, ихтилоф доранд. Масалан: инсонҳо ҳафт ранги аслӣ ва анвоъ ва ақсоми рангҳои фаръиро мебинанд, вале баъзе ҳайвонот тамоми рангҳоро ба шакли хокистарӣ мебинанд. Баъзе аз афроди инсон ёфт мешаванд, ки кӯрии ранг доранд, балки мо дар зиндагии оддии худ мебинем, ки аъсоби як фард дар ҳолоти мухталиф ду гуна амал мекунанд. Масалан: хӯрдании муайян дар ҳоли сиҳҳат ва ҳоли мараз ду таъм дорад, бӯи муайян гоҳе хуш ва матбуъ ва гоҳе нохуш ва номатбуъ ҷилва мекунад.

Пас, бояд гуфт: "*Ҳар чизе, ки бар мо маълум ва макшуф мегардад, кайфияти зуҳур ва намоишаш бастагӣ дорад ба кайфияти амали аъсоб ва як силсила авомили хориҷӣ, пас, моҳиятҳои ашёи*

*маълум ба таври итлоқ ва дастнахӯрда бар қувваҳои идрокӣ зуҳур намекунанд, пас, ҳақоиқ дар айни ин ки ҳақиқат ҳастанд нисбӣ ва изофӣ мебошанд*."

Ин маслак ҳарчанд ба далелҳои ҷадиде аз таҳқиқоти донишмандони ҷадид муҷаҳҳаз шуда, вале аз лиҳози натиҷа ва маддул, айни маслаки шаккокон аст.

Пирҳун — шаккоки маъруфи Юнон, аз ҷумлаи далелҳое, ки иқома кард бар муддаъои худ, ихтилофи кайфияти идроки инсон ва ҳайвон ва инсонҳо нисбат ба якдигар ва ҳар инсоне дар ҳолоти мухталиф буд, вале бо ин тафовут, ки Пирҳун натиҷа гирифт: "*Пас, мо набояд мӯътақид бошем, ки он чӣ идрок мекунем, ҳақиқат аст, балки бояд тамоми идрокоти худро бо тардид талаққӣ кунем*." Вале нисбиюни ҷадид натиҷа мегиранд: "*Он чӣ мо идрок мекунем, ҳақиқат аст, вале нисбӣ аст. Яъне ҳақиқат нисбат ба ашхос, мухталиф аст*."

Диққат дар ин матлаб возеҳ мекунад, ки натиҷагирии нисбиюни ҷадид ғалат аст, ва асосан ҳақиқати нисбӣ маънӣ надорад; зеро дар мисоли боло, ки ду нафар як ҷисмро бо ду кайфияти мухталиф мебинанд, худи он ҷисм дар воқеъ ё дорои яке аз он ду кайфият хоҳад буд ва ё ин ки ҳеч як аз он ду кайфиятро нахоҳад дошт ва дорои кайфияти севвуме хоҳад буд. Ва албатта мумкин нест дар они воҳид дорои ҳар ду кайфияти мухталиф бошад. Дар сурати аввал, идроки яке аз он ду нафар хатои мутлақ аст ва идроки дигаре ҳақиқати мутлақ, ва дар сурати дуввум, ҳар ду хатоканд. Ва дар ҳар сурат, ҳақиқати нисбӣ номаъқул аст.

Баъзе аз донишмандон монанди Берклей, ихтилофи идрокотро далел бар адами вуҷуди хориҷии мудракот (ашёи идрокшуда) донистаанд, ва баъзе дигар аз донишмандон монанди Декорт ва Ҷон Лок ва пайравони ин ду, ихтилофи идрокотро фақат мунҳасир ба мавриди хоссиятҳои сонавияи аҷсом дониста ва ин хоссиятҳоро зеҳнӣ ва ғайри хориҷӣ медонанд.

Вале мутобиқи ақидаи нисбиюн — ки барои мудракот вуҷуди хориҷӣ қоиланд — натиҷаи далелҳои онҳо муддаъои шаккокон аст, ки мегӯянд: "*Намедонем идрокоти мо ҳақиқат аст ё нест,*" на муддаъои худашон, ки мегӯянд: "*Ҳақиқат аст, вале нисбӣ аст,*" балки чунон ки гуфта шуд, ҳақиқати нисбӣ асосан бемаънӣ аст. Ба ҳар ҳол, нисбиюни ҷадид дар боби "арзиши маълумот" матлаби тозае илова бар он чӣ шаккокони қадим гуфтаанд, надоранд.

Материализми диалектик муддаъои нисбиюнро дар боби ҳақиқат меписандад ва дар айни ҳол, аз шаккок будан эҳтироз дорад.

Мо баъдан дар ҳамин мақола дар ин бора гуфтугӯ хоҳем кард ва исбот хоҳем намуд, ки материализми диалектик низ бо он, ки аз шаккок будан эҳтироз дорад, аз равиши яқин хориҷ шуда ва аз шаккокон пайравӣ намудааст.

Ростӣ, агар мо дахолати аъсоб ё зеҳн ва билохира дастгоҳи идрокии худро дар ҷамиъи маълумот — аъамм аз маҳсусот ва маъқулот — бипазирем, сареҳан бояд ба муддаъои шаккокон эътироф кунем ва бигӯем: мо набояд итминон дошта бошем, ки он чӣ дар бораи ҷаҳон мефаҳмем, бо воқеъ мутобиқ аст, мо бояд масоили ҳамаи улуми табиӣ ва риёзӣ ва фалсафаро бо тардид талаққӣ кунем.

**Дар мақолаи 2 ишора шуд ва дар мақолаи 5 низ хоҳад омад, ки зеҳн қудрат дорад (филҷумла) ба моҳияти ашё ба таври итлоқ ва дастнахӯрда ноил шавад ва як ришта масоил аст, ки зеҳн метавонад бо камоли ҷазм ва яқин ва итминон дар онҳо изҳори назар бикунад.**

Ёдоварии чанд нукта дар инҷо лозим аст:

а) Куллияи донишмандоне, ки ба як унвони хосс, аз идрокоте, ки мисдоқи хориҷӣ доранд нафйи итлоқ мекунанд ва ба таъсир ва дахолати аъсоб ё мағз ва билохира зеҳн ва дастгоҳи идрокӣ дар кайфияти зуҳур ва инкишофи ҷамиъи ашё қоиланд, хоҳ нохоҳ ҷузъи шаккокон қарор мегиранд, ҳарчанд худашон аз шаккок будан эҳтироз доранд. Масалан: Конт — файласуфи шаҳири олмонӣ, бо он ки аз ин ки "шаккок" ё "суфастоӣ" хонда шавад, безорӣ меҷӯяд ва худро "наққоди ақл ва фаҳми инсон" мехонад, билохира пас аз наққодиҳои зиёд далелҳои ҷадиде (дар хусуси табииёт) бар фоидаи шаккокон меоварад. Маслаки *Criticism (Критика)*-и вай як шакли ҷадид аз шаклҳои мухталиф ва мутанаввеъи шаккокият (*Skepticism = Скептицизм*) аст. Ва ҳамчунин материализми диалектик, ки нисбӣ будани ҳақиқатро (дар ҷамиъи масоил) мепазирад, аз лиҳози "арзиши маълумот," шакли дигаре аз шаклҳои он аст.

б) Баъзе аз донишмандон ҳақиқати ҳосил аз таҷрибаро аз он ҷиҳат, ки ҷанбаи эҳтимолӣ дорад ва мӯҷиби яқин нест, "ҳақиқати нисбӣ" истилоҳ кардаанд, дар муқобили ҳақиқати риёзӣ, ки мӯҷиби яқин ва қатъият аст ва онро "ҳақиқати мутлақ" истилоҳ кардаанд.

Чунон ки машруҳан гуфта шуд, ҳақиқати нисбӣ ба ин маънӣ, ки ба маънои ҳақиқати эҳтимолӣ аст, дар бархе аз улум қобили қабул аст.

в) Назарияи нисбӣ, ки дар боло баён шуд, марбут ба нисбияти ҳақоиқи зеҳнӣ буд ва ин масъала аст, ки дар фалсафа тарҳ мешавад. Бархе аз донишмандони физик ва риёзӣ воқеиятҳо ва падидаҳои физикиро нисбӣ медонанд ва албатта ин нисбияти физикӣ рабте ба нисбияти фалсафӣ, ки дар боло баён шуд, надорад.

Ҳоло хуб аст ба баёни мухтасаре аз сайри ақоид ва оро аз давраи Юнони бостон то асри ҳозир дар ин масъала бипардозем ва албатта назаре ба ақоиди фалосифаи Ҳинд ва Чин, ки муқорин бо давраи юнонёни қадим афкоре шабеҳ ба афкори онҳо доштаанд, надорем.

**Пайдоиши суфизм дар Юнон**

Дар ҳудуди қарни 5-уми қабл аз милод дар Юнон қадим, ки дар он вақт дорои тамаддуне олӣ буд ва фалосифа ва донишмандони бузурге дар он сарзамин зуҳур карда буданд ва макотиби фалсафии гуногунеро ба вуҷуд оварда буданд, ба воситаи ҳаводиси чанде — ки аз он ҷумла аст бурузи ақоид ва орои гуногун ва мутазодд дар масоили фалсафӣ ва пайдоиши назарияҳои мухталиф дар бораи тавҷеҳи ҷаҳон — иддае аз донишмандон якбора ҳайратзада шуданд ва тамоми идрокот ва орои ақоиди башарӣ ҳатто бадеҳиёти аввалияро ботил ва хаёли маҳз донистанд ва ҳеч арзише барои ҳеч фикр ва ҳеч идроке қоил нашуда, ҷаҳони маълумотро ҳеч дар ҳеч донистанд ва ба ин тартиб **мактаби сафсата** (суфизм) падид омад.

Вале дар муқобили ин идда, суқротиюн ва ба хусус Арасту қиём карданд, роҳҳои мағлатаи ононро боз ва арзиш маълумотро тасбит намуданд ва собит карданд, ки ҷаҳони маълумот ҳеч дар ҳеч нест ва инсон нерӯе дорад, ки метавонад ашёро он тавр ки дар воқеъ ҳастанд дарёбад ва агар инсон фикри худро рост ва дуруст роҳ бибарад, метавонад ба идроки воқеъ ноил шавад.

Чунон ки медонем, Арасту "мантиқ"-ро — ки мизон ва миқёси дуруст фикр кардан аст — ба ҳамин манзур тадвин намуд ва дар фанни бурҳони мантиқ натиҷаи бурҳонро "яқин" яъне идроки мутобиқ бо воқеъ донист ва барои таҳсили яқин ба василаи бурҳон, ба кор бурдани маҳсусот ва маъқулот ҳар дуро мӯътабар шумурд. Яъне ҳам барои идроки ҳиссӣ

ва ҳам барои идроки ақлӣ арзиши яқинӣ қоил шуд ва пояи фалсафаи ҷазмиро ба ин васила устувор намуд.

**Мактаби шаккокон**

Вале дар ҳамон замон, мактаби дигаре таъсис шуд, ки *skepticism (скептицизм*) ё **мактаби шаккокон** хонда мешавад. Пайравони ин мактаб, ба ақидаи худ, роҳи миёнаро пеш гирифтанд, яъне на пайрави суфастоиён шуданд, ки гуфтаанд воқеияте дар мовароi зеҳни инсон аслан вуҷуд надорад ва на фалсафаи ҷазмиро, ки муддаъӣ буд ба идроки ашё он тавр ки дар воқеъ ҳастанд метавон ноил шуд, писандиданд.

Пайравони ин мактаб гуфтанд: идрокоти инсон аз умури ҷаҳон, бастагии комил дорад бо вазъи хосси зеҳни шахси идроккунанда. Ва он чӣ ҳар кас аз умури ҷаҳон мефаҳмад, он чунон аст, ки зеҳни вай иқтизо карда, на он чунон ки он шайъ дар воқеъ ҳаст. Мумкин аст ашё дар воқеъ чигунагии хоссе дошта бошанд ва мо ба ҳасби иқтизои хосси зеҳни худ, онҳоро бо кайфияти дигаре идрок кунем.

Пирҳун муассиси ин мактаб 10 далел — ки аз он ҷумла аст "таъсири даҳолати шароити замонӣ ва макони ва кайфияти сохтмони қувваҳои идрокии шахси идроккунанда" — иқома кард бар нафйи арзиши яқинии идрокот, ва собит намуд, ки идрокоти мо нисбат ба ашё бастагӣ дорад ба як силсила авомили хориҷӣ ва як силсила авомили дохилӣ ва бо тағйири он авомил тағйир мекунад. Пас мо набояд бигӯем: ашёро он гуна, ки дар воқеъ ҳастанд дарк мекунем, балки бояд бигӯем: онҳоро он гуна ки вазъи сохтмони қувваҳои идрокии мо дар таҳти таъсири шароити махсус иқтизо мекунад, идрок мекунем, аммо ҳақиқат чист намедонем.

Ин ҷамоат гуфтанд: роҳи саҳеҳ барои инсон дар ҷамиъи масоил худдорӣ аз раъйи ҷазмӣ аст. Ҷамиъи масоили илмӣ ва фалсафӣ ҳатто риёзиётро ба унвони эҳтимол ва ё тардид бояд талаққӣ намуд. Фалсафаи шаккокон дар муқобили фалсафаи ҷазмӣ аз инҷо поягузорӣ шуд.

Аз ин рӯй, фалосифа, ки ба воқеияти ҷаҳони маълумот мӯътақид буданд (дар муқобили суфастоиён, ки ҷузъи фалосифа ба шумор намераванд), аз давраҳои қадим ба ду дастаи мутамойиз тақсим шуданд:

1. Ҷазмиюн ё яқиниюн, ки дастрасӣ ба илми мутобиқ бо воқеъро мумкин медонанд, яъне зеҳни инсонро дорои хоссияте медонанд, ки метавонад ашёро он тавр ки ҳастанд дарк кунад ва ба як силсила қоъидаҳои мантиқие қоиланд, ки риояти комили он қоъидаҳо, зеҳнро аз хато ҳифз мекунад;

2. Шаккокон, ки хоссияти мазбурро нафй мекунанд ва дар ҳақиқат будани маълумоти башарӣ, тардид мекунанд.

Вале ҷазмиюн баъдҳо шубаҳоти шаккоконро низ як навъ сафсата талаққӣ карданд, онҳоро ҳам ҷузъи суфастоиён ба шумор оварданд ва байни суфастоӣ ва шаккок имтиёзе қоил нашуданд ва якбора файласуф ба касе гуфтанд, ки:

Аввалан, оламро ҳеч дар ҳеч надонад.

Сониян, пай бурдан ба ҳақоиқи ҷаҳонро муяссар ва мумкин бидонад.

**Ақидаи қудамо**

Ин ду ҷиҳат аз таърифе, ки қудамо барои фалсафа (ба маънои омм) менамуданд, хуб пайдост. Қудамо дар таърифи фалсафа мегуфтанд:

“**Фалсафа иборат аст аз огоҳӣ ба аҳволи мавҷудоти айнӣ ва хориҷӣ ба ҳамон наҳв, ки дар воқеъ ҳастанд, то андозае, ки дар иститоати башар аст**.”

Ногуфта намонад, ки изофа кардани ин ҷумла (яъне ҷумлаи “то андозае, ки дар иститоати башар аст”) барои ин нукта буд, ки инсон ҳарчанд метавонад бо дуруст роҳ бурдани фикр, ба кашфи ҳақоиқ ноил шавад, аммо аз тарафи дигар ҳақоиқи ҷаҳон бепоён аст ва истеъдоди башар маҳдуд, пас башар фақат ба кашфи порае аз ҳақоиқи ҷаҳон метавонад ноил шавад ва аммо “илми кулл” насиби касе нахоҳад шуд.

Қудамо рӯи маслаки ҷазмии худ, ки ҳақиқати идрокро “зуҳур ва пайдоиши ҷаҳони хориҷ дар зеҳни идроккунанда медонистанд,” фалсафаро аз лиҳози ғояте, ки аз он оиди файласуф мешавад, ин тавр таъриф мекарданд:

“**Фалсафа иборат аст аз ин ки инсон ҷаҳоне бишавад илмӣ ва ақлонӣ мушобеҳ бо ҷаҳони айнии хориҷӣ**.”

*Ҳар он, к-ӯ зи дониш бурд тӯшае,*
*Ҷаҳонест биншаста дар гӯшае.*

Пас аз инқирози мактаби шаккокон, ки то се чаҳор қарн баъд аз милод идома дошт, тамоми фалосифа — чӣ дар Урупо ва чӣ дар миёни муслимин — бар асоси маслаки ҷазм ва яқин қазоват мекарданд ва ҳеч кас дар арзиши идрокот тардид намекард, то он ки аз қарни 16-ум ба баъд, ҳаводисе дар Урупо падид омад ва таҳаввулоте дар ҷаҳони дониш рух дод, ки масъалаи "арзиши маълумот" дубора мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифт.

Дар таҳаввули ҷадиди Урупо, дар фалакиёт ва қисматҳои мухталифи табииёт, матолибе, ки ҳазорҳо сол мавриди қабули қотибаи донишмандони ҷаҳон буд ва хилофи онҳо дар зеҳни аҳаде хутур намекард, якбора бутлонашон мусаллам гашт. Ва ин амр сабаб шуд, ки улум арзиш ва эътибори собиқи худро аз даст доданд ва гӯшае аз аҷзи башар барои расидан ба воқеъ ошкор шуд.

Тақрибан ҳамон вазъе, ки дар Юнони бостон дар қарни 5-ум қабл аз милод мӯҷиб шуд, ки иддае аз донишмандони он сарзамин аз илм ба куллӣ салби эътимод кунанд ва роҳи сафсатаро пеш бигиранд, дар қуруни ҷадида дар Урупо таҷдид шуд ва чунон ки медонем, идеалистҳое монанди Берклей ва Шопенҳовер дар Урупо пайдо шуданд, ки ороашон назири орои Прутогурос ва Гургиёс аз суфастоиёни Юнони қадим аст ва маслакҳо ва тариқаҳое дар боби арзиши маълумот падид омад, ки натиҷатан мунтаҳӣ ба маслаки шаккокони пирҳунӣ мешавад, монанди маслаки нисбиюни ҷадид, ки қаблан шарҳ дода шуд ва маслаки шаккокон ва ақидаи материализми диалектик дар боби арзиши маълумот, ки қаблан ишора шуд ва баъдан тавзеҳ дода мешавад.

Ҳамин амр мӯҷиб шуд, ки дар қуруни ахира фалсафаи Урупо бар меҳвари масоили марбут ба илм давр бизанад ва донишмандон таҳқиқоти мухталифе дар ин боб бинамоянд ва метавон гуфт, дар давраи ҷадид эътиқоди арзиши мутлақи маълумот ба наҳве, ки дар қадим маъмул буд, ба куллӣ мансух шудааст.

Инак, мухтасаре аз ақоиди донишмандони ҷадид.

**Назарияи Декорт**

Декорт (1596- 1650) ва пайравонаш — ки онҳоро *cartesien (кортезиен)* мегӯянд — ба пайравӣ аз Арасту мактаби ҷазмро ихтиёр карданд, вале бо ин тафовут, ки Арасту ва пайравонаш маҳсусот ва маъқулот ҳар дуро мӯътабар ва ба дастдиҳандаи яқин медонистанд ва дар

мантиқи Арасту дар боби бурҳон истеъмоли маъқулот ва маҳсусот ҳар ду ҷоиз шумурда шудааст, вале Декорт танҳо маъқулотро ба дастдиҳандаи яқин медонад, аммо маҳсусот ва таҷрибиётро танҳо дорои арзиши амалӣ медонад.

Декорт бари хилофи Арасту, дар мантиқе, ки худаш дар муқобили мантиқи Арасту вазъ кардааст, танҳо ба маъқулот эътимод мекунад ва аз таҷрибиёт номе намебарад.

Декорт, бо он ки ба таҷрибаи ҳиссӣ аҳаммият дод ва худ то андозае аҳли таҷриба буд, вале онро фақат василаи иртиботи инсон бо хориҷ барои истифода дар зиндагӣ муфид медониста, на барои кашфи ҳақиқат. Декорт, ба нақли марҳуми Фурӯғӣ, мегӯяд:

*"Мафҳумоте, ки аз хориҷ ба василаи ҳавосси панҷгона вориди зеҳн мешаванд, наметавонем мутмаин бошем, ки мисдоқи ҳақиқӣ дар хориҷ доранд, ва агар ҳам дошта бошанд, яқин нест, ки сурати мавҷуд дар зеҳн, бо амри хориҷӣ мутобиқат дорад."*

Ҳамчунин мегӯяд:

*"Ман аз баъзе ҷисмҳо идроки гармӣ мекунам ва чунин мепиндорам, ки онҳо ҳамон гуна гармӣ доранд, ки ман дар вуҷуди худ дорам. Ва ҳол он ки он чиро метавонам мӯътақид шавам ин аст, ки дар зоти оташ чизе ҳаст, ки дар вуҷуди ман эҷоди ҳисси гармӣ мекунад, аммо аз ин эҳсос набояд дар бораи "ҳақиқати ашё" ақида иттихоз кунам, зеро идрокоти ҳиссӣ дар инсон танҳо барои тамйизи суду зиён ва ташхиси масолеҳи вуҷуд аст ва василаи дарёфти ҳақоиқ нест."*

Декорт аз ҳолоти ҷисм фақат шакл, буъд ва ҳаракатро — ки ба ақидаи ӯ, инҳо маъқул ва фитрӣ ҳастанд ва аз роҳи ҳисс ба даст наомадаанд — ҳақиқӣ медонад, аммо соири ҳолоти ҷисмро, ки "хоссиятҳои сонавӣ" меномад, як силсила суратҳои зеҳнӣ медонад, ки дар натиҷаи як силсила ҳаракоти моддии хориҷӣ ва иртиботи инсон бо хориҷ ва зеҳн падид меоянд, монанди ранг, таъм, бӯй ва ғайра. Вай гуфтааст:

*"Буъд ва ҳаракатро ба ман бидиҳед, ҷаҳонро месозам."*

Марҳуми Фурӯғӣ мегӯяд:

*"Декорт ба ваҷҳи илмӣ боз намуд, ки маҳсусоти инсон бо воқеъ мутобиқ нест, фақат василаи иртиботи бадан бо олами ҷисмонӣ аст ва тасвире аз олам барои мо месозад, ки ҳақиқат надорад, ҳақиқат чизи дигаре аст. Масалан, гӯш овоз мешунавад, аммо савт ҳақиқат надорад, ва агар сомеъа воқеъро дарк мекард, фақат ҳаракоте аз ҳаво ё аҷсоми дигар ба мо менумуд."*

Ва низ мегӯяд:

*“Декорт фақат ҳамон мафҳумоти фитриро асоси илми воқеӣ медонад.”*

Декорт мегӯяд:

*“Тасаввуроте, ки дар зеҳни мост, се қисм аст: нахуст “фитриёт” яъне суратҳое, ки ҳамроҳи фикранд ё таҳаввулоти фикрӣ ё қоъидаи таъаққул мебошанд. Дуввум “маҷъулот” яъне суратҳое, ки қувваи мутахайила дар зеҳн месозад. Севвум “хориҷиёт” яъне он чӣ ба василаи ҳавосси панҷгона аз хориҷ вориди зеҳн мешавад. Тасаввуроти маҷъулро чун мутахайила месозад, медонем, ки албатта мӯътабар нестанд. Мафҳумоте ҳам, ки аз хориҷ вориди зеҳн мешаванд, наметавонем мутмаин бошем, ки мисдоқи ҳақиқӣ дар хориҷ доранд, агар ҳам дошта бошанд, яқин нест, ки сурати мавҷуд дар зеҳни мо бо амри хориҷӣ мутобиқ бошад, чунон ки сурате, ки аз хуршед дар зеҳни мо ҳаст, мусалламан бо ҳақиқат мувофиқат надорад, зеро ба қоъидаҳои нуҷумӣ медонем, ки хуршед чандинҳазор баробари замин аст ва ҳол он ки сураташ дар зеҳни мо ба андозаи як кафи даст ҳам нест.”*

Дар бораи фитриёт мегӯяд:

*“Фитриёт, ки ақл онҳоро бадоҳатан дарёфт менамояд, яқинан дуруст аст ва хато барои зеҳн дар онҳо даст намедиҳад, монанди шакл, ҳаракат ва абъод (аз умури моддии сирф) ва доноӣ, нодонӣ, яқин ва шак (аз умури ақлии сирф) ва вуҷуд, муддат ва ваҳдат (аз умури муштарак байни моддӣ ва ақлӣ).”*

Ҳамчунин дар бораи фитриёт мегӯяд:

*“Ҳар кас ба шуҳуд ва виҷдон бадоҳатан ҳукм ба вуҷуди хеш мекунад ё идрок менамояд, ки мусаллас се зовия дорад ва курра беш аз як сатҳ надорад ва ду чизи мусовӣ бо як чиз, мутасовӣ ҳастанд.”*

Декорт дар фалсафаи худ дар илоҳиёт ва табииёт, танҳо фитриёт ва маъқулоти сирфро поя қарор медиҳад ва мутобиқи равиши мантиқии махсус ба худ сулук карда, оро ва назариёти хоссе дар боби нафс ва ҷисм ва Худо ва исботи лоятаноҳӣ (бепоён) будани ҷаҳон ва ғайри инҳо изҳор медорад.

Ҷамоати дигаре аз фалосифа монанди Лойбнитс ва Молебронш (*Malebranche*) ва Эспинузо (*Spinoza*), ки баъд аз Декорт омадаанд, иҷмолан ақидаи вайро дар боби маҳсусот ва ин ки маҳсусот ҳақоиқ нестанд ва ҳамчунин ақидаи вайро дар боби маъқулот ва фитриёт ва

яқинӣ будани онҳо бо ихтилофи ҷузъӣ пазируфтаанд. Ин ҷамоатро аз он ҷиҳат, ки ба маъқулоти ғайримустанад ба ҳисс қоил ҳастанд, “ақлийюн” мехонанд.
Хулосаи ақидаи ин донишмандон ин аст, ки маъқулот арзиши яқинӣ ва маърифатӣ доранд ва аммо маҳсусот танҳо дорои арзиши амалӣ мебошанд.

**Назарияи ҳиссиюн**

Дар муқобили ақлийюн, дастаи дигаре аз фалосифа ҳастанд, ки онҳоро “ҳиссиюн” мегӯянд. Ин даста ҳарчанд бо дастаи аввал дар мавзӯи фитриёт мухолифанд ва ҳамин ихтилофи назар, онҳоро аз якдигар мутамойиз карда ва мӯҷиби ҷидолҳо ва таълифи китобҳо аз тарафи ҳар як барои исботи назарияи худ ва ибтоли назарияи мухолиф шуда, аммо дар нафйи арзиши маҳсусот ақидаи Декортро, ки сардастаи ақлийюн аст, қабул доранд.
Ҷон Лок (1622- 1704), ки сардастаи ҳиссиюн ба шумор меравад, аз донишмандони бузурги Урупост ва дар равоншиносӣ назариёти қобили таваҷҷӯҳе дорад. Вай дар бораи маҳсусот мегӯяд:
*“Мункири мавҷудоти маҳсус шудан чандон маъқул нест ва албатта яқин бар онҳо ҳам монанди яқин бар маълумоти виҷдонӣ (он чизҳое, ки зеҳн бевосита нисбати миёни мавзӯъ ва маҳмулро тасдиқ мекунад, мисли илми нафс ба вуҷуди худ ва ин ки 3 бо 1+2 баробар аст ва ин ки мусаллас гайр аз мураббаъ аст) ва маълумоти таъаққулӣ (он чизҳое, ки зеҳн барои дарки нисбат миёни мавзӯъ ва маҳмул, эҳтиёҷ ба тасаввури маъонии дигар дорад, монанди илм ба ин ки маҷмӯи завоёи мусаллас мусовӣ бо ду қоима аст ва ё ин ки ҷаҳон офаридгор дорад) нест ва аз назари илмӣ ва фалсафӣ метавон онҳоро дар зумраи гумонҳо ва пиндорҳо ба шумор овард, вале дар умури зиндагии дунявӣ албатта бояд ба ҳақиқати маҳсусот яқин дошт.”*
Ҷон Лок дар боби тақсими хоссиятҳои ҷисм низ ҳамон ақидаи Декортро дорад ва мегӯяд:
*“Хоссият бар ду қисм аст: баъзе зотии ҷисманд ва аз он ҷудо намешаванд ва онҳоро “хоссияти нахустин” меномем, монанди ҷирм, буъд, шакл, ҳаракат ё сукун. Баъзе хоссиятҳо марбут ба зоти ҷисм нестанд ва аразанд ва фақат эҳсосоте ҳастанд, ки ба воситаи хоссиятҳои нахустин дар зеҳн эҷод мешаванд, монанди рангу бӯ ва онҳоро “хоссиятҳои дуввумин” мегӯем.”*

Албатта инҷо ин ишкол пеш меояд, ки дар сурате ки мо ҷамиъи маълумоти худро нисбат ба олами хориҷ — ба ҳасби назари Лок — мустанад ба ҳисс медонем ва фарз ин аст, ки ҳисс арзиши яқинӣ надорад, пас аз чӣ роҳ метавонем ҳукм кунем, ки баъзе аз хоссиятҳои ҷисм зотии онҳо ҳастанд ва баъзе аразӣ? Ва ба иборати дигар: баъзе ҳақиқӣ ҳастанд ва дар хориҷ воқеият доранд ва баъзе дигар сирфан зеҳнӣ, дар сурате ки ҳамаи онҳо ба василаи ҳисс идрок шудаанд? Ва чӣ далеле ҳаст, ки хоссиятҳои нахустин низ монанди хоссиятҳои дуввумин зеҳнии маҳз набошанд? Ин ишкол аст, ки баъзе аз донишмандон монанди Ҷорҷ Берклейро, ки ақидаи Локро дар боби "асолати ҳисс" писандидаанд, водор кардааст, ки ҷамиъи маҳсусотро зеҳнӣ бидонанд. Ва ба илова, бино бар асолати ҳисс, ки Лок қоил аст, аз чӣ роҳ барои як силсила маълумот, ки онҳоро "виҷдониёт" ё "бадеҳиёт" номид ва як силсила маълумоти дигар, ки онҳоро "умури таъаққулӣ ва истидлолӣ" хонд (ки дар боло дар зимни нақли калимоти худаш ишора шуд) арзиши яқинӣ қоил аст? Оё бино бар асолати ҳисс ё қабули ин ҷиҳат, ки ҳисс хатокор аст, метавон барои ғайри маълумоти ҳузурӣ (илми нафс ба худ ва ба андеша ва афъол ва қувваҳои худ) арзиши яқинӣ қоил шуд? Дар ҳар сурат, ақидаи ҳиссиюн низ дар бораи маҳсусот монанди ақидаи ақлийюн аст ва барои онҳо арзиши назарӣ ва маърифатӣ қоил нестанд. Дар миёни фалосифаи ҷадид, махсусан аз қарни 19-ум ба баъд, шояд касе ёфт нашавад, ки назарияи қудаморо дар боби маҳсусот бипазирад.

Дар қарни 19-ум назарияи "атомизм" (*atomism*), ки ибтидо аз тарафи Зимуқротис (Демокрит) дар қарни 5-уми қабл аз милод дар Юнон иброз шуда буд, дар Урупо қувват гирифт ва маълум шуд ҷисм бар хилофи назарияи қудамо он тавр ки ибтидоан ба назар мерасад як "муттасили воҳид" нест, балки мураккаб аст аз зарроти бисёр кучак, ки ҷисми воқеӣ онҳо ҳастанд, ихтилоф ва танаввуъи аҷсоми маҳсус танҳо дар асари ихтилофи шакл ва андоза ва вазъи зарроти онҳост ва он заррот доиман дар ҷунбиш ва ҳаракат ҳастанд ва он чӣ маншаи дидан ва шунидан ва соири эҳсосҳо мешавад, ғайр аз ҳамон заррот, ки дар ҳаракат ҳастанд, чизи дигаре нест ва он чӣ мо ба василаи ҳавосси худ ба унвони ранг ё таъм ё бӯ ё савт идрок мекунем, айнияти хориҷӣ надоранд, фақат як силсила ҳолоти зеҳнӣ ҳастанд, ки намояндаи таъсироти мухталифи заррот мебошанд ва ба қавли баъзе аз донишмандон:

*“Табиат дорои рангу бӯю садое нест, мо ҳастем, ки барои он, ашиъаи заррини офтоб ва атри фараҳбахши гул ва садои дилнавози булбул сохтаем.”*

Худ Зимуқротис низ тасреҳ кардааст, ки ин суратҳое, ки мо аз ашё ба василаи ҳавосси худ идрок мекунем, далел бар ҳақиқати ашёи хориҷӣ нест, балки намояндаи таъсироти мухталифи зарроте аст, ки аз аҷсом хориҷ мешаванд ва дохили узви ҳоссаи мо мегарданд.

Аз Зимуқротис нақл шуда, ки гуфтааст:

*“Бар ҳасби қарордод ширин ширин аст, бар ҳасби қарордод талх талх аст, бар ҳасби қарордод гарм гарм аст, бар ҳасби қарордод сард сард аст, бар ҳасби қарордод ранг ранг аст, вале агар ҳақиқатро бихоҳед, инҳо фақат зарроте ҳастанд ва халаъ.”*

Ва аз ҷумлаи донишмандони ҳиссӣ, ки назарияи Декорт ва пайравонашро роҷеъ ба “маъқулоти сирф” нафй карданд ва ба пайравии Ҷон Лок қоил ба асолати ҳисс шуда ҷамиъи маълумотро мустанад ба ҳисс донистанд, Ҷорҷ Берклей (1685-1753) ва Дэвед Ҳюм (1711-1776) мебошанд. Ин ду нафар дар нафйи арзиши маҳсусот, ки ба ақидаи онҳо мабдаи аслии илм ҳастанд, аз Декорт ва Ҷон Лок низ ҷилавтар рафтанд. Масалан, Декорт буъд, шакл ва ҳаракатро дар ҷисм (хоссиятҳои аввалия), ки ба ақидаи ӯ маъқуланд на маҳсус, ҳақиқӣ медонист ва танҳо хоссиятҳои сонавӣ аз қабили савт, ранг, таъм ва ҳароратро, ки маҳсусанд, бе ҳақиқат медонист, вале ин ду нафар роҳи ифрот паймуданд, хоссиятҳои аввалиро низ монанди хоссиятҳои сонавӣ бе ҳақиқат пиндоштанд. Ин ду нафар бо он ки мабдаи илмро ҳисс шумурданд, ҳеч гуна арзиш ва эътиборе барои идрокоти ҳиссӣ қоил нашуда ва ҳатто вуҷуди хориҷии маҳсусро низ инкор карданд.

**Назарияи Конт**

Эмонуел Конт (*Immanuel Kant*), файласуфи шаҳири олмонӣ (1724-1804), назариёти қобили таваҷҷӯҳе дар боби “арзиши маълумот” ва соири масоили марбут ба илм дорад. Конт аз фалосифаи дараҷаи аввали Урупо ба шумор меравад ва урупоиён эътиқоди азиме ба фалсафаи вай доранд. Яке аз донишмандони Урупо дар бораи фалсафаи вай мегӯяд:

“*Гӯё кӯҳест, ки аз фалсафа рехта шудааст.*”

Фалсафаи Контро аз он ҷиҳат, ки ба ҳадди аъло ба нақкодӣ ва саррофии ақл ва фаҳми инсон пардохта ва ҳудуди ақл ва ҳиссро таъйин намуда ва умури қобили шинохтро аз умури ғайри қобили шинохт ҷудо сохтааст, фалсафаи интиқодӣ (*criticism = критика*) мехонанд.

Марҳуми Фурӯғӣ мегӯяд:

*"Наққодии илм ва фалсафаро Фронсис Бекан (Francis Bacon, дар нимаи дуввуми қарни 16-ум ва нимаи аввали қарни 17-ум) огоз кард ва Лок дунболи онро гирифт ва Берклей ба шеваи дигаре дар он ворид шуд ва Ҳюм ин машрабро ба дурустӣ равшан ва ошкор сохтааст. Ва инҳо ҳама англисӣ будаанд. Саранҷом, Конти олмонӣ ба роҳнамоии Ҳюм, дар ин хат афтод ва бо ислоҳи хатоҳо ва такмили нақсҳои ӯ, варақи донишро якбора баргардонид."*

Мо аз фалсафаи Конт он андоза, ки марбут ба "арзиши маълумот" аст дар инҷо нақл мекунем.

Қисмати умдаи таҳқиқоти вай марбут ба ду масъалаи дигар (роҳи ҳусули илм, ҳудуди илм) аз се масъалае аст, ки дар аввали ин муқаддима ишора кардем ва мо дар мақолаи 5 дар бораи онҳо гуфтугӯ хоҳем кард.

Назарияи Контро дар бораи "арзиши маълумот" метавон дар тайи се қисмат баён кард:

а) *Фалсафаи уло*: Конт дар бораи масоили фалсафаи уло ақида дорад, ки асосан мавзӯи илм воқеъ намешванд ва он чӣ дар ин бора то кунун гуфта шудааст, илм нест, балки лаффозӣ ва хиёлбофӣ аст. Пас, арзиши маълумот дар фалсафаи уло, ки Декорт ва пайравонаш онҳоро "яқиниёт" мехонданд, сифр аст, вале аз боби "солиба ба интифоъи мавзӯъ" (яъне, он ки мавзӯъ надорад), асосан он чӣ дар ин бора гуфта шудааст илм нест, фақат лаффозӣ аст, зеро ҳусули илм шароите дорад, ки дар фалсафаи уло мавҷуд нест.

б) *Риёзиёт*: Конт риёзиётро яқинӣ медонад ва сирри яқинӣ будани онҳоро ин тавр баён мекунад, ки мавзӯъоти риёзӣ сирфан махлуқи ақл ва зеҳни инсон аст (бар хилофи мавзӯъоти табиӣ ё мавзӯъоте, ки фалсафаи уло муддаъии ҳалли масоили марбут ба онҳост). Масалан: зеҳн умуре аз қабили доира ва мусаллас ва мураббаъ ва ғайраҳо фарз мекунад ва барои онҳо хоссиятҳо ташхис медиҳад ва чун ин мавзӯъот сирфан махлуқи худи ақл аст, ҳар ҳукме, ки дар бораи онҳо бикунад, қаҳран рост ва яқинӣ хоҳад буд.

Конт маншаи пайдоиши мафоҳими риёзиро “фитрат” медонад ва бар хилофи назарияи фалосифаи ҳиссӣ, ки барои мафоҳими риёзӣ низ маншаи ҳиссӣ қоиланд, барои онҳо маншае аз ҳиссу таҷриба қоил нест.

Назарияи Конт дар боби риёзиёт шомили ду ҷиҳат аст: нахуст ин ки каммиёт, ки мавзӯъоти риёзиёт ҳастанд, вуҷуди хориҷӣ надоранд ва танҳо вуҷудашон дар зеҳн аст. Дуввум ин ки мафоҳими риёзӣ биловосита аз қувваи оқила ношӣ мешаванд ва ҳеч истиноде ба ҳисс надоранд.

Донишмандон ба ҳар ду қисмат аз назарияи Конт эътироз кардаанд ва чунон ки дар мақолаи 5 хоҳем гуфт, бо баёни Конт наметавон яқинӣ будани риёзиётро исбот намуд, роҳи дигареро бояд ҷустуҷӯ кард.

в) *Табииёт*: Баёни Конт дар табииёт муфассал аст. Хулосааш он ки дар умури табиӣ зеҳни инсон танҳо қодир аст авориз ва завоҳир (*phenomen = феномен*)-ро, ки ба ҳисс дармеоянд идрок кунад ва аз идроки завот (*noumen = номен*), ки мазҳари авориз ва завоҳиранд оҷиз аст. Дар мавриди завоҳир ҳам, зеҳни инсон ба воситаи хоссиятҳои махсуси худ, суратҳо ва шаклҳои махсус ба онҳо медиҳад, ки ҳаргиз наметавон мутмаин шуд, ки дар воқеъ ҳам ба ҳамин шакл ва сурат, ки дар зеҳн зоҳир мешаванд, ҳастанд ё на?

Конт мегӯяд: ҳавосс танҳо маводди виҷдониёт ва маълумотро ба зеҳн медиҳанд ва зеҳн аз худ моя ба онҳо медиҳад ва ба онҳо сурат мебахшад, то қобили идрок шудан мешаванд. Мегӯяд: инсон ҳар чизе, ки тасаввур мекунад, дар зарфи замон ва макон тасаввур мекунад ва барои вай мумкин нест чизе аз умури оламро дар ғайри ин ду зарф идрок кунад. Вале замон ва макон вуҷуди хориҷӣ надоранд, балки ду кайфияти зотии зеҳн ҳастанд ва суратҳое ҳастанд, ки зеҳн ба маҳсусоти худ медиҳад. Ва агар ин мояро зеҳн аз худ намеафзуд, ҷуз як идда таъсироти парокандаи мутафарриқи ғайри муртабит, чизе вориди зеҳн намегашт, яъне тасаввури чизе барои зеҳн даст намедод. Масалан: мо аз хуршед як тасаввури возеҳ дорем ва ҳол он ки он чӣ ба василаи таъсироти ҳиссӣ вориди зеҳн шудааст, гармӣ ва рӯшноӣ ва ранг буда ва агар зеҳн рӯйи хоссияти махсуси худ барои инҳо “ҷойгоҳи маконӣ ва замонӣ” таъйин намекард ва ба ин василa инҳоро ба якдигар муртабит намесохт, ҳаргиз тасаввуре аз хуршед бароящ даст намедод. Дар мақоми ташбеҳ мегӯяд:

*“Маълумро ташбеҳ мекунем ба ғизое, ки бояд ба бадан бирасад ва бадал шавад. Барои ин мақсуд, бояд маводди хӯрокӣ аз хориҷ дохили меъда шавад, он гоҳ бояд меъда ва аъзои дигари ҳозима шираҳое аз худ бар онҳо замима кунанд, то хӯрокҳо ғизо шавад. Пас, хӯрокҳо ба манзилаи ҳиссшудаҳо ва шираҳо ҳукми замону маконро доранд.*

*Ин миқдор, ки гуфта шуд, дар бораи виҷдониёт ё тасаввуроти аввалияе аст, ки мо аз ашё (авориз ва завоҳир) дорем, аммо ҳангоме ки бихоҳем он ашёро мавзӯи аҳком қарор дода таҳти куллиёт дароварем ва қавонини илмӣ ва куллӣ бисозем, як идда маъқулоти дигар, ки онҳо низ махлуқи зеҳн ҳастанд ва аз ҳисс ба даст наомадаанд, дахолат мекунанд ва сурати куллӣ ва қонуни илмӣ ба онҳо медиҳанд. Ин қавонин, ки ҳамаи маълумот билохира ночор таҳти ин қавонин дармеоянд, сирфан махлуқи худи зеҳн аст, мумкин аст дар воқеъ қавонини дигаре бар ашё ҳукумат кунад.”*

Баёни Конт дар инҷо муфассал аст. Аз ҷумлаи ин қавонин ба ақидаи Конт, қонуни иллият ва маълулият аст. Конт дар бораи ин қонун мегӯяд:

*“Робитаи иллат ва маълул сохтаи ақли мост, дар олами ҳақиқат маълум нест тараттуби маълул бар иллат воҷиб бошад.”*

Хулоса он ки ҷуз як идда осори мутағайир ва ҷузъӣ ва мутафарриқ ва пароканда, ки ба василаи ҳавосс вориди зеҳн мешаванд, он чӣ мо дар бораи ҷаҳони хориҷ идрок мекунем, ба василаи як идда маълумот ва мафоҳим ва қавонине аст, ки зеҳни мо аз худ сохтааст ва моро маҷбур мекунад, ки ҷаҳонро бо ин шаклҳо ва суратҳо ва таҳти ин қоъидаҳо ва қавонин идрок кунем ва албатта Конт дар атрофи ин мафоҳим ва ин қавонин ва кайфият ва маншаъ ва тартиби пайдоиши онҳо баҳсҳои муфассал дорад.

Марҳуми Фурӯғӣ мегӯяд:

*“Ҳакими мазбур (Конт) мегӯяд: дар таҳқиқи ин масъала ман равишро аз он чӣ файласуфони дигар доштаанд тағйир додам ва монанди Коперник (Copernic) дар амри ҳайъати олам амал кардам, ки ӯ дид, ки бо ин фарз, ки мо маркази ҷаҳон бошем ва хуршед ва сайёрот гирди мо бичарханд, мушкилот пеш меояд, пас фарзро маъкус кард, ки хуршед марказ бошад ва мо гирди ӯ бичархем, дид мушкилот ба хубӣ ҳал шуд. Ман ҳам дидам, то кунун мо мӯътақид будаем, ки ашё асланд ва зеҳни мо идроки худро тобеъи ҳақиқати онҳо мекунад, яъне бар онҳо мунтабиқ менамояд; аз ин рӯ мушкил пеш омадааст, ки дар бораи ашёи берун аз зеҳн чӣ гуна бо маълумоти қаблӣ (фитрӣ) метавон аҳкоми таркибӣ (аҳкоме, ки мавзӯъ ва маҳмул дар онҳо ду мафҳуми мухталиф*

*ҳастанд) тартиб дод? Пас ман фарз кардам, ки зеҳни мо ашёро бар идроки худ мунтабиқ мекунад. Яъне коре надорем ба ин ки идроки зеҳни мо бо ҳақиқати ашё мутобиқ ҳаст ё нест, чун онро наметавонем бидонем, (балки) он чӣ медонем ин аст, ки мо ашёро он чунон дармеёбем, ки идроки зеҳни мо иқтизо дорад. Пас, ба ин равиш мушкил ҳал шуд.*"

Албатта, фарқи бузурге байни фарзи Коперник дар ҳайъати олам ва фарзи Конт дар боби "арзиши маълумот" ҳаст. Ва он ин ки: бо фарзи Коперник мушкилоте, ки барои уламои ҳайъат пеш омада буд, ҳал шуд ва аммо бо фарзи Конт, илова бар ин ки худаш мутазаммини ишколоти ғайри қобили ҳал аст, ишколоте, ки ҷамиъи фалосифа ҳатто худи Конт аз он эҳтироз доштанд шадидтар шуд; зеро худи Конт ҳам аз суфастоӣ будан ва аз пайравии шаккокон эҳтироз дорад; дар сурате ки фарзи Конт ҳаддиақал мунтаҳӣ ба маслаки шак мешавад. Ба илова, ин фарз фарзи ҷадиде нест, Прутогурос — суфастоии маъруфи қарн 5-уми қабл аз милод, дар ду ҳазору сесад сол қабл аз Конт, ин фарзро баён кард ва гуфт: "Миқёси ҳама чиз инсон аст."

Конт аз тарафе, дар тараттуби маълул бар иллат дар олами воқеъ тардид мекунад, ва аз тарафи дигар мегӯяд:

"*Ҳарчанд мо авориз ва завоҳирро ба василаи ҳавосси худ идрок мекунем, аммо медонем, ки зуҳур зуҳуркунанда мехоҳад, пас қатъан завоте вуҷуд доранд, ки ин авориз мазоҳири онҳо ҳастанд*."

Инҷост, ки эроди маъруфи Шупенҳовер ворид мешавад. Вай мегӯяд:

"*Пас аз он ки ба наққодӣ маълум кардӣ, ки иллият ва маълулият сохтаи зеҳн ҳастанд, ба чӣ далел ҳукм мекунӣ, ки завоте дар хориҷ вуҷуд доранд, ки иллатҳои ин завоир мебошанд?*"

Ростӣ, агар касе иллият ва маълулиятро сохтаи зеҳн бидонад ва тараттуби маълулро бар иллат дар олами воқеъ воҷиб надонад, ваҷҳе надорад, ки ба вуҷуди олами хориҷ аз зеҳн, ки маншаи таъсироти ҳиссӣ аст, қоил шавад.

Аҷаб ин аст, ки марҳуми Фурӯғӣ мегӯяд:

"*Ҳукамои мо мегуфтанд: ҳикмат илм ба ҳақоиқ аст дар ҳудуди тоқати башар, дар воқеъ Конт мехоҳад ҳудуди тоқати башарро ташхис диҳад*."

* * *

Аз он чӣ то кунун гуфтем, маълум шуд, ки назари қудамо дар боби "арзиши маълумот" дуруст дар нуқтаи муқобили назариёти Конт аст. Маслаки қудамо маслаки ҷазм ва яқин

аст, аммо маслаки Конт маслаки шак аст. Қудамо дар мабҳаси “вуҷуди зеҳнӣ” исрор ва пофишорӣ мекарданд, ки моҳияти ашё ба ҳамон наҳв, ки дар хориҷ ҳастанд, дар зеҳн вуҷуд пайдо мекунанд, аммо Конт мегӯяд: ҳар чӣ мо идрок мекунем, ба наҳве аст, ки зеҳни мо иқтизо дорад, аммо оё воқеъ ҳам ҳамин тавр аст ё нест, намедонем. Конт дар нақкодиҳои худ ба ҷойе мерасад, ки ҷараёни қоъидаи иллият ва маълулиятро дар олами хориҷ мавриди тардид қарор медиҳад, вале қудамо борҳо тасреҳ кардаанд, ки тардид ё инкори ҷараёни ин қонун дар олами хориҷ, мусталзими нафйи фалсафа ва бутлони ҷамиъи улум ва ҳамрадифи сафсата мебошад.

Изофа кардани қудамо ҷумлаи “то андозае, ки дар иститоати башар аст”-ро дар таърифи фалсафа, ҳамон тавре ки қаблан гуфта шуд, барои ишора ба ин нукта аст, ки ҳақоиқи ҷаҳон бепоён аст ва истеъдоди башар маҳдуд, пас башар фақат ба кашфи порае аз ҳақоиқи ҷаҳон метавонад ноил шавад, илми кулл насиби касе нахоҳад шуд. Аммо Конт мегӯяд: дасти башар аз расидан ба ҳақоиқи ҷаҳон ба куллӣ кӯтоҳ аст.

Ба иборати дигар: қудамо назар ба аҷзи башар аз *лиҳози* каммийят доштанд ва Конт назар ба аҷзи башар аз *лиҳози* кайфият дорад ва байни ин ду фарқ бисёр аст.

Пас аз Конт низ донишмандони бисёре омадаанд ва оро ва ақоиде дар боби “арзиши маълумот” изҳор доштаанд, вале чизе зиёдтар аз он миқдор, ки дар зимни баёни ашхоси номбурда нақл кардем надоранд ва ҳар кас ба ваҷҳи махсус ва тариқаи хоссе ворид шуда ва натиҷа ҳамон аст, ки то кунун гуфта шуд.

**Назарияи Ҳенри Бергсун**

Дар инҷо назарияи Ҳенри Бергсун (*Henri Bergson, 1859-1941*), донишманди орифмашраби фаронсавиро наметавон аз назар дур дошт. Вай низ ба як навъ фалсафаи ҷазмии мақрун ба ирфонӣ мӯътақид аст ва ҳамон ақидаро, ки Декорт ва дигарон дар бораи ҳисс доштанд ва мегуфтанд: “*Ҳавосс василаи кашфи ҳақиқат нест, балки фақат василаи иртиботи амалӣ пайдо кардан бо олами хориҷ аст*”, Бергсун дар бораи ақл дорад. Вай мегӯяд: ҳиссу ақл ҳеч як василаи кашфи ҳақиқат нестанд, василаи кашфи ҳақиқат як қувваи дигарест, ки метавон онро қувваи “дарунбинӣ” ё “шуҳуди ботинӣ” хонд ва ҳам он ки ӯро олитарин маротиби ақл номид. Бергсун мегӯяд: инсон бо як навъ тафаккур дар “худ” ва шуҳуди дарунии

“нафс”, ба ҳақиқати мутлақ роҳ меёбад ва ба фалсафаи уло, ки ӯҳдадори табйини ҳақоиқи мутлақ аст, танҳо аз ин роҳ метавон расид.

* * *

Дар хотимаи ин муқаддима, тавзеҳи ин нукта лозим аст, ки “арзиши маълумот”-ро аз ду ҷанба метавон мавриди назар қарор дод: аз ҷанбаи назарӣ ва аз ҷанбаи амалӣ.

Баёни “арзиши маълумот” аз ҷанбаи назарӣ, яъне таҳқиқи ин ки оё мудракот ва маълумоти мо айни воқеъ аст, ки дар зеҳни мо пайдоиш ёфта ё ғайри он? Таваҷҷӯҳи фалосифа дар мабҳаси “арзиши маълумот” ба ин қисм аз арзиш аст ва ин қисм аз арзиш аст, ки қотибаи донишмандони ҷадид аз Декорт ба баъд, аз маҳсусот нафй кардаанд ва гуфтаанд: ҳисс василаи кашфи ҳақиқат нест.

Ва аммо “арзиши амалӣ” — яъне ин ки ҳарчанд маълумоти мо ҳақиқатро бар мо кашф намекунад, аммо ин қадр ҳаст, ки дар амал моро ҳидоят мекунад, яъне ин қадр медонем, ки байни идрокоти мо ва ашёи хориҷӣ як робитаи мустақим ҳаст, масалан дар хориҷ кайфияти махсусе ҳаст, ки дар мо сурати рангро эҷод мекунад ва кайфияти дигари махсусе ҳаст, ки дар зеҳни мо эҷоди савт мекунад ва аз ин рӯ ба василаи ҳамин маълумот метавон бо хориҷ иртибот пайдо кард ва дар амал истифода намуд, ва ба иборати дигар, маълумоти мо агар моро ба моҳияти ашёи хориҷӣ воқиф намекунанд, аммо иҷмолан ба вуҷуди онҳо воқиф мекунанд — ин навъ аз арзишро танҳо суфастоиён инкор доранд. Ва чунонки донистем, баъд аз Декорт донишмандони ҷадид ҳарчанд арзиши назарии маҳсусотро мункиранд, аммо арзиши амалии онҳоро инкор надоранд. Донишмандони бузург аз қабили Декорт ва Конт тасреҳ кардаанд, ки арзиши амалии маҳсусот қобили инкор нест…

* * *

Маҷмӯъи орои донишмандонро дар бораи “арзиши назарии маълумот”, ки дар ин муқаддима баён шуд, метавон ин тавр хулоса кард:

1. Тамоми идрокоти башар бе ҳақиқат ва ҷаҳони маълумот ҳеч дар ҳеч аст. (Назари суфастоиёни қадим аз қабили Прутогурос ва Гургиёс ва идеалистҳои ҷадид аз қабили Берклей ва Шопенҳовер.)

2. Намедонем, ки идрокот айни ҳақиқат аст ё нест, зеро тамоми идрокоти башар ҳатто бадеҳиёти аввалия ва фалсафа ва улуми риёзӣ, бастагӣ дорад ба тарзи сохтмони дастгоҳи

идрокии башар, ва сохтмони дастгоҳи идрокии ашхос мутафовит аст. (Назари шаккокони қадим ва нисбиюни ҷадид ва тарафдорони материализми диалектик.)

3. Маҳсусот ва маъқулоти аввалия ва он чӣ бо риояти усули мантиқӣ касб шавад, ҳақиқат аст. (Назари Арасту ва пайравонаш дар Юнони қадим ва ҷамиъи ҳукамои давраи исломӣ.)

4. Фитриёти ақл ва маъқулоте, ки бо риояти усули мантиқӣ касб шавад, айни ҳақиқат аст ва аммо маҳсусот намедонем ҳақиқат аст ё нест, зеро ҳавосс василаи иртиботи амалӣ бо хориҷ аст, на василаи кашфи ҳақиқат. (Назари Декорт ва Лойбнитс ва иддаи дигар аз фалосифаи Урупо.)

5. Маълумоти риёзӣ, ки сирфан махлуқи зеҳни мост, ҳақиқат аст ва аммо маълумоти марбут ба ҷаҳони хориҷ намедонем ҳақиқат аст ё нест. (Конти олмонӣ ва пайравонаш.)

6. Виҷдониёт ва он чӣ бо таъаққули саҳеҳ ба даст ояд, ҳақиқат аст, аммо маҳсусот намедонем ҳақиқат аст ё нест. (Ҷон Локи ангилисӣ.)

7. Ҳиссу ақл ҳар ду фақат дорои арзиши амалӣ ва василаи иртиботи амалӣ бо хориҷанд, василаи кашфи ҳақиқат танҳо шуҳуди ботин аст. (Ҳенри Бергсун.)

* * *

Ин буд баёни мухтасаре аз сайри ақоид ва оро дар бораи “арзиши маълумот” аз давраи Юнони бостон то асри ҳозир.

*Баррасии масъалаи илм ва маълумро, аз лиҳози аҳаммият, дар ҷиргаи масоили дараҷаи яки фалсафа бояд қарор дод; зеро то мо ҳастем, сару коре ба ғайри илм (яъне он чӣ дар зеҳни мо нақш мебандад) надорем.*

*Албатта, ин суханро набояд аз мо далели сафсата гирифт; зеро суфастоӣ мегӯяд: мо пайваста илм мехоҳем ва илм ба дасти мо меояд, ва мо мегӯем: мо пайваста маълум мехоҳем ва илм ба дасти мо меояд, ва фарқ миёни ин ду сухан бисёр аст.*

*Чунонки дар мақолаҳои гузашта гуфта шуд, ҳар илм бо маълуми худ аз ҷиҳати моҳият яке аст (ва аз ҳар файласуфе ҳатто фалосифаи моддигаро ва ҳатто аз бузургони фалсафаи материализми диалектик низ агар аз таърифи илм ва маълум пурсида шавад, хоҳанд гуфт: "маълум" мартибаи тараттуби осор ё маншаияти осори чизе аст ва "илм" ё "сурати илмӣ" мартибаи адами осор ва адами маншаияти осори ҳамон чиз аст.) Ва аз ин рӯй, интибоқи илм ба маълум (филҷумла) аз хоссиятҳои зарурии илм хоҳад буд. Ва ба иборате возеҳтар: воқеияти илм воқеияте нишондиҳанда ва беруннамо (кошиф аз хориҷ) аст. Ва ҳам аз ин рӯй, фарзи илме, ки кошиф ва беруннамо набошад, фарзест маҳол. Ва ҳамчунин фарзи илми беруннамо ва кошиф, бе доштани як макшуфи берун аз худ, фарзест маҳол.*

*Пас, ин пурсиш пеш меояд: илм, ки дорои воқеият мебошад, чӣ гуна мумкин аст хато намуда*[1] *ва аз маълуми хориҷ аз худ тахаллуф намояд, бо (таваҷҷӯҳ ба) ин ки тахаллуф*

---

[1] Бузургтарин дастовези суфастоиён барои исботи воқеӣ набудани дунёи хориҷ ва нафйи мутлақи арзиши маълумот, хатои ҳавосс аст ба ин баён:

Ҷамиъи маълумоти инсон аз роҳи ҳавосс ба даст омадаанд ва эҳсос (ҳисс кардан) далел бар вуҷуди воқеии маҳсус нест; зеро ҳама кас медонад, ки ҳавосси мо гоҳе як чизро мухталиф нишон медиҳанд (мисоли оби сарду гарм, ки дар матн хоҳад омад) ва албатта мумкин нест як шайъи воқеӣ ба таври мухталиф вуҷуд дошта бошад, ва гоҳе як чизро ба наҳве нишон

медиҳанд, ки яқин дорем дурӯғ аст (мисоли қатраи борон ва шӯъла ва ғайра, ки дар матн хоҳад омад).

Пас, маълум мешавад, ки "эҳсос" далел бар вуҷуди воқеии маҳсус нест. Ва чун ҷамиъи маълумот ва иттилооти мо роҷеъ ба дунёи хориҷ, маншаи ҳиссӣ доранд ва аз роҳи ҳисс ба даст омадаанд, пас ҳеч як аз идрокот ва улуми мо арзиши воқеӣ надоранд.

Ин мағлата аз он ҷиҳат, ки барои инкори як амри бадеҳӣ (вуҷуди дунёи хориҷ) — ки зеҳни ҳар кас ҳатто худи шахси мағлатакунанда ба он эътироф дорад — баён шудааст, арзиши илмӣ надорад. Ва агар касе фаразан аз тариқи истидлоли илмӣ натавонад ҷавоби ин мағлатаро бидиҳад, аз он ҷиҳат, ки хилофи як амри бадеҳӣ аст, дар мағлата буданаш тардид надорад.

Вале дар айни ҳол, донишмандон ин мағлатаро бидуни посух нагузоштаанд. Ва мо барои равшан шудани зеҳни хонандагон, ба баёноте, ки донишмандон дар ин замина кардаанд, чӣ дар мақоми посух ба ин ишкол ва чӣ мустақиллан дар мақоми тавҷеҳи хатои ҳавосс, ишора мекунем:

а) Фаразан, ки ҳавосси мо дар нишон додани "кайфият" ё "моҳият"-и маҳсусот хатокор бошанд, дар далолат бар "вуҷуди хориҷӣ"-и маҳсусот хатокор нестанд. Тамоми ин хатоҳо, ки ба ҳавосс нисбат дода шудааст, фаразан, ки мо онҳоро хатои ҳақиқӣ бидонем, хато дар нишон додани кайфият ё моҳияти маҳсус аст, на дар далолат кардан бар вуҷуди маҳсус филҷумла.

Мо дар ҳеч мавриде суроғ надорем (ҳатто дар мавриди сароб ва об), ки маҳсус ба ҳеч ваҷҳ вуҷуд надошта бошад ва дар айни ҳол мо вуҷуди чизеро эҳсос кунем. Пас, муддаъои суфастоиён (адами вуҷуди дунёи хориҷ) бо ин баён собит нашуд.

б) Ҳисс ба худии худ хато намекунад. Дар мавориде, ки гуфта мешавад, ҳисс хато кардааст, воқеан хато дар ҳисс (эҳсоси муҷаррад) нест, балки хато дар ҳукм аст. Яъне хато вақте вуқӯъ пайдо мекунад, ки зеҳн дар мақоми қазоват бармеояд ва ҳукм мекунад, ки ин ӯст, вагарна худи ҳисс, ки маншаи аслии тамоми маълумот аст, хатобардор нест.

в) Дар мавориди номбурда хато на дар ҳисс аст ва на дар ҳукм. Яъне ҳеч қуввае аз қувваҳои идрокии инсон дар кори марбут ба худ хато намекунад, (балки) ҳар як аз хатоҳоро, ки дар

***ва ихтилоф дар мавриди илм бисёр аст? Акнун мо барои равшан сохтани маънои ин сухан ба тавзеҳи бештаре мепардозем.***

* * *

***Илм (огоҳӣ) бо тақсими аввалӣ мунқасим аст ба илми тасаввурӣ ва тасдиқӣ. “Илми тасаввурӣ” илмест, ки муштамил ба ҳукм нест, монанди сурати идрокии инсони танҳо, аспи танҳо, дарахти танҳо. “Илми тасдиқӣ” илмест, ки муштамил ба ҳукм буда бошад, монанди сурати идрокии “Чаҳор бузургтар аз се аст”, “Имрӯз пас аз дирӯз аст”, “Инсон ҳаст”, “Дарахт ҳаст.” (ва ғайра…)***

***Ва равшан аст, ки илми тасдиқӣ бе илми тасаввурӣ суратпазир нест (агарчӣ бархе аз донишмандони равоншинос дар куллияти ин қазия мунокиша кардаанд, вале онон тасаввури иҷмолиро ба ҳисоб наёвардаанд).***

***Ва низ илм бо тақсими дуввумӣ мунқасим мешавад ба ҷузъӣ ва куллӣ. Зеро агар қобили интибоқ ба бештар аз як воҳид набуда бошад, “ҷузъӣ” аст, монанди ин гармӣ, ки ҳисс мекунам ва ин инсон, ки мебинам. (Аммо) агар қобили интибоқ ба бештар аз як фард буда бошад, “куллӣ” аст, чун мафҳуми “инсон” ва мафҳуми “дарахт”, ки ба ҳар инсон ва дарахти мафруз қобили интибоқ ҳастанд.***

---

назар бигирем, пас аз диққат маълум мешавад, ки хатои ҳақиқӣ нест, балки кори марбут ба қувваеро ба қувваи дигар нисбат додаем. Пас вуқӯъи хато билараз аст на бизззот, ва ин ҳамон посухест, ки ба тафсил дар матни мақола баён шудааст. (Дар қисмати баъдӣ хоҳад омад)

г) Дар мавориди номбурда аслан хатое дар кор нест; на дар ҳисс ва на дар ҳукм, на билараз ва на бизззот, балки ҳақиқат аст; зеро ҳақиқат ҳамвора нисбӣ аст ва мавориди мухталифе, ки ба ғалат “хатои ҳавосс” номида шудааст, як ҳақиқат аз ҳақоиқи нисбӣ аст ва ин иштибоҳ аз он ҷо пайдо шудааст, ки ҳақиқатро мутлақ пиндоштаанд. Аз ин ҷиҳат баъзе аз мавориди идрокоти ҳиссиро “хато” номидаанд, вале бо таваҷҷӯҳ ба ин ки ҳақиқат ҳамеша ва ҳамаҷо нисбӣ аст, ин иштибоҳ худ ба худ рафъ мешавад.

Ин посухест, ки нисбиюни ҷадид ва тарафдорони материализми диалектик медиҳанд ва ба зудӣ ба тафсил баён ва интиқод хоҳад шуд.

*Илми кулл̄ӣ пас аз таҳаққуқи илм ба ҷузъиёт метавонад таҳаққуқ пайдо кунад. Яъне мо наметавонем масалан инсони кулллиро тасаввур намоем, магар ин ки қаблан афрод ва ҷузъиёте чанд аз инсонро тасаввур карда бошем.*

*Зеро агар чунончи мо метавонистем кулллиро бидуни ҳеч гуна ягонагӣ ва робитае бо ҷузъиёти худаш тасаввур кунем, нисбати куллии мафруз ба ҷузъиёти худаш ва ғайри онҳо, мутасовӣ (баробар) буд. Яъне, ё ба ҳама чиз мунтабиқ мешуд ё ба ҳеч чиз мунтабиқ намешуд; бо ин ки мо мафҳуми инсонро масалан, пайваста ба ҷузъиёти худаш татбиқ намуда ва ба ғайри ҷузъиёти худаш қобили интибоқ намедонем. Пас, ночор як навъ робитае миёни тасаввури инсони куллӣ ва тасаввури ҷузъиёти инсон мавҷуд буда ва нисбат миёнашон собит ва ғайри қобили тағйир мебошад.*

*Ва ҳамин баёнро метавон миёни сурати хиёлӣ ва сурати маҳсуса ҷорӣ сохт; зеро агар чунончи як навъ ягонагӣ ва робитае миёни сурати хиёлие — ки бе восита шудани ҳавосс тасаввур мекунем — ва миёни сурати маҳсусаи ҳамон тасаввури хиёлӣ мавҷуд набуд, мебоист ҳар сурати хиёлӣ ба ҳар сурати ҳиссӣ мунтабиқ шавад (ҳар чӣ бошад) ва ё ба ҳеч чиз мунтабиқ нашавад; бо ин ки сурати хиёлии фардеро, ки тасаввур мекунем, танҳо ба сурати маҳсусаи ҳамон фард мунтабиқ буда ва ба ҷуз вай, бо чизи дигар ҳаргиз татобуқ надорад.*

*Пас, як навъ робитаи ҳақиқӣ миёни сурати маҳсуса ва сурати мутахайила, ва миёни сурати мутахайила ва мафҳуми куллӣ, ва миёни сурати маҳсуса ва мафҳуми куллӣ мавҷуд мебошад.*

*Ва агар чунончи мо метавонистем "мафҳуми куллӣ"-ро бе собиқаи сурати маҳсуса дуруст кунем, дар сохтани вай ё маншаияти осорро мулоҳиза мекардем ё на; яъне, дар тасаввури "инсони куллӣ" як фарди хориҷии маншаи осорро дар назар гирифта ва мафҳуми куллии бе осори ӯро дуруст мекардем ё на. Дар сурати аввалӣ, бояд ҳақиқати маншаи осорро қаблан ёфта бошем, ва он "сурати маҳсуса" аст. Ва дар сурати сонӣ, як воқеияте аз воқеиятҳои хориҷӣ дуруст кардаем, на як мафҳуми зеҳнӣ, зеро вуҷудаш қиёсӣ нест ва худ ба худ маншаи осор мебошад, пас "мафҳум" нест.*

*Оре, назар ба зоташ, ки маълуми мост, илми ҳузурӣ хоҳад буд, на илми ҳусулӣ. Ва сухани мо дар илми ҳусулӣ аст (марҳилаи мафҳуми зеҳнӣ) на илми ҳузурӣ (марҳилаи вуҷуди хориҷӣ). Ва ҳамин баён, дар “сурати хиёлӣ” низ монанди “мафҳуми куллӣ” ҷорӣ мебошад. Пас илми куллӣ масбуқ ба сурати хиёлӣ, ва сурати хиёлӣ масбуқ ба сурати ҳиссӣ хоҳад буд.*

*Гузашта аз он чӣ гузашт, озмойиш нишон дода, ки ашхосе, ки бархе аз ҳавоссро (монанди ҳисси босира ё ҳисси сомеъа) фоқид мебошанд, аз тасаввури хиёлии суратҳое, ки бояд аз роҳи ҳамон ҳисси мафқуд анҷом диҳанд, оҷиз ва забунанд.*

*Аз ин баён, натиҷа гирифта мешавад:*

*1. Миёни сурати маҳсуса ва сурати мутахайила ва сурати маъқулаи (мафҳуми куллии) ҳар чизе, нисбати собите мавҷуд аст;*

*2. Ба вуҷуд омадани “мафҳуми куллӣ” мавқуф аст ба таҳаққуқи тасаввури хиёлӣ ва таҳаққуқи тасаввури хиёлӣ мавқуф аст ба таҳаққуқи сурати ҳиссӣ, чунонки ҳар як ба тартиб пас аз дигарӣ ба вуҷуд меояд;*

*3. Ҳамаи маълумот ва мафоҳими тасаввурӣ мунтаҳӣ ба ҳавосс мебошад; ба ин маънӣ, ки ҳар мафҳуми тасаввурӣ фарз кунем, ё мустақиман худ маҳсус аст ва ё ҳамон маҳсус аст, ки даст хӯрда ва тасаррруфоте дар вай шуда ва хоссияти вуҷудии тозае пайдо намудааст, чунонки гармое, ки эҳсос мекунем “сурати маҳсуса” буда, ки ташаххус ва тағйирро дорад, ва “сурати хиёлӣ”-и вай моҳияти гармӣ ва ташаххусро дошта, вале аз он ҷиҳат, ки мутахайила мебошад собит аст, ва “мафҳуми куллӣ”-и вай танҳо моҳияти гармиро дошта, вале ташаххус ва тағйирро надорад;*

*4. Агар натиҷаи севвумро ба муқаддимае, ки дар мақолаи 2 ба субут расид (ба воқеияти хориҷ аз худ филҷумла метавонем ноил шавем) зам кунем, ин натиҷаро медиҳад, ки мо ба моҳиятм воқеии маҳсусот филҷумла ноил мешавем. (Ин қазия ба ҳамон андоза, ки содда мебошад ва ба ҳамин ҷиҳат саҳлуттановул аст, дақиқ ва саъбулфаҳм низ мебошад ва “фалсафа” ӯро ба маънои дақиқаш исбот мекунад, на ба маънои соддаи вай, чунонки дар ҷойи муносиб ба худаш гуфта хоҳад шуд).*

### *Пурсиш*

***Ин ҷост, ки пурсиши гузашта худнамоӣ карда ва пеш меояд, ки агар чунончи мо бо ҳавосси худ ба моҳиятҳои воқеии ашё ноил мешавем, пас ин ҳама ихтилоф ва тахаллуф дар ҳисс чист? Ҳисси босира дар ибсори мустақим ва мунъакиси худ ғалатҳои бешуморе дорад: мо аҷсомро аз дур кучактар ва аз наздик бузургтар аз миқдори воқеиашон мебинем… (Масалан: хуршедро, ки мебинем, ба андозаи як мушт ҳам нест, дар ҳоле ки воқеият ин намебошад. Аз дур як инсонро, ки мебинем, аз андозаи ҳақиқиаш кучактар аст, ва ҳар андоза ки ба ӯ наздик мешавем, бузургтар мегардад ва мисолҳои дигар…) Бисёре аз аҷсоми мутаҳаррикаро агар худ низ мутаҳаррик бошем, бо тасовии ҳаракатайн дар ҷиҳат ва суръат, сокин ва бо тағйири ҳаракатайн, бо ҳаракатҳои ғайри воқеӣ мебинем. Қатрае, ки аз осмон меафтад, ба шакли хатт ва оташи оташгардон ба шакли доира дида мешавад… Ҳисси ломиса дар ғалатҳо дасти каме аз босира надорад ва ихтилофи кайфиёт дар узви ламскунанда, дар нишон додани гармӣ ва сардӣ ва сахтӣ ва нармӣ ва ғайра комилан муассир мебошад. Агар як дастатонро дар оби доғ гарм намуда ва дасти дигаратонро дар оби ях сард кунед ва пас аз он, ҳар дуро бо ҳам дар обе нимагарм бигузоред, аз ҳоли об ду хабари комилан мутаноқиз, ки бо хориҷ низ вифқ намедиҳад, ба шумо хоҳанд расонид.***

***Ҳиссҳои дигар — монанди ҳисси зоиқа ва ғайри он — ба навбаи худ ғалатҳое доранд. Ва билохира ғалат ва таноқуз дар ҳавосс ба андозае бисёр аст, ки аз ҳар гӯшаву канор метавон садҳо мисол ва шоҳид барои он пайдо кард.***

***Ғалат дар хиёл ва ҳамчунин дар фикри куллӣ, дигар ниёзманд ба гаштан ва мисол пайдо кардан нест, ва ин даста аз ғалатҳо агарчӣ мустақиман дар ҳисс нест, вале аз роҳи ин ки ин даста аз идрокот билохира мунтаҳӣ ба ҳисс мебошанд, метавон гуноҳи инҳоро низ ба гардани ҳисс ниҳод.***

### *Посух*

***Албатта равшан аст, ки таваҷҷӯҳи ин ишкол ба метофисизм қавитар аст, то ба материализми диалектик; зеро мо дар суханони гузаштаи худ ба ёфтани воқеияти хориҷ филҷумла мултазим шудем, вале онон мултазим набуданд. Ва аз ин рӯй, метавонанд бо***

***талоши нисбатан камтаре аз бунбасти ин ишкол берун оянд, агарчӣ билохира дар бунбастҳои дигаре гир хоҳанд кард.***

***Донишмандони моддӣ метавонанд бигӯянд:***[1]

---

[1] Ҳарчанд дар матни мақолаи 2 назарияи "ҳақиқати нисбӣ" баён ва интиқод шуд ва мо низ дар муқаддимаи ҳамин мақола назарияи ҳақиқати нисбиро — мутобиқи тақрири нисбиюн — баён ва интиқод кардем, вале тарафдорони материализми диалектик ҳақиқати нисбиро тибқи усули моддӣ ва мантиқи диалектики худ ба тарзи дигаре баён кардаанд ва байни худашон ва соири нисбиюн фарқе қоиланд ва рӯйи ҳамон фарқ аст, ки онҳоро "шаккок" ва худро "ҷазмӣ" муаррифӣ мекунанд.

Ба илова, қаблан ба хонандагони мӯҳтарам ваъда додаем, ки назариёти хосси материализми диалектикро дар бораи "арзиши маълумот" мутаъарриз шавем. Аз ин рӯ, дар инҷо дар зимни ин ки назарияи онҳоро дар мақоми тавҷеҳи хатои ҳавосс ва баёни ҳақоиқи нисбӣ — ки дар матн ба таври хулоса баён шудааст — тавзеҳ медиҳем, соири назариёташонро дар боби "арзиши маълумот" низ мутаъарриз мешавем, то дуруст равшан шавад, ки ин назариёт тибқи усули реализм қобили қабул аст ё на? Ва оё воқеан ҳамон тавре ки иддаъо мекунанд, байни онҳо ва соири нисбиюн — ки ба эътирофи худашон онҳо шаккок ҳастанд — фарқе ҳаст ё на? Маҷмӯи ин матолибро дар тайи ин чанд қисмат баён мекунем:

а) Ҳақиқати нисбӣ ба тақрири моддигароён;

б) Оё материализми диалектик шаккок аст ё ҷазмӣ?

в) Оё байни назарияи Конт ва назарияи материализми диалектик аз лиҳози арзиши маълумот фарқ аст ё на?

г) Оё байни нисбигароӣ (*relativism = релятивизм*) ва материализми диалектик аз лиҳози арзиши маълумот фарқ аст ё на?

д) Туруқи исбот такомули ҳақиқат дар назари тарафдорони материализми диалектик ва посухи онҳо;

е) Иҷтимои саҳеҳ ва ғалат, ва ҳақиқат ва хато;

ё) Бунбасти аҷиб ё як нуктаи муфид ва муҳим;

ж) Фалокати материализм ба дасти диалектик.

**“Ҳақиқати нисбӣ” ба тақрири тарафдорони материализми диалектик**

Эҳсос (ҳисс кардан) асаре аст, ки ба дунболи таъсире, ки аз шайъи хориҷӣ бар силсилаи асабӣ ворид мешавад, тавлид мегардад. Яъне силсилаи асабии инсон ва ҳайвон дар асари як силсила такомули тадриҷӣ дорои ин хоссият шудааст, ки ба дунболи таъсире, ки аз хориҷ бар он ворид мешавад, аксуламали моддии хоссе эҷод кунад. Ин тавлиди аксуламал ҳамон эҳсос аст.

Тибқи усули диалектик, ҳеч чиз дар табиат дорои таъсири ҷомид (якнавохт) нест; ҳар чизе бино ба вазъият ва мавқеияти хосс, таъсири махсус дорад ва чун ашё доиман тағйири вазъ ва мавқеият медиҳанд, қаҳран дорои таъсироти мухталиф хоҳанд буд.

Ин тағйири вазъ ва мавқеият, ҳам дар ашёи хориҷӣ ва ҳам дар силсилаи асабӣ ва мағз ҳукмфармост. Яъне ҳам шайъи хориҷӣ (маҳсус), ки таъсири аввалиро бар аъсоб ворид мекунад ва ҳам силсилаи асабӣ ва мағз (ҳосса), ки бар рӯйи таъсири аввалӣ таъсири дигаре ворид карда эҳсос тавлид мекунад, вазъ ва мавқеияташон тағйир мекунад ва дар натиҷа таъсирашон низ тағйир хоҳад кард. Пас, ҳам “ҳискунанда” ва ҳам “маҳсус” (ҳисшаванда) ҳамвора бино ба ихтилофи вазъ ва мавқеият, дорои таъсири мухталиф хоҳанд буд.

Ва чун “ҳақиқат” иборат аст аз: таъсире, ки ҳосса (силсилаи асабӣ) ба дунболи таъсире, ки аз маҳсус мегирад тавлид кунад, пас ҳеч як аз эҳсосҳои мо дар мавориде, ки гуфта мешавад “ҳисс хато кардааст” хато нест; зеро дар ҳамаи он маворид, дар таҳти шароити моддии муайян, хоссияти махсуси шайъи хориҷӣ, ки бар аъсоб таъсир ворид карда ва хоссияти махсуси силсилаи асабӣ ғайр аз он ки буда наметавонист буда бошад.

Ва аз инҷо иллати ихтилофи идрокоти ашхос нисбат ба якдигар низ равшан мешавад; зеро аввалан, мумкин аст ташкилоти сохтмонии аъсоби як нафар бо як нафари дигар фарқ кунад ва дар натиҷа ҳамеша мухталиф дарк кунанд. Ва ҳамчунин мумкин аст аъсоби як нафар дар як лаҳза вазъи хоссе дошта бошад, ки ин вазъ барои дигаре мавҷуд набошад. Ва бино ба таърифи фавқ, ки гуфтем “ҳақиқат иборат аст аз он чӣ дар асари муқобила ва мувоҷеҳа бо хориҷ ҳосил шавад”, пас ҳар касе дар ҳар ҳолат ҳар чӣ эҳсос мекунад, барои

шахси ӯ дар он ҳолати хосс ҳақиқат аст, пас ҳақиқат ҳамеша нисбӣ аст ва хатои ҳавосс маънӣ надорад.

Дуктур Аронӣ дар ҷузваи "Материализм" сафҳаи 38 мегӯяд:

*"Мох (Mach) мегӯяд, як мидод дар ҳаво мустақим ба назар меояд ва дар об шикаста дида мешавад. Ин тақсири илм нест, балки нақс дар таҷриба аст. Албатта возеҳ аст, ки сӯҳбати қусур ва тақсир дар инҷо бемаврид аст. Як мидод дар шароити махсус таъсири муайян дорад ва дар таҳти шароити дигар бояд ҳам таъсири дигар дошта бошад. Таҷриба боис намешавад, ки (чунонки Мох мегӯяд) мо яке аз ҳолотро "ҳақиқат" ва дигареро "иштибоҳ" бидонем, балки ба кӯмаки таҷриба аст, ки иллати ин ихтилоф ва ҳақиқӣ будани ҳар ду ҳолро метавон нишон дод."*

Ин буд тақрири моддигароёни ҷадид дар боби ҳақиқати нисбӣ ва тавҷеҳи хатои ҳавосс.

Возеҳ аст, ки бо ин баён наметавон хатои ҳавоссро тавҷеҳ намуд ва гуфт, аслан хатое нест ва ҳамвора ҳар чӣ инсон эҳсос мекунад, ба ҳар наҳв, ки бошад, ҳақиқат аст; зеро донишмандони моддӣ агар фақат мехоҳанд истилоҳро иваз кунанд ва ҳақиқатро таври дигаре ("Ҳар чизе, ки дар асари муқобила ва мувоҷеҳаи ҳисс бо хориҷ пайдо шавад") ғайр аз маънои маъруф байни донишмандон ("Идроки мутобиқ бо воқеъ") таъриф кунанд, албатта баҳсе нест, вале асли ишкол (адами мутобиқати сурати ҳиссӣ бо хориҷ) ба ҷойи худ боқӣ аст.

Ва аммо агар манзури ин донишмандон ин бошад, ки бихоҳанд бигӯянд, "ҳамаи эҳсосҳое, ки дар асари муқобила ва мувоҷеҳа бо хориҷ пайдо мешавад, як навъ мутобиқат бо воқеъ дорад", возеҳ аст, ки дурӯғ аст; зеро дар мисоли боло, ки дуктур Аронӣ аз Мох дар мавриди мидод нақл мекунад, ҳарчанд хоссияти мидод аз лиҳози таъсире, ки бар чашм дорид мекунад ва кайфияти амвоҷи нуре, ки ба чашм мефиристад, дар ҳаво ва дар об фарқ мекунад, ва ҳарчанд ин матлаб низ саҳеҳ аст, ки мо иллати ин ихтилофро ба василаи таҷриба ва қароини илмӣ мефаҳмем ва ин ки Мох мегӯяд "нақс дар таҷриба аст" ғалат аст, вале натиҷаи фалсафӣ ҳам, ки дуктур Аронӣ ва руфақояш аз ин ду матлаби саҳеҳи илмӣ мегиранд ва мегӯянд: "Ҳар ду тасвири мухталифи мидод, ки дар ҳоссаи мо падидор омадааст, ҳақиқат аст" низ ғалат аст; зеро яқинан худи мидод дар воқеъ ё мустақим аст ё мункасир, ё дорои қомати рост аст ё шикаста. Ва дар ҳар ду ҳолат (муҳити ҳаво ва муҳити

об) қомати мидод тағйир накарда, пас яке аз ду эҳсоси мо аз лиҳози воқеънамоӣ ва нишон додани қомати воқеии мидод хатост. Мо агар бихоҳем ба таври саҳеҳ аз ҷанбаи фалсафӣ натиҷагирӣ кунем, бояд ин тавр бигӯем: ″Ба кӯмаки таҷриба ва аз рӯйи қароини илмӣ аст, ки иллати ин ихтилоф ва иллати хатои босираро дар яке аз ду ҳол мефаҳмем.″

Бинобар ин, тавҷеҳи материализми диалектик дар мавриди хатои ҳавосс қобили қабул нест.

**Оё материализми диалектик шаккок аст ё ҷазмӣ?**

Тарафдорони материализми диалектик маслаки худро маслаки ҷазм ва яқин муаррифӣ мекунанд ва аз ин ки "шаккок" ё "суфастоӣ" хонда шаванд, ба шиддат эҳтироз доранд, ҳатто он ки он ришта аз қавонини илмии улуми табиӣ, ки муттакӣ ба фарзияҳост ва гувоҳе ҷуз интибоқ бо таҷрибиёти маҳдуд ва мавҷуд надорад ва қотибаи донишмандон (ҳатто худи соҳибони фарзияҳо) онҳоро бо эҳтимол ва яқини изофӣ талаққӣ мекунанд, на бо ҷазм ва яқини ҳақиқӣ, донишмандони моддии ҷадид дар бораи онҳо низ иддаъои ҷазм ва яқини ҳақиқӣ мекунанд ва тағйиру табдили он фарзияҳоро, ки гувоҳи қатъӣ бар ҳақиқӣ набудани онҳост, аз роҳи тағйир ва такомули ҳақиқат тавҷеҳ мекунанд. Вале ин нуктаро набояд аз назар дур дошт: мизони суфастоӣ ё шаккок будан ва набудани ҳар шахс ё ҳар даста, иддаъои худи онҳо нест, балки мизон назариёте аст, ки дар боби "арзиши маълумот" иттихоз мекунанд, вагарна ағлаби суфастоиён ва шаккокон аз ин ки "шаккок" ё "суфастоӣ" хонда шаванд, эҳтироз доранд. Масалан Ҷорҷ Берклей бо он ки назариёташ тамоман мубтанӣ бар адами вуҷуди дунёи хориҷ аз зеҳн ва инкори бадеҳиёт аст, аз суфастоӣ будан ваҳшат дорад. Конт ва баъзе дигар, бо он ки воқеан шаккок ҳастанд ва донишмандони моддӣ низ онҳоро шаккок қаламдод мекунанд, майл надоранд, ки ба онҳо "шаккок" итлоқ шавад.

Аз тарафи дигар, маслаки шак як шаклу сурати муайян надорад, ҳамвора дар тӯли таърихи фалсафа бо шаклҳои мутанаввеъ зоҳир шуда ва ҳар касе аз як роҳи махсус дар гирдоби шак афтодааст. Чунонки медонем, роҳе, ки масалан Конт пеш гирифт, бо роҳе, ки нисбигароён

ё роҳе, ки шаккокони қадими пирҳунӣ пеш гирифтанд, ҷудо буд ва дар айни ҳол ҳама як саффи воҳидро аз лиҳози шаккок будан ташкил медиҳанд.

Материализми диалектик низ аз роҳи моддӣ будани фикр ва идрок ва нисбӣ будани ҳақоиқ ва аз роҳҳои дигаре, ки зайлан тавзеҳ дода мешавад, дар ҳамон гирдоб афтода ва дасту по мезанад.

Моддигароён рӯйи назарияи моддӣ будани фикр ва он ки "шинохтан" ва ҳар идроке моварои амали аъсоб нест, тарзи шинохтани ҳар чизро бо навъи сохтмони аъсоб ва мағзи шахси шиносанда марбут медонанд ва мегӯянд, чун навъи сохтмони аъсоби ашхос бо ҳам мутафовит аст, пас ақсоми шинохтанҳои ҳақиқӣ низ нисбат ба ашхос мутафовит хоҳад буд.

Дуктур Аронӣ дар ҷузваи "Материализми диалектик" сафҳаи 24 мегӯяд:

*"Навъи сохтмони силсилаи асабӣ ба тарзи махсусе дар амали шинохтан муассир хоҳад буд. Худи ҳамин таъсир шинохтан аст. Мо медонем аъсоби инсон ва ҳайвоноти дигар ба тарзи мухталиф амал мекунад, бӯйе муайян инсонро мутанаффир, вале ҳайвонеро ҷалб мекунад, ранги муайян ба назари ҳайвони дигар ҳоли дигарро дорад ё ин ки оҳанги муайяне ба гӯши як нафар хуш ва ба гӯши дигаре номатбӯъ аст, дараҷаи ҳарорати муайян гоҳ ба назар гарм ва гоҳ сард ҷилва мекунад. Хулоса, таъсири сохтмони асабиро дар шинохтан медонем, вале аз инҷо набояд натиҷа бигирем чун навъи асаб дар шинохтан муассир аст, пас айни ҳақиқатро наметавон шинохт, зеро чунонки зикр кардем, мафҳуми калимаи "шинохтан" шомили ҳамин таъсири махсус ҳам ҳаст."*

Дуктур Аронӣ шинохтани айни ҳақиқат ва ҳақиқати мутлақро (ҳақиқате, ки аз ноҳияи аъсоб шакли махсусе пайдо накунад) пуч ва бемаънӣ мешуморад. Дар ҳамон сафҳа мегӯяд:

*"Чӣ қадр бемағз аст агар мактабҳои мухолифи мо таваққӯъ доранд, ки фикр ва ашё дар ҳам таъсир намоянд яъне амали "шинохтан" сурати хориҷӣ пайдо кунад бидуни ин ки як тараф таъсир дошта бошад, яъне фикр дар таъсире, ки аз ашё гирифтааст тасарруф накунад. Билохира ҳамин тасарруф, ҳамон шинохтан аст ва агар яке набошад, дигаре ҳам нахоҳад буд. Инҳое, ки ақиби "айни ҳақиқат" ва "ҳақиқати мутлақ" ва мафҳумҳои пучи дигар мебошанд, мисли ин аст, ки мехоҳанд амали шинохтан монанди амали ҳазмӣ сурат гирад, ки на моддаи ғизоӣ вориди меъда шавад ва на меъда бар рӯйи маводди ғизоӣ асар кунад."*

Ҳамчунин дар ҳамон ҷузва сафҳаи 29 мегӯяд:

*“Мағз аз ҳамон замони таваллуд дорои як хоссияти аслӣ аст ва он, хоссияти фикр кардан аст, вале ин хоссияти аслӣ вақте метавонад кор кунад, ки моддаи лозимро дарёфт кунад; мисли ин ки як меъда хоссияти ҳазм дорад, вале вақте ҳазм мекунад, ки моддаи ғизоӣ дар он дохил шавад. Агар ба воситаи аносури таъассури дидан ва шунидан ва ғайра мавзӯе пайдо кунад, фикр ҳам кор мекунад.»*

**Хулосаи назарияи моддигароёни ҷадид**

Аз маҷмӯи гуфтаҳои моддигароён ин натиҷа истинбот мешавад: фикр ва идрок ба таври куллӣ аз хоссиятҳои муайяни ташкилоти моддии аъсоби мағзӣ аст ва ин хоссият вақте ба зуҳур мерасад, ки таъсире аз хориҷ бар аъсоб ворид шавад, монанди таъсири амвоҷи нур аз роҳи чашм ва таъсири амвоҷи савтӣ аз роҳи гӯш.

Пас аз он ки таъсироти зиёде аз роҳи ҳавосс бар мағз ворид шуд ва осори моддии нисбатан зиёде боқӣ гузошт, қудрати тафаккур дар мағз пайдо мешавад, яъне истидлол мекунад, қазоёи риёзӣ ҳал мекунад, қавонини куллии табиатро кашф мекунад, усули куллии фалсафӣ ва мантиқиро ба даст меоварад. Ва албатта қудрати тафаккурро набояд як амали хориқулода дар табиат талаққӣ кард, зеро амали тафаккур ҷуз як силсила тағйироти шимиёӣ, ки дар мағз ҳосил мешавад, чизи дигаре нест.

Навъи сохтмони силсилаи аъсоби ашхос мумкин аст мутафовит бошад, ва агар мухталиф буд, қаҳран навъи “эҳсосот” (ҳис карданҳо) ва тарзи “тафаккурот”-и ашхос ҳам фарқ хоҳад кард. Ва ба илова, чун ҳар ҷузъе аз аҷзоъи табиат бино бар вазъ ва мавқеияти махсус ва дар тахти таъсири авомили мухталиф тағйири хоссият медиҳад, мумкин аст навъи эҳсосот ва тарзи тафаккуроти як нафар низ дар муҳитҳои мухталиф фарқ кунад. Ва аз ин рӯ, набояд интизор дошт, ки агар як нафар инсон дар курраи Миррих бузург шавад ва солҳо умри худро дар онҷо тай кунад, ҳамон тавр ки мо дар замин фикр мекунем фикр кунад; зеро мумкин аст дар онҷо тамоми афкор ва идрокоташ шакли дигаре, ки муқтазои он муҳит аст пайдо кунад, масалан тавре қазоёи риёзиро ҳал кунад, ки мухолифи афкори мо бошад, масалан аз 2 x 2 натиҷаи 3 бигирад ва таври дигаре қавонини табиатро кашф кунад, таври дигаре мантиқ ва фалсафа бисозад ва ҳамчунин…

Ин аст хулосаи назарияи моддигароён дар боби ҳақиқати нисбӣ.

Қатъи назар аз ишколоти зиёде, ки бар моддӣ будани фикр ва идрок ворид аст ва мо қаблан дар мақолаи 3 равшан кардаем, ва қатъи назар аз он чӣ дар мақолаи 5 баён хоҳем кард, ки дар миёни афкори мо як силсила афкори мутлақ ва ғайри қобили тағйир мавҷуд аст ва чунонки дар матн ишора шудааст, худи моддигароён низ (бидуни таваҷҷӯҳ) як силсила афкори худро мутлақ ва ғайри нисбӣ ва ғайри қобили тағйир медонанд.

Оё инҷо ин пурсиш пеш намеояд, ки пас мо бояд бигӯем, он чӣ мо аз ҷаҳон чӣ ба василаи ҳисс ва чӣ ба василаи фикр (ақл) идрок мекунем ва мефаҳмем, ҳама он тавр ҳастанд, ки сохтмони мағзи мо дар вазъ ва мавқеияти махсус иқтизо мекунад ва аммо воқеъ чӣ гуна аст, намедонем?

Оё лозимаи ҳамаи ин муқаддимот ин нест, ки мо бояд аз лиҳози воқеъбинӣ, ба ҳеч фикре эътимод накунем ва фалсафа (ҳатто худи материализми диалектик) ва ҷамиъи риштаҳои улуми табиӣ ва риёзиро бо тардид ва шак талаққӣ кунем?

Оё шаккокони қадим ва ҷадид (қатъи назар аз роҳи истидлол), ғайр аз ин мақсуде доштанд?

Оё байни назарияи Конт ва назарияи материализми диалектик аз лиҳози арзиши маълумот, фарқ аст ё на?

Моддигароён Конти олмониро шаккок ба ҳисоб меоваранд ба ин хотир, ки ӯ байни "шайъ бинафсиҳи" (воқеияти хориҷии шайъ) ва "шайъ барои мо" (тасаввуре, ки аз он шайъ дар зеҳни мо ҳаст) фарқ гузошта, зеро Конт мӯътақид аст, ки зеҳн фитратан як маъонии қаблӣ (аз қабили замону макон) аз худ дорад, ки дар хориҷ нестанд ва ҳар чиро идрок мекунад, дар зарфи он маъонӣ ва дар қолаби онҳо идрок мекунад, пас натиҷа мегирад, ки ҳамеша байни "шайъ бинафсиҳи" ва "шайъ барои мо" ихтилоф аст.

Ҳамчунон ки хонандаи мӯҳтарам мутаваҷҷеҳ аст, худи моддигароён низ байни "шайъ бинафсиҳи" ва "шайъ барои мо" фарқ мегузоранд, бо ин тафовут, ки Конт аз роҳе ворид шуда, ки натиҷааш ихтилоф байни "шайъ бинафсиҳи" ва "шайъ барои мо" аст, вале "шайъ барои мо" нисбат ба ашхос фарқ намекунад, вале моддигароён аз роҳе ворид шудаанд, ки байни "шайъ бинафсиҳи" ва "шайъ барои ҳар кас ҷудо-ҷудо" фарқ пайдо мешавад.

Конт ба нақли марҳуми Фурӯғӣ мегӯяд:

*"Инсонҳо ҷаҳонро бо як айнаки махсус мебинанд ва наметавонанд ин айнакро аз чашми худ дур созанд."*

Аммо моддигароён мегӯянд:

*"Ҳар фарде аз афроди инсон ҷаҳонро бо айнаки махсус ба шахси худ мебинад ва наметавонад онро аз худ дур созад."*

Фарқи дигаре низ ҳаст, ва он ин ки: Конт ин айнакро фақат барои мушоҳидаи авориzи табиат дар ҷилави чашми инсон қарор медиҳад ва аммо моддигароён ин айнакро барои мутолеаи ҳар чизе ҳатто риёзиёт ва фалсафа, дар ҷилави чашми ашхос қарор медиҳанд.

Конт ба нақли марҳуми Фурӯғӣ мегӯяд:

*"Маълумро ташбеҳ мекунем ба мaводди ғизоӣ, ки бояд ба бадан бирасад ва "бадали мо ятаҳаллал" шавад. Барои ин мақсуд, бояд маводди хӯрокӣ аз хориҷ дохили меъда шавад, он гоҳ бояд меъда ва аъзои дигари ҳозима шираҳое аз худ замима кунанд, то хӯрокҳо ғизо шавад. Пас, хӯрокҳо ба манзилаи эҳсосотанд (чизҳое, ки ҳисс мешаванд) ва шираҳо ҳукми замону макон (ки ба ақидаи Конт, ин ду ғайри айнӣ ва аз мафҳумоти қаблии зеҳн мебошанд)-ро доранд."*

Чунонки собиқан аз гуфтори Аронӣ нақл кардем, моддигароён низ айни ҳамин ташбеҳи Контро такрор карданд, танҳо ихтилофи назар дар навъи шираҳое аст, ки зеҳн аз худ замима мекунад. Ба ақидаи Конт, он шираҳо иборат аст аз мафҳумоти қаблии зеҳн ва ба ақидаи моддигароён иборат аст аз навъи таъсири махсуси силсилаи асабӣ.

Бинобар ин, чӣ имтиёзе дар байн аст, ки мо Контро шаккок ва идеалист ва моддигароёнро реалист бидонем?! Оё байни мактаби шакгароӣ ва материализми диалектик аз лиҳози арзиши маълумот, фарқ аст ё на?

Қаблан ишора кардем, ки тарафдорони материализми диалектик байни назарияи худ дар боби арзиши маълумот ва назарияи нисбиюн фарқ мегузоранд, зеро онҳо ҳақоиқи нисбиро дорои хоссияти таҳаввул ва такомул медонанд ва аммо соири нисбиюн (ба ҳасби иддаъои моддигароён) ин ақидаро надоранд ва аз ҳамин лиҳоз аст, ки маслаки худро "маслаки ҷазм" (догматизм) ва маслаки онҳоро маслаки шак (септисизм) муаррифӣ мекунанд. Ҳоло бояд бибинем, оё воқеан ин миқдор фарқ мӯҷиб мешавад, ки арзиши маълумот дар назари ин ду даста фарқ кунад, нисбиюн шаккок ва моддигароён яқинӣ ва

______________________________

ҷазмӣ бошанд ё на? Дуктур Аронӣ дар ҷузваи "Материализми диалектик" сафҳаи 39 мегӯяд:

*"Аз тавлиди як иштибоҳ ҷилавгирӣ мекунем. Мумкин аст аз истеъмоли мафҳуми "нисбӣ" роҷеъ ба "ҳақиқат", моро ҷузъи нисбиюн, ки дар ҷадвал ҷузъи огнустисистҳо (agnosticist = лоадриюн) зикр шуда тасаввур кунанд. Вале ин ду мавзӯъро бояд комилан ҷудо кард. Ба ақидаи мо, дараҷаи ҳар ҳақиқат, ҳар идеологияи илмӣ, машрут ба замон аст ва он чӣ ки билошарт аст ин ки ҳар таърих, ҳар идеологияи илмӣ бо як воқеият яъне бо табиати мутлақ назир мебошад. Аз як тараф ин ҳақиқати нисбӣ, ки мо мегӯем, ғайри мушаххас аст ва ба воситаи ҳамин ғайри мушаххас будан аст, ки илми башар ҷомид ва рокид намонда такомул пайдо кардааст. Вале аз тарафи дигар, дар айни ҳол ба андозаи кофӣ мушаххас аст, ки фикри мантиқиро аз инкори вуҷуди ҳақиқат ва воқеият яъне аз табаияти идеализм ва огнустисизми амсоли Конт ва Ҳюм халос намояд. Ин ихтилоф байни "материализми диалектик" ва ақидаи "нисбии фалсафӣ"-ро бояд дар назар дошт. Ҳамон тавр ки Ҳегел гуфтааст, диалектики шомил, як ҷузъи ақоиди нисбӣ ва нафю шакро дорост, вале мунҳасир ба ин афкор нест, яъне нисбӣ будани ҳақиқатро қабул мекунад, вале дар зимн нишон медиҳад, ки ин нисбӣ будан, таърихӣ яъне мутобиқи таволии замон аст ва ҳар қадр замон пеш меравад, аҷзоъи бештаре аз равобити воқеияти хориҷӣ ҷузъи ҳақиқати нисбӣ мешавад ва ҳол он ки мактабҳои нисбӣ ва шаккокин ин ақидаро надоранд."*

Мо собиқан масъалаи такомули ҳақиқатро баён кардем ва равшан кардем, ки такомули ҳақиқат ба маъное, ки манзури моддигароён аст (ҳақиқати мутағайир ва ғайри мушаххас) мавҳуми маҳз аст ва ба маъоние, ки саҳеҳ аст (тавсиъаи тадриҷии маълумот, табдили фарзияҳо дар улуми табиӣ) рабте ба муддаъои моддигароён надорад.

Акнун изофа мекунем, фаразан, ки мо ҳақоиқро мутағайир ва мутакомил бидонем, ишколи шаккок будан боқӣ аст, зеро тибқи ақидаи моддигароён, ин ҳақиқати мутаҳаввили мутакомил, дар ҳамаи мароҳил нисбӣ аст на мутлақ, ва ин мароҳил ҳам то бениҳоят — ба эътирофи худашон — идома дорад, пас дар ҷамиъи мароҳил ҳар ҳақиқатеро, ки дар назар бигирем, он тавр аст, ки муқтазои хосси зеҳни башар аст на он тавр ки воқеъ аст, яъне воқеан ҳақиқат нест. Ва ин айни ҳамон аст, ки нисбиюн ва соири шаккокон мегӯянд.

Ҳақиқат ин аст, ки тарафдорони материализми диалектик масъалаи такомули ҳақиқат ё тағйири такомулии мафоҳимро — ки пояи асосии мантиқи диалектик ва муҳимтарин сангари ҳамлаи онон ба мантиқи қадим аст — аз роҳҳои мухталифе баён мекунанд, ки бо ҳам фарқ мекунад ва худашон ин роҳҳоро аз якдигар тафкик намекунанд (шояд таъаммуд доранд, ки барои гум кардани роҳ, чандпаҳлӯ мақсуди худро адо кунанд) ва басо ҳаст барои хонандаи мақолоташон ибтидоан тавлиди таҳайюр намояд.

Мо барои ин ки хонандагони мӯҳтарам арзиши воқеии фалсафаи моддӣ ва мантиқи диалектикро беҳтар дарёбанд, тамоми роҳҳои мухталифи исботи такомули мафоҳимро тафкик карда ва ҷудо-ҷудо баён мекунем ва ба посухи онҳо мепардозем.

**Роҳҳои исботи такомули ҳақиқат дар назари тарафдорони материализми диалектик ва посухи онҳо**

Тарафдорони материализми диалектик назарияи “такомули ҳақиқат”-ро на танҳо як назарияи саҳеҳ муаррифӣ мекунанд, балки муддаъӣ ҳастанд, ягона метод ва услуби саҳеҳи тафаккур, ҳамон услуби мантиқи диалектик аст, ва муҳимтарин асоси услуби мантиқи диалектик асли такомули ҳақиқат (тағйири такомулии мафҳумот) аст.

Тарафдорони материализми диалектик тарзи тафаккури моддигароёни қабл аз Маркс ва Энгелсро, ки бар ин асос набудааст, метафизикӣ (яъне воқеан ғалат) медонанд.

Ин донишмандон такомули ҳақиқатро аз роҳҳои мухталиф исбот мекунанд. Инак баёни он роҳҳо:

**Роҳи аввал**: Фикр, хоссияти махсуси моддаи мағз аст ва бинобар ин, ҷузъе аз табиат аст. Тамоми аҷзоъи табиат дар таҳти таъсири авомили мухталиф доиман тағйир мекунанд ва наметавонанд як “лаҳза” сокин ва яксон ва беҳаракат бимонанд, пас мағз низ бо ҳамаи муҳтаваёти худ (афкор ва идрокот) дар тағйир аст ва наметавонад сокин ва беҳаракат бимонад.

Табиат ҳамвора дар тағйироти худ такомул пайдо мекунад, пас мафоҳими зеҳнӣ низ, ки дар моддаи мағз ҷойгузин ҳастанд, дар такомул ҳастанд.

**Посух**: Мо дар мақолаи 3 равшан кардем, ки идрокот хоссиятҳои умумии модда ва аз он ҷумла хоссияти тағйирро надоранд ва бо он ки мағз бо ҷамиъи муҳтаваёти худ дар тӯли умри як нафар чандин бор иваз мешавад, мумкин аст афкори шахс дар тамоми ин муддат собит ва побарҷо боқӣ бимонанд, ва ин худ далел аст, ки афкор дар модда ҷойгузин нестанд.

Дар инҷо изофа мекунем: агар фаразан (бар фарзи маҳол) афкор дар моддаи мағз ҷойгузин бошанд ва ба ҳамроҳи соири аҷзоъи табиат сайри истикмолӣ дошта бошанд, ин навъ аз такомули афкорро наметавон ҷузъи қавонини махсуси "мантиқ" ва "методи тафаккур" ба шумор овард; зеро бадеҳӣ аст ин тағйиру табдил қонуни ҷабрӣ ва зарурии табиат аст. Ва агар фикр аз хоссиятҳои мағз ва ҷузъи табиат бошад, ҷабран тағйир хоҳад кард ва дар ин хоссият афкор ва идрокоти ҳамаи инсонҳо балки ҳамаи ҳайвонҳо мусовӣ хоҳанд буд ва қаҳран мафоҳими зеҳнии ҳамаи инсонҳо, хоҳ моддӣ бошанд ва хоҳ илоҳӣ, дорои тағйири такомулӣ хоҳанд буд. Моддигароён наметавонанд ин хоссиятро танҳо тарзи тафаккури махсуси худ бидонанд ва ба унвони услуб ва методи хосси мантиқи худ ба шумор оваранд, зеро чунонки медонем, қоъидаҳо ва қавонини "мантиқ" қоъидаҳоест дастурӣ ва бо қоъидаҳои фалсафӣ ва илмӣ фарқ мекунад. Қонуни фалсафӣ ва қонуни илмии соири улум аз як воқеияти айнии хориҷӣ ҳикоят мекунад, аммо қонуни мантиқӣ метод ва равиши фикр карданро меомӯзад ва дастури тарзи тафаккуре, ки ба натиҷа мерасонад медиҳад, ва аз ин ҷиҳат шабеҳи қонуни ахлоқӣ аст, ки аз воқеияте ҳикоят намекунад, балки сирфан дастури амали некӯ медиҳад.

Илми ахлоқ дастури амали саҳеҳ медиҳад ва мантиқ дастури фикр кардани саҳеҳро. Ва чун ин ду илм дастурӣ ҳастанд, ба кор бастани онҳо манут ба иродаи ашхос аст, афрод метавонанд тибқи он дастурот рафтор бикунанд ва метавонанд рафтор накунанд, ва аз инҷо тафовут байни ашхос пайдо мешавад.

Аммо як қонуни фалсафӣ (мисли қонуни ҳаракат) ё як қонуни физикӣ (мисли қонун сиқл ва сангинӣ), бар ҳамаи афрод ба як наҳв ҳукумат мекунад.

Пас, агар руҳ ва хоссиятҳои руҳӣ ва аз он ҷумла тафаккур, моддӣ ва мутағайир бошанд, қаҳран ва ҷабран мафоҳими зеҳнии умуми афрод мутағайир ва мутаҳаррик ва ҷунбанда

хоҳанд буд. Ва чун тафаккури диалектикӣ, тибқи таърифи моддигароён, тафаккуре аст, ки дар вай мафоҳим мутаҳаррик буда ва ҷомид нест, пас ҳамаи инсонҳо тафаккури диалектикӣ доранд, хоҳ худашон мутаваҷҷеҳ бошанд ва хоҳ мутаваҷҷеҳ набошанд ва маҳол аст касе пайдо шавад, ки тафаккури диалектикӣ надошта бошад, танҳо имтиёзи моддигароён дар ин ҷиҳат хоҳад буд, ки онҳо медонанд, ки ҳамаи тафаккурот диалектикӣ аст ва дигарон намедонанд. Ва ин донистан ва надонистан, тағйире дар тарзи тафаккури умумӣ, ки ҷабран диалектикӣ аст намедиҳад.

Хулосаи матлаб ин ки: аввалан, мафоҳим чун ғайри моддӣ ҳастанд, тағйир намекунанд, ва сониян, агар ҳам (фаразан) тағйир бикунанд, ҳамаи афрод дар он яксон хоҳанд буд ва наметавон онро ба унвони тарзи тафаккур ва услуби мантиқии як дастаи махсус муаррифӣ кард.

**Роҳи дуввум**: Ашёи хориҷӣ (аҷзоъи табиат), ки фикр бо онҳо тамос мегирад, тағйир ва ҳаракати такомулӣ доранд (асли тағйир) ва ин ашёи мутағайири мутаҳаввил ҳама бо якдигар муртабит ва дар якдигар муассиранд (асли таъсири мутақобил).

Ашёро ба ду наҳв метавон мутолеа кард: яке дар ҳоли сукун ва ҷудо-ҷудо, ва дигар дар ҳоли тағйир ва иртибот. Пас, мафоҳиме, ки аз ашёи хориҷӣ дар зеҳни мо нақш мебандад, ба ду наҳв мумкин аст сурат бигирад.

Саҳеҳтарин тарзи тафаккур, ки ҳамон тарзи тафаккури диалектикӣ аст ин аст, ки ҳар шайъеро дар ҳоли "ҳаракати такомулӣ" (на дар ҳоли сукун ва ҷумуд) ва дар ҳоли "иртибот" бо соири аҷзоъи табиат (на мустақил ва ҷудо) мутолеа кунад.

Ва аз тарафе, маълум аст ҳар мафҳуме ҳангоме ҳақиқат аст, ки бо воқеияти хориҷӣ "назир" бошад, ва чун воқеиятҳои хориҷӣ дар ҳоли такомул ва ҳама бо ҳам муртабит ва дар якдигар муассиранд, мафоҳими зеҳнии мо низ агар бихоҳанд ҳақиқат бошанд, бояд мутаҳаррик ва мутағайир ва дар якдигар муассир бошанд, ва илло ҳақиқат набуда хато ва ғалат хоҳанд буд.

Мантиқи қадим ҷомид (*static*) буд, аммо мантиқи диалектик мутаҳаррик (*dynamic*) аст, ва айби асосии мантиқи қадим, ки пояи метафизика аст, ду чиз буд:

Яке ин ки: ашёро дар ҳоли ҷумуд ва сукун мутолеа мекард (асли сукун) ва аз ин рӯ мафоҳиме, ки аз ашё дошт, сокин ва беҳаракат буд.

Дигар ин ки: ашёро аз якдигар мустақил ва ҷудо-ҷудо мутолеа мекард (асли ҷудоӣ), байни ҳар шайъ ва соири ашё девор ва ҳоиле қоил буд ва аз ин рӯ ҳар мафҳум барояш мустақил ва аз соири мафоҳим ҷудо буд ва мафоҳим дар якдигар муассир набуданд.

Аммо барои касе ки бо мантиқи диалектик фикр мекунад, мафоҳим ҳамвора мутаҳаррик ва дар якдигар муассиранд. Натиҷа ин ки: мафоҳим дар мантиқи ҷомид ҳамвора ҷомид ва беҳаракат ва аз якдигар мустақил ва ҷудо буд, пас ҳақиқат набуд, зеро бо воқеияти хориҷӣ "назир" набуд ва аммо дар диалектик мафоҳим ҳамвора мутаҳаррик ва дар якдигар муассиранд, пас ҳақиқатанд, зеро бо воқеияти хориҷӣ назиранд ва мутобиқат доранд.

Пас, ҳақиқат, ки маҳсули тарзи тафаккури диалектикӣ аст, ҳамвора мутаҳаввил ва мутакомил аст.

Дуктур Аронӣ дар ҷузваи "Материализми диалектик" сафҳаи 56 мегӯяд:

"*Асли дуввуми диалектик "асли такомули зиддайн" ё "қонуни такопӯи табиат" аст. Воқеият (модда, замон, макон) чун замонро дарбар дорад, шомили мафҳуми тағйир низ мебошад. Ин тағйир ва шудан ва такомул, воқеият дорад ва такопӯи табиати воқеӣ аст. Ҳамин такопӯи воқеӣ дар мағзи мо ба сурати ҳақиқати қонуни такопӯи табиат тасвир мешавад.*"

То онҷо, ки мегӯяд:

"*Ин қонун роҷеъ ба ҳаракат (тағйир)-и воқеии ашё ва ҳаракати ҳақоиқ (тасовири воқеият) дар фикр аст.*"

Дар сафҳаи 48 мегӯяд:

"*Диққат кунед, ки ду мафҳумро бо якдигар махлут накунед. Агар сӯҳбат аз диалектик дар табиат бошад, ғараз воқеияти диалектик яъне таъсири мутақобили аҷзоъи табиат ва такопӯи онҳо бидуни иртибот бо тарзи тафаккури башар аст, ва агар аз услуби диалектик бошад, ғараз тасвире аз воқеияти диалектик дар мағзи мост, ки бо як воқеият назир аст ва тариқаи истидлоли мост.*"

**Посух**: Ин баёни донишмандони моддӣ шомили ду қисмат аст:

*Қисмати аввал ин ки*: табиати хориҷӣ дар ҳоли тағйиру таҳаввул ва такомул аст ва сукун ва яксон мондан, дар табиати хориҷӣ вуҷуд надорад ва ҳамин табиати мутағайир ва мутакомил ҳамаи аҷзоъаш дар якдигар муассир ва бо якдигар муртабитанд.

Ин қисмат албатта саҳеҳ аст ва мавриди таъйиди фалосифаи илоҳӣ буда ва ҳаст. Асли ин назария тозагӣ надорад ва ба иқрори худи моддигароён, асли ҳаракат ва тағйирро аввалин бор Ҳероклид дар қарни шашуми қабл аз милод иброз кард ва асли таъсир ва иртиботи аҷзоъи табиат бо якдигар аввалин бор аз тарафи Афлотун ва Арасту иброз шуд.

Дар ҳудуди се қарну ним пеш Садрулмутааллиҳин — файласуфи бузурги исломӣ, ки таҳаввули азиме дар фалсафа ба вуҷуд овард, асли такомули табиатро ба тарзи бадеъ ва бесобиқае баён кард. Вай бо меъёрҳои фалсафӣ ба исбот расонид, ки тамоми аҷзоъи табиат ашкол ва танаввуъоти махсуси ҳаракатанд ва сукун ва яксон мондан хилофи муқтазои зоти табиат аст ва аз ин ҷиҳат ҳудуд (моҳиятҳо) ҳамвора мутаҳаррик ва барои як шайъ дар ду лаҳза наметавон як моҳияти собит фарз намуд.

Донишмандони Урупо дар қуруни ҷадида ва махсусан дар қарни 19-ум, аз роҳи ковишҳои таҷрибӣ қавонини махсуси такомулро дар нобатот ва дар мавҷудоти зинда ба даст оварданд. Ломорк (*Lamarck*) ва Дарвин (*Darwin*) фарзияи такомули тадриҷии мавҷудоти зиндаро дар таҳти қавонини махсус баён карданд.

Рӯиҳамрафта таҳқиқоти фалсафӣ аз як тараф ва ковишҳои илмӣ аз тарафи дигар дар боби ҳаракат, ин натиҷаро дар боби кайфияти мутолеаи ашё ва кашфи ҳақиқати онҳо ба дасти башар дод, ки ашёро набояд сокин ва ҷомид мутолеа кард. Яъне агар тасаввуре аз як ҳодисаи табиӣ дар як ҳолати хосс дошта бошем, набояд ин тасаввурро барои ҳамеша нисбат ба он ҳодиса кофӣ бидонем, зеро он шайъ ё он ҳодисаи табиӣ ба тадриҷ дар имтидоди замон тағйир ва такомул пайдо мекунад ва тасаввури собиқи мо фақат нисбат ба ҳолати собиқи он ҳодисаи табиӣ саҳеҳ аст ва аммо нисбат ба ҳар як аз ҳолоти дигар, эҳтиёҷ ба тасаввурҳои ҷудо-ҷудо дорем. Ва аз ин ҷиҳат, мисдоқи ҳар як аз тасаввуроти мутаъаддиди зеҳнии мо фақат яке аз ҳолоти мутаъоқиби он ҳодиса аст. Ва дар мақоми ташбеҳ, дастгоҳи идрокиро метавон ташбеҳ кард ба дастгоҳи аксбардорӣ, ки аз як тифл, ки ба тадриҷ такомул пайдо мекунад, аксҳои мутаъаддиде бармедорад, албатта ҳар як аз аксҳо

ва тасвирот рӯйи сафҳаи муқавво тифлро дар як замони муайян ва як марҳилаи муайян аз мароҳили такомул нишон медиҳад ва нисбат ба он ҳолат доиман содиқ ва мунтабиқ аст, вале нисбат ба соири ҳолоти он тифл, ки тағйир карда содиқ нест, ва агар бихоҳем ҳолоти дигари он тифлро нишон бидиҳем, эҳтиёҷ ба аксҳои мутаъаддиди дигаре дорем.

Ҳамчунон ки қаблан ишора шуд, ин қисмат аз баёни такомул, ки марбут ба такомули воқеият аст, мавриди таъйиди фалосифаи илоҳӣ буда ва ҳаст, ва натиҷааш мутолеаи табиат ба тарзи хоссе аст, ки гуфта шуд.

*Қисмати дуввум*: Ин қисмат натиҷаи махсусе аст, ки тарафдорони материализми диалектик ба салиқаи худ аз қисмати аввал дар боби кайфияти мутолеаи табиат гирифтаанд ва он ин ки:

Мафоҳиме, ки инсон дар зеҳни худ аз табиат дорад, ҳангоме ҳақиқат аст ва бо воқеъ мунтабиқ аст, ки бо воқеияти табиат назир бошад. Яъне дорои ҳамон хоссияте бошад, ки воқеияти табиат дорад ва чун воқеиятҳои табиат ба ҳукми "асли тағйир" дар тағйиру такомул ва ба ҳукми "асли таъсири мутақобил" дар таҳти таъсир якдигаранд, ночор агар бино шавад тасаввурҳои зеҳнӣ ҳақиқат ва мутобиқ бо воқеъ бошанд, бояд ҳамон хоссиятҳоро дошта бошанд. Яъне бояд мутаҳаввил ва мутакомил буда ва дар якдигар таъсир дошта бошанд.

Тарафдорони материализми диалектик ин қисматро низ ба Ҳероклид — донишманди қадими Юнон нисбат медиҳанд, чунонки дуктур Аронӣ дар сафҳаи 49 ҷузваи мазбур пас аз он ки ҷумлаи маъруфро ("Дар як рӯдхона ду дафъа наметавон ворид шуд") аз Ҳероклид нақл мекунад, мегӯяд:

"*Ҳероклид мутаваҷҷеҳи таъсири мафҳуми ҷараён дар мафҳуми рӯдхона шудааст*."

Вале ҳақиқат ин аст, ки ҳеч як аз ҳукамои қадими Юнон ва ҳукамои давраи исломӣ ва ҳукамои ҷадиди Урупо, дар ин қисмат бо тарафдорони материализми диалектик шарик нестанд.

Аз донишмандони ҷадиди Урупо фақат Ҳегел (нимаи дуввуми қарни 18-ум ва нимаи аввал қарни 19-уми милодӣ)-ро метавон ном бурд, ки чунин ақидае доштааст. Ва аз донишмандони давраи исломӣ танҳо Муҳаққиқ Ҷалолуддини Даввонӣ (қарни 10-уми

ҳиҷрӣ) ақидаи хоссе дар боби илм дорад, ки ҳамин натиҷаро медиҳад. Иштибоҳи асосии материализми диалектик ҳам ҳамин ҷост.

Ин оқоён гумон кардаанд, ки агар як мафҳум ҳақиқат ва мутобиқ бо воқеъ бошад, бояд хоссияти мисдоқи худро дошта бошад ва чун мисдоқҳои хориҷӣ хоссияти такомул ва таъсири мутақобилро доранд, айни ин ду хоссият бояд дар мафоҳими зеҳнӣ мавҷуд бошад ва илло бо воқеъ мутобиқ нахоҳанд буд, ғофил аз ин ки агар бино шавад мафҳум хоссияти мисдоқи худро дошта бошад, бояд тамоми хоссиятҳои ӯро дошта бошад ва дар ин сурат, ин мафҳум мафҳуми шайъи хориҷӣ нест, балки худ як воқеияте аст дар арзи он воқеият ва соири воқеиятҳои табиат.

Касоне, ки ба мантиқ ва фалсафаи қадим — ки ин оқоён онҳоро кӯҳна ва ҷомид мехонанд — ошноӣ доранд, медонанд, ки дар мабҳаси маъруфи "Вуҷуди зеҳнӣ" — ки аз ғомизтарин ва печидатарин масоил аст — шубҳаи маъруфе ҳаст, ки асоси он шубҳа бо ин иштибоҳе, ки материализми диалектик дар боби ҳақиқат дучори он шудааст яке аст. Он шубҳа ин аст: агар айни моҳияти маълум дар зеҳн мавҷуд шавад, яъне агар мафҳуми зеҳнӣ ҳақиқат ва мутобиқ бо воқеъ бошад, ночор бояд тасаввуроти зеҳнӣ мисдоқи моҳияти маълум бошанд ва қаҳран тамоми хоссиятҳо ва осоре, ки соири масодиқ доранд дошта бошанд. Масалан, агар як ҷавҳаре аз ҷавоҳир ё камме аз каммиёт ё кайфияте аз кайфиёти ҷисмониро тасаввур кунем, лозим аст, ки тасаввури мо худаш мисдоқи "ҷавҳар" ё мисдоқи "камм" ё мисдоқи "кайфи ҷисмонӣ" буда бошад ва қаҳран хоссиятҳо ва осори онҳоро дошта бошад, ва ҳол он ки мо медонем, тасаввуроти мо кайфиёти нафсонӣ ҳастанд ва мисдоқи мақулаи "кайф" буда ва хоссиятҳо ва осори "кайфи нафсонӣ"-ро доро мебошанд.

Фалосифа посухҳои мутаъаддиде ба ин шубҳа додаанд. Беҳтарин посухҳо ҳамон аст, ки Садрулмутааллиҳин дода ва мавриди қабули фалосифаи баъд аз худаш воқеъ шуда. Мо бо ҳазфи муқаддимот ва далоиле, ки ин файласуфи бузург оварда, ба асли назарияаш ишора мекунем, зеро баёни муфассали ин назария эҳтиёҷ ба баёни муқаддимот ва тавзеҳи истилоҳот дорад, ки муносиби ин мақола нест. Ғарази мо феълан ишора ба яке аз решаҳои иштибоҳоти материализми диалектик аст ва он ин ки:

Мафоҳим аз як лиҳоз айни моҳияти "маълум" ҳастанд (ба ҳамли аввалии зотӣ), вале аз лиҳози дигар айни он нестанд, яъне мисдоқи моҳияти "маълум" нестанд (ҳамли шойеъи синоъӣ) ва аз ин рӯ хоссиятҳо ва осори "маълум"-ро надоранд. Ва аз ин ҷиҳат агар мо як шайъи мутакаммим (дорои каммият) ё мутакайиф (дорои кайфият) ё мутаҳаррик (дорои ҳаракат)-ро тасаввур кунем, мафҳуми мутасаввари мо дар айни ин ки бо хориҷ айният ва татобуқ дорад, хоссиятҳо ва осори шайъи хориҷиро надорад, яъне мафҳуми мутасаввари мо дорои каммият ва кайфият ё ҳаракат нахоҳад буд.

Аз хонандагони мо онон, ки ба фалсафа ошно ҳастанд, ба ҳамин ишораи мухтасар, ба решаи ин иштибоҳ хуб мутаваҷҷеҳ шуданд ва тору пуди ин мантиқи диномикро, ки ҳамаҷо ба мантиқи қадим ҳамлавар мешавад ва онро ҷомид (истотик) мехонад, ба даст овcovered ва донистанд, ки решаи ин мантиқи мутаҳаррик фақат як иштибоҳи бузурге аст, ки қарнҳост панбаи он зада шудааст.

**Роҳи севвум**: Танҳо тариқаи шинохтани ҳақиқии як шайъ иборат аст аз ин ки равобити он шайъро бо соири ашё ба даст оварем. Мантиқи қадим дучори иштибоҳ буд, ки тариқаи шинохтанро таъйини "ҳадду расм" ва баёни "ҷинсу фасл" муаррифӣ менамуд, аммо дар мантиқи диалектик тариқаи шинохтани ҳақиқии як чиз иборат аст аз таъйини иртибототи он шайъ бо соири ашё (аъамм аз ашёи гузашта ва ашёи ҳамзамон). Яъне ин ки таърихчаи гузашта ва вазъи ҳозири онро дар таҳти таъсири аҷзоъи муҷовир (ҳамзамон) ба даст оварем. Ва чун ҳар шайъ бо соири ашё равобити бениҳоят зиёд дорад, пас шинохтани ҳақиқӣ ё "ҳақиқат" тадриҷан мароҳиле тай мекунад ва бо кашфи равобити бештаре комилтар мешавад. Ва ҳар як аз ин мароҳил нисбат ба марҳилаи қабл аз худаш ҳақиқат ва нисбат ба марҳилаи баъд аз худаш хатост. Пас, ҳақиқат ба маънои "касирулмутобиқа" ва хато ба маънои "касирулмуғойира" хоҳад буд. Пас, "ҳақиқат" яъне шинохтани ҳақиқии ашё мутаҳаввил ва мутакомил аст.

**Посух**: Тариқаи шинохтани ҳақиқӣ баъд аз ин дар мақолаи 5-ум бо таваҷҷӯҳ ба гуфтаҳои моддигароён баён хоҳад шуд. Дар инҷо марбут ба матлаби худамон ҳамин қадр мегӯем, ки ба фарзи ин ки тариқаи шинохтани ҳақиқӣ таъйини равобити ҳар шайъ бо соири ашё

бошад ва ба фарзи ин ки равобити ҳар шайъ бо соири ашё бениҳоят бошад, муддаъои материализми диалектик ба даст намеояд; зеро:

Муддаъои материализми диалектик чунон ки карораи гуфта шуда ин аст, ки "ҳақиқат ҳамвора ғайри мушаххас ва дорои тағйири такомулӣ аст", ва ҳол он ки баёни фавқ ин тавр натиҷа медиҳад, ки шинохтани ҳақиқӣ иборат аст аз маҷмӯи кашфи равобити бениҳояти шайъ бо соири ашё. Ва албатта ҳар як аз кашфи робитаҳо худ як ҳақиқате аст, ки оризи зеҳни мо шуда ва кашфи робитаи дигар худ як ҳақиқати дигаре аст, на ин ки ҳамон кашфи робитаи аввалӣ тағйир ва такомул пайдо кардааст. Ва ба иборати равшантар: шинохтан яъне иттилоъ бар ҳолоти як шайъ. Ва албатта мумкин аст иттилоъи шахс роҷеъ ба як чиз ибтидо маҳдуд бошад, баъд иттилооти дигаре изофа шавад ва маълумоти шахс роҷеъ ба он шайъ тавсиъа пайдо кунад.

Мо собиқан равшан кардем, ки тавсиъаи тадриҷии маълумот рабте ба тағйир ва такомули ҳақиқат надорад.

**Роҳи чаҳорум**: Як мутолеаи иҷмолӣ дар таърихи улум равшан мекунад, ки улум дар ҳоли таҳаввул ва такомул мебошанд, ҳеч як аз риштаҳои улум ва фалсафа ба як ҳол боқӣ намонда, ба тадриҷ комилтар шудаанд. Мо медонем қавонини илмӣ, ки имрӯз башар онҳоро дар улум ба расмият мешиносад, бо қавонини илмии ҳазор сол қабл фарқ дорад. Мантиқе, ки имрӯз ба кор мебарад, ғайр аз мантиқи ҳазор соли пеш аст. Фалсафаи имрӯзи башар бо фалсафаи ҳазор сол пеш фарқ дорад. Оё мантиқ ва фалсафа ва улум ҳазор сол қабл "ҳақиқат" набуд? Буд. Аммо мантиқ ва фалсафа ва улуми имрӯз дараҷаи ҳақиқӣ буданашон боло рафта ва комилтар шуда. Пас, улум, ки дар ҳақиқат будани онҳо шакке нест, мутаҳаввил ва мутакомил мебошанд.

**Посух**: Мо дар муқаддимаи ин мақола ҷавоби ин мағлатаро низ ошкор кардем ва гуфтем, ки дар фалсафа ва мантиқ ва соири улум ду навъ такомул вуҷуд дорад ва ҳеч як аз ду навъ рабте ба тағйир ва такомули ҳақиқат, ки муддаъои моддигароён аст надорад, дар инҷо ниёзе ба такрор надорем.

Моддигароён дар масъалаи "такомули мафоҳими ҳақиқӣ", ки хонандагони мӯҳтарам беасос будани онро ба хубӣ дарёфтанд, ҷору ҷанҷол роҳ меандозанд ва мегӯянд: "Омили

тараққӣ ва тавсиъаи улум такомули мафоҳим аст.” Вале аз баёноте, ки то кунун шуда ба хубӣ равшан мешавад, ки тараққӣ ва такомули улум ҳеч гуна иртиботе бо фарзи мавҳуми моддигароён дар боби такомули ҳақиқат надорад, балки асоси тараққӣ ва такомули улум ду чизи дигар аст, ки мо қаблан дар муқаддимаи ин мақола тавзеҳ додаем.

**Иҷтимоъи саҳеҳ ва ғалат, ва ҳақиқат ва хато**

Ин матлабро мукаррар гӯшзад кардаем, ки идеалистҳо ва суфастоиён арзиши маълумотро ба куллӣ нафй мекунанд, тамоми идрокот ва улуми башарро аз лиҳози воқеънамоӣ ҳеч дар ҳеч ва хато медонанд ва чунон ки дар ибтидои мақола тазаккур дода шуд, вуқӯъи хаторо дар баъзе аз маворид мусаллам (назири мисолҳое, ки дар матни мақола зикр шуда) далел бар беҳақиқат будани идрокот дар соири маворид мегиранд, ва ба ибораги дигар, ҳусули илми ҳақиқӣ (мутобиқ бо воқеъ)-ро мункиранд.

Аммо фалосифа порае аз идрокотро ба унвони “ҳақоиқи мусаллама” (бадеҳиёт) мепазиранд ва мегӯянд, бо ба кор бурдани фикр ба тарзи саҳеҳ, метавон илми ҳақиқӣ (мутобиқ бо воқеъ) касб намуд ва аз хато (филҷумла) дурӣ ҷуст ва вуқӯъи хато филҷумла далел бар хато будани ҷамиъи маълумот нест.

Вале материализми диалектик ахиран нағмаи ҷадиде соз кардааст ва муддаъӣ аст асосан байни саҳеҳ ва ғалат, ва ҳақиқат ва хато ихтилофе нест, метавон инҳоро бо якдигар муҷтамаъ ва муттаҳид намуд; мумкин аст як чиз дар айни ин ки саҳеҳ аст ғалат ва дар айни ин ки ҳақиқат аст хато ва дар айни ин ки рост аст дурӯғ буда бошад.

Бутлони ин иддаъо аз бутлони иддаъои суфастоиён агар возеҳтар набошад махфитар нест; зеро ин иддаъо мустақиман мубтанӣ бар инкори “асли адами таноқуз” аст, ва ин асл (ба мафҳуми фалсафии он) бадеҳитарини бадеҳиёт аст ва ҳатто аз “вуҷуди дунёи хориҷ”, ки идеалистҳо мункиранд бадеҳитар аст. Мо баъд дар ҷойи худ ҷамиъи шубаҳоти кӯдаконаи моддигароёнро дар мавриди ин асл мутаъарриз хоҳем шуд. Бар ҳама кас, ҳатто бар як тифли дабистонӣ, равшан аст, ки як ҳукм, як қазия, як ҷумла ё рост аст ё дурӯғ, ё саҳеҳ аст ё ғалат, шиққи севвуме надорад. Ҳатто он ки худи тарафдорони ин маслак дар айни ин ки барои як чиз муддаъӣ мешаванд ҳам саҳеҳ аст ва ҳам ғалат, гоҳе маҷбур мешаванд аз матлаб

хориҷ шуда ва фарзияҳоро унвон карда, пойи як ҷузъи саҳеҳ ва як ҷузъи дигари ғалатро ба миён бикашанд.

Дар инҷо ибтидо калимоти моддигароёнро дар ин замина, ки барои хонандаи мӯҳтарам холӣ аз тафреҳ нахоҳад буд нақл мекунем ва сипас ба иллати пайдоиши ин назария барои онҳо ишора мекунем.

Ҷурҷ Пулитсер (*Georges Politzer, файласуфи фаронсавӣ ва назарияпардози марксист*) дар "Усули муқаддамотии фалсафа" онҷо, ки қонуни севвуми диалектик (қонуни тазодд)-ро баён мекунад, мегӯяд:

"*Аз назари метафизик саҳеҳ саҳеҳ аст, ғалат ғалат аст, ва ҳол он ки дида шуда, ки мегӯем, борон гирифт ва басо шуд, ки ҳарфи мо тамом нашуда борон меистад. Ин ҷумлаи мо дар вақти шурӯъ саҳеҳ буд ва баъдан табдил ба иштибоҳ шудааст. Улум намунаҳои чандеро ба мо нишон медиҳад. Қавонине, ки солҳои мутамодӣ ба унвони "ҳақиқат" шинохта мешудааст, дар як "он" ба мувозоти пешрафтҳои илмӣ, ба сурати хато даромадааст.*"

Дуктур Аронӣ дар зайли баёни "Асли нуфузи зиддайн" сафҳаи 52 мегӯяд:

"*Як фикри тамриннакарда ба осонӣ наметавонад дарк кунад, ки чӣ тавр метавон ҳаракат ва сукун, вуҷуд ва адам, ҷисмӣ ва руҳӣ, ғалат ва саҳеҳ ва ғайраро муттаҳид кард, вале андак тамрин ва таваҷҷӯҳ, барои ашхосе, ки майл ба табақоти тарафдори диалектик кардаанд, ишколро бартараф мекунад. Масалан, медонед сукун ҳаракате аст, ки суръати он сифр бошад, яъне аз ҳолоти хосси ҳаракат аст. Ҳар чиз, ки дар ҳоли шудан аст чун дар ҳоли шудан аст пас он чиз аст ва чун ҳанӯз нашудааст, пас он чиз нест. Яъне ба василаи диққат дар "такопӯ ва такомул" ва шудани ашё метавон вуҷуд ва адамро якҷо ҷамъ кард. Ҳамин тавр, тазодди руҳӣ ва ҷисмиро бад-ин тартиб метавон аз байн бурд, ки хоссиятҳои руҳӣ як дастаи махсус аз хоссиятҳои модда аст. Ҷамъ шудани саҳеҳ ва ғалатро дар мабҳаси "ҳақиқати нисбӣ" баён кардем ва гуфтем, масалан меконики Нютон дар айни ҳол саҳеҳ ва ғалат аст. Саҳеҳ аст зеро ба василаи он натоиҷи саҳеҳи амалӣ, ки сиҳҳати онҳо мусаллам аст, ба даст меоварем. Ва ғалат аст, зеро суръати дастгоҳро дар қавонин дар назар нагирифтааст.*"

Дар мабҳаси "Ҳақиқати нисбӣ" сафҳаи 27 мегӯяд:

*“Дар зиндагии маъмулӣ саҳеҳ ва ғалатро комилан мутазодд фарз намуда муқобили ҳам қарор медиҳанд: як чиз ё саҳеҳ аст ё ғалат, шиққи севвуме надорад, ва ҳол он ки мактаби диалектик дар ҳар як аз марoҳили шинохтан, як ҷузъи саҳеҳ ва як ҷузъи ғалат мӯътақид аст.”*

Дар сафҳаи 28 мегӯяд:

*“Дар қарни гузашта мегуфтем атом ҷузъи лоятаҷаззо ва охирин ҳадди таҷзияи модда аст. Ин иддаъо ҳам саҳеҳ ва ҳам ғалат буд. Саҳеҳ буд зеро усули санъати азими шимӣ бар рӯйи он бино шуд. Чӣ тавр метавон гуфт чунин фарз ғалат аст? Аммо дар айни ҳол, ки ҳақиқат дорад, ғалат ҳам ҳаст, зеро дар он чиз, ки “атом” номида мешуд, аҷзоъи дигар яъне электрон ва позитрон ва нейтрон ва ғайра пайдо шуда.”*

Ин гуфтаҳо ба қадре беарзиш ва беэътибор аст, ки қобили таваҷҷӯҳ кардан нест.

Ростӣ, шармовар аст пас аз ҳазорҳо сол ранҷу заҳмат, ки башар дар роҳи илму фалсафа кашида ва муваффақиятҳое, ки дар ин замина касб кардааст, то онҳоро ба ин мартибаи олӣ расондааст, як даста пайдо шаванд ва ба номи илм ва фалсафа ин тавр ратбу ёбис ба ҳам бибофанд ва бо камоли вақоҳат хиёлоти пучи худро ба унвони олитарин афкори фалсафӣ муаррифӣ кунанд.

Ба қадре ин гуфтаҳо беасос аст, ки худашон гоҳе маҷбур мешаванд пойи фарзияҳоро ба миён кашида аз як ҷузъи саҳеҳ ва як ҷузъи дигари ғалат сӯҳбат ба миён оваранд. Мисли ин ки гумон кардаанд, соири мардум мункиранд, ки мумкин аст як ҷузъи як фарзия саҳеҳ ва як ҷузъи дигари он фарзия ғалат буда бошад; дар сурате ки қиссаи як ҷузъи ғалат ва як ҷузъи саҳеҳ, бо мисолҳое, ки худашон зикр мекунанд, созгор нест. Дар мисоли Ҷурҷ Пулитсер (борон гирифт…) кадом ҷузъаш саҳеҳ ва кадом ҷузъаш ғалат аст? Дар мисоли атом, ки дар қарни 19-ум муддаъӣ буданд атом қобили таҷзия нест, кадом ҷузъаш саҳеҳ ва кадом ҷузъаш ғалат буд?

**Бунбасти аҷиб ё як нуктаи муфид ва муҳим**

Мумкин аст хонандагони мӯҳтарам аз худ бипурсанд, чӣ чизе мӯҷиб шуда, ки тарафдорони материализми диалектик дар боби ҳақиқат ва хато, ин тавр назарияҳо аз қабили “назарияи

тағйиру такомули мафоҳим” ва “назарияи иҷтимоъи саҳеҳу ғалат” ва амсоли инҳоро бидиҳанд, ва ҳол он ки бо андак таъаммул бутлони ин назарияҳо равшан аст?!

Вале бояд донист, ки материализми диалектик аз лиҳози “усул ва мабонии аввалия” дар вазъе қарор гирифта, ки агар ин ду назарияро қабул накунад — яъне мафоҳимро ғайри мутағайир, ва саҳеҳу ғалатро ғайри қобили ҷамъ бидонад — дар бунбасти аҷибе қарор мегирад, ки роҳи берун шудан надорад, зеро:

Нахустин асл ва мабнои аввалии ин фалсафа “асолати модда” (материализм) ва нафйи моварои табиат аст.

Асли дуввуми ин фалсафа “асли ҷазм” (догматизм) аст. Ин фалсафа барои он ки аз баҳсҳои худ барои нафйи моварои табиат натиҷаи яқинӣ ва қатъӣ бигирад, дар мавриди ин асл аз низомҳои фалсафаи назарӣ ва таъаққулӣ пайравӣ менамояд ва бар хилофи низомҳои фалсафаи ҳиссӣ, ки аз изҳори ҷазм ва яқини мутлақ худдорӣ мекунанд, ҷазму яқинро шиори худ қарор медиҳад.

Асли севвуми ин фалсафа “асли асолати ҳиссу таҷриба” (*empirism*) аст.

Материализми диалектик мантиқи таъаққулиро, ки фалосифаи ақлӣ ба он эътимод мекунанд мункир аст, зеро тибқи ақоиди махсус ба худ дар боби руҳ ва кайфияти пайдоиши улум ва идрокот, “бадеҳиёти аввалияи ақлонӣ”-ро — ки фалосифаи ақлӣ барои онҳо арзиши яқинӣ ва собит қоил буданд ва муддаъӣ буданд, ки танҳо масоилеро метавон яқинӣ хонд, ки муттакӣ ба бадеҳиёти аввалияи ақлонӣ бошад — наметавонад бипазирад, балки ақида дорад, ки танҳо мантиқи қобили эътимод “мантиқи таҷрибӣ” аст.

Материализми диалектик дар мавриди ин асл (бар хилофи асли дуввум), аз фалосифаи ҳиссӣ пайравӣ мекунад, вале бо ин тафовут, ки фалосифаи ҳиссӣ ҳиссу таҷрибаро аз ҷанбаи мусбат фақат далел мегиранд, на аз ҷанбаи манфӣ ва аз ин рӯ масоили моварои табиатро, ки моварои ҳиссу таҷриба аст, аз қаламрави таҳқиқоти худ хориҷ медонанд. Вале материализми диалектик, ҳам аз ҷанбаи мусбат ва ҳам аз ҷанбаи манфӣ ба “ҳисс” эътимод мекунад ва мегӯяд, ҳар чӣ маҳсус аст рост аст ва ҳар чӣ маҳсус нест дурӯғ аст, ва аз ин рӯ меъёр ва миқёси куллӣ барои нафю исботи ҳар чизе (ҳатто моварои табиат) улуми табиии ҷадид аст, ки муттакӣ ба ҳиссу таҷриба аст.

Ин се асли номбурда (асли асолати модда, асли ҷазм, асли асолати ҳисс) усул ва мабонии аввалияи материализми диалектик ба шумор меравад.

Материализми диалектик бо қабули ин се асл бо ҳам, дучори ҳайрат ва ишкол ва бунбаст мешавад, зеро:

Агар монанди низомҳои фалсафаи таъаққулӣ "бадеҳиёти ақлия"-ро бипазирад ва қиёфаи метофисисзм ба худ гирифта як фалсафаи таъаққулии холис бишавад, илова бар он ки бо ақоиди махсуси вай дар боби руҳ ва хоссиятҳои руҳӣ мунофӣ аст, асли севвум (асолати ҳисс)-и худро аз даст дода ва дар натиҷа нахоҳад тавонист истидлолҳои фалсафӣ ва назарии илоҳиюнро ба баҳонаи ин ки "дар улуми ҳиссӣ нишоне аз ин гуфтаҳо нест" мункир шавад.

Ва агар монанди низомҳои ҳиссӣ танҳо ба масоили улуми ҳиссӣ эътимод кунад ва ҳамон арзишеро, ки ҳамаи донишмандон ҳатто худи ҳиссгароён барои улуми ҳиссӣ қоиланд (арзиши эҳтимолӣ ва заннӣ) қоил шавад, асли дуввум (асли ҷазм)-и худро аз даст дода ва дар натиҷа нахоҳад тавонист ба таври ҷазм ва яқин дар ақоиди фалсафии худ изҳори назар кунад; масалан, бо ҷазм изҳори назар бикунад, ки ғайр аз модда ва хоссиятҳои модда чизе нест (модда = вуҷуд).

Ва агар бихоҳад ҳамон арзишеро, ки фалосифаи ақлӣ ва метофизисинҳо барои бадеҳиёти ақлия қоил буданд (арзиши яқинии ғайри қобили тахаллуф), барои масоил ва фарзияҳои улуми ҳиссӣ қоил шавад, пас бо таҷдиди назарҳо ва кашфи хилофҳо чӣ кунад?

Барои раҳоӣ аз ин бунбаст, ин роҳ ба назараш расида, ки барои масоили таҷрибӣ ва фарзияҳои улуми табиӣ арзиши яқинӣ қоил шавад ва таҷдиди назарҳо ва кашфи хатоҳоро аз роҳи "тағйири ҳақиқат" ва "имкони иҷтимоъи саҳеҳу ғалат" тавҷеҳ кунад ва бигӯяд, ҳақиқат ва хато, ва саҳеҳ ва ғалат, ва сидқ ва кизб бо ҳам мунофоте надорад; ҳам қонуни илмии қарни гузашта саҳеҳ ва ҳақиқат буд ва ҳам қонуни илмии имрӯз, ки мухолифи он аст, зеро ҳақиқат ҳар рӯз тағйир мекунад ва аз ин рӯ дар қарни гузашта, ки мегуфтанд "атом басит аст ва қобили таҷзия нест" саҳеҳ буд, имрӯз ҳам, ки мегӯянд "атом басит нест, балки мураккаб аст аз аҷзои зиёде" низ саҳеҳ аст ва ҳар ду як ҳақиқатанд, ки тағйир карда ва такомул ёфта.

Оё агар шумо ба ҷойи тарафдорони материализми диалектик будед, роҳи фирори дигаре аз ишколи боло пайдо мекардед? Ва оё донишмандони моддӣ чорае доштанд ҷуз он ки бо ин сафсата (бибахшед, таҳқиқ амиқ!) худро халос кунанд?

Албатта як силсила иштибоҳоти фалсафии дигар низ, ки домангири ин оқоён шуда кӯмак кардааст, ки фарзияи “такомули ҳақиқат” ва фарзияи “имкони иҷтимоъи ҳақиқат ва хато”-ро бисозанд, вале тардиде нест, ки гирифторӣ дар ин бунбаст ва пайдо кардани роҳи фироре барои раҳоӣ аз он, дахолати зиёде доштааст.

Чунонки аз калимоти моддигароён ҳувайдост, ҳамеша натиҷа додани амалиро гувоҳ бар сиҳҳат ва арзиши назарии як фарзия мегиранд, он гоҳ натиҷа мегиранд, ки чун ду қонуни илмии мухолиф, ҳар ду дар амал натиҷаи мусбат додаанд, пас ҳар ду ҳақиқат будаанд.

Мо дар муқаддимаи ин мақола равшан кардем, ки натиҷаи амалӣ додан гувоҳ бар сиҳҳат ва арзиши назарии як фарзия нест ва зимнан тавзеҳ додем, ки ҳеч як аз донишмандон натиҷаи амалиро далел бар арзиши назарӣ намегиранд. Дар инҷо ниёзе ба такрор надорем.

**Фалокати материализм ба дасти диалектик**

Ишколи боло барои фалсафаи материализми диалектик аз онҷо пеш омадааст, ки тариқи машйи муайян надорад; дар як ҷо дар мантиқи худ изҳор медорад, ки танҳо ба муқтазои ҳиссу таҷриба бояд эътимод карду бас ва аз ин лиҳоз аз низомҳои фалсафии ҳиссӣ пайравӣ мекунад, ва дар ҷойи дигар аз равиши фалсафаи ҳиссӣ хориҷ шуда дар масоили фалсафаи уло (метафизик), ки хориҷ аз қаламрави ҳисс аст ва сирфан ҷанбаи таъаққулӣ ва назарӣ дорад, ба нафю исбот мепардозад ва шакл ва қиёфаи “метофисизм” ба худ мегирад.

Онҷо, ки мехоҳад аз баҳсҳои худ натиҷаи ҷазмӣ ва яқинӣ бигирад, шиори худро ҷазму яқин қарор медиҳад ва равиши худро ҷазмӣ (догматизм) муаррифӣ мекунад, ва дар ҷойи дигар, ки арзиши маълумотро мехоҳад таъйин кунад, пойи “ҳақиқати нисбӣ”-ро ба миён меоварад ва шаккок мешавад.

Натиҷаи ин тазабзуби фалсафӣ ин ки дар мақоми тавҷеҳи таҷдиди назарҳо ва кашфи хатоҳо дар масоили улум, ба ишкол ва бунбаст дучор мешавад ва роҳи ҳалле пайдо

*Назар ба ин ки идрокоти ҳиссии мо хавоссе (хоссиятҳое) ҳастанд, ки моддаи хориҷӣ дар онҳо ба вуҷуд меоварад; ҳамон моддаи хориҷии мутаҳаввили мутакомил, ки ҳамаи аҷзоъаш дар ҳамаи аҷзоъаш муассир ва фоъил мебошад ва асаре, ки мекунад "синтез" ва мавлуди ду тарафи мутақобил ва фоъил ва мунфаъил аст, пас ҳеч гоҳ воқеияти мутлақи худро агар ҳам дошта бошад, наметавонад вориди ҳосса карда ва дар ҳоли итлоқ ва дастнахӯрда нигоҳ дорад, пас мо савоби мутлақ надорем, чунонки хатои мутлақ низ надорем, балки вуҷуди савоб ва хато нисбӣ аст. Ва аз ин назар идроки ҳар ҳосса ҳар гуна анҷом бигирад, бо мулоҳизаи шароити ҳозираи замонӣ ва макони, саҳеҳ ва савоб хоҳад буд. Яъне маҳсуси мавҷуд дар ҳоссаи мо ҳамон аст, ки он аст, агарчӣ ҳамон идрок бо фарзи тағйири шароити замон ва макон, хато буда ва дар фарзи тоза, идрок ва фикри дигаре савоб хоҳад буд.*

*Ва ҳамчунин дар мавриди воҳид, ҳоссаи мо ҳар чӣ бо аҷзои бештаре аз модда ва шароити бештаре аз замон ва макон мувоҷеҳа ва муқобила кунад, идроки вай саҳеҳтар ва савобтар хоҳад буд.*

*Пас, "савоб" ба маънии касирулмутобиқа ва "хато" ба маънии касирулмуғойира мебошад. Масалан: мо ҷисмро аз дур кучактар мебинем ва ба ҳасби ҳақиқат низ кучак аст, яъне модда бо шароити замонӣ ва маконии ҳозира, ин сурати кучакро дар ҳоссаи мо эҷод карда. Ва аз наздик, ба воситаи тағйир ёфтани шароити номбурда бузургтар дида мешавад агарчӣ ба ҳасби воқеият, як ҳаҷми воқеии (ғайри) мутаҳаввил дорад, вале ҳеч гоҳ бо ҳаҷми воқеии худ таҳти идрок нахоҳад омад; зеро ҳамаи аҷзоъ ва шароити*

---

намекунад, пас "назарияи тағйири ҳақиқат" ва "имкони иҷтимоъи ҳақиқат ва хато"-ро пеш мекашад ва якбора суфастоӣ мешавад.

Албатта хонандаи мӯҳтарам таваҷҷӯҳ дорад, ки "материализм" қабл аз он ки ба дасти Корл Моркс ва Энгелс биафтад ва мантиқи диалектикӣ пайдо кунад, як тариқи машйи муайян дошт ва билохира ҳар чӣ буд, шаккок ё суфастоӣ набуд. Ин мантиқи диалектик аст, ки ин фалокатро барои материализми бечора ба бор овардааст ва ба масали маъруф хостааст, ки обрӯяшро ислоҳ кунад, чашмашро кӯр кардааст.

*ғайримаҳдуд ва мутаҳаввили моддӣ дар вай дахиланд ва ҳеч гоҳ “ҳамаи ҷаҳон ба иловаи чашм” дар чашм нахоҳад гунҷид.*

*Ва аз ин рӯй метавон эҳтимол дод, ки ҳавосси соири ҷонварони зинда, дар идрок, бо ҳавосси мо мухолиф буда бошад, чунонки бархе озмоишҳо дар бархе аз онҳо ин назарро таъйид менамояд.*

*Ва ҳамчунин метавон эҳтимол дод, ки агар чунончӣ мо дар ғайри ин замин зиндагӣ мекардем, идрокоти бадеҳии худро ба хилофи кунунӣ анҷом медодем. Масалан, 2×2-ро мусовии 3 мееёфтем чунонки инҷо мусовии 4 мееёбем ва чунонки дар ҳаминҷо низ гоҳе мусовии 1 масалан мебинем, чунонки агар мо ва мудракоти чаҳоргонаи мо дар рӯйи як хатти мустақим қарор бигирем, ҳамон вазъ пеш меояд. Ва назири ин баён, ки дар ҳисс гуфта шуд, дар мавриди фикр низ ҷорӣ аст ва аз ин баён ҳусули натиҷаҳои зерин равшан аст:*

*1. Ҳақиқат ғайр аз воқеият аст;*

*2. Саҳеҳи мутлақ ва ҳамчунин ғалати мутлақ надорем, балки саҳеҳ он аст, ки бо аҷзоъи — нисбатан — бештаре аз модда вифқ диҳад ва ғалат ба акси он;*

*3. Ҳар ҳақиқате, ки фарз шавад, як фарзияи қобили тағйир аст, ки таҳти ҳукумати таҳаввулу такомули умумӣ рӯзе ҷойи худро ба фарзияи дигаре беҳтар аз худ хоҳад дод, ва аз ин рӯй бояд аз бадеҳиёти шашгонаи мантиқи кӯҳна пӯзиш хоста ва даст ба домани диалектик зад, ки асоси худро рӯйи таҳаввул ва такомули умумии воқеияти модда мустақар сохтааст.*

## *Хӯрдагирӣ*

*Ин аст хулосаи назари донишмандони моддии таҳаввулӣ, ва ин назар гузашта аз ду ишколи асосӣ, ки дар мақолаи гузашта ворид кардем (1. Ишколи лузуми идеализм 2. Ишколи адами интибоқи хоссиятҳои модда ба мавриди идрок), ишколи севвуме низ дорад. Ва он ин аст, ки натиҷаҳое, ки аз ин баён гирифта мешавад, бо худи баён созгор нест; зеро натиҷаи дуввумӣ (саҳеҳи мутлақ надорем ва ғалати мутлақ надорем) худаш ба унвони саҳеҳи мутлақ гирифта мешавад, чӣ, агар ин қазияро саҳеҳи нисбӣ бигирем, саҳеҳи мутлақро исбот хоҳад намуд.*

*Ва ҳамчунин, натиҷаи севвумӣ (фикри бадеҳӣ надорем, ё илми собити ғайри мутағайир надорем) худаш ба унвони як фикри собит ва ғайри мутағайир натиҷа гирифта шуда, вагарна қаҳран як илми собити ғайри мутағайирро мусталзим хоҳад буд; зеро дар ин сурат ҳамин қазия (фикри собит надорем) бо тағайюр ва табдили худ ҷойи худро ба як қазияи собит ва ғайри мутағайир бояд бидиҳад.*

### *Посухе, ки бо усули фалсафаи мовароуттабиа (метафизик) ба ишкол метавон дод:*

*Чунонки мо дар миёни умури хориҷӣ нисбате ё ҳоле ба номи "мутобиқат" ва "адами мутобиқат" мебинем — монанди ин ки як метр тӯл мутобиқ аст бо як метр тӯл, вале ин ҳол миёни як метр тӯл ва нуқтаи ҳандасӣ, ки ҳеч гуна имтидод надорад мавҷуд нест — дар миёни афкор ва идрокот низ ҳоле назири ин ҳол бетардид мебинем, чунонки қазияи "чаҳор аз се бузургтар аст" бо хориҷи модда вифқ медиҳад, вале қазияи "се аз чаҳор бузургтар аст" ин вифқро намедиҳад. Ва фикр ва идрокро ба мулоҳизаи пайдоиши ин ду сифат, "савоб" ва "хато" (ё бо алфози муродиф бо онҳо) меномем. Ва аз ҳамин ҷо равшан мешавад, ки мавриди савоб ва хато се шарти асосиро лозим дорад:*

*1. Нисбат ва қиёс;*

*2. Ваҳдат миёни мақис ва мақисун алайҳ;*

*3. Ҳукм, ки иборат буда бошад аз маънои "ин ӯст".*

*Назар ба шарти нахустин, агар як сурати идрокиро танҳо ва муфрад гирифта ва ҳеч гуна нисбате ба чизе надода ва ҳукме накардем, монанди сурати тасаввурии як фарди инсон масалан, савоб ва хатое муҳаққақ нахоҳад шуд. Ва назар ба шарти дуввум, агар қазияро нисбат ба чизе, ки ҳеч гуна ваҳдат ва муҷонисат бо вай надорад бидиҳем, чунонки масалан қазияи "чаҳор бузургтар аз се аст"-ро бо шиша буридани алмос нисбат дода ва бисанҷем, пойи савоб ва хато ба миён нахоҳад омад. Ва назар ба шарти севвум, агар ду чизи қобили татобуқро гирифта, вале ҳукм ба мутобиқат накардем, боз савоб ва хатое пайдо нахоҳад шуд.*

*Аз ин баён равшан мешавад, ки дар мартибаи ҳисс (пайдоиши асари табиӣ дар ҳосса) хатое нест, зеро ин мартиба воҷиди шароити гуфташуда нест.*

*Узви ҳискунандаи мавҷуди зинда дар асари тамос ва бархӯрди вижае, ки бо ҷисми хориҷ аз худ пайдо мекунад, аз вай мутаъассир шуда ва чизе аз воқеияти хоссиятҳои ҷисм вориди узв гардидааст ва пас аз тасарруфе, ки узви ҳискунанда бо хоссиятҳои табиии худ дар вай мекунад, асаре пайдо мешавад, ки ба манзилаи маҷмӯае аст (на худи маҷмӯа) мураккаб аз воқеияти хоссаи ҷисм (ва ин ҳамон сухане аст, ки гуфтем ҳавосс ба моҳияти хоссиятҳо ноил мешаванд) ва воқеияти хоссаи узвӣ. Ва дар ин падида ҳеч гуна ҳукме мавҷуд нест ва дар натиҷа савоб ва хатое низ мавҷуд нахоҳад буд. Масалан: чашм дар асари тамоси вижае, ки бо аҷсоми хориҷ мегирад, ашиъае вориди чашм шуда ва бо хоссиятҳои ҳандасӣ ва физикии чашм омезиш ёфта ва дар нуқтаи зард мустақар мегардад, албатта равшан аст, ки дар вай хато ва савобе нест.*

*Пас аз ин ва дар мартибаи дуввум, қувваи дигаре ҳамин падидаи моддиро идрок мекунад ва албатта ба ҳамон наҳв, ки мустақар шуда бо хоссиятҳои физикӣ ва ҳандасии вай идрок мекунад ва дар миёни аҷзоъи вай ба шумораи нисбатҳое, ки пайдо мешавад, ҳукмҳое аз ҷиҳати бузургӣ ва кучакӣ ва ҷиҳат ва ҳаракат ва ғайра менамояд. Масалан: дар мисоли фавқ рӯшноӣ, ки дар нуқтаи зард устувор шуда, дорои аҷзоъе, ки ҳар як ранги махсусе пайдо карда ва шакли ҳандасии вижае дорад ва нисбате аз қабили бузургӣ ва кучакӣ ва дурӣ ва наздикӣ ва ҷиҳат ва ҳаракат ба вуҷуд оварда идрок мешавад, ва албатта аҳкоме ба шумораи таркиботе, ки аз мудракот ба амал меояд анҷом мегирад: "ин ҷузъ бузургтар аст аз он ҷузъ" ва "ин сӯйи сурат сафед аст" ва он "сурхӣ дур аст" ва "ин маҷмӯъ мутаҳаррик аст" ва дар ин марҳила агарчӣ ҳукм мавҷуд аст, вале чун татбиқ ва санҷише дар миён нест, боз савоб ва хатое муҳаққақ намешавад.*

*Ва дар марҳилаи севвум чун қувваи ҳокима, ки ҳукмро ба кор мебандад, дар миёни мудракоти худ ихтилофе мушоҳида мекунад; зеро дар баъзе аз онҳо сарихуд буда ва ба дилхоҳи худ тасаввур метавонад бинамояд ва бархе аз онҳо бо як низоми махсусе пеш меоянд, ки тасарруф дар онҳо аз тавоноии вай берун мебошад. Масалан: гоҳе оташро мебинад, ки дар дунболи ҳамин идрок сифати гармӣ ва сӯзандагӣ бе имкони тафкик идрок мешавад (чунонки бо ҳавосси зоҳира ва хусусан мавқеъе, ки бештар аз як ҳосса дар идрок ширкат бикунанд, ҳамон наҳв аст) ва гоҳе ҳамон оташро дарк мекунад ва ба осонӣ*

*метавонад миёни худи вай ва гармӣ ва сӯзандагии вай тафкик биандозад (чунонки дар хиёли холӣ ҳамон ҷур мебошад).*

*Ва аз ин рӯй қувваи ҳокимаи мазбур ночор ҳукм мекунад, ки воқеияте хориҷ аз худи вай (идроккунанда) мавҷуд аст, ки ин гуна мудракот натиҷаи таъсироти вай ва балки муаррифи вай мебошанд. Ва аз ҳаминҷо дастгоҳи татбиқи илм ба маълум ва зеҳн ба хориҷ пайдо мешавад. Пас, аз ин баён натиҷа гирифта мешавад, ки:*

*1. Дар мартибаи амали табиии аъзои ҳосса хатое нест;*

*2. Дар мартибаи анҷом ёфтани идроки ҳиссӣ хатое нест;*

*3. Дар мартибаи ҳукм дар матни идроки ҳиссӣ пеш аз татбиқ ба хориҷ, хатое нест.*

*Ва аз ин рӯй ночор хато дар мартибаи пойинтар аз маротиби гузашта мебошад (мартибаи идрок ва ҳукм, ки муқоиса ва татбиқ ба хориҷ шавад).*

### *Акнун чигунагии ин хаторо бояд баррасӣ кард:*

*Муқаддиматан бояд донист:*

*Аввалан, ҳукм дар айни ҳол ки мудраки мост, ба таври суратгирӣ ва аксбардорӣ (интизоъ) монанди соири суратҳо аз хориҷ ба пеши мо наомадааст ва ба истилоҳи фалсафӣ, як феъли хориҷӣ аст, ки синхаш синхи илм мебошад, чун бо куллияти вуҷуди худ пеши мо ҳозир аст, яъне маълуми ҳузурӣ аст, на маълуми ҳусулӣ. Зеро (аввалан) мо гоҳе, ки ҳамин ҳукмро бо сурати мафҳумӣ тасаввур карда ва ба маҷмӯъи қазия изофа менамоем, наметавонад тамомияти қазияро таъмин кунад (сиҳҳати сукут ифода намекунад) ва ба истилоҳи мантиқӣ, ҳар қазияи ҳамлияро метавон муқаддами қазияи шартия қарор дод, ва ин амал тамомияти қазияи ҳамлияро аз миён бармедорад, бо ин ки асли қазия маҳфуз аст. Ва (сониян) гоҳе тасдиқ ва ҳукми худро ба таври истиқлол (маънии исмӣ) тасаввур карда ва мавзӯъ ё маҳмули қазияи дигаре қарор медиҳем — масалан мегӯем, фулон ҳукм рост аст — боз ҳукм тамомияти худро аз даст медиҳад. Ва (солисан) мутобақи хориҷии ҳукмро мушоҳида мекунем (яъне сурат мегирем) бидуни вуҷуди тасдиқ ва ҳукм аз мо. Пас бояд гуфт, "ҳукм" феъли хориҷии қувваи ҳокима аст, ки бо воқеияти худ рӯйи қазияи мудрака меояд ва назар ба ин ки маълум низ ҳаст, бояд гуфт, маълум бо илми ҳузурӣ аст.*

*Сониян, чун ҳеч мавриде аз ҳукми нақизайн мустасно нест, бояд гуфт, ҳеч хатое бе савоб муҳаққақ намешавад. Яъне агар қазияе ба мавриде мунтабиқ нашуд, қазияи дигаре (тарафи муқобил), ки мунтабақ ба маврид буда бошад, мавҷуд аст. Пас, ҳар хатое савобе дорад.*

*Он гоҳ мегӯем, қазияе, ки муштамил ба хато мебошад, аҷзоъи вай "мавзӯъ" ва "маҳмул" ва "ҳукм" мебошад (ва агар сурати қазия ғайри ин наҳв бошад, билохира марҷаъ ҳамонҳост). Вале ҳукм наметавонад хато буда бошад, зеро феълест хориҷӣ ва феъли хориҷӣ ба хато муттасиф намешавад, чунонки гуфта шуд. Пас, ночор ба яке аз ду тарафи қазия (мавзӯъ — маҳмул) бармегардад ва тарафи қазия низ аз он роҳ, ки "муфрад" бе ҳукм аст, хато барнамедорад. Пас, ночор ба ҳасби таҳлил, ҳамин муфрад ба як қазияи дигар мунҳал аст, ки ҳукм дар қазияи таҳлилӣ бо ҳукме, ки дар қазияи мафруза дорем мувофиқ набуда ва ба мавриди вай қобили интибоқ нест, вагарна дар асли қазия ба ҷуз мавзӯъ ва маҳмул ва ҳукм набуда. Ва чунонки равшан кардем, ҳеч кадом аз ин аҷзоъ қобили хато нест ва фаразан ҳар чӣ бо таҳлил пеш биравем, боз мавзӯъ ва маҳмул ва ҳукм пеш хоҳад омад, ки хатобардор нестанд.*

*Масалан: агар гуфтем, "Дузд ба хона омад" ва фаразан ин сухан хато буд, чунонки гуфта шуд, ин хато ба яке аз ду тарафи қазия (ё ба ҳар ду) бояд баргардад, на ба ҳукм: ё касе ба хона омада, вале масалан бародарамон буда на дузд ва мо хато намуда ва дуздро ба ҷойи бародар гузоштаем, ва ё ростӣ дузд буда, вале ба хона наомада, балки аз дами дар гузашта ва мо пиндоштаем, ки ба даруни хона омад ва аз ин рӯй "омад"-ро ба ҷойи "аз дами дар гузашт" гузоштем (ё аз ҳар ду ҷиҳат иштибоҳ кардем) ва дар натиҷа ё ғайри мавзӯъро ба ҷойи мавзӯъ гузоштаем ё ғайри маҳмулро ба ҷойи маҳмул ё ҳар ду корро кардаем.*

*Дар сурате, ки ғайри мавзӯъро ба ҷойи мавзӯъ гузошта бошем, ночор миёни ғайри мавзӯъ ва мавзӯъи мафруз як робита ва ягонагӣ дидаем, ки ҳукм ба яке будани онҳо намуда ва инро он пиндоштаем. Масалан: дар мисоли боло мо дуздро бо қадде баланд ва саре пурмӯй ва либосе мишкӣ шинохта будем ва бародарро низ бо ҳамин авсоф ба ҳамроҳии мушаххасоти дигар ташхис дода будем ва дар мавқеъе, ки гуфтем: "Дузд ба хона омад" аз касе ки вориди хона шуда ҷуз авсофи муштарака чизе мушоҳида накардем, ба илова*

*шаб низ буд ва дари хона низ бе садо боз шуд ва ин ду сифат низ аз авсофи умумии дузд аст, пас ҳукм кардем, ки "Дузд ба хона омад" ва дар ҳақиқат дида будем, ки касе баландқомат ва пурмӯй ва сиёҳпӯш ба хона омад (ва ин ҳукм савоб аст) ва ҳукм кардем, ки ин авсоф муттаҳид бо авсофи дузд аст, яъне дузд ва бародар яке аст, яъне дар мушаххасот (ва ин ҳукм низ савоб аст). Ва пас аз он ба нерӯи ҳамин қувва, ки дузд ва бародарро яке карда буд, дар мавриди қазия, ки дида будем касе баландқомат ва пурмӯй ва сиёҳпӯш ба хона омад, инчунин гуфтем: "Дузд ба хона омад" ва ин ҳукм низ аз ҳамин қувва савоб аст, вале агар муқоиса бо мушоҳидаи ҳисс бишавад хато хоҳад буд.*

*Ва ҳамчунин дар ҷойе, ки ғайри маҳмулро ба ҷойи маҳмул гузоштем, ҳол аз ҳамон қарор аст. Масалан: дар мисоли боло "мавзӯъ" ҳақиқатан дузд буда, вале аз роҳи хона то дами дари хона омада ва гузашта ва мо иштибоҳан гуфтем дохили хона шуд ва дар ҳақиқат ҳаракат дар роҳ ва расидан ба дами дарро дида будем, ки муштаракун фиҳии "духул" ва "мурур" мебошад, ва ин ҳукм савоб аст, пас аз он гуфтем, расидан ба дами дар "мурур" аст ва бо "духул" иттиҳод дорад, ва ин ҳукм низ савоб аст, пас аз яке кардани духул ва мурур, "духул"-ро ба ҷойи "мурур" гузоштем, ва ин ҳукм низ савоб аст, вале дар арсаи фаъолияти ин қувва (хиёл), ки дуторо яке карда буд, на дар арсаи ҳукми ҳисс.*

*Мисоли дигар:*

*Моддигароён мегӯянд "Худо мавҷуд нест" ва ин сухан хатост, вале маънои таҳлилии ин сухан, ки дар таҳи дили гӯянда мебошад савоб аст; зеро гӯяндаи ин сухан ё "Худо"-ро ба маъное тафсир карда, ки ҷуз ҳақиқат аст (монанди мавҷуди ҷонишини иллатҳои моддияи маҷҳула ва назоири он) ва ё "мавҷуд"-ро ба маъное гирифта, ки бо ҳақиқати Худо ҳам намесозад, чунонки мегӯянд: "модда = мавҷуд" ё "мавҷуд = модда ба изофаи замон ва макон". Ва пас аз таҳлил ба даст меояд, ки гӯяндагони ин сухан дар татбиқи маънои хиёлии савоби худ ба воқеияти хориҷ, ки илоҳиюн мегӯянд, хато менамоянд.*

*Пас, дар мавриди ҳар идроки носавоб ва фикри фосид, ба тартибе, ки зикр шуд, бояд нуқтаи ҳақиқиро — ки ба истилоҳи фалсафӣ, мавриди "интиқоли мо биларaз макони мо бизззот" яъне татбиқи ҳукми савоби қуввае ба мавриди ҳукми савоби қуввaи дигаре аст — ба даст оварда ва фаҳмид, ки ҳеч идроке наметавонад хатои мутлақ буда бошад ва*

*дар ҷаҳони ҳастӣ ба ҳасби ҳақиқат хатое пайдо шавад, балки пайваста фикри аслӣ ва идроки ҳақиқӣ дар мавриди хато савоб мебошад.*

*Аз баёни фавқ метавон натиҷа гирифт:*

*1. Вуҷуди хато дар хориҷ биларaз аст, яъне дар ҷойе, ки мо хато мекунем, ҳеч як аз қувваҳои мудрика ва ҳокимаамон дар кори махсус ба худ хато намекунад, балки дар мавриди ду ҳукми мухталиф аз ду қувва масалан, ҳукми ин қувваро ба мавриди қувваи дигар татбиқ менамоем (ҳукми хиёлро ба мавриди ҳукми ҳисс ё ба мавриди ҳукми ақл) ва ин нукта мазмуни суханест, ки фалосифа мегӯянд, ки "хато дар аҳкоми ақлия ба воситаи мудохилаи қувваи хиёл аст".*

*Ва аз ҳаминҷо мешавад натиҷа гирифт, ки агар чунончи мо дар такаввуни улум кунҷковӣ карда ва ба тамйизи идрокоти ҳақиқӣ ва маҷозӣ (биззот ва биларaз) ноил гашта ва хоссиятҳои куллии онҳоро ба даст оварем, метавонем ба куллиёти хато ва савоби худ воқиф гардем ва ба истилоҳи мантиқ, "дар мавориди қазоё миёни хато ва савоб тамйиз диҳем".*

*2. Дар мавриди ҳар хатое савобе ҳаст.*

*Назариёте, ки дар ин мақола ба субут расид, ба қарори зайл мебошад:*

*1. Ҳар тасдиқ масбуқ ба тасаввур аст;*

*2. Миёни мудраки ҳиссӣ ва сурати хиёлӣ ва сурати ақлии вай нисбати собите мавҷуд мебошад;*

*3. Сурати ақлии мавҷуди хориҷӣ масбуқ ба сурати хиёлии вай ва сурати хиёлии вай масбуқ ба идроки ҳиссии вай мебошад;*

*4. Маълумоти тасаввурӣ, ки ба наҳве қобили интибоқ ба хориҷ мебошанд, мунтаҳӣ ба ҳисс ҳастанд (ин ҳукм ниёзманд ба тавзеҳест, ки дар мақолаи оянда дода мешавад);*

*5. Мо ба моҳиятҳои ашёъ филҷумла ноил мешавем;*

*6. Дар мартибаи вуҷуди ҳиссӣ (асари мавҷуд дар узви ҳискунанда) хатое нест;*

*7. Дар мартибаи идроки ҳиссии муфрад хатое нест;*

*8. Дар ҳукме, ки дар мартибаи ҳисс мебошад, хатое нест;*

*9. Хато дар ҳар ҷо муҳаққақ шавад, дар мартибаи идрок ва ҳукм ва муқоиса бо хориҷ аст;*

*10. Вуҷуди хато дар хориҷ биларaз аст;*

***11. Дар мавриди ҳар идроки носавоб идроки савобе низ дорем, чунонки ба ҳасби воқеъ ҳар дурӯғе росте дорад;***

***12. Илми ҳузурӣ қобили хато нест.***

*(Поёни ҷилди аввал)*